ISSN 2219-5408

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ ОМӮЗГОРӢ

Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

ВЕСТНИК ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА

Издание Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни

HERALD OF THE PEDAGOGICAL UNIVERSITY

Publication of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini

№ 3 (58-2)

Душанбе - 2014

«Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ» - маҷаллаи илмии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, №3 (58), қисми 2, бахши илмҳои ҷомеашиносӣ, гуманитарӣ ва филологӣ, моҳи феврали соли 2014

РАҲМОНОВ А.А. – сармуҳаррир
САМИЕВ Б.Ҷ. – ҷонишини сармуҳаррир
АБДУЛЛОЕВА Р.Х. – котиби масъул

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Фалсафа, сиёсатшиносӣ (Б.Самиев, Р.Назариев, М. Гулахмедов); **таърих** (Ҳ. Пирумшоев); **иқтисодиёт** (З.Р.Шарифов, А.Ҷӯраев, А. Насимов), **педагогика ва методикаи таълим** (У. Зубайдов, М. Нуъмонов, Б. Маҷидова, Р. Абдуллоева); **забон ва адабиёти тоҷик, русӣ, англисӣ** (А. Худойдодов, С. Хоркашев, М.Газиева, Н.Мирганова, С. Ҷоматов)
Суроғa: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121, ДДОТ, тел. 224-14-02, www tgpu.tj

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 январи соли 2014 таҳти №0187/мҷ аз нав ба қайд гирифта шудааст.
Ба феҳрести маҷаллаву нашрияҳои илмии тақризнависӣ, ки Комиссияи олии аттестатсионӣ барои интишори натиҷаҳои илмии асосии рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ тавсия медиҳад, дохил карда шудааст.

Издание Таджикского государственного педагогического университета им.Садриддина Айни, серия общественных, гуманитарных и филологических наук, №3 (58), част 2, 2014г.

РАХМОНОВ А. – главный редактор
САМИЕВ Б.Дж. – зам.главного редактора
АБДУЛЛОЕВА Р.Х. – ответственный секретарь

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:
Философия, политология (Б. Самиев, Р.Назариев, М. Гулахмедов); **история** (Х. Пирумшоев); **экономика (**З.Р. Шарифов,А.Джураев, А.Насимов), **педагогика и методика преподавания** (У.Зубайдов, М. Нугманов, Б. Маджидова, Р.Абдуллаева); **таджикский, русский, английский языки и литература** (А. Худойдодов А., С.Хоркашев,М.Газиева, Н.Мирганова, С.Джаматов)
Адрес: 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 121, ТГПУ имени Садриддина Айни, тел. 224-14-02, www.tgpu.tj
Журнал перерегистрирован Министерством культуры Республики Таджикистан от 22 января 2014 года за № 0187/мч.
Журнал входит в перечень ведущих рецензируемых научных журналов и изданий, рекомендуемых ВАК для публикации основных научных результатов диссертаций на соискание учёной степени кандидата и доктора наук

Herald of the Pedagogical University is a scientific publication of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, series of the social, humanitarian and philology sciences, No. 3 (58), Part 2, 2014

A.RAHMONOV – chief editor
B. SAMIEV-the deputy – chief editor
R. ABDULLOEVA – managing editor

EDITORIAL BOARD:
Philosophy and political sciences (B.Samiev, R.Nazariev, M. Gulahmedov); **history** (Kh. Pirumshoev); **economics (**Z.Sharifov, A.Juraev, A.Nasimov), **Pedagogy and method of teaching** (U.Zubaidov, M. Nugmanov, B. Majidova, R. Abdulloeva); **Tajik, Russian, English languages and literature** (Khudoidodov A., Khorkashev S., M. Gazieva, N. Mirganova, Jamatov S.);
Address: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe City, 121 Rudaki Avenue, TSPU named after Sadriddin Aini, tell.: 224-14-02, www.tgpu.tj

The magazine was registered in the Ministry of culture of the Republic of Tajikistan on 22 January, 2014, No. 0187/mj.
The magazine is included in the list of leading scientific magazines and editions recommended by HAB for publication of main scientific results of dissertations for the scientific degree of doctoral and candidate thesis's.

ВОСИТАҲОИ АХБОРИ ОММА ЧУН НИҲОДИ ИҶТИМОИЮ СИЁСӢ

Ҳуриннисо Ализода
Китобхонаи миллии Тоҷикистон

Маълум аст, ки дар давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд ҳар шаҳрванд ҳаҚи дарёфти ҳама гуна иттилоъро - чи дар бораи кишвари худ ва чи дар бораи рӯйдодҳои олам - дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ҳуқуқро Конституцсияи (Сарқонуни) кишвар, дар моддаи 30 пешбинӣ намудааст: «Ба ҳар кас озодии сухан, нашр, ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбор кафолат дода мешавад»[1].

Чун Сарқонуни Тоҷикистон «Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои онро арзиши олӣ»[2] эътироф месозад, пас мантиқист, ки ин арзиши олӣ, яъне инсон, ҳуқуқ дошта бошад, ки иттилои ҳақиқиро аз ҳама гуна воситаҳои ахбор сари вақт дарёфт намояд. Маҳз ҳамин ҳуқуқ инсонро барои дарёфти иттилоъ тавассути радио, телевизион, матбуот ва дигар сарчашмаҳои ахбор дар бораи дирӯз , имрӯз ва фардо ба шаҳрванд имкон медиҳад. Давлати демократӣ барои дарёфти иттилоъ ба шаҳрвандон бояд тамоми шароити заруриро фароҳам орад, зеро дар акси ҳол ҷойи иттилои воқеиро метавонад ҳар гуна овоза, дурӯғ ва ҳатто тарсу воҳимаҳо бигиранд, ки ин ҳатман ба бесарусомонӣ ва нооромиҳо боис мешавад.

Азбаски маъмултарин василаи бо хабар таъмин кардани ҷомеа васоити ахбори омма (ВАО) мебошанд, бешубҳа, онҳо як ҷузъи сохти демократияанд, ки дар баробари дигар ниҳодҳо ва институтҳои давлатӣ чун институти президентӣ, мақомоти прокуратура, шохаҳои ҳокимияти давлатӣ - парламент, ҳокимияти иҷроия ва судӣ бояд ба ҳайси як ниҳоди иҷтимоӣ фаъолияти густурда дошта бошанд.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон чи будани воситаҳои ахбори оммаро чунин муқаррар кардааст: «ВАО аз идораҳои матбуоти даврӣ, радиою телевизион, агентиҳои иттилоотӣ, дигар муассисаҳое, ки ахбори омма нашр мекунанд, иборат аст».[3] Дар моддаи 1-и қонуни зикргашта шаклҳои воситаҳои ахбори омма чун «… рӯзномаю маҷаллаҳо, бюлеттенҳо ва дигар нашрияҳои даврӣ, ки барои дар байни мардум интишор кардан пешбинӣ шудаанд ва дар се моҳ на камтар аз як маротиба нашр мешаванд, ҳамчунин барномаҳои телевизиону радио, кинохроника, хабарҳои агентиҳои иттилоотӣ, сабтҳо ва барномаҳои аудио ва аудиовизуалӣ»[4] муқаррар шудаанд.

Мусаллам аст, ки ВАО бояд манфиатҳои ҷомеа, яъне мардумро инъикос намояд, иҷтимоъ бошад, аз ашхоси алоҳида то гурӯҳҳои гуногунро фаро гирад. Азбаски фаъолияти ҳар гурӯҳ ё шахсони алоҳида бар хилофи қавоиди замони шуравӣ ҳар хел аст, хислати иттилоъ ҳам мувофиқи завқ ва талаботи гурӯҳҳои иҷтимоӣ гуногун мешавад. Яъне, фаъолияти онҳо натоиҷи иҷтимоӣ-сиёсии муҳим дошта, муносибати ин ахборро ба воқеият ва самти ҳаракатҳои иҷтимоӣ муқаррар месозад. Маҳз дар натиҷаи ҳамин расонаҳои хабарӣ на танҳо иттилоъ медиҳанд, балки идеяҳои муайян, назарҳои гуногун, донишҳо, барномаҳои сиёсӣ ва ақоиди гурӯҳиро низ тарғиб месозанд ва ба ҳамин тариқ бевосита дар идоракунии иҷтимоӣ ширкат меварзанд. Пас, муқаррар мегардад, ки ВАО низ як қудрат аст, вале бо махсусиятҳои хеш аз дигар ниҳодҳои сиёсӣ ё қудратӣ фарқ дорад. Ин тафриқа нахуст дар он аст, ки қударти ВАО-ро ба чашм дида намешавад. Яъне васоити иттилоотонӣ чун як ниҳоди иҷтимоӣ, ягон салоҳияти

[1] Конституцсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, , с. 13
[2] Конституцсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 8
[3] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма», ш. Душанбе,14 декабри соли 1990, № 199
[4] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма», ш. Душанбе,14 декабри соли 1990, № 199

ҳокимияти ичроия, парламент ё идорахои қудратро надошта, ба касе на фармон дода метавонанду на ҷазо, ҳатто касеро вазифадор ҳам карда наметавонанд.

Аслиҳаи асосии ин қудрат сухан аст, ки тавассути он хабар дода мешавад, ё ягон зуҳуроти иҷтимоӣ- сиёсӣ тарафдорӣ мегардад ё рад карда мешавад ва ё рафтори шахси алоҳида ё гурӯҳе маҳкум карда мешавад, ё ҳукуматҳо тавассути ВАО танқид ё тавсиф карда мешаванд. Вале шарти муҳими ҷомеаи демократӣ ин аст, ки ВАО бояд баръакси сохти сотсиалистӣ василаи тарғиботӣ набошад. Баръакс бояд дар муқобил ё дар мухолифат бо ҳукуматҳо қарор дошта бошад, то ки ба аслиҳаи таблиғотии онҳо табдил наёбад.

Имрӯз воситаҳои ахбори омма дар ҷаҳон низ як қисми таркибӣ ва ҷудонашавандаи сиёсат гашта, дигар дар ягон сохти давлатдорӣ пешбурди сиёсатро бе онҳо тасаввур карда намешавад. Зеро иттилоот муҳимтарин василаи идоракунии ҷомеа гашта, ҳатто мавқеи маҷбуркунии давлатиро маҳдуд намуда, афкори оммаи мардумро зери таъсири хеш нигоҳ медорад. Барои мисол метавон аз таҷрибаи қонунгузории давлат истифода бурд. Вақте ки Парламент қонунро ба тасвиб мерасонад ва ҳатто онро Президент имзо мегузорад, қонун мавриди амал қарор намегирад, то замоне, ки он дар нашрияи расмии давлатӣ чоп нашавад. Ҳукми қонунии он баъди интишор ёфтанаш дар матбуот раво мегардад. Ё бо гузаронидани интихоботҳо, то эълони расмии Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ перомуни натоиҷи он аз тариқи ВАО, на мардум аз он огоҳ мегардад, на ҳисоби овозҳои ҷамъшуда воқеъӣ ё эътирофшуда маҳсуб мешаванд. Дар чунин вазъи сиёсӣ ризоят ва норизоятии аҳзоби сиёсӣ, андешаҳои нозирони байналмилалӣ ва, муҳимтар аз ҳама, андеша ва рафти ширкати мардум дар маъракаи сиёсӣ низ аз тариқи ВАО пешниҳод мегардад, то ҷомеа мутмаин бошад, ки ширкати бевоситаи халқ ва раъйи додаи он муайянкунандаи ҳуқуқҳои сиёсии мардум аст.

Робитаҳои давлату ҳукуматҳо низ дар сатҳи байналмилалӣ тавассути истифодаи иттилои воситаҳои ахбори омма побарҷо нигоҳ дошта мешавад. Имрӯз тавассути моҳвора аз тамоми олам ба таври оҷилӣ на танҳо хабар, балки тасвири пурраи ҳодиса барои тамоми оламиён дастрасу имконпазир гаштааст.

Мусаллам аст, ки доштани иттилои муҳим агар як қудрат бошад, фарқ карда тавонистани муҳимияти ин иттилоъ қудратмандиро ду баробар афзун мекунад. Вале бар замми ин доштани имконияти паҳн кардани иттилои муҳим ва ё тавонистани пинҳон кардани муҳимияти он (агар зарур бошад), доштани қудрати чандкаратаро гувоҳ аст, ки ин имкониятро низ танҳо ВАО доранд. Ба ифодаи дигар, василаи амалигардонии равандҳои сиёсӣ ба хусус дар давраи гузариш ба демократия, ки кишвари Тоҷикистон маҳз дар ҳамин марҳала қарор дорад, воситаҳои ахбори омма маҳсуб мешаванд, ки тули 21 соли соҳибистиқлолӣ қудрати онҳо дар арсаи сиёсат борҳо собит шудааст.

«Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад»[5], ки пас аз соҳибстиқлолӣ бо роҳи нав, ба сохти демократии давлатдорӣ меравад. Институтҳои сиёсӣ ва иҷтимоии кишвар симои нав пайдо мекунанд, вале ҳанӯз баҳо додан ба он, ки ВАО ҳамчун ниҳоди иҷтимоии сиёсӣ чӣ самте дар ҳаёти ин кишвар пеш гирифта аст, кори душвор аст. Ниҳодҳо дар сурате мустаҳкам мешаванд, ки онҳо асоси назариявии худро дошта бошанд. Ба андешаи муаллиф, воситаҳои ахбори омма ҳарчанд дар ҷаҳон ҳамчун институт, қудрат ё ҳокимияти чорум эътироф шуда бошанд ҳам, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ниҳоди мустаҳками иҷтимоӣ пурра ташаккул наёфтаанд, зеро ҳанӯз асосҳои илмию қонунии худро пурра муайян накардаанд.

Муаллифони китоби «Чор назарияи матбуот» Фред Сиберт, Вилбур Шрам ва Теодор Питерсон ба ин андеша ҳастанд, ки ҳар давру замон муайянкунандаи рӯҳияи сиёсӣ-иҷтимоии худро дорад. Мутаносибан назарияе, ки дар илми он замон пайдо мешавад, махсусиятҳои воситаи ахбори ҳамон давраро муайян мекунад. Онҳо роҳи тараққиёти воситаҳои ахборро то нимаи асри ХХ ба чор тақсим карда, бар ин фикранд, ки назарияти авторитарӣ ба таълимоти Афлотун ва Маркиявели, назарияи озодигарӣ

[5] Ниг. Конституцияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 8

ба таълимоти Милтон ва С. Милл такя мекунад. Назарияи матбуоти ҳизбӣ-шӯравӣ ба таълимоти Маркс, Энгелс, Ленин, Сталин ва назарияи масъулияти иҷтимоӣ бошад, дар заминаи либерализм пайдо шуда, дар такя ба таълимоти Милтон ва комиссияи махсусе, ки дар Амрико соли 1942 таъсис дода шуда буд, роҳи назариявии худро пайдо кард.[6] Агар мутобиқ ба ин назария андеша кунем, матбуоти муосири Тоҷикистон дар ҳолати духӯрагӣ дар байни системаи матбуоти ҳизбӣ-шуравӣ ва системаи мутобиқ ба назарияи масъулияти иҷтимоӣ қарор дорад. Яъне ҳанӯз мафкураи пешин пурра аз байн нарафтааст ва ҳамакнун мафкураи муосир ҳам устувор нашудааст.

Бояд тазаккур дод, ки воситаҳои ахбори омма ҳамчун институти иҷтимоӣ аз тамоми ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бо он фарқ мекунанд, ки хусусияти баланди оммавият доранд. Профессор Прохоров бар ин ақида аст, ки: «…ахбори оммавӣ бояд моҳияти фаъолияти журналистро бозгӯ кунад».[7] Бо идомаи ин ақида, проффесор И. Усмонов менависад: «Ахбори оммавӣ ин иттилооте мебошад, ки муҳтавояш на ба манфиати як одам, як хонадон, балки ба доираи зиёди одамон, яъне ба мардум, дахл дорад.».[8] Ба андешаи мо низ, тибқи талаботи меъёрҳои демократия, журналист ва кулли васоити ахбори омма бояд масъулият ё ҷавобгарӣ дар назди мардум дошта бошанд, на дар назди ягон ҳизб ва ё ягон роҳбар. Яъне, онҳо бояд қонеъкунандаи талаботи мардум ба иттилоот бошанд. Азбаски рисолати ВАО ва журналист таъмини мардум ба иттилоот аст, мутаносибан масъулияташон низ дар назди халқ бояд ҳамин бошад. Воқеан, талаботи демократӣ мантиқист, зеро иттилои омодакардаи ВАО маҳз барои оммаи мардум аст ва халқ дар сохти демократӣ идоракунандаи давлат аст. Ҳамин нишонаҳо имконият фароҳам месозанд, ки ВАО-ро дар ҳамаи кишварҳои демократӣ ҳамчун як ниҳоди муҳими ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки хеле ба сиёсат наздик аст, арзёбӣ кунем.

Маъмулан дар сиёсати ҷаҳонӣ воситаҳои ахбори оммаро ба ду ифода - « силоҳ» ва «ҳокимияти чорум» мавриди истифода қарор медиҳанд. Истилоҳи «силоҳ» ба системаи воситаҳои ахбори шуравӣ бештар мувофиқат мекунад, зеро дар оммавӣ кардани мафкураи коммунистӣ аз ВАО ба пуррагӣ истифода мешуд. Ибораи «ҳокимияти чорум» бошад, бештар бозгӯкунандаи махсусияти журналистика ва воситаҳои ахбори нав - ВАО-и замони демократия аст. Вожаи «силоҳ» дар ин гуфтаи мо ва маъмулан ҳамчун силоҳи ҳизбӣ, ҳамчун олоти таъсиррасонӣ ба мафкураҳо фаҳмида мешавад ва воқеан ҳам назарияи марксистӣ-ленинии журналистика ҳамин маҳфумро дар бар мегирифт. Аммо фаҳмиши қудрат ё ҳокимият будани ВАО маънои мустақил будан, вазни бузурги иҷтимоӣ-сиёсӣ доштани онҳоро ифода мекунад. Гуфтаҳои «ҳар касе иттилоъ дорад, қудрат дорад» ва «шахси соҳибиттилоъ ҷаҳонро идора мекунад» дар ин замина асос ёфтаанд.

Моҳияти ин назария низ дар он аст, ки баробарқудратии ВАО-ро бо дигар ниҳодҳои сиёсӣ ё шохаҳои давлат – парламент, ҳокимияти иҷроия ва ҳокимияти судӣ то андозае бозгӯ мекунад. Агар ин се шохаи ҳокимияти давлатӣ, чун се қудрат муайянкунандаи системаи давлатдорӣ бошад, пас қудрати чорум аз неруи халқ, яъне аз афкори оммавии вай, намояндагӣ мекунад. Барои ҳамин, онҳое ки ҳокимияти чорум будани ВАО-ро таъкид мекунанд, чунин андеша доранд, ки бояд ҳукумат дар бораи фаъолияташ ба ВАО ҳисобот диҳад. Ҳеҷ чиз ва ҳеҷ кас бояд барои фаъолияти ВАО монеъа нашавад. Дар моддаи 5-и «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма», ки воҷибии ахбор ном дорад, чунин меъёр таъкид гаштааст: «Ташкилотҳои давлатию сиёсӣ ва ҷамъиятӣ, ҳаракатҳо ва шахсони мансабдор вазифадоранд, ки ба ВАО маълумоти заруриро диҳанд». [9] Ҳамин нуктаи қонунгузорӣ бояд чун маҳаки меъёри бозгӯкунандаи хислати демократии ҷомеа пурра риоя гардад.

---

[6] Ниг. китоби Фред С. Сиберт, Вилбур Шрамм, Теодор Питерсон, «Чор назарияи матбуот» (тарҷумаи И. Усмонов. Душанбе соли 2011)

[7] Прохоров Е.П. Введение в журналистику. Москва 1988г. стр.6

[8] Усмонов И.К. Журналистика. Ҷилди 4, Душанбе с. 2011 , саҳ.8

[9] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма», ш. Душанбе, аз 14 декабри соли 1990, № 199

Махсусияти ВАО-ро ҳамчун институти иҷтимоӣ як силсила асноди байналхалқӣ низ таъкид ва ҳимоя мекунад. Масалан дар «Паймони байналмилаӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ», ки бо қатъномаи 2200А, 16 декабри соли 1996 аз тарафи Ассамблеяи генералии СММ қабул щудааст, махсус таъкид мешавад, ки: « Вазифаи ВАО пайдо кардан, таҳрир кардан ва паҳн кардани ахбор ва ақидаи нав аст. Ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки дар ин кор ба ВАО муқовимат кунад»[10]. Ин муқаррарот дар иртибот ба дигар қонунгузории соҳавӣ ҳадафҳои аслии ВАО-ро ҳамчун як институти сиёсии иҷтимоӣ муайян кардааст. Барои фаъолияти кории корманди ВАО ҳатто маҳдудияти сарҳадӣ низ чун монеъа буда наметавонад. Дар иртибот ба ин гуфтаҳо Эъломияи ҷаҳонии ҳуқуқи башар дар моддаи 19 чунин мефармояд: «Ҳар як инсон ҳаққи озодии ақида ва баён дорад; ин ҳақ озодии риояи бемамониати ақида, ҷустуҷӯ, дарёфт ва интишори иттилоот ва афкорро ба ҳар васила, бидуни мулоҳизоти марзи давлатӣ, фаро мегирад»[11].

Ҳамзамон ба ин ҳама мутахасиссин эътироф кардаанд, ки махсусияти ин институт дар ду чиз зоҳир мешавад - дар сиёсӣ ва эҷодӣ будани он. Яъне хоставу нахоста ВАО хислати сиёсӣ пайдо мекунад ва ниҳоди сиёсӣ мешавад, чунки сиёсат низ бе васоити иттилоотонӣ оммавӣ намешавад. Аммо на дар нигоҳи эҷодӣ, балки дар нигоҳи иҷтимоӣ саволе пайдо мешавад, ки як институти сиёсӣ чӣ гуна метавонад бетараф ва озод амал кунад, андешаҳои кулли гурӯҳу равияҳоро беғаразона ва воқеъбинонаву бе маҳдудият ба мардум пешниҳод гардонад. Дар дарки ин маҳфумҳо олимон ва мутахассисони ВАО ҳамфикр нестанд, баъзеҳо озодии ВАО-ро рад мекунанд, яъне онҳо бар ин назаранд, ки як рӯзнома ё маҷалла, телевизион ё радио наметавонад ба сари худ мустақил бошад ва ба ҳеҷ ниҳоди сиёсие такя накунад, он вақт мавҷудият ва зарурияти он зери шубҳа мемонад. Мухолифони ин ақида чунин андеша доранд, ки мавҷуд будани бозори озод дастрасии ВАО-ро ба тиҷорат табдил медиҳад, яъне бо истифодаи эълону реклама имконияти бетарафии онҳоро фароҳам месозад.

Бархе аз сиёсатшиносон ва ҳатто муҳаққиқони журналистика махсусан онҳое, ки аз системаи ҷаҳонии сотсиализм бештар хабар доранд, ба он ақидаанд, ки барои институти ВАО дастрасӣ ба реклама худ аллакай тобеияти сиёсӣ ва иқтисодӣ аст, зеро имконияти чоп кардани ин ё он мавзӯъ то ҳадде ба хости рекламадиҳанда вобаста мешавад. Дар замони имрӯз бошад, дар матбуот ва телевизион, ҳатто радиову интернет ҳам матолиби фармоишӣ ё ба истилоҳ PR-материалҳо хеле зиёд шудаанд. Матбуоти ҳукуматӣ чунин матлабҳоро барои ҳатмӣ будани иҷрои қонуну қарорҳо ва ё дар даврaҳои маъракаҳои давлатии сиёсӣ бо супориши расмӣ иҷро мекунад. Вале матбуоти, ба истилоҳ, озод бошад, ин равияро кори ҳамарӯзаи худ шуморида, онро ҳамчун сарчашмаи иқтисодӣ қабул кардааст. Дар ин замина ҳар ду навъи ВАО то андозае ба муассис ё ашхоси фармоишгар тобеъият пайдо мекунанд, ки ин ба талаботи воситаҳои иттилоотонии воқеан демократӣ мувофиқат намекунад.

Дар баҳси мустақилият ва озодии ВАО масъалаи касбӣ ба ҷойи дуюм меафтад, яъне муаллиф метавонад озодона нависад, гӯиё барои ин монеае нест, аммо навиштаи ӯро кадом воситаи ахбор истифода мебарад ин ба хислати воситаи ахбор вобаста аст. Барои ҳамин, маъмулан онҳое, ки дар системаҳои гуногуни воситаҳои ахбор кор мекунанд барои фаъолият ҷойеро интихоб мекунанд, ки ақида ва хостори зиндагиашон ба он мувофиқат намояд.

Воситаҳои ахбор ҳамчун институт ҳар чизеро, ки ба паҳн кардани ақида ва ахбор тааллуқ дорад, дар бар мегирад аз ин нигоҳ рӯзнома, маҷалла, радио, телевизион ва интернет аз воситаҳои ахбор ба ҳисоб мераванд.

Шарти муҳими ин интсиститути иҷтимоӣ хислати оммавӣ доштани он аст, яъне маводу матолиб барои худ ё барои як кас гуфта нашудаанд, балки он ба теъдоди зиёди одамон равона шуда аст. Агар, фарз кардем, телефон танҳо робитаи инфиродиро таъмин кунад, интернет дар аксарияти ҳолат хусусияти иҷтимоӣ дорад, ҳатто ба зоҳир

[10] «Паймонибайналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳвандӣ ва сиёсӣ», соли 1996

[11] Маҷмӯаи санадҳои меъёрию ҳуқуқии Тоҷикистон дар соҳаи воситаҳои ахбори омма, Душанбе, 2012, саҳ.6

бахшҳое, ки муносибати фардиро ифода мекунанд, дар асл одами аз ин доира зиёдтареро дар назар доранд, барои ҳамин ин радду бадали афкору андеша ё табодули назар дар торномаҳо бо номи шабакаҳои иҷтимоӣ қабул шудааанд.

Албатта, ҳанӯз на ҳама ба эътирофи онанд, ки интернет ба сифати журналистика шинохта шавад. Воситаи ахбор будани интернетро рад намекунанд, аммо дар мавриди журналистика будани он шубҳа доранд. Духурагӣ дар ин маврид гуногунандешӣ нест, ҳақиқати ҳолро ифода намекунад, балки ин андеша дар таркиб ғарази сиёсӣ дорад. Зеро фақат ба сифати захираи иттилоотӣ шинохтани интернет ин нодида гирифтани манбаи ахбор будани он аст. Яъне ба ҳамон ҳадде, ки, фарз кардем, рӯзнома манбаи ахбор бошад, ба ҳамон ҳад интернет ҳам манбаи ахбор аст ва ба ҳамон ҳад, ки интернет захираи ахбор бошад, маҷалла ва телевизион ҳам захираи ахбор аст. Ба воситаи ахбор будани ин падидаи нави техникӣ он ҳам далел аст, ки айни замон вай сареътарин василаи паҳн кардани ахбор аст. Бештар аз ин, ба дигар навъи воситаҳои ахбор низ имконият медиҳад, ки матолибашонро тавассути он паҳн кунанд. Зарурати замон ва истифодаи технологияи иттилоотонии муосир аст, ки яке аз калонтарин нашрияҳои дунё - рӯзномаи «Нию - Йорк таймс» имрӯз пурра элекронӣ шудааст.

Дар шароити Тоҷикистони имрӯза ниҳоди сиёсии ВАО ду хати қавии аз ҳам фарқкунанда дорад. Гурӯҳи аввал ВАО-е мебошад, ки гӯиё хислати «силоҳ» дорад ва ин матбуоти расмии Тоҷикистон аст, ки бо маблаггузории ҳукумат нашр мешавад. Дар ин маврид, албатта, маблағдиҳанда муҳтавои воситаҳои ахборро низ муайяну назорат мекунад. Барои ҳамин ин навъи воситаҳои ахбори омма дар мавқеи қатъии ҳукуматӣ қарор доранд. Мутахассисон ин навъи васоити ахбои оммаро ба ду тақсим кардаанд - нашрияҳое, ки бевосита бо маблаги Ҳукумат нашр мешаванд ва нашрияҳое, ки ба ниҳодҳои ба Ҳукумат тобеъ тааллуқ доранд. Гурӯҳи дуюм ВАО-и мустақил аст, ки онҳо худро «силоҳ» не, балки нерӯи чорум ҳисоб мекунанд. Маъмулан ин нашрияҳо, бо маблаггузории ғайриҳукуматӣ нашр мешаванд. Дар шароити Тоҷикистон аксарияти онҳо ба грантҳои созмонҳои байналмилалӣ ва рекламаи хориҷиҳо эҳтиёҷ доранд, ба ҷуз миқдори маҳдуди онҳо, ки хислати сиёсӣ доранд ё ба азҳоби сиёсӣ мансубанд.

Яке аз махсусиятҳои ВАО, ҳамчун институти сиёсӣ- иҷтимоӣ, ин хислати сафарбаркунандагӣ ва ташкилотчигии он аст. Яъне воситаҳои иттилоот бо дигар интститутҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳампаҳлӯ мераванд ва дар айни ҳол барои фаъолияташон ёрӣ мерасонанд ва ин ёрӣ маъмулан дар таблиги фаъолияти онҳо зоҳир мешавад.

Албатта, на ҳама иттилои ВАО хислати сиёсӣ дорад, вале ахбори сиёсӣ қиммати хоса дошта, на танҳо ба аҳолии як кишвар, балки ба ҷомеаи ҷаҳонӣ низ таъсиргузор аст. Маҳз тавассути воситаҳои ахбори омма дар ҷомеа афкори умум ба вуҷуд меояд, ки ин яке аз вазифаҳои муҳими васоити иттилоотонӣ дар кишварҳои демократӣ ба ҳисоб меравад. Тавассути ин дастгоҳи муқтадир дар Тоҷикистон низ мардум ба фаъолияти ҳукумат, парламент, ҳокимияти судӣ, аҳзоби сиёсӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ баҳо медиҳанд, ки ин нишондиҳандаи муҳими ниҳоди демократӣ будани ВАО дар ҳар як ҷомеъа маҳсуб мегардад.

Ширкати васеи аҳолӣ аз тариқи телевизиону радио, матбуот ва интернет дар ҳама равандҳои сиёсии ҷомеа, аз раъйпурсӣ то интихоботҳо, баёни афкори мардум перомуни ҳар як иқдоми Ҳукумат ва сиёсатмадорон гувоҳи он аст, ки василаи пуркудраттарини ҷомеаи демократӣ ё институти муҳими иҷтимоӣ ин воситаҳои ахбори омма мебошанд, ки то ҳол инсоният дигар назирашро наёфтааст.

Ҳамин тавр ВАО аз институтҳои мустаҳками сиёсӣ-иҷтимоии ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳисоб рафта, имконияти ташаккул додани муносибати оммаро нисбат ба Ҳукумат ва нисбат ба дигар ниҳодҳои ҷомеа доро мебошанд. Зеро:

1. Иттилоъ қудрат аст ва дар пешбурди сиёсат бе истифодаи ин қудрат ҳеҷ як давлат манфиатҳои ҳаётан муҳими худро пеш бурда наметавонад.

2. Воситаҳои ахбори омма на танҳо василаи ба ҷомеа расонидани иттилои сиёсист, балки афкори умумро ба вуҷуд меорад, ки озодона баён кардани он шарти муҳими ҷомеаи демократист.
3. Воситаҳои ахбори омма, чун як ниҳоди муқтадири иҷтимоӣ-сиёсӣ, ба ҳукуматҳо иқтидори сиёсии таъсиррасониро на танҳо дар ҷомеаҳои худ, балки ба дигар кишварҳо низ медиҳанд.
4. Яке аз роҳҳои асосии ба фаъолияти давлат, азҳоби сиёсӣ, шахсиятҳои сари қудратбуда ва дурустиву нодурустии сиёсати пешгирифтаи давлатмардон баҳо додани халқ, ки дар давлати демократӣ идоракунандаи асосӣ маҳз ӯ бояд бошад, истифодаи дурусти ҳамин институти иҷтимоӣ мебошад.
5. Ҳуқуқи ба иттилоот доштаи ҷомеаро низ тавассути ВАО амалӣ гардонидан имконпазир аст. Ҳимоя, амалӣ кардан ва риояи ҳуқуқи шаҳрвандон бошад, яке аз шартҳои асосии ҷомеъаи демократӣ аст. Ниҳоди иҷтимоии ВАО нақши миёнаравиро байни мардум ва ҳукумат дорад, агар тавассути ин рисолат назоратгари риояи ҳуқуқи мардум буданашро иҷро накунад, пас ҳамчун як қудрат ё ниҳоди сохти демократӣ вуҷуд дошта наметавонад.
6. Бо доштани вазифаҳои иттилоотонӣ, маърифатноксозӣ, танқидкунӣ, иҷтимоъсозӣ ва доштани нақши назоратчигӣ, ВАО ҳамчунин дорои қудрати боризи сафарбарӣ (мобилизатсия) мебошад, ки инсонҳоро ба ҳаракатҳои сиёсӣ ва абсентизм (беҳаракатии бошуурона) раҳнамун месозад.
7. Васоити ахбор чун қудрате, ки фарогири шуур ва афкори омма аст, масъалаи ба сиёсат кашидани ашхоси алоҳида ё гурӯҳҳои одамонро ба таври хеле оҷилӣ, ҳатто ба як даъват, амалӣ карда метавонанд. Маҳз ВАО имконияти бузурги таъсиррасонӣ ба ақлу эҳсосоти мардумро доро буда, дар таҳрик додани рафтори сиёсии шахс қудрати бузурги асосноксозиро соҳиб мебошанд.
8. Яке аз рисолатҳои сиёсӣ ва муҳими дигари воситаҳои ахбори омма ин имиҷи сиёсӣ сохтан аст. Ин нақш дар муайян кардани на танҳо имиҷи сиёсии кишвар, ҳамчунин дар боло бурдани обрӯи сарварони давлатҳо, сиёсатмадорони сатҳи ҷаҳонӣ бо истифодаи ВАО ҳамарӯза дар ҳаёти сиёсии ҷомеаи ҷаҳонӣ дида мешавад, ки аз нақши бузурги ин василаҳои пурқудрати иттилоърасонӣ ва таъсиргузории онҳо дар сиёсат шаҳодати бештаре медиҳад.

Замони муосир собитгари он аст, ки фармудаҳои: «Асри XXI – асри иттилоот» ва «Ҳар касе иттилоъ дорад, ҷаҳонро идора мекунад» бе сабаб гуфта нашудаанд. Воситаҳои ахбори омма дар замони мо натанҳо минбари баланди иброзии андешаҳои сиёсӣ, натанҳо василаи тарғиби сиёсатҳо, балки худ сиёсатсоз гаштаанд. Масалан, бахше аз сокинони деҳоти дурдаст аз мавҷудияти кадом як ҳизби сиёсӣ хабар надорад, сарварони ҳизб ё барномаҳои онҳоро пурра намедонад, вале тавассути иттилои радиову телевизион ё матбуоту интернет перомуни ҳаёти сиёсии он ҳизб ё тарафдорону мухолифинаш мунтазам иттилоъ мегирад. Дар тафаккури вай таваҷҷуҳ ё баръакс танаффур ба равияҳои ин гурӯҳи сиёсӣ ҳатман пайдо мешавад. Албатта, ин иттилои мавҷуда ба ҳаёти иҷтимоии ҳар як шахс бетаъсир буда наметавонад. Аммо дар ақидаҳои шахси фаъоли сиёсӣ бошад, ангезаҳои ин иттило бештар сиёсӣ аст, ки бешак таъсири мутақобила ба ҳаёти сиёсии ӯ дорад. Яъне, васоити иттилоотӣ + шуур + ҳаёти иҷтимоӣ (сиёсӣ) дар замони муосир як формулае гаштааст, ки аз ногузир будани таъсири ВАО чун як ниҳоди иҷтимоӣ - чи ба сиёсати дохилӣ ва ба чи сиёсатҳои ҷаҳонӣ - шаҳодат медиҳад.

Адабиёт:

1. Конституцсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 8,13
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма», ш. Душанбе, 14 декабри соли 1990, № 199
3. Ниг. Конституцсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 8

4. Ниг. китоби Фред С. Сиберт, Вилбур Шрамм, Теодор Питерсон «Чор назарияи матбуот» (тарҷумаи И. Усмонов, Душанбе, соли 2011)
5. Прохоров Е.П. Введение в журналистику. Москва, 1988г. стр.6
6. Усмонов И.К. Журналистика, ҷилди 4, Душанбе, с. 2011 , саҳ.8
7. «Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ», соли 1996,
8. Маҷмӯаи санадҳои меъёрию ҳукуқии Тоҷикистон дар соҳаи воситаҳои ахбори омма, Душанбе, 2012, саҳ.6

СРЕДСТВА МАССОВОЙ ИНФОРМАЦИИ КАК СОЦИАЛЬНО-ПОЛИТИЧЕСКИЙ ИНСТИТУТ

Хуриннисо Ализода

Автор в настоящей статье, рассматривая средства массовой информации как социально-политический институт, попыталась изучить и проанализировать различные аспекты вопроса, что в большей части представляет особенности осуществления политического процесса. Статья имеет методологические особенности, и может положить конец некоторым спорам в рамках анализирования сущности СМИ в демократический период.

***Ключевые слова*:** СМИ, социальный институт, демократический, четвертая власть, политический имидж, актентизм.

MASS MEDIA AS A SOCIAL AND POLITICAL INSTITUTE

Hurinniso Alizoda

Author in this article considers media as a socio-political framework, tried to study and analyze various aspects of the issue that is most of the features of the political process. Article has methodological features, and can put an end to some disputes within the spirit of analyzing the media in the democratic period.

Key words: Mass Media, social institute, democratic, the fourth authority, political image, accentizm.

Сведения об авторе: Хуриннисо Ализода- заместитель директора национальной бибиотеки Таджикистана, тел.:(+992)918-93-75-25, e-mail:alizodahurihhiso@ihbox.ru;

Information about the author: Hurinniso Alizoda-deputy director, National Library of Tajikistan, tel.: (+992)918-93-75-25, e-mail:alizodahurihhiso@ihbox.ru;

ОБОРОННОЕ СОЗНАНИЕ МОЛОДЕЖИ В ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ ТАДЖИКИСТАНА

Усмонов С.Х.
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни

Оборонное сознание как часть человеческого сознания наряду с политическими, классовыми, общественными и другими сознаниями имеет своё направление и сферу влияния. Философские источники и словари оборонное сознание располагают наряду с патриотизмом и гуманизмом, национальной сплоченностью и идентичностью. Оборонное сознание наиболее чаще встречается в области обороны, спорта, экологии, защиты природы и семейной жизни индивидуумов. Как и другие качественные показатели личности, оборонное сознание тоже определяет индивидуальную позицию человека в социуме, только в отношении к патриотизму, гуманизму, мужественности и национальной идентичности.

Если сознательность в целом – осознание человеком собственной сущности, индивидуальной значимости и своей жизненной позиции в обществе, то оборонное сознание, как часть подобной сознательности – осознание индивидом сущности патриотизма, мужественности, ответственности перед природой, человечеством и семьей. Словом, под сознательностью мы подразумеваем мыслительные способности человека, понимание им окружающей действительности или же индивидуальные способности по различию положительного и отрицательного в поступках людей. Сознательность – высшее выражение сознания человека, проявляющееся в осознании и переживании системы представлений индивида о самом себе, присущих ему социальных отношениях, потребностях, мотивах деятельности, сущности[1]. Сознательный человек – человек, обладающий сознанием, правильно оценивающий, вполне понимающий окружающее.

Наличие сознания в человеке подтверждает его способности по различию природного явления от искусственного, в том числе степени восприятия имевшийся вины, долга, обязанности и т.д. Сознание – это высшая форма психического отражения действительности, использующая системы понятий, категорий[2], также состояние человека в здравом уме и памяти, его способность отдавать себе отчет в своих поступках, чувствах. В психологии понятие «сознание» активно развивается в рамках "Я"-концепции. Это требует рассмотрение личностного и социального способов проявления оборонного сознания с позиции социальной философии. В социальной философии сознание рассматривается как человеческая способность к воспроизведению действительности в мышлении. Это психическая деятельность человека как отражение действительности, пропорционально изменившееся вместе с окружающей действительностью. Сознание – это мысль, чувство, ясное понимание чего-нибудь, способность правильно разбираться в окружающей действительности, определять свое поведение. Высшая, свойственная только человеку форма психического отражения, сформировавшаяся в антропогенезе и общественно-историческом периоде развития человека в трудовой деятельности при постоянном языковом общении с другими людьми. Сознание представляет собой способность человека понимать окружающий мир, происходящие в нем процессы и явления. Атрибутами сознания являются познание, переживание, отношение. Функции сознания - это когнитивная, регулятивная и коммуникативная. Структуру сознания образовывают знание, ощущение, восприятие, воображение, мышление[3].

Сознания индивидуумов в обществе слагаются в единое сознание, которого называют общественным сознанием[4]. В пределах собственной сознательности каждый индивидуум, как отдельное составляющее этого социума, внесет свою долю в общественное сознание. Субъектом общественного сознания является само общество, а не отдельно взятый индивид. При таком раскладе мы становимся свидетелями тесной взаимосвязанности социума и его индивидов. В связи с чем, жизнь людей, являвшихся их общественной деятельностью, вступает в контакт с религиозной жизнью общества – одного из основ общественной жизни. Религиозная жизнь социума – это начало всех отношений в нем. До сих пор только она отвечает на многие вопросы социума. Несмотря на имевшихся сомнения в этих ответах, социум удовлетворен ими, так как наука не находить на них других ответов. Автор книги «Наводир-ул-вакоеъ» философ, социолог и политолог своего времени Ахмади Дониш по этому поводу пишет: «Благосостояние государства и его граждан зависит от уровня общественной сознательности, социальной обеспеченности его граждан и боеспособности Вооруженных сил…»[5]. По словам Дониша каждый гражданин государства соразмерно

---

[1] С.И. 'Ожегов. Словарь русского языка. с. 117
[2] Конюхов Н.И. Терминологический словарь: Москва, 1992
[3] Гегель. Сочинение, том IX, стр. 5-10
[4] Приписнов В.И. Основы социальной философии: Душанбе, изд. «Маориф», 1992, с. 149
[5] Дониш А. Наводир-ул-вакоеъ: Душанбе, изд. «Дониш», 1988, с.148

своей общественной сознательностью вносит свою лепту в общественную жизнь, а его общественное сознание формируется под влиянием религиозной жизни общества. Религиозная жизнь общества зависит от религии народа и отношение государства к нему. Религия на пути борьбы за власть эксплуатирует общественное сознание как может. Она бдительно следит за политикой и всегда готовится брать власть в свои руки. Государство в свою очередь, тоже следить за религиозной жизнью общества и постоянно держит религию в определенные рамки. Данное противостояние требует от государства дополнительных усилий для укрепления общественного сознания. Как писал Ахмади Дониш: «Надеяться на Бога и жить в страхе не правильное решение со стороны сознательных граждан, так как порождает разрушение государства, голод народа, недееспособность армии и горе правителей…»[6]. Трудно представит общественное сознание без религиозной жизни общества. В протяжении тысячелетий человечество, не вникая в суть общественного сознания, в силу собственной неграмотности и непонимании никак не мог разузнать причин формирования и развития религиозной жизни общества и представлял её как загадочную и неопознанную область, не поддающая действиям законов природы. Знаменитый философ Гегель писал: «…философия и религия преследуют единую цель – разузнать правду[7]». Только религия ищет правду с целью приобретения власти, а философия – с целью улучшения сознательности людей. Именно поэтому при анализе общественного сознания не стоит исключать религиозную жизнь общества. История свидетельствует тому, что религия и философия – давние соперники. Их противостояние лежало на основе формирования общественного сознания и развития оборонного сознания личности. Человечество в протяжении своего существования участвовала во многих кровопролитных боях за религию и религиозной «правды». Хотя, и немало проводила кровавых восстаний за приобретения свободы.

В годы приобретения независимости молодежи Таджикистана не располагала научной интерпретацией оборонного сознания. Оборонное сознание, как составная часть общественного сознания, исследовалась в пределах таких понятий как «мужественность», «воинственность» и «индивидуальная обороноспособность». В то время когда под влиянием острого культурного и экономического кризиса, нарастающего давления со стороны религиозной жизни общества патриотизм переживал сильную идеологическую трансформацию. К примеру, в книге «Республика Таджикистан: история независимости, год 1991-й» написана, что ряд членов правительства в своем обращении Верховному совету республики призывали всех партий и движений в республике к взаимопониманию, осознанию последствий политической розни и неминуемой гражданской войны[8]. Несмотря на хороший стиль письма, её миролюбивые призывы и авторитетности, обращение была доказательством отсутствия оборонного сознания у самых активных членов общества того времени – членов правительства. В обращении говорилось о имеющихся в республике социально-экономических и военно-политических проблемах, которыми люди были сыты по горлу и не хотели слушать о них, так как она притупляла их общественное сознание. В целом, чувства патриотизма, гуманизма и ответственности её авторов просматривается в письме. Но, следует отметить, что авторы обращения неполноценно оценивали обстановку, так как не учитывали того, что слушателей подобного обращения уже давно не было в том обществе. Под влиянием религиозной жизни общества, из-за некоторых недостатков в социалистической идеологии общественное сознание граждан была сильно подавлена. К тому времени, от авторов обращения, которые были членами все ещё действующего правительства и отвечали за состояние оборонного сознания общества, обстановка требовала не только пустого обращения, а конкретных самоотверженных действий по возрождению национальной идентичности и укреплении

---

[6] Дониш А. Наводир-ул-вакоеъ, к. I: Душанбе, изд. «Дониш», 1988, с.148
[7] Гегель. Энциклопедия философских наук, том I: Москва, изд. «Мысль», 1974, с.84
[8] Назриев Д. Саттаров И. Республика Таджикистан: история независимости, год 1991-й: Душанбе, изд. «АК-94», 2002, с. 78

национальной сплоченности. Факт потери контроля над религией была следующим камнем в огород этих авторов, явно указывающий на отсутствие у них оборонного сознания. В те годы кризис национальной идентичности в социуме, как один из причин сложившийся обстановки, служила доказательством отсутствия научного фундамента в оборонном сознании общества и внешнеполитических связей государства в области безопасности. Как правило, национальная идентичность является основой формирования оборонного сознания и представляет социуму эталон оборонной сознательности, воспитывая национально-исторических идеалов и героев.

Из-за отсутствия надлежащих условий социального развития в годы приобретения независимости в Таджикистане интерпретация оборонного сознания общества ограничивалась в пределах таких понятий как «мужественность», «воинственность» и «индивидуальная обороноспособность». Подобное обстоятельство способствовала использованию оборонного сознания в националистических и шовинистических целях. Затем, под влиянием религиозной жизни общества оборонное сознание стало частью исламского фундаментализма, усиливая фундамент преступности и уличных беспорядков в обществе. Личностные способы проявления оборонного сознания в обществе не поддерживались государством. Причина кроился в том, что методы использования проявлений оборонного сознания не были знакомы государственным силовым структурам того времени. Да и организации, используемые этих проявлений в благо национальной идентичности, также отсутствовали. Названный аспект хорошо освещен в книге генерала Нурали Назарова «Русло жизни». Приведем пример из названной книги: «…в отношении профессоров и Бозор Собира составил административный протокол и представил их суду Железнодорожного района. председатель суда от безысходности «соизволил» оштрафовать их на сумму по 100 рублей каждого и отпустил. …теперь представьте, преступление с тяжкими последствиями своевременно был раскрыть. Митинг с целью государственного переворота был разогнан. Его организаторы пойманы и представлены суду. После всего сделанного как понять подобное решение суда? Глядите, откуда все началось и до чего оно дошло»[9].

В руководстве обществом религия, которая находилась всегда рядом с государством, пользуясь подходящим моментом, использовала оборонное сознание общества в свои цели. Удерживая индивидуальные проявления оборонного сознания в определенных рамках, она постоянно преследовала социальные способы проявления оборонного сознания. Примыкая к религиозной жизни общества надлежащую сферу развития оборонного сознания и предпосылок к социальным способам её проявления, часто изменяла их в своих интересах. В результате, обстановка в республике день за днем уподобилось обстановке 20-30-х годов XX-го века, вовлекая в эту трясину как можно больше молодёжи страны. Об этом хорошо писал один из преподавателей средней школы Чамолидини Собир в своей статье «Басмачество и национальные интересы»[10], где отмечает: «…в такой ситуации появились отдельные люди и политические движения, которые пропагандировали чужую культуру, её национально-этические ценности, идеологию, поставляя под угрозу национальную независимость страны.» Для нашей древней нации это был не первый случай, так как тысячи лет назад у него подобным образом отнимали государственную независимость. К счастью, мужественные и грамотные сыны таджикской нации как Рудаки, Фирдавси, Саъди, Хофиз, Айни, Лохути и тысячи других борцов за свободу и процветания нации предотвратили неминуемую гибель арийской культуры. Они своими бесценными трудами и героическими стараниями возобновили, сохранили, приумножили и оставили нам в наследие, чтобы мы представили народам мира старинную таджикско-персидскую культуру. Арийская цивилизация за тысячелетия нажила себе завистников и

[9] Назаров Н. Русло жизни: Душанбе, изд. «Ирфон», 2011, с. 19-20

[10] Чамолидини С. Босмачество и интересы нации. //tajmigrant.com/bosmachigari-va-manfiatxoi-milli.html, от 07.04.2011с.

врагов, которые не желали её процветания и постоянно стараются искажать её идеолого-этнической сути. В протяжении истории различными религиозно-сепаратистскими способами они старались разрушить таджикско-персидские культурные ценности. Многие из них пытались загрязнить таджикско-персидские национальные ценности религиозно-догматическими гипотезами и выставляя религию выше нации, хотели выставить национально-этнических аспектов религиозных явлений за национальную идентичность. Наподобие попытки реабилитации движения басмачества в 80-е годы прошлого века. До сих пор они стараются выдавать предводителей басмаческого движения за религиозными героями. На самом деле, эти инициаторы, пропагандируя чужую для таджикского народа идеологию, преследуют свои корыстные националистические цели. Ныне, не секрет, что басмаческое движение преследовало социально-политические цели в интересах Бухарского Эмирата. Почти все сторонники этого движения были бывшими государственными деятелями или же богачами из окружения свергнутого эмира. Само слово «басмачи» взято из турецкого слова «basmak» и означает «нашествие», «давление», «наступление». Басмачи занимались воровством, бесчинством и выдавали грабеж за «мусульманским джихадом». Достаточно обращать внимание на личность этих «воинов ислама» и становится понятно их принадлежность и преследуемые цели, также роль некоторых наших соотечественников-таджиков, действующих среди них.

Таким образом, аналогичность события 20-30-х и 90-х годов XX-го столетия стало невероятно явным: во-первых, эти события происходили при смене одного общественного строя другим; во-вторых, в обоих случаях таджикский народ плясала под чужую дудку и вместе национальных интересов защищала чужие интересы; в-третьих, в обоих случаях народ призывался на войну под лозунгом «свешенный джихад за исламскую религию»; в-четвертых, обе войны организовывались третьими лицами, с использованием простолюда. В тех годах кризис национальной идентичности социума была следствием низкой грамотности, слабой идеологии и узкого мировоззрения индивидов в республике. Ведь, только великие люди укрепляют национальный фундамент, также опираясь на землю предков и родной язык, строят независимое государство. Они же являются идеалами социального способа проявления оборонного сознания, и только подобные личности могут стать эталоном национальной идентичности и государственного правления на основе верховенство закона, национальной идеологии.

Таким образом, в годы приобретения независимости оборонное сознание молодёжи пережил этап формирования и укрепления. Говоря о формировании оборонного сознания, нельзя игнорировать его существование до указанного выше периода, так как существовавший к тому моменту оборонное сознание была частью сознания советского человека, а в годы независимости формировался оборонное сознание гражданина независимого государства. Это, как доказала история, не одно и то же. Разница между двумя, названными нами, оборонными сознаниями приравнена к десяткам тысяч людских потерь в эпохи кризиса государственности в постсоветских странах. В те годы таджикская молодёжь осознал оборонное сознание как основополагающее национальную независимость социально-философское понятие, понятие, сохраняющее территориальную независимость страны. Тогда, социально-философские аспекты оборонного сознания еще не были тщательно рассмотрены. Несмотря на то, что оборонное сознание человека существовала ещё в первобытнообщинном строю. Начиная со времен приобретения национальной независимости, философы и социологи, политологи и другие общественные аналитики вплотную занимались изучением социально-философских аспектов оборонного сознания индивидуума. При этом, ещё тогда была выявлена, что долговечность национальной независимости в Республике Таджикистан неразрывно связано с национальной идентичностью, территориальной неделимостью и приоритетностью родного персидско-таджикского языка. Движения пантюркизма, в виде басмачества,

исламского фундаментализма, национализма и т.д., были абсолютной чуждою национальным интересам таджикского народа. Правда была в том, что укрепившее, в ходе извлечения уроков из последствия гражданской войны, оборонное сознание молодежи того времени – оплот будущее таджикской нации, заложило фундамент приобретения государственной независимости, иначе таджикский народ ещё многие тысячелетия мечтал бы о государственной независимости. Доказательством правдивости выбранного пути служить активный экономический рост государства и значительное улучшение благосостояния народа. Несмотря на активное влияние геополитической обстановки на оборонное сознание социума в целом, невооруженным глазом заметно, как сегодняшняя молодёжь твердо идет по намеченной цели. Наглядно, на примере соседнего нам Афганистана можно увидеть печальные последствия, которая настигло бы нас, если мы своевременно не осознавали ложность предложенного нам пути. Ведь те, которые пропагандировали нам счастливое будущее, до сих пор не могут вывести эту страну из феодального строя, когда на дворе уже XXI-й век и люди исследуют космическое пространство. Получается, что эти «доброжелатели» преследовали иные цели. Может, именно с такой целью противники и завистники государственной независимости Таджикистана в своё время пытались препятствовать процветании таджикской науки и культуры, ликвидируя таких ученных и просветителей той эпохи, как Исхоки, Гуломов, Осими, Латифи, Олимпур, Сайф Рахими Афарди и многих других.

В конце концов, с древних времён известно, что таджикский народ совершал подвиги во имя нации и за свою Родину. Религиозный вопрос для арийцев никогда не существовала, тем более внутри государства. Иноземные нащественники и захватчики чужих цивилизаций навешивали его арийским народам. Этнической сути таджикского народа не свойственна ложь и клевета. Подобная особенность является показателем оборонной сознательности таджикского народа – одного из основных, исторически доказанных преемников древней арийской цивилизации. Древнее историческое происхождение и равнение на своих этнических эталонов, как Шерак, Муканнаъ, Спитамен, Деваштич, Маздак, Темурмалик и многих других, воодушевила великих сынов таджикского народа – Садриддин Айни, Шириншо Шохтемур, Нусратулло Махсум, Бобочон Гафуров и сотни других ещё в 1924 и 1929-х годах заложить фундамент современного, независимого Таджикистана. И в правду всему миру известно, что таджики и их предки города не разрушали, а строили их, цивилизации не губили, а создали их. Это Арийцы заложили фундамент современной мировой культуры. Они первооткрыватели нынешних математических, астрономических и медицинских наук. В 90-е годы XX-го века, таджикский народ вновь приобрел свою, утерянную сквозь веков, государственную независимость, и отстаивая её, ценою крови десятки тысяч сынов нации, всему миру подавал пример консолидации, братства и дружбы. Сегодня независимый Таджикистан – как часть мирового сообщества, выбрал курс экономического развития и культурного процветания во имя светлого будущего.

Пройдя столь тяжелое жизненное испытание, оборонное сознание молодежи Таджикистана до сих пор нуждается в изучение и совершенствование, так как современный мир полон чужой идеологии, которые зачастую преследуют экспансивные цели. Социально-педагогический фундамент оборонного сознания индивидуума – национальная идентичность, стал направляющим фактором в развитии оборонного сознания молодежи в период приобретения национальной независимости. В процессе формирования оборонного сознания гражданина её этническая сторона развития и воспитания в социуме считается самым трудоёмким и ответственным. Достижение солидарности и прекращение межнационального (межрегионального) раздора, с целью осуществления национальной консолидации и совместное сохранение исторической государственности, на основе национальной идентичности, является идеальным образцом укрепления оборонной сознательности общества и реальным шагом на пути формирования оборонного сознания молодежи. Не зря знаменитый философ XX-го

века профессор Приписнов В.И. в книге «Основы социальной философии» пишет: «Общественное сознание есть не что иное как свойство, способность общества в целом, социальных групп, индивидов отражать, осознавать свою жизнедеятельность по преобразованию окружающего мира, а затем самым и себя»[11]. В своё время, великие философы К. Маркс и Ф. Энгельс по этому поводу писали свою знаменитую гипотезу, ставшую в последующем исходным положением диалектико-материалистического понимания истории: «Не сознание людей определяет их бытие, а наоборот, их общественное бытие определяет их сознание»[12]. Так и была в те судьбоносные годы приобретения независимости таджикским народом. Поначалу, самосознание молодежи страны находилась вдали от национальной идентичности таджикского народа, затем, осознавая действительную реальность, в силу своей этнической особенности, молодежь сплотилась в единую могучую силу, которому не смогли противостоять антагонистические и шовинистические силы. Тем самим, оборонное сознание молодежи укрепила социально-политическую позицию государства, повышая её обороноспособность. Взятый курс и по сей день наращивается. Нынешние молодежные организации страны, извлекая уроки истории, повсеместно укрепляют оборонное сознание современной молодежи. Стараясь не допустить прежних ошибок, при формировании оборонного сознания нынешней молодёжи они учитывают влияние мировой геополитической обстановки на условия формирования оборонного сознания молодёжи.

Литература:

1. Алексеев П.В. Социальная философия: Москва, 2004, с.23-24
2. Закон РТ «Об ответственности родителей при воспитании детей»: 2011, с.5
3. Назаров Н. Русло жизни: Душанбе, изд. «Ирфон», 2011, с. 36-39
4. Приписнов В.И. Основы социальной философии: Душанбе, изд. «Маориф», 1992, с. 150
5. Прус Б. Фараон: Ташкент, изд. «Медицина», 1986, с.257-259
6. Рахмон Э. Таджики в зеркале истории. От арийцев до саманидов: Душанбе, изд. «Ирфон», 2006, с.10-12
7. Рахмон Э. Взгляд на историю и арийской цивилизации: Душанбе, изд. «Ирфон», 2006, с.75
8. Соколов С.В. Социальная философия: Москва, 2003, с. 9
9. Чамолидини С. http://tajmigrant.com/bosmachigari-va-manfiatxoi-milli.html, от 07.04.2011с.

ОБОРОННОЕ СОЗНАНИЕ МОЛОДЕЖИ В ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ ТАДЖИКИСТАНА

Усмонов С.Х.

В статье речь идет об оборонном сознании молодежи Таджикистана в годы приобретения независимости как определяющий индивидуальную позицию индивидуума фактор в отношении к патриотизму, гуманизму и национальной идентичности в целом.

По мнению автора, обстоятельство отсутствия надлежащих условий социального развития, которое ограничивала интерпретацию оборонного сознания общества в пределах таких понятий как «мужественность», «воинственность» и «индивидуальная обороноспособность», способствовала использованию оборонного сознания в националистических и шовинистических целях.

Ключевые слова: оборонное сознание, национальная идентичность, мужественность, воинственность, патриотизм, гуманизм.

[11] Приписнов В.И. Основы социальной философии: Душанбе, изд. «Маориф», 1992, с. 150
[12] Маркс К., Энгельс Ф. Сочинение, т.13, с.7

DEFENSE CONSCIOUSNESS OF YOUNG PEOPLE IN THE YEARS OF TAJIKISTAN INDEPENDENCE

Usmonov S.Kh.

The article focuses on defense in the minds of the youth of Tajikistan of years of independence as a defining factor of the individual position of the individual in relation to patriotism, humanism and national identity as a whole.

According to the author, the lack of appropriate circumstance for social development, which limits the interpretation of defensive consciousness within society such concepts as "masculine", "belligerence" and "individual defenses", promoted the use of defensive consciousness in nationalistic and chauvinistic purposes.

Key words: defense consciousness, national identity, masculinity, militancy, patriotism, humanism.

Сведения об авторе: Усмонов Сайфуллобек Ходжаевич – соискатель кафедры философии Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айни, тел.: (+992) 92 7782136, e-mail: nakunom71@mail.ru

Information about the author: Usmonov Saifullobek Khojaevich, researcher of Philosophy chair in Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, tel. (+992) 92 7782136, e-mail: nakunom71@mail.ru

РАВАНДҲОИ ГЛОБАЛИЗАТСИОНӢ ВА САМТҲОИ АСОСИИ ИНКИШОФИ ДАВЛАТҲОИ МИЛЛӢ

Солиев Б.Х.

Донишгоҳи давлатии Дангара

Равандҳои глобализатсионӣ ба нобаробарӣ ва мухолифати равандҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ суръат бахшида, аз як тараф гузариши сифатии тамаддуни муосир, инкишофи вобастагии тарафайни мамлакат ва халқҳо ва аз тарафи дигар мураккаб гардидани муносибатҳо дар асоси арзишҳои миллӣ, динӣ ва фарҳангӣ, зиёдшавии ҳаракатҳои ҷудоихоҳро ба миён овард. Маҳз дар асоси чунин дахлнамоӣ заиф гардидани ягонагии суверенитети давлатӣ мушоҳида карда мешавад.

Дар тадқиқотҳои гуногун қайд карда мешавад, ки ояндаи тартиботи нави ҷаҳониро маҳз глобализатсия муайян менамояд. Нисбати ин масъала ақидаҳо мухталиф ҷой доранд, ки аз ҳукмронии пурраи ҷаҳон зери ливои тарҳи либералӣ-демократии Ғарб то «дифференсиатсияи глобалӣ» ва «бархӯрди тамаддунҳо»-ро дар бар мегиранд. Раванду падидаҳои мавҷуда, махсусан равандҳои глобализатсионӣ боиси тағйироти назарраси сохтори сиёсии ҷаҳон мегардад, ва маҳз дар асоси чунин дигагуниҳо, аҳамияти муҳимро масъалаи омӯзиши нақш ва мақоми институти асосии сиёсӣ – давлат касб менамояд.

Тағйироти муҳимми нақши давлат дар асоси равандҳои глобализатсионӣ зери таъсири омилҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба миён меояд. Дар чунин ҳолат самти сиёсати давлати миллӣ бояд аз масъалаҳои инкишофи иқтисодиёти дохилӣ ва таъмини иҷтимоӣ ба иштироки фаъол дар муборизаи рақобатнок дар бозорҳои ҷаҳонӣ равона карда шавад. Ин самт аз давлати миллӣ талаб менамояд, ки ба шароити инкишофи босуръати илмиву техникӣ мутобиқ гардад. Чунин мутобиқгардӣ, албатта хароҷоти зиёди молиявӣ ва таъмини сатҳи баланди қобилияти илмии аҳолиро талаб менамояд. Сиёсати иҷтимоӣ-сиёсӣ дар шароити глобализатсия дар инкишофи фаъолияти миллӣ дар бозорҳои беруна таҷассум мегардад, ки ба рақобати озоди иқтисодӣ таъсир мерасонад. Дар чунин ҳолат гузариши як қатор вазифаҳои давлати миллӣ оид ба танзим намудани соҳаи молиявӣ ба сатҳи фавқулмиллӣ ба миён меояд.

Умуман, қайд намудан зарур аст, ки нисбати тағйирёбии нақш ва мақоми давлати миллӣ дар шароити глобализатсия ақидаҳои мухталиф ҷой доранд, ки шартан онҳоро

метавон ба ду гурӯҳ ҷудо намуд. Гурӯҳи якуми ҷомеашиносон ақида доранд, ки давлатҳои миллӣ ба пуррагӣ барҳам хӯрда, мақоми худро ба қувваҳои фавқулмиллӣ месупоранд. Муҳаққиқони гурӯҳи дуюм, ки дар асоси асару мақолаҳои худ оиди миллат ва миллатгарой шӯҳрати беандоза пайдо намудаанд, ба тариқи назариявӣ имконияти чунин гузариши нақши миллат ва давлати миллиро рад менамоянд. Онҳо таъкид месозанд, ки дар фазои сиёсии муосир нақш ва мақоми давлати миллӣ боло меравад.

Муҳаққиқони гурӯҳи якум ба ҷиҳатҳои сиёсӣ ва фарҳангии глобализатсия диққат дода, қайд менамоянд, ки дар ченаки сиёсӣ глобализатсия ҳамон ҳодисаву падидаҳоро дарбар мегирад, ки сиёсати миллӣ ва суверенитетро маҳдуд месозанд. Ҳамин тариқ, тартиботи нави ҷаҳониро ҳамчун низоми ширкатҳои бузурги ғайримиллӣ ё созмонҳои байналхалқии дар асоси бозори озод, ҳаракати сармоя, саноат, технология ва қувваи корӣ амалкунанда, ки вазифаҳои зиёди давлатро аз худ кардаанд, баррасӣ менамоянд.

Дар натиҷаи равандҳои глобализатсионӣ блокҳои гуногуни сиёсӣ ва ҳарбӣ, коалитсияҳои гурӯҳҳои ҳукмрон, иттиҳодҳои континенталӣ ва минтақавӣ, созмонҳои байнидавлатӣ ва байналхалқӣ пайдо гардида, дар ҳалли масъалаҳои мухталиф ширкат меварзанд ва чунин ҳолат албатта боиси гузариши як қатор вазифаҳои давлатҳои миллӣ ба чунин созмонҳо мегардад. Дар ин радиф метавон фаъолияти ширкатҳои мухталифи транснатсионалиро махсусан қайд намуд, ки дар арсаи байналхалқӣ фаъолият намуда, ҳавасманди инкишофи равандҳои глобализатсионӣ мебошанд, зеро чунин вазъият ба онҳо имконият медиҳад, ки мақсадҳои пешгузоштаро самаранок ба даст оранд. Равандҳои глобализатсионӣ ва фаъолияти ин созмонҳо аз якдигар вобаста мебошанд, зеро инкишофи глобализатсия барои амали созмонҳо имконият фароҳам меорад ва дар навбати худ аз фаъолияти ин созмонҳо вобаста аст.

Ҳамин тариқ дар натиҷаи ташаккул ва инкишофи субъектҳои нав дар арсаи байналхалқӣ ба пойдо гардидани низоми нави иҷтимоӣ-сиёсӣ оварда мерасонад. Низоми нави иҷтимоӣ-сиёсӣ ба шиддат гирифтани равандҳои интегратсионӣ ва муттаҳидшавии давлатҳо равона карда шудааст, ки дар он созмонҳои байналхалқӣ ҳамчун кафили устувории низоми байналхалқии хоҷагидории амалкунанда баромад менамоянд. Қайд намудан зарур аст, ки равандҳои глоблизатсионӣ ба мустаҳкам гардидани нақши давлатҳои миллӣ ва боло рафтани фарқияти байни онҳо мусоидат менамояд. Кишварҳои нисбатан пурқуввати саноатӣ ва иқтисодӣ кӯшиш менамоянд, ки асосҳои дохилии худро ба танзим дароранд, зеро мустаҳкам намудани давлати миллӣ воситаи асосии қонеъ намудани манфиатҳои иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

Интегратсия ва демократикунонӣ дар дохили давлат ва дар муносибатҳои байнидавлатӣ аз як тараф талаботи муҳимтарини давлатҳо ва миллатҳо дар инкишофи иҷтимоӣ- иқтисодӣ ва аз тарафи дигар сабаби маҳдудгардии доимии суверенитети давлатӣ ба ҳисоб меравад. Чунин ҳолат дар асоси омилҳои зерин ба миён меояд:

- заиф будани қобилияти давлат дар мустақилона таъмин намудани амният ва беҳбудии иқтисодии шаҳрвандон;
- пайдоиш ва пуршиддат гардидани проблемаҳои глобалӣ, ки ҳалли умумисайёравии дастаҷамъиро талаб менамояд;
- боло рафтани аҳамияти сиёсии ҳокимияти иқтисодӣ ва иттилоотӣ, ки аз бисёр ҷиҳат зери назорати давлат набуда, ба доираи ҳуқуқии он ворид нестанд;
- боло рафтани миқдор ва таъсири сиёсии созмонҳои байналхалқӣ ва ширкатҳои транснатсионалӣ, ки суверенитети давлат, махсусан дар соҳаи иқтисодиётро маҳдуд менамояд;
- васеъгардӣ ва бартарии ҳуқуқи инсон аз қонунҳои давлат;
- плюрализми ҳокимияти давлатӣ ва умуман ҳокимияти сиёсӣ аз рӯи принсипи тақсимоти амудӣ ва уфуқӣ.[1]

Дар чунин ҳолат метавон қайд намуд, ки давлати миллӣ, ки аз ҷиҳати иқтисодӣ ва сиёсӣ пурқувват аст, метавонад дар рақобати иқтисодӣ ва сиёсии ширкат варзида,

[1] Ниг.: Дзодзиев В. Проблемы становления демократического государства в России. М.: Ad Marginem, 1996. –С. 170.

тавонад то андозае манфиат ва талаботҳои худро ҳимоя созад. Лекин дар ҳолате, ки агар давлати миллӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ заиф ва нотавон бошад, пас суверенитети худро аз даст медиҳад, зеро ҳатто дар ҳалли масъалаҳои дохилии он созмонҳои байналхалқӣ дахолат менамоянд ва онро маҷбур месозанд, ки қарорҳои мухталифро қабул намояд. Қабул намудани чунин қарорҳо, пеш аз ҳама ба инкишофи арзишҳои демократӣ равона карда шудаанд.

Дар асоси таҳлили ҷиҳатҳои сиёсии глобализатсия, қайд бояд намуд, ки дастовардҳои демократия дар кишварҳои сермиллат ва гуногундин ба мушкилиҳои зиёд оварда мерасонанд. Чунин мушкилиҳо ба қафомонии иқтисодии давлатҳои рӯ ба инкишоф мусоидат менамоянд. Дахолат ба ҳаёти сиёсии кишварҳои қафомонда аз тарафи кишварҳои инкишофёфта, ки манфиатҳои мухталаифи геостратегиро пайгирӣ менамоянд, ноустувориро зиёдтар менамояд. Дар ин радиф, мавҷудият ва амалӣ гардонидани барномаҳои нео-либералии азнавсозии сохтори иқтисодӣ, дастгирии режимҳои сиёсии муайян ва моҷароҳои динии кишварҳои рӯ ба инкишофро метавон махсусан қайд намуд.[2]

Қайд намудан зарур аст, ки глобализатсия ҳамчун раванди доимӣ, қобилияти давлатро дар сатҳи глобалӣ ё сатҳи минтақавӣ маҳдуд месозад. Салоҳияти давлат ва қобилияти он нисбати муайян намудани тақдири худ дар шароити имрӯза паст рафтааст. Қоибилияти ҳокимияти давлатӣ дар ҳалли мустақил ва озоди проблемаҳои мушаххас зери шубҳа гузошта шудааст. Давлат ҳамчун иштирокчии асосии байналхалқӣ ва барандаи суверенитет ҷои худро ба сохторҳои фавқулмиллӣ додаст. «Давлат навъи муҳимми актор дар сиёсати ҷаҳони боқӣ монда, аллакай нақши бартариро надорад. Аҳамияти муносибатҳои транснатсионалӣ ба муқобили муносибатҳои байнидавлатӣ боло рафтааст. Шаклҳои транснатсионалии коммуникатсия назорати давлатро аз рӯи ҷараёнҳои иттилоотӣ заиф намудаанд. Сармоягузории бевоситаи хориҷӣ шаҳодати мавҷудияти фаъоли ширкатҳои транснатсионалӣ дар тамоми минтақаҳои ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Суверенитет ҳамчун назорати аҳолӣ дар ҳудуди муайян, дар асоси имконияти таъсиррасонии беруна ба давлат барои ҳалли доираи васеъи проблемаҳо аз ҳуқуқи инсон то ҳифзи муҳити зист, зери шубҳа гузошта мешавад».[3]

Қайд бояд намуд, ки дигаргуниҳо дар сиёсати иқтисодии байналхалқӣ қатъиян интихоби сиёсатмадоронро маҳдуд намудааст ва ба тағйир додани сиёсат онҳоро маҷбур сохтанд. Чунин тағйиротҳо нисбат ба талаботи дохилии иқтисодиёти сиёсӣ афзалиятҳоро ба сармоягузорони глобалӣ ва ширкатҳои сайёр пешниҳод менамояд.[4] Дар асоси ҳодисаву падидаҳои солҳои охир метавон чунин нуқтаи назарро дастгирӣ намуд. Зеро қисми зиёди давлатҳои миллӣ барои ҷалб намудани сармоягузории хориҷӣ ва дастгирии инкишофи иқтисодиёт сиёсати худро тағйир додаанд ва дар бисёр ҳолатҳо тағйироту иловаҳо ба қонунгузории миллӣ ба фоидаи субъектҳои фавқулмиллӣ ва траснатсионалӣ амалӣ гардидаанд. Ҳамин тариқ, на заифгардии давлат, балки тағйироти вазифаҳои давлат ба миён меояд. Давлат дар мутобиқгардонии системаи истеҳсолоти миллӣ ба талаботи рақобати байналхалқӣ нақши пешбарандаро ишғол менамояд. Дар натиҷаи чунин амал «ҳукумат на танҳо мавқеъи худро дар ҷомеа ва иқтисодиёти миллӣ»,[5] балки «қобилияти таъсиррасонӣ ба ҳодисаву воқеъаро» аз даст медиҳад. Давлат маънии сиёсии худро нигоҳ медорад, лекин аз нуқтаи назари иқтисодӣ мавқеъи худро аз даст медиҳад. Зери таъсири як қатор омилҳо давлат ба ногузирии азбайнравии сарҳадоти иқтисодӣ мутеъ мегардад. Гузариш «ба иқтисодиёти бидуни сарҳадот давлатҳои миллиро ба номутобиқатӣ ва нотавонӣ оварда мерасонад».[6]

---

[2] Ниг.: Манн М. Глобализация и 11 сентября (реферат) // Социологическое обозрение. 2002. Том 2. № 1. –С. 33.
[3] Ниг.: Политическая наука: новые направления / под.ред. Р. Гудина, Х.Д. Клингеманна; пер. с анг. –М., 1999. –С. 438.
[4] Ниг.: Linda Weiss, ed., Introduction: Bringing the State Back In, // In States in the Global Economy. Cambridge: Cambridge University Press. 2003. –P. 3.
[5] Susan Strange, The Retreat of the States: The diffusion of Power in the world Economy, Cambridge: Cambridge University Press. 2003. –P. 3
[6] Kenichi Ohmae, The end of the Nation States. New York: Free Press. 1995.

Бо ба итмом расидани «ҷанги сард» ва ташаккули иқтисодиёти глобалӣ сарҳадоти иттифоқҳо ва давлатҳои миллӣ халалдор гардиданд. Давлатҳои миллӣ дар иқтисодиёти глобалӣ танҳо баъзе вазифа ва таъиноти худро ичро менамуданду халос. То ин давра давлатҳои миллӣ омили самараноки бунёди неъматҳои ҷаҳонӣ баромад менамуданд, лекин дар шароити имрӯза иштироки онҳо дар тақсимнамоии ин боигарӣ на он қадар самаранок аст. Онҳо наметавонанд сатҳи мубодилаи арзро назорат намуда, арзҳои худро ҳимоя намоянд. Дар чунин ҳолат ба раванд ва падидаҳое, ки аз онҳо вобаста нест тобеъ мегардиданд. Қайд намудан зарур аст, ки вазифаҳои давлат дар шароити глобализатсия тағйири шакл менамояд. Давлат қисман вазифаҳои пешинаи танзими ҳаёти иқтисодиро аз даст медиҳад, лекин назорати ҳудуд ва аҳолиро нигоҳ медорад. Аммо дар чунин ҳолат саволе пайдо мегардад, ки чи тавр давлат ҳудуд ва аҳолиро назорат менамояд, агар натавонад соҳаи иқтисодиро ба пуррагӣ танзим намояд? Албатта чунин вазъият нишон медиҳад, ки идоранамоӣ ва назорати давлатӣ бесамар гардидааст.

Аз тарафи дигар бошад, тарафдорони давлат-марказӣ бо боварӣ таъкид менамоянд, ки давлат дар маркази низоми байналхалқӣ қарор дорад ва ҳамчун иштирокчии асосии ҳалли масъалаҳои глобалӣ ва минтақавӣ баромад менамояд. Дар воқеъ идомаи тартиботи давлат-марказии ҷаҳонӣ маҳсули геополитика, васеъгардии иқтисодӣ, ҳалли сиёсӣ дар давраи баъди «ҷанги сард» аз тарафи як қатор давлатҳои пурқувват ба ҳисоб мерафт.

Давлат ба сохтори сиёсӣ ва иқтисодии баъди ҷанги дуюми ҷаҳон ташаккулёфта мувофиқ мегардад. Бунёди Созишномаи умумии тариф ва савдо, ки Созмони ҷаҳонии савдо гардид, сиёсати иқтисодӣ ва геополитикии Амрикоро таҷассум менамояд.

«Давлат тағйир меёбад, лекин ба пуррагӣ аз байн намераванд. Суверенитети давлатӣ халалдор гардидааст. Ҳукумат то андозае заиф гардидааст, лекин метавонад қарорҳои муайянро амалӣ созанд».[7] Чунин вазъиятро метавон ҳамчун қисми инкишофи тӯлонии низоми давлатӣ баррасӣ намуд, ки тариқи он дастрасии давлат дар як қатор соҳаҳо зиёд гардида, дар соҳаҳои дигар ночиз мегардад.[8]

Метавон як қатор ҷиҳатҳои махсусро қайд намуд, ки тағйироти нақши давлатро дар арсаи байналхалқӣ таъкид менамоянд. Иштирокчиёни фавқулмиллӣ ва транснатсионалӣ дар воқеъ дарои захираҳое мебошанд, ки аз қисми зиёди давлатҳои миллии алоҳида зиёд аст. Маҳз аз ҳамин хотир чунин иштирокчиён барои боз ҳам зиёд намудани даромади худ бевосита ба давлат таъсир мерасонанд. Қисми зиёди равандҳо дар мамлакатҳои алоҳида, пеш аз ҳама дар соҳаи иқтисодиёт, аз тарафи ин иштирокчиён танзим карда мешавад. Аз ҳамин хотир суверенитети кишварҳои алоҳидаи рӯ ба инкишоф, аз он ҷумла суверенитети иқтисодӣ хусусияти сохтаро касб менамояд. Чунин вазъият ба пайдоиши масъалаҳои мухталиф оварда мерасонад, ки яке аз онҳоро метавон бӯҳрони иқтисодии солҳои 1997-1998 номид.

Ҳамин тариқ, метавон мавқеъи муҳаққиқонро нисбати равандҳои глобализатсионӣ ва ояндаи давлатҳои миллӣ ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо намуд.

Якум, глобализатсия ин раванд ва вазъиятест, ки бо мавҷудияти миллат ва давлати миллӣ номувофиқ аст. Он ба бартараф намудани умумиятҳои миллӣ равона карда шудааст. Дар ин радиф муҳаққиқон пешниҳод менамоянд, ки глобализатсия заминаҳои набаробарии субъектҳои ҳаёти сиёсӣ ва моҷароҳои энтикиро ба миён меорад. Он маданияти таҳҷоии миллиро беқадр намуда, ба ҷои он фарҳанги «сеюм»-гибридиро бунёд месозад.[9]

Мухолифони ин ақида бошанд, пешниҳод месозанд, ки дар чунин мавқеъ омилҳои иқтисодиву молиявӣ, сиёсӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ омехта карда мешаванд. Ғасби давлатҳо ва ширкатҳои транснатсионалӣ ҳамчун глобализатсия баррасӣ карда

---

[7] James N. Rosenau, Along the domestic-Foreign Frontier: Exploring Governance in a Turbulent World. Cambridge, UK: Cambridge University Press. 1997, -P. 4.

[8] Ниг.: Stephen D. Krasner, “Sovereignty”, Foreign policy 122 (January -February)-P. 24.

[9] Тезисы докладов и выступлений на II Всероссийском социологическом конгрессе. –М., 2003. –С. 652.

мешаванд. Онҳо пешниҳод месозанд, ки дар асоси глобализатсияи иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ ташаккул ва инкишофи ҳаёти миллӣ ба миён меояд. То оғози раванди глобализатсионӣ дар кишварҳои алоҳида чунин заминаҳо ҷой надоштанд. Сармоя, таҷҳизот, илм, таҷриба ва намунаи фарҳангӣ аз сарҳадоти миллии давлатҳои Аврупо берун омада, ба равандҳои миллии давлатҳои алоҳида, ки дар ҳудуди онҳо ҷорӣ шудаанд, такони пурзуре додаанд. Глобализатсия на танҳо бе бунёди арзишҳои нав ғайриимкон аст, балки он болоравии худшиносии миллии халқҳоро талаб менамояд. Ба глобализатсия ҷаҳонӣ миллатҳои зиёде саҳми худро мегузоранд.

Нисбати ин мавқеъ қайд намудан зарур аст, ки на ҳама давлатҳои миллӣ қодиранд, ҳамчун субъекти глобализатсия баромад намоянд. Яъне, кишварҳои алоҳидаи рӯ ба инкишоф, ки аз ҷиҳати иқтисодиву иҷтимоӣ дар сатҳи паст қарор доранд, ҳамчун объекти глобализатсия баромад менамоянд. Чунин кишварҳои асосан дар переферияи муносибатҳои байналхалқӣ қарор доранд ва дар равандҳои глобализатсионӣ саҳме гузошта наметавонанд.

Дуюм, давлатҳои миллӣ барҳам мехӯранд ва аз саҳнаи таърихӣ берун мегарданд. Зеро қудрати ширкатҳои транснатсионалӣ аз қобилияти як қатор давлатҳои миллӣ зиёд гардидааст. Глобализатсия суверенитети воҳидҳои давлатиро, ки дар фазои амали он қарор доранд, вайрон месозад. Моҳияти раванди глобализатсия ба вайроннамоии суверенитет дар як давлат равона карда шудааст.[10]

Лекин, таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки дар оғози давраи мустамликадорӣ ва транснатсионалӣ, на танҳо давлатҳои хурд ва миёна, балки давлатҳои калон аз шабакаҳои вобастагии иқтисодӣ, молиявӣ ва сиёсии «давлатҳои бузург», ки дар муносибатҳои ҷаҳонӣ ҳукмрон буданд ва суверенитети давлатиро ба инобат намегирифтанд, дар ҳарос буданд. Баъдтар бошад, раванди якҷояи бунёди давлатҳои миллӣ оғоз гардид ва имрӯз барои ҳимояи суверенитети онҳо шароити хуби байналхалқӣ ба миён омадааст.

Нисбати чунин баҳс қайд намудан лозим меояд, ки суверенитети имрӯзаи давлатҳои миллӣ то андозае зери хатар қарор дорад. Зеро дар асоси инкишофи субъектҳои транснатсионалӣ мавқеъи давлати миллӣ заиф гардидааст ва вазифаи он дар арсаи байналхалқӣ тағйири шакл намудааст. Муқоиса намудани шароити имрӯза ба таҷрибаи гузашта номувофиқ мегардад, зеро шароит ва вазъияти ин ду давра аз рӯи хусусият ва истифодаи методҳои гуногуни тобеънамоӣ фарқ дорад.

Тарафи дигари равандҳои глобализатсионӣ ва пайдоиши мақомотҳои фавқулмиллии ҳокимият – сепаратизми этникӣ, пурқувват гардидани ҳокимият дар маҳалҳо шаҳодати маҳдудгардии суверенитети дохилӣ мегардад. Ҳамин тариқ, тадқиқотчиёни равандҳои глобализатсионӣ оиди интегратсия ва дезинтегратсия қайд менамоянд, ки якдигарро рад менамоянд. Ин ду раванд, албатта ба нигоҳдории принсипҳои суверенитет мусоидат намекунанд.

Илова бар ин ҳодисаҳои охирини сатҳи байналхалқӣ нишон доданд, ки давлат нишонаи асосии худ – монополияи истифодаи қонунии зуриро барои паҳннамоӣ ва тасдиқи идеологияи ягона аз даст додааст. Дар чунин ҳолат бартарӣ ба ҳуқуқи онсон дода мешавад, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ дар бисёр ҳолатҳо аз манфиатҳои давлатӣ боло мешуморад. Давлат қабилият надорад, ки ба талаботҳои аз равандҳои глобализатсионӣ бамиёномада ҷавоб гӯяд. Аз ҳамин хотир давлат маҷбур гардидааст, ки муносибатҳои ҳокимиятиро дар ҷомеа аз нав бунёд намояд.

Масъалаи суверенитети давлат дар давраи глобализатсия ҳалли ягонаро надорад, зеро дар кишварҳои алоҳида аз тарафи ҷомеа ба тариқи манфӣ қабул карда мешавад. Лекин қайд намудан зарур аст, ки дар асоси таҷрибаи мусбии ҳамкории давлатҳо дар соҳаи ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ таъсиррасонии тарафайн боз ҳам қавитар мегардад.

Умуман, саволе ба миён меояд, ки глобализатсия ба кишварҳо имкониятҳои нав меорад ё баръакс боиси пайдоиши таҳдид ва хатари нав мегардад? Мавқеъи ягонаро

[10] Населения и глобализация. –М., 2002. –С. 158.

ишғол намудан нисбати ин масъала амалан номумкин аст, зеро натиҷаҳои мусбӣ ва манфии глобализатсия доимо тағйир меёбанд. Глобализатсия падидаи объективӣ ва ногузири муосирро пешниҳод менамояд, ки бо воситаи сиёсати иқтисодӣ метавон суръати онро суст намуд, лекин нигоҳ доштан ё мавқуф гузоштани он номумкин аст.

Солҳои охир оид ба натиҷаҳои манфии глобализатсия ақидаҳои мухталиф пешниҳод гардидаанд. Яке аз натиҷаҳои манфии глобализатсия бунёди ҷомеаи глобалӣ – «низоми ҷаҳонӣ» ба ҳисоб меравад, ки маркази онро кишварҳои нисбатан инкишофёфта ишғол намуда, кишварҳои на он қадар тараққикардаро, ки переферия ва нимпереферияро ташкил менамоянд, истисмор месозанд.[11] Чунин ҳолат, пеш аз ҳама, ба бунёди бозори ҷаҳонӣ равона карда шудааст ва иқтисодиёти ба тариқи глобалӣ амалкунанда асосҳои иқтисоди миллиро вайрон месозад. Зеро сиёсати глобализатсия ба бартарафнамоии маҳдудиятҳои миллӣ-давлатии паҳншавии капитализм ва бозори озод равона карда шудааст. Иқтисодиёти глобалӣ – ин иқтисодиётест, ки қодир аст дар тартиби замони воқеъӣ ва ҳаҷми тамоми сайёра амал намояд.[12] Амалнамоии иқтисодиёт дар чунин тартибот вобастагии кишварҳои рӯ ба инкишофро аз бозори ҷаҳонӣ ба миён овард.

Адабиёт:

1. Дзодзиев В. Проблемы становления демократического государства в России. М.: Ad Marginem, 1996.
2. Кастельс М. Информационная эпоха: экономика, общества и культура / М. – 2000.
3. Манн М. Глобализация и 11 сентября (реферат) // Социологическое обозрение. 2002. Том 2. № 1.
4. Населения и глобализация. – М., 2002.
5. Политическая наука: новые направления / под.ред. Р. Гудина, Х.Д. Клингеманна; пер. с анг. –М., 1999.
6. Linda Weiss, ed., Introduction: Bringing the State Back In, // In States in the Global Economy. Cambridge: Cambridge University Press. 2003.
7. Susan Strange, The Retreat of the States: The diffusion of Power in the world Economy, Cambridge: Cambridge University Press. 2003.
8. Kenichi Ohmae, The end of the Nation States. New York: Free Press. 1995.
9. James N. Rosenau, Along the domestic-Foreign Frontier: Exploring Governance in a Turbulent World. Cambridge, UK: Cambridge University Press. 1997.
10. Stephen D. Krasner, “Sovereignty”, Foreign policy 122 (January -February) Тезисы докладов и выступлений на II Всероссийском социологическом конгрессе. –М., 2003.
11. Wallerstein I. The modern world system / I. Wallerstein // Social Theory: The Multicultural and classic readings/ - Boulder (Col.): West view Press? 1993.

ГЛОБАЛИЗАЦИОННЫЕ ПРОЦЕССЫ И ОСНОВНЫЕ ТЕНДЕНЦИИ РАЗВИТИЯ НАЦИОНАЛЬНЫХ ГОСУДАРСТВ

Солиев Б.Х.

В этой статье автор рассматривает основные тенденции развития национальных государств в эпоху глобализации. Развитие глобализации обеспечивается на основе формирования и развития различных международных субъектов и транснациональных корпараций. На основе глобализационных процессов национальные государства потеряют часть своих функций, и эти функции переходят к различным международным и региональным организациям. Автор считает, что национальные государства, со слабо развитым политическим и экономическим положением, в нынешних условиях не

[11] Ниг.: Wallerstein I. The modern world system / I. Wallerstein // Social Theory: The Multicultural and classic readings/ - Boulder (Col.): West view Press? 1993. P. 688.

[12] Ниг.: Кастельс М. Информационная эпоха: экономика, общества и культура / М. Кастелье. –М.: ГУ ВШЭ, 2000. –С. 105.

в состоянии решить свои внутренние проблемы и обращаются к международным организациям, что приводит к потерию их функций.

Ключевые слова: глобализация, национальное государство, региональные организации, международные организации, тенденция.

GLOBALIZATION PROCESSES AND THE TENDENCIES OF DEVELOPMENT OF THE NATIONAL STATES

Soliev B. Kh.

In this article the author examines the basic tendencies of development of the national states in epoch of globalization. The development of globalization is provided on the base of formation and development of the various international subjects and transnational corporations. On the base of globalization the national states will lose a part of the functions, and these functions pass to various international and regional organizations. The author considers that the national states with poor political and economic life, in modern conditions, are not in a condition to solve internal problems, so address them to the international formations, which will result of loosing of their functions.

Key words: globalization, national state, regional organizations, international organizations, tendency.

Сведения об авторе: Солиев Боймахмад Холович – зав. кафедрой политологии и философии Дангаринского государственного университета, тел.: (+992) 93- 594-16-81, e-mail: solievboy11@hotmail.com

Information about the author: Soliev Boimahmad Kholovich, Head of Political science and Philosophy chair in Dangara State University, tel. (+992) 93- 594-16-81, e-mail: solievboy11@hotmail.com

ҶАҲОНИШАВӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ КАМБИЗОАТИИ ҶОМЕА

Ҳакимов Раҷаб Муродович
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон номи Садриддин Айнӣ

Ҷаҳонишавӣ ва камбизоатӣ яке аз масъалаҳои асосии замони муосир ба шумор мераванд ва дар ҷомеаи муосири тоҷик ин падидаҳо нақши худро доро мебошанд. Ҳам камбизоатӣ ва ҳам ҷаҳонишавӣ солҳои зиёдест, ки диққати тадқиқотчиёни бахшҳои сиёсатшиносӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ғайраҳоро ба худ ҷалб намудаанд.

Аз ин лиҳоз, дар ибтидо моро лозим меояд, ки оиди падидаҳои мазкур ҷаҳонишавӣ (глобализатсия) ва камбизоатӣ (пауперизм) пайгир бошем ва то кадом сатҳ онҳо бо ҳамдигар умумият ва фарқиятҳо доранд, аз нигоҳи илми онҳоро баррасӣ намоем.

Бояд таъкид намоем, ки қисме аз таҳқиқотчиён ҷаҳонишавиро бо мафҳуми «тамаддун» ҳаммаъно медонанд ва хусусиятҳои як хелагии онҳоро таъкид мекунанд.[1] Тадқиқотчиёни мафҳуми камбизоатӣ низ онро ба маданият алоқаманд медонанд ва исбот кардани мешаванд, ки табақаи камбизоатон дорои маданияти муайяни худ мебошанд, ки аз маданияти дигар табақаҳои ҷомеъа ба кулли фарқ карда меистад.[2] Одатан зери мафҳуми камбизоатӣ муҳтоҷии доимо афзояндаи аҳолӣ, ки бо имкониятҳои маҳдуди дарёфти ҷои кори доими ва сатҳи пастӣ маош вобастаро медонанд, ки дар натиҷаи он гуруснагӣ, пастшавии қувваи ҷисмонӣ, ақлонӣ, нарасидани сару либос, пояфзол, шароити доимии манзили зист, зиёдшавии касалиҳои гуногун ва ғайраҳо фаҳмида мешаванд.

---

[1] Удовкин С. Л. Глобализация: семиотические подходы., с. 2.
[2] Мертон Р. К. Социальная теория и социальная структура\\ Социологические исследования. 1992. с.118 – 119, 120 – 121.

Камбизоатӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ дар ҳама давру замонҳо системаҳои иқтисодиро ҳамрадиф буд ва пайгири мекард, чунки камбизоатии оммавӣ дар ҷомеа дар ҳолате ба вуҷуд меояд, ки тақсимоти нобаробари сарватҳои табии рух додаст. Мувофиқи тадқиқотҳои Брокгауз ва Ефрон сабаби камбизоатӣ дар асрҳои қадим ва асрҳои миёнаро офатҳои табии, хушксолӣ, обхезӣ, сӯхтор, ҷангҳои қабилаҳо, ҷангҳои байни давлатҳо ва ноӯҳдабароҳии сарварону ҳокимон дар идоракунии ҳокимияту давлатдорӣ ба шумор мерафт. Чунончӣ, мутафаккири форсу тоҷик Муҳаммад Ғазолӣ қайд мекунад: «Ва воҷиб бувад султонро, ки чун раияти вай бечора шаванду ба сахтӣ дар монанд, эшонро фарёд расад. Хосса он вақт, ки қаҳт афтад ва андар монанд аз маишати хеш. Подшоҳ бояд, ки эшонро таъом диҳаду аз хазина ёрӣ кунад ба мол ва нагузорад, ки ҳашами вай бар раият ситам кунанду дахлҳои султон шикаста шавад ва ин сабаб буд, ки мулуки пешин аз ин ҳолҳо парҳез карданд ва аз хазина раиятро ёрӣ доданд»[3].

Чунин ваъзият дар Аврупо ҳангоми ҳукмронии Юлий Сезар дар империяи Рим, шоҳигарии Людовики Х1V дар Франсия ба қайд гирифта щудааст[4].

Доир ба камбизоатӣ баҳсҳо асрҳои аср давом карда то давраи муосир омадааст, масалан, дар адабиёти қарни 19 Александр Николаевич Островский асаре бо номи «Камбағалӣ айб нест» навишта буд, ки баъдан оид ба ин мавзӯъ Федор Михайлович Достоевский романи худ «Ҷиноят ва ҷазо» - ро менависад. Баъди инқилоби октябри соли 1917 нависандаи пролетари Максим Горкий асари худ «Дар ҷарӣ» - ро офарида буд. Ҳангоми кушода додани мафҳуми камбизоатӣ мо кӯшиш намудем, ки махазҳои ба мавзӯъ вобастаро аз қабили вожаномаҳо, адабиётҳои илмӣ, адабиётҳои бадеии мардуми форсу тоҷик, халқҳои ҷаҳон, рӯзнома, маҷалаҳоро истифода намоем. Дар ибтидо мехоҳем, оиди мафҳуми камбизоатӣ истодагари намоем, чунки дар доираҳои илмӣ мафҳумҳои зиёд, аз қабили «давлатҳои камбағал», «аҳолии қашшоқ», «камбағалони шаҳр», «камбағалони деҳот», «табақаи камбизоати аҳолӣ», «табақаи маргиналии аҳолӣ» ва ғайраҳо истифода карда мешаванд. Бояд қайд кард, ки бо кадом маъно агар ин мафҳум истифода нашавад, камбизоатӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ диққати олимони зиёдеро ба худ ҷалб намудааст. Дар тадқиқоти сабабҳои камбизоатӣ ва нақши он дар ҷомеа асосан нимаи дуюми қарни ХУ111 ва нимаи якуми қарни ХХ-ро бо номи А. Смит, Д .Рикардо, Т. Малтус, Г. Спенсер, Ж. Прудон, Э. Реклю, К. Маркс, Ч. Бут, С. Раунтр ва тадқиқотчиёни муосири падидаи камбизоатӣ дар қарни бистум Ф. А. Хайек, П. Таунсенд ва дигаронро мансуб медонанд.

Дар 20 – 30 – соли охир таълимотҳои гуногун оиди камбизоатӣ ба чашм мерасанд, ки сиёсати иҷтимоии муборизаи зидди камбизоатиро ташкил додаанд. Бояд қайд намоем, ки аксарияти таълимотҳои ба вуҷуд омада дар доираи хатҳои ҳадди ақали зиндагӣ тақсим мегарданд. Чунончӣ, Мирзоев Т. Х., қайд менамояд: «Дар нақши амалӣ фаҳмиши камбизоатии мутлақ ҳисобу китоб намудани ҳалли ду масъаларо дар назар дорад: якум, муайян намудани номгӯйи маҳсулот ва молҳое, ки «сабади зиндагиро» ташкил медиҳанд. Инҳо маҳсулот ва молҳо мебошанд, ки асоси ҷараёни таъмини зиндагии инсонро ташкил медиҳанд. Дар асоси дараҷаи истеъмоли ин маҳсулот таҳқиқотчӣ «ҳадди камбизоатӣ» - ро мегузорад ва ин ҳамон ҳадди аққали зиндагӣ мебошад, ки дар маҷмӯъ «ҳадди камбизоатӣ» - ро баҳодиҳӣ мекунад…Усули дигари ҳисобу китоби камбизоатӣ оморӣ – меъёрӣ номида мешавад, вай асосан дар мамлакатҳои ғарб истифода карда мешавад. Мувофиқи ин усул бо роҳи меъёрӣ танҳо «сабади зиндагӣ» муайян карда мешавад, чизҳои дигар (либос, хизмат, манзил, ва ғайра) бошад дар асоси меъёрҳои истеъмолоти табақаҳои камбизоатӣ аҳолӣ гӯё ҳамчун илова ба сабади истемоли хизмат мекарда бошанд»[5]

Мафҳуми ҷаҳонишавӣ дар маънои муосираш аввалин маротиба дар солҳои 80 – уми асри ХХ аз ҷониби Т. Левит дар рӯзномаи «Гарвард бизнес ревю» истифода бурда шудааст, яъне зери мафҳуми мазкур омезиши бозорҳои ҷудогонаи истеъмолиро, ки аз

---

[3] Муҳаммад Ғазолӣ. Насиҳат – ул – мулук, с. 82
[4] Румянцева Е. Е. Стратегия преодоления бедности, с.,7.
[5] Мирзоев Т. Камбизоати ва роххои рахои аз он, с. 15.

тарафи корпоратсияҳои байналмилалии кабири истеҳсолиро дар назар доштанд. Бояд қайд намоем, ки мафҳуми «глобализатсия» дар илмҳои ҷомеъашиносӣ бо номи сотсиологи америкоӣ Р. Робертсон ва тадқиқотчии ҷопонӣ К. Омар маълуму машҳур шудааст[6].

Албатта ин ва бо ҳамин монанд саволҳо ҷавоби илмӣ, тадқиқотҳои исботшавандаро аз ҳар фарди тадқиқотбаранда тоқазо менамояд, аз ин лиҳоз мо низ кӯшиш менамоем, ки дар мақолаи худ ҷаҳонишавиро ҳамчун омили камбизоатӣ, ҳамчун омили низоъҳои иҷтимоӣ- сиёсӣ дар сатҳи муайян пешкаш намоем.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди нақши ҷаҳонишавӣ ба камбизоатӣ тадқиқоти махсус дида намешавад, фақат баъзе аз самтҳои таъсири раванди ҷаҳонишавӣ аз ҷониби тадқиқотчиён Шоисматуллоев Ш., Зокиров Г., Шарипов С., Маҳмадов А., Ҳайдаров Р., Қаюмов Н., Умаров Х., Бобоева Л. ва дигарон тадқиқ шудаанд.

Доир ба падидаи камбизоатӣ низ асрҳои илмӣ-тадқиқотии ҷабҳаи сиёсӣ дошта шумораи зиёдеро ташкил намекунанд, қисми ками тарафҳои ин падида аз ҷониби Ҳакимов Р., Асозода М., Дӯстбоев Ш., Мирзоев Т. ва мутахассисони соҳаи иқтисодӣ баррасӣ шудааст. Аз ин лиҳоз оиди таъсири ҷаҳонишавӣ, аҳмияти он ба ҷомеаи муосири тоҷик, ҷиҳатҳои мусбию манфии ҷаҳонишавӣ, ҷаҳонишвӣ ҳамчун омили низоъҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, таъсири он ба табақаи камбизоатӣ аҳоли проблемаи актуалии ҷомеаи имрӯза ба ҳисоб рафта интизори тадқиқотчиёни худ мебошад.

Бояд қайд намоем, ки ҷаҳонишавӣ ба соҳаи ҳарбӣ сахт алоқаманд мебошад, ҳам дар маънои мусбӣ ва ҳам дар маънои манфии ин мафҳум. Дар ибтидо қайд шуда буд, ки тамаддун яке аз синонимии ҷаҳонишавӣ мебошад, гарчанде ки тадқиқотчиёни ғарби ин омили асосии инкишофи худро нодида мегиранд, чунки асоси онро ихтирои яроқу аслиҳа ташкил дода аст ва аз ин лиҳоз тамаддуни Ғарбро тамаддуни ҳарбӣ номидан боиси хато нест ва ҳеҷ ҷои шубҳа надорад. Ба ҳамагон маълум аст, ки аз ибтидоӣ асри Х1Х раванди яроқнокшавӣ, ихтирои яроқҳои гуногун дар Ғарб бо суръати баланд ба вуҷуд омада ва то ба имрӯз давом дораду абарқудратҳои ҷаҳони муосир онро барои манфиатҳои худ ва зери таёссаруф гирифтани дигар халқияту миллатҳои ҷаҳони муосир истифода мебаранд, аз тарафи дигар барои яроқнокшавии худ миллиардҳо доллярро харҷ менамоянд, ин дар ҳолест, ки дар қисматҳои дигари кураи Замин инсонҳои зиёд дар ҳолати қашоққи зиндагонию фаъолият доранд. Масалан, кашфиётҳои бузургро гирем, соли 1242 аз тарафи файласуфи машҳур Р. Бекон борут ихтироъ шудааст, соли 1326 тӯп, соли 1510 таппонча, соли 1883 пулемёт ихтироъ карда шудаанд, дар радифи номи Бекон мо метавонем, нобиғаҳои дигарро аз ҷумла Леонардо де Винчи, Энштейн, Королев ва худи Нобелро гузорем, чунки асоси маблағи ҷоизаи нобелӣ низ аз суратҳисоби истеҳсоли яроқ ва ҳатто яроқи ҳастаӣ ба олимон дода мешавад.

Бояд қайд намоем, ки омилҳои камбизоатии муосир дар фазои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ маълуму машҳур мебошанд, аз ҷумла ҳаст сабабҳои характери умумидошта, ҳаст сабабҳои махсус, ҳаст сабабҳое, ки характери мақомотӣ доранд. Бо маврид аст, ки қайд намоем сабабҳои мақомотии дар мо буда оиди камбизоатӣ аз дигар давлатҳои ҷаҳони муосир ба кулли моҳиятан фарқи калон доранд. Масалан, Мирзоев Т. Х., қайд менамояд, ки “дар аввали солҳои навадуми қарни гузашта озодшавии нарҳҳо, озодшавии савдо, фалаҷшавии ҳокимият бо вайрон кардани корхонаҳои калони саноатӣ, озмоишгоҳҳо ва ғайра, таблиғоти васеъ бурдан байни аҳолии русзабон ва синфи коргар оид ба ҷанги шаҳрвандии наздикомада дар Тоҷикистон ҳамроҳи карда мешуд. Дар натиҷа таҷҳизоти бисёр корхонаҳои ҷумҳурӣ аз ҳудуди Тоҷикистон берун бурда шуданд. Қисми зиёди ин заводҳо имрӯз низ фаъолият накарда истодаанд.., ана бо ҳамин ҷараёни ташкил ёфтани камбизоатӣ дар Тоҷикистон аз Эритрея, Ботсвана, Гвинеяи Экваториалӣ, Камерун ва ғайраҳо фарқ мекунад. Агар дар мамлакатҳои номбаршуда камбағалон ин асосан насли собиқ табақаҳои камбағал, ё деҳқонони безамин, ё қабилаҳои кӯчманчиҳои биёбон ва дар баробари ин саросар бесавод ва аз дастовардҳои тамаддуни муосир ягон тасаввурот

[6] Удовкин С. А. Глобализация: семиотические подходы, с.26.

надошта бошанд, пас дар Тоҷикистон низоми камбизоатӣ ҳам иҷтимоӣ, ҳам касбӣ аз руйи маълумот ва ҳам ҳудудӣ хусусияти хос дорад.

Бо шароитҳои муайян бояд қайд намуд, ки ин хусусият дар таърихи ҷаҳонӣ беназир мебошад, яъне махсусияти он дар ба вуҷуд омадан ва қашшоқ шудани категорияҳои пеш баландмузд, дар байни онҳо, олимон, омӯзгорон, кормандони дигар сохторҳои иҷтимоӣ вобастагӣ дорад. Дар баробари ин ба заминаи моддии илм ва умуман ҷараёни таълимӣ зарари ҷиддӣ расонида шуд."[7]

Чӣ тавре муаллиф қайд мекунад, "ҳангоми тақсим намудани заминҳо аз тарафи иҷрокунандагон на анъанаҳои қадим, на таҷрибаи дуру дарози ташкили истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ба ҳисоб гирифта намешуд. Дар натиҷаи роҳ додан ба ду хатогии даҳшатнок шумораи камбағалону камбизоатон дар деҳот садҳо маротиба афзудааст. Якум, далелҳое мавҷуданд, ки қисми зиёди заминҳои беҳтарини тақсим кардашуда аз тарафи хешу таборони ҳокимони ноҳияҳо аз они худ кардашуда буданд ва бо шароитҳои иҷораи фаръӣ ба дигар деҳқонон дода мешаванд. Дуюм, заминҳо ба хоҷагиҳои алоҳида тақсим карда шуда буданд, ки ҳеҷ кас аз қадим ба танҳоӣ кор намекарданд ва чунин меҳнат ҳама вақт каммаҳсул ҳисоб мешуд. Ин маънои онро дорад, ки камбизоатӣ ба деҳот дар ноҳияҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ бошуурона дароварда шудааст."[8]

Бояд қайд намоем, ки омилҳои ҷаҳонишавӣ то андозае пурзур гардида истодаанд, ки дар оянда пешрафти давлатҳои миллиро зери шубҳа мегузоранд, чунки ҷаҳонишавӣ як чанд самтро дарбар мегирад, яъне ҷаҳонишавии фарҳангӣ, иттилоотӣ, иқтисодӣ, сиёсиро ва онҳо ҳар яке боиси косташавии худшиносии миллӣ, камбизоатии маънавӣ, пастравии шуури мардуми таҳҷоӣ мегарданд.

Дар ҳақиқат имрӯз пешрафтҳои техникию илмие, ки дар ихтиёри абадқудраҳо қарор дорад ҷаҳонро дар ҳолате қарор додааст, ки ягон мамлакат наметавонад осебпазир набошад. Мувофиқи нақшаҳои геополитики ИМА барномае дорад ба дастгирии гуруҳҳои тундрави мазҳабӣ режимҳои ҳамкори Русия дар минтақаи Осиёи Марказиро дигаргун намояд ё то ҳадди аққал ноором созад, ба мисли давлатҳои Ливия, Миср, Ироқ, Афғонистон дар ин кишварҳо ба ном "инқилобҳои рангаро" роҳандозӣ кунад.. Мақсади асосии америкоиҳо ба дастовардани манбаҳои иқтисодии қитъаи Осиё ба шумор меравад, яъне ба даст овардани калидҳои назорати ва наздик шудану амали намудани нақшаи "анаконда"-и падарони геополитикии америкоён мебошад.

Вақте ки аз саҳифаҳои матбуоти даврӣ суханрониҳои сарони давлатҳо, сиёсатмадоронро мутолиа мекунед, дар назди башарият якчанд муаммоҳои ҷаҳонишавиро мебинед. Яке аз онҳо муаммои ҷаҳонишавии демографӣ аст. Як мисоли оддӣ: тибқи омори СММ ҳаммарӯза дар рӯи замин 250 ҳазор нафар кӯдак ба дунё меояд. Дар ҳар сония 3 нафар ба дунё меоянд. Мисол: аҳолии давлати Чин соли 1990 ба 1 миллиард нафар расида буд. Ҳоло он ба 1 миллиарду 400 миллион расидааст. Дар солҳои 80-90-уми қарни гузашта дар дунё ҳар сол 94-96 миллион нафар аҳоли зиёд шуда бошад, ҳоло бошад, ин миқдор ба 130-140 миллион нафар мерасад.

Олимон сайёраи моро ҳаматарафа тадқиқ карданд, ки он неъматҳои моддие, ки дар рӯи замин аст, танҳо барои таъмини 6,5-7 миллиард аҳолӣ басанда асту халос. Аммо дар соли 2011-ум дар ҷаҳон шумораи аҳолӣ ба 7 миллиард расид. Дар охири асри XX1 шумораи аҳолии дунё ба 20-21 млрд. , мерасад. Аҳолии Тоҷикистон низ ба 18-19 млн., нафар мерасад. Ҳоло дар дунё 1,5 млрд. нафар нимгурусна, 1 млрд. гурусна аст. Сол то сол аҳолии камбизоат зиёд мегардад. Танҳо бо роҳи татбиқи дастовардҳои илмӣ, биотехнология, биомуҳандисӣ ҳосилнокии заминро зиёд намудану ҷустуҷӯҳои геологӣ, офаридани намудҳои нави зироатҳои ба хунукӣ ва гармӣ тобовар, истифода бурдан аз бод, мавҷҳои баҳру уқёнусҳ мумкин аст дар асрҳои минбаъда замини мо 12-14 миллиард аҳолиро ба хурок таъмин кунад.

Дар муддати кӯтоҳ зиёдшавии аҳолиро "таркиши демографӣ" меноманд. Аз рӯи гуфти собиқ директори бонки ҷаҳонӣ Э. Макномара зиёдшавии аҳолиро дар солҳои 70-

[7] Мирзоев Т. Камбизоати ва роххои рахои аз он, с. 35.
[8] Мирзоев Т. Камбизоати ва роххои рахои аз он, с. 37.

ум аз таркиши бомбаи атомӣ ҳам бадтар аст ё ҷанги сеюми ҷаҳон номидааст, ки воқеият дорад.[9]

Дар ин мақолаи худ идеологи якуми америкоӣ З. Бзежинский нақшаи барқарории сохти нави ҷаҳониро матраҳ намуда қайд намудааст: “ Мо бояд бипазирем дунёи имрӯзро ба сӯи якҷояшавӣ, ки дер боз дар интизораш будем, равон аст. Ҷаҳони нав шакли ҷамъияти глобалиро мегирад. Дар аввал албатта ин раванд иқтисоди ҷаҳониро фаро хоҳад гирифт ва бояд механизми ба нақшагирии глобалӣ ва тақсими дарозмуддати захираҳоро дар ҷаҳон кор карда бароем.[10]

Тамоили қашшоқшавии аҳолӣ дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ пурзӯр шуд, ки ба ин бӯҳрони молиявии соли 1998 дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ мусоидат кард. Дар давраи аз соли 1997 то соли 1999 шумораи қашшоқон дар тамоми ҷаҳон 2,5 баробар афзуд, аз 40 то ба 100 миллион расид. Наздики нисфи аҳолии кураи Замин, яъне қариб 3 миллиард одам аз гуруснагӣ азоб мекашанд, вале дар ИМА ҳарсол барои муборизa баҳри барҳам додани оқибатҳои пурхӯрӣ зиёда аз 100 миллиар доллар харҷ карда мешавад.

Бо назардошти тақсимоти нобаробарии афзалият, оқибатҳои раванди ҷаҳонишавӣ дар мамлакати мушаххас зиёдтар ба сатҳе, ки ин кишвар дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ ишғол мекунад, вобастагӣ дорад. Аз ин лиҳоз се омили асосии ба ҷаҳоншавӣ вобастаро, яъне таҳдид, хатар, мушкилоти воқеии мансуб ба ҷаҳонишавиро дида мебароем:

1. Хатарҳое, ки дар ҳамаи мамлакатҳо вуҷуд доранд:
2. Эҳтимоли сар задани хатар дар мамлакатҳои нисбатан хурд;
3. Дар мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пурқувват.

Нобаробарии калон дар мамлакатҳои “сарватманд” ва мамлакатҳои“камбизоат” ба вуҷуд меояд, ки онро мо дар мисоли кишварҳои зиёди Америкаи Лотинӣ, Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ дида истодаем.

Хулоса раванди ҷаҳонишавӣ дар Чумҳурии Тоҷикистон чун дигар кишварҳои дунё тарафҳои мусбат ва манфии худро доро мебошад ва мо бояд тарафҳои мусбии онро барои иқтисоди кишвар ва некӯаҳволии он истифода бурда тавонем ва аз ҷониби дигар таъсири манфии онро каму безарар ва амнияти ҷумҳуриро дар ин раванд таъмин карда тавонем.

Адабиёт:

1. Муҳаммад Ғазолӣ. Насиҳат – ул – мулук. Душанбе. “Ирфон,” 1993. – 144 с.
2. Мирзоев Т. Камбизоати ва роҳҳои раҳоӣ аз он. Душанбе. “Шарқи Озод,” 2011. – 592 с.
3. Мертон Р. К. Социальная теория и социальная структура // Социологические исследования, № 12., 1992 г.
4. Румянцев Е. Е. Стратегия преодоления бедности. Мн.: Армита., Маркетинг., Менежемент, 2001., - 288 с.
5. Худойбердиев С. Таркиши бомбаи атомӣ ё муаммои демографие, ки олимонро ба шигифт андохтааст // Тоҷикистон, № 19 (975) аз 9.05.2012 сол., с. 5.
6. Сёвуш Қ. Қарзи хоричӣ: Тоҷикистон худро воршикаста эълон мекунад? // Озодагон, № 44 (253) аз 7.11. 2012., с.7.
7. Удовкин С. Л. Глобализация семиотические подходы. М.: “Рефл – букв”, К.: “Ваклер,” 2002., - 480 с.

ГЛОБАЛИЗАЦИЯ КАК ФАКТОР ВОЗНИКНОВЕНИЯ БЕДНОСТИ В СОВРЕМЕННОМ ОБЩЕСТВЕ

Ҳакимов Раджаб Муродович

В статье исследуются состояние, проблемы и переспективы развития глобализационных процессов и их последствия для человека и общества, в том числе национальных государств, как Таджикистан.

Ключевые слова: глобализация, бедность, потребительская корзина, общество.

---

[9] Худойбердиев С. Таркиши бомбаи атомӣ ё муаммои демографие, ки олимонро ба шигифт андохтааст// Газ. Тоҷикистон., № 19 (975), аз 9.05.2012 сол.

[10] Газ., Дунё., аз 3.03. 1975 сол.

GLOBALIZTION AS A FACTOR OF EMERGE OF POVERTY IN MODERN SOCIETY

Hakimob Rajab Myrodovich

One of the main modern problems is considered poverty which has many reasons. On the other hand a question globalization of people of the word is visible now. At is a question has the negative and positive parties. The author investigated it two concept in comparisons with other concepts. Emergence of the reason is shown in this article globolirization.

***Key words*:** globalization, poverty, medium level of society, internal product.

Сведения об авторе: Хакимов Раджаб Муродович- кандидат политических наук, доцент кафедры политологии Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддин Айни, тел.: (992) 95-195-29-71

Information about the author: Hakimov Rajab Murodovich- PhD of political science,Tajik State Pedogogical University named after Sadriddin Aini, tel.: (992) 95-195-29-71

МАСЪАЛАИ ОИЛА ВА НИЗОМИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ ДАР ТАЪЛИМОТИ АБДУРАУФИ ФИТРАТ

Маҳмудова Ф., Самиев Б., Мирганова Н., Додоҷонов А.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Масъалаи меҳварии асари Абдурауфи Фитрат “Роҳбари наҷот” – ро масъалаи оиладорӣ ва муносибатҳои хонаводагӣ, тарбияи фарзанд, ки “асоси бинои ҳаёт” мебошанд, ташкил медиҳад. Ба назари Фитрат «дунё як ҷадалгоҳи умумист ва бузургтарин паҳлавонони ин майдон одамиёнанд. Ҳар кас дохили синни рушд гардид, маҷбур аст, ки барои таъмини саодати хеш дохили ин майдон гардад, саргарми гирудор шавад. Дар ин майдони ҷолиб ғолибият касеро насиб нест, ки худро бо се навъ силоҳ мусаллаҳ намояд: 1. тандурустӣ; 2. фикри солим; 3. ахлоқи ҳасана. Касе, ки бидуни яке аз ҳамин силоҳҳо дар ин майдон дарояд, мумкин нест, ки маглуб нашуда барояд. Ба ибораи дигар, саодат касеро насиб аст, ки бадани дуруст, фикри солим ва хулқи некӯ дорад. Ва илло ӯрост, ки агар бадбахтии фарзанди худро нахоҳад, пеш аз ин ки ӯро дохили ин майдон бисозад, ба аслиҳаи сегонаи мазкура мусаллаҳаш намояд»[1].

Агар ин андешаи Фитратро таҳлил намоем, маълум мегардад, ки олам монанд ба як майдони муборизa, мухолифат, таззодҳо, низоъҳо буда, дар меҳвари ҳамаи инҳо одам қарор мегирад. Инсон ҳангоме, ки ба синни рушду камол мерасад, барои саодат, масъулиятнокӣ ва хушбахтии худ ва аҳли хонаводааш ба ин майдони муборизa ва задухӯрд дохил шуда, барои муайян кардани мақом ва манзалат дар ҷомеа, талош менамояд. Яъне, инсонро мақсад дар ин майдони пур аз бархӯрдҳо муваффақ шудан ба корҳо ва амалигардонии ҳадафҳо мебошад. Аммо мутафаккир таъкид медорад, ки барои он ки фард аз ҳама муборизахо пирӯз барояд, ба ҳадафҳои худ расад бояд ба се навъ силоҳ худро мусаллаҳ гардад: тандурустӣ; фикри солим ва ахлоқи ҳасана. Мутафаккир аз ин се навъи тарбияи солими шахс дар ҷои аввал тандурустиро мегузорад. Баъдан фикри солимро тавсия медорад, зеро ба ҳар як масъала ва ҳодисаи рӯйдода ақлонӣ муносибат бояд кард. Сониян, ахлоқи ҳасана - покизарафторӣ, назофат, рафтору одоб барои ҳар як фард солим зарур аст.

Дар таҳвият ин андеша Фитрат зикр менамояд, ки волидайн фарзандони худро дар ҳаёт бо ин се навъи аслиҳа мусаллаҳ намояд, то дар раванди ҳалли масоили хонаводагӣ ва ҷамъиятӣ ба мушкилот рӯ ба рӯ нагарданд. Аз ҷумла, падар агар ин вазифаро иҷро нанамояд фарзандаш дучори мушкилоти азим мегардад ва дар зиндагиаш ба нокомиҳо

[1] Абдурауфи Фитрат. Роҳбари Наҷот. – Душанбе, 1992. - С. 351 - 352.

гирифтор мешавад. Яъне «Бас, ҳар падареро лозим аст, ки агар бадбахтии фарзанди худро нахоҳад, пеш аз он ки ӯро дохили ин майдон бисозад, бо аслиҳаи сегонаи мазкура мусаллаҳаш намояд. Ҳосили майдони тарбият ҳам ҳамин аст, яъне тарбият одамиро баданан, фикран, хулқан ба камол расонидан ва қобили таҳсили саодат намудан аст».[2]

Волидайн тарбияи фарзандро аз давраи тифлӣ бояд бо камоли ҷиддият ба роҳ монанд, то оянда баландиқбол ва саодатманд шавад. «Агарчи, - менависад Фитрат, - ҳар фард аз афроди одамро аз гаҳвора то ба гӯр қобилияти тарбият мавҷуд аст, лекин таъсири тарбият ҳангоми тифлӣ дар ҳар сурат беҳтару муҳимтар аст аз таъсири тарбият ҳангоми пирӣ. Ин аст, ки ҷомеаи аҳвоми мутамаддин дар хусуси тарбияи кӯдакони хеш доимо бо камолоти ҷиддият сарфи ҳиммат менамояд. Онҳо саодат ва фалокати истиқболи худро тобеи тарбияи атфол медонанд. Яқин доранд, ки камтарини халале, ки ба тариқи тарбияти атфоли як қавм мерасад, рафта-рафта бузургтарин зарари қавмро боис хоҳад шуд»[3].

Ҳамин тавр, Фтрат ҳамчун муаллими ахлоқ дар тарбияи авлод ва махсусан тарбияи кӯдакон ба ду мунсибати инсонӣ диққати ҷиддӣ медиҳад. Яке, беист, пай дар пай ва бо камоли ҷиддият ба тарбияи атфол машғул гардидани волидайн ва махсусан падарон ва бо ҳамин дар ин роҳи мураккабу мушкил тарбияи кӯдакон ба мақсад расидани онҳо мебошад. Танҳо ҳамин роҳи тарбияи кӯдак - ҳам кӯдак, ҳам аҳли хонаводаи ӯро ба саодат метавонад расонад. Аз сӯи дигар тарбияи тифлро аз доираи назар дур сохтану аз хотир баровардани волидайн ва махсусан падарон ва қудрати моддию маънавии худро харҷи тарбияи кӯдакон насохтани онҳо ва бо ҳамин сабабгори минбаъд бадбахтиву бетолеӣ ва ба фалокат дучор шудани фарзандон мешаванд. Яъне камтарин халале, ки ба тариқи тарбияти атфоли як қавм мерасад, рафта-рафта бузургтарин зарари он қавмро боис хоҳад шуд.

Як ҷиҳати муҳим ва асосие, ки арзишмандии ақидаҳои Фитратро дар ин боб инъкос медорад, ин ҷудо кардани ин се навъ силоҳи инсонӣ - тандурустӣ, фикри солим ва ахлоқи ҳасана ба се қисми тарбият: тарбияти бадания, тарбияи фикрия ва тарбияи ахлоқия мебошад.

Бояд қайд кард, ки Фитрат на танҳо ин се силоҳи инсониро ба се навъи тарбияти инсон ҷудо кардааст. Ҳамзамон нақш, вазифа ва муҳимияти ҳар се навъи тарбияро бо овардани далелҳои воқеӣ ва маводи сеаҳеҳ муайян месозад. Масалан, дар бахши «Тарбияи бадания» - и боби «Тарбияи авлод» таъкид медорад, ба инсон аз рӯзи таваллуд то дами вопасини ҳаёт неъмати бузург саломатӣ ё худ тандурустӣ муҳим аст. Чунки инсон, ки пайваста дар ҷустуҷӯ ва талош аст ӯ бо солимӣ муҳтоҷ мебошад. Бинобар ин тавсияи Фитрат дар ин хусус иборат аз он аст, ки вақте волидайн фарзанд ба дунё меоранд бояд ба тарбияи бадания, яъне тандуруст ба воя расидани ӯ ҷаҳду талош варзанд. Хусусан, вазифаи аввалиндарачаи модар, ки нӯҳ моҳ кӯдакро дар батн нигоҳ медорад ва бо хуни худ ӯро тарбият мекунад иборат аз он бошад, ки чунин кореро ба анҷом расонад: 1. Модар ҳаногме ки тифл дар батнаш аст бояд аз ҳар гуна коре ё худ ғизое, ки метавонанд муҷиби беморӣ гарданд, парҳез кунад. 2. Худро аз таъсири ҳама гуна омилҳои таъсири манфӣ диҳанда, ҳифз намояд. 3. Ба сифати хӯроки тифл аҳамият диҳад, аз ҷумла ба кӯдак ғизоҳое омода созад, ки зудҳазм бошанд. 4. Муҳимтар аз ҳама реҷаи ғизодиҳиро ба кӯдак риоя дорад. Чунки сабаби асосии ба беморӣ гирифтор шудан ва ба ҳалокат расидани кӯдакон аз риоя накардани реҷаи хӯрокхӯрӣ вобастагӣ дорад. Сари вақт ба кӯдак хӯрондани ғизоҳои лазизу хуштаъм ва зудҳазмшаванда ба солимии бадани тифл меорад.[4]

Ҳамин тавр, агар аз як тараф Фитрат ғизоро асоси саломатӣ ва инкишофи кӯдак ҳисоб кунад, аз тарафи дигар мухимтарин восита ҷиҳати ҳастӣ ва бақои ӯ ҳаво ба шумор меравад. Дар ин хусус чунин менависад: “Бас бояд кӯдакон доимо дар ҷойҳое

[2] Фитрат. Роҳбари наҷот. С. 352.
[3] Ҳамин ҷо… - С. 352
[4] Ниг: Фитрат. Роҳбари наҷот. - С. 355.

нишасту бархост намоянд, ки ҳавои соф ва ғайримутааффин (ғализ) дошта бошад. Ин аст, ки ҳукуматдорони Фаранг (Европа) ва Руссия дар ҳар тарафи шаҳрҳои хеш барои кӯдакон чорбоғҳо ва майдонҳои ҳаводор омода менамоянд. Ғайр аз ин ҳам дар мамолики онҳо мактабе нест, ки барои бозӣ ва танаффуси кӯдакон боғҳои фараҳафзо надошта бошанд.”[5]

Воқеан таъкиди Фитрат дар ин боб қобили дастгирӣ ва амалинамоӣ мебошад. Зеро ҳаво ҳамчун яке аз ҳиссаҳои муҳими зиндагӣ буда, ҷисму бадани кӯдакро поку тоза нигоҳ медорад, ҳамзамон ӯро аз ҳамагуна анвоъи маризиҳо, аз ҷумла бемориҳои сироятӣ ҳифз медорад. Аз ҷониби ҳукуматдорони аврупоӣ ва Россия муҳайё кардани боғчаҳо, майдончаҳои варзишӣ, истироҳатгоҳҳои хушбоду ҳаво ҷиҳати тарбияти баданӣ ва тандурустии кӯдакон бешак далолат аз асосӣ будани ҳавои соф ва тоза мекунад.

Ба ғайр аз ғизои лазиз ва ҳавои софу беғубор инчунин Фитрат иллати дигари солимии бадани кӯдаконро варзиш, машғул шудан ба тарбияи ҷисмонӣ мебинад. Зеро варзиши бадан - ҷисми тифлро бо камоли суръат инкишоф медиҳад, маризиҳоро аз вуҷудаш берун месозад. Баръакс беҳаракатӣ ва ба машқи бадан напардохтани кӯдак ба бузургшавӣ ва камоли ҷисмиаш монеа барпо карда, ба маризиҳо меорад. Инҷо метавон маълум кунонид, ки тибқи андешаи Фитрат як вазифаи муҳими волидайн ба фарзанд ин ҷалб кардани ӯ ба варзиш, тарбияи бадан маҳсуб мешавад.

Назокат ва покизагӣ рукни чаҳорум аст, ки волидайн барои солимии фарзандаш онро ҷиддӣ риоя доранд. Хусусан, мутафаккир менависад, ки “назофату покизагӣ барои бузургон ҳар қадар ки лозим бошад, барои кӯдакони хурдсол даҳ баробари он лозиму зарур мебошад. Пас, падару модарон ва муаллимонро лозим аст, ки ҳар рӯз дасту рӯи кӯдаконро бо собун бишӯянд, даҳону дандонҳояшонро дар ҳар таҳорат мисвок кунанд, доиман либоси кӯдаконро назорату тафтиш намоянд, то мумкин аст, онҳоро дар ҷойҳои бе магасу пашша нишонанд.”[6]

Баъд аз он ки мутафаккир таҷрибаҳои кишварҳои Аврупо ва Руссияро меомӯзад дар муқоиса бо вазъи мактабҳои кӯҳнаи Бухорои амирӣ, дар асоси қоидаҳои илмӣ таъкид мекунад, ки барои интишору паҳн нашудани бемориҳо, аз ҷумла касалиҳои сироятӣ, бачагони бисёр дар як ҷой ҷамъ нагарданд. Аз ҷумла ҳолати биноҳо, таъмин набудани онҳо бо воситаҳои оддитарини таълимӣ, набудани рӯшноӣ тавҷҷуҳи Фитратро ба худ ҷалб намуда, ба чунин хулоса меорад: “Бечора кӯдакони маъсуми мо аз ҳавои соф маҳрум монда, дар кунҷи мактабҳои торик ва бадбӯй монанди чаҳорпоён дар болои хасу хошок нишаста, тамоми ҳашт нӯҳ соат бидуни фаҳмидан дарс мехонданд ва ҳар рӯз як зарби чӯбу мушти як муаллими ҷоҳил сарашон мекафид ва ба пояшон хун меҷӯшад, пушташон маҷрӯҳ ва рухсораашон кабуд мешавад ва ҳашт сол бо ин тариқа гузарон менамоянд. Бинобар он вақте ки аз мактаб баромаданд, монанди маҳбусони ҳаштсола бемор, заиф, суст, беғайрат ва ифлос мемонанд.”[7]

Агар дар боби “Тарбияи авлод” - и китоби “Роҳбари наҷот” бахши “Тарбияи бадания” дар ҷои аввал қарор гирад, пас, ҷойи дуюмро дар ин боб бахши “Тарбияи фикрия” ташкил медиҳад. Мувофиқи фаҳмиши Фитрат масъалаҳои “фикру ақли одамиро ба камол расондан ва қобили таҳсили саодат намудан” - и аҳли ҷомеа масъалаи меҳварии тарбияи фикрия мебошад. Яъне манзур аз “камоли ақли одамӣ” ва “қобилияти таҳсили саодат” аз назари Фитрат он аст, ки инсон аз синни тифлӣ ба хубӣ дуруст, ҳаққонӣ, рост ва мантиқӣ муҳокима карда тавонистан ва қобилияти аз қазия, масъала, воқеаву ҳодиса ҳукму фармон ва хабару қазияи маҷҳулро истихроҷ намуда тавонистани ҳар як фард дар ҷомеа мебошад. Барои он ки ақли одамӣ инкишоф ёбад ва имконоти ба хубӣ муҳокима намуданро пайдо намояд, онро бо қонуниятҳои ҳар як илм, аз ҷумла бо хар се қонуни илми мантиқ, ки аз исобат (ёфтан, бехато ба нишон расидан),

[5] Ҳамин асар... - С. 356.
[6] Фитрат. Роҳбари наҷот. - С. 357.
[7] Фитрат. Роҳбари наҷот. - С. 359.

истиқомат (ботартибӣ, побарҷоӣ) ва суръат иборатанд, ғанӣ гардондан лозим аст, то ки ҳар фард бо тавассути он қонунҳо илму дониши замони худро азбар намояд, фикру ақида ва сарвати маънавиашро афзун гардонад ва ташаккул диҳад.

Исботи фикрро ба ҳар як фард аввалин шуда аз хурдсолӣ муаллим медиҳад. Яъне устод на танҳо ба шогирд маълумотҳои оддии саҳеҳ медиҳад, балки аз ҷониби дигар аз майнаи ӯ фикру ғояҳои беасос ва саҳвро бартараф мекунад. Ба ҷои онҳо дар майнааш далелҳои воқеӣ, санҷидашударо нисбати қазия ва воқеоти гуногун ҷой мекунонанд.

Фитрат роҷеъ ба ҷанбаҳои муҳими тарбияи фикрӣ ҳарф зада, пеш аз ҳама се ҷиҳатро дар рушди он муҳим ва мавриди истифодабарӣ меҳисобад. Ҷиҳати якӯми тарзи тарбияи фикриро Фитрат дар он мебинад, ки "Аввалан, кӯдаконро бояд соҳиби исботи фикр намоед, яъне доимо ба онҳо маълумоти саҳеҳи таълим диҳем ва диққат кунед, ки фикрҳои ботилу беасос ба хотири онҳо ҷой нагиранд, вагарна дар бузургӣ аз ҳамон маълумоти ботила ва фикрҳои беасл қазияро тартиб дода, муҳокимаҳои ғалат мекунанд ва ба муқтазои он муҳокимаҳои ғалату беасос дар роҳҳои хато мераванд ва зарардида мешаванд."[8]

Аз ин пешниҳоди мутафаккир чунин натиҷа метавон бардошт, ки волидайн ва устодон масъул бошанд, ки аз хурдсолӣ бояд кӯдаконро барои воқеӣ фаҳмидани ҳодиса, дуруст инъикос доштани мазмуну мӯҳтавои он равона дошта, барояшон маълумотҳои бехатои илмӣ диҳанд, бо нақли афсонаву ривоятҳои гуногун майнаашонро олудаи фикрҳои беасос насозанд ва аз бардошти ҳақиқат бебаҳраашон насозанд.

Барои ба як қолаби дуруст даровардани фикри кӯдакон ва ба муҳокимаронии возеҳу саҳеҳ равона доштани онҳо қисми дуюми қонуни илми мантиқ - истиқомати фикр низ нақши созгореро метавон гузорад. Мазмун ва мӯҳтавои ин асл дар он аст, ки волидайн ва муаллимон бояд ба кӯдакон ҳодисаву воқеаҳоро дуруст шарҳ диҳанд, аҳамияти амалӣ ва назарии онҳоро беғалат ба онҳо фаҳмонанд. Дар маҷмӯъ низомнокиро дар таҳлил ва баррасии ҳодисаҳо риоя доранд. То ин ки бачагон бадиҳои ҳар бадиро ва хубиҳои ҳар хубиро амиқан фаҳманд. Ҳамзамон бачагон ба он тавҷуҳ диҳанд, ки ба омӯзиши ҳар як илм, пеша, тақлидкорона ва бе ҷиддият муносибат накунанд. Тавассути донишҳои саҳеҳи гирифта ба баҳсу мунозира пардозанд, натиҷаҳои бадастомадаро дуруст хулосабарорӣ намоянд. Муҳимияти ин рукнро Фитрат чунин таҷассум медорад, ки: "Сониян, кӯдаконро соҳиби истиқомати фикр намудан даркор аст, яъне онҳоро бо ҳолате биёранд, ки қазияҳои маълуму қазияҳои маҷҳулро ба рости истихроҷ намоянд, яъне бо вуҷуди доштани маълумоти саҳеҳ дар аснои муҳокима ба ғалат наяфтанд."[9]

Ниҳоят, истиқомати фикр тибқи фаҳмиши мутафаккир ба бачагон баҳри дуруст муҳокима рондан, хубро аз бадӣ фарқ кардан мадад мерасонад. Инчунин аз рӯи таснифоти Фитрат барои тарбия ва камолоти инсонӣ, яъне ақли солиму амали солеҳ ва дуруст муҳокима рондан, қонуни сеюми мантиқ - суръати муҳокимаи фикр, ки вазифаи он "қазияҳои саҳеҳи маълумаро бе таваққуф тартиб кардан ва ба қазияи маҷҳул гузоштан аст", мақоми муҳим мебозад. Ин асл низ бо исботи фикр ва истиқомати фикр сахт марбут аст ва ба толибилмон баҳри амалисозии ҳадафҳо мадад мерасонад. Бояд гуфт, ки ду дараҷаи муҳокима баҳри камолоти инсон – исботи фикр ва истиқомати фикр ба суръати муҳокимаи фикр муттаҳид гардида, ба ҳар шахс кӯмак мерасонад, ки саҳву хатогиро дар раванди баррасии фикр содир нанамояд, илму дониши азхуд кардаашро дар амалия ва рӯзгори ҳаррӯзааш дуруст ба кор барад, аз илму дониши ҳозира натиҷаву хулосаҳои саҳеҳ бароред, назария ва асосҳои илму дониши андӯхтаашро дар амал, дар кору меҳнати ҷисмониву ақлӣ ва зиндагии ҳаррӯзааш бе ғалат ба кор барад, то ки зиндагии ҳаррӯзааш пойдору устувор монад. Дар тасдиқи ин матлаб Фитрат чигунагии суръати муҳокимаи фикрро ин тавр шарҳ додааст: "Кӯдаконро соҳиби суръати муҳокима намудан даркор аст,

[8] Фитрат. Роҳбари наҷот. - С. 360-361.
[9] Ҳамин асар... - С. 367.

барои ин мақсад кори дигаре лозим нест. Ҳар қадар ки кӯдаконро нисбат ба истиқомати фикр ҳосил шавад, суръати муҳокима бештар хоҳад шуд.”[10]

Ҳамин тавр, суръати муҳокимаи фикр инсонро ба он ҳидоят мекунад, ки бе мушкилӣ, дуруст ва беғалат оид ба ҳар як қазия фикру андешаи худро баён дошта, натиҷаи донишҳои андӯхтаашро дар рӯзгор ва пешрафти ҷомеа истифода барад.

Қисми сеюми боби “Тарбияи авлод” - и китоби “Роҳбари наҷот” – ро бахши “Тарбияи ахлоқ” ташил медиҳад. Масъалаҳои меҳварии ин бахши тарбияро мутафаккир ба камоли ахлоқӣ расонидани инсон ва ҳамчун як аъзои нафърасони ҷомеаи инсонӣ гардонидани ӯ меномад. Дар ин радиф таъкид медорад, ки барои расидан ба камоли ахлоқӣ ва яке аз аъзоҳои манфиатовари ҷамъият гардидани инсон ӯро тарбияи бадания, тарбияи фикрия ва ахлоқия бояд дар мадди аввал қарор гирад.

Фитрат дар роҳи ҳалли ин масъала ба ҳикммати ахлоқии Саъдии Шерозӣ такя карда, ба волидайн ва тарбиятгарон чунин маслиҳат медиҳад, ки “Дар ин хусус маслаке беҳтар аз маслаки Шайх Саъдӣ нест, яъне қавоиди ахлоқияро бо ҳикоятҳои ширин ҳамроҳ карда, он ҳикоятҳоро ба кӯдакон хононед ва онҳоро дар бораи ҳамин ҳикоятҳо муҳокима кунонида, фоидаи некӣ ва зарари бадиро хотирнишон намоед.”[11]

Манзур аз тавсия додани маслаки Саъдӣ дар боби тарбия аз он ҷиҳат муҳим аст, ки дар вақти хондани ҳикояҳои латиф, ки бо тарзи фаҳмо ва равон баён доштааст аз як тараф хонанда маълумоти саҳеҳ ва заруриро ба худ мегирад ва аз тарафи дигар ҳангоми огоҳ шудан аз қаҳрамонҳои ҳикояҳо моҳияти мафҳумҳои некӣ ва бадиро дар майнаи сар инъикос дошта, барои ислоҳи амалҳои зишт ҷаҳд менамояд. Ин нукта имрӯз низ аз он ҷиҳат дар раванди таълиму тарбия қобили қабул аст, ки маслаки Саъдӣ хастагиро аз вуҷуди хонанда дур месозад, ӯро барои аз майнаи сар бартараф кардани фикрҳои беҳӯда ва беасос равона менамояд. Ҳамаи ин муҳимиятҳо ва андешаҳои арзишманди ахлоқии Саъдиро ба инобат гирифта, Фитрат онҳоро мураббии асосӣ дар тарбияи ахлоқияи кӯдакон ва талабогон меҳисобад.

Агар аз назари Фитрат яке аз роҳҳои муҳими тарбияи хуб додани талабагон ташвиқи панду ахлоқи Саъдӣ ва дигар муаллимони ахлоқ бошад, шарти азими дигари ин бахш аз ҷониби мураббӣ ва муаллим ба инобат гирифтани синну сол, вазъияти хонавода, авзоъи иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа, ки ба зиндагии кӯдак ё талаба алоқамандӣ дорад, мебошад. Зеро кӯдак дар кадом муҳите, ки тарбия нагирад ҳатман хулқу хӯ ва рафтори аъзоёни муҳитро ба худ мегирад. Мутафаккир дар ин радиф чунин арза медорад, ки “Кӯдакон тарбияи ахлоқиро аз муҳити худ мегиранд. Ба ибораи дигар, кӯдакон мисли обанд. Об дар ҳар зарфе, ки бошад, шакли он зарфро қабул мекнад. Кӯдакон низ дар муҳите, ки бошанд, одату ахлоқи он муҳитро қабул менамоянд. Яъне ҳар одату ахлоқе, ки дар хона аз падару модар, дар мактаб аз ҳамдарсон ва муаллимон, дар кӯча, аз рафиқони худ мебинад, фавран он одатро қабул мекунанад ва ба он ахлоқ мутааллиқ мегарданд.”[12]

Фитрат вазъи таълиму тарбияро дар мактабҳои кӯҳнаи Бухоро ва сатҳи маърифатнокии мардуми кишвар ва бадхлоқии бархе аз мураббиёну муаллимони аморатро, ки барои коста шудани ахлоқи ҳасанаи талабагон монеа барпо кардаанд мавриди танқид қарор дода, чунин назархоҳӣ менамояд: “Инак, аъзами тарбияи ахлоқия ҳамин аст, ки кӯдакон чи дар хона, чи дар мактаб аз волидайну муаллимони худ касеро, ки мухолифи ахлоқ аст, набинанд. Муаллимони мактаб бояд аввал соҳибони ахлоқи ҳамида бошанд ва кӯдаконеро, ки ба бадахлоқӣ машҳуранд, бояд аз мактаб берун кард, то фасоди онҳо ба дигарон сироят накунад. Дар ин ҷо аз аҳволи хонаҳои худамон қатъи назар карда, бубинем, ки дар мактабҳои мо ба ҳамин қоидаҳои муҳимма риоят мекунанд ё не? Ба камоли шармандагӣ ҷавоб медиҳем, ки На!

[10] Ҳамин асар. - С. 365.
[11] Фитрат. Роҳбари наҷот. - С. 366.
[12] Фитрат. Роҳбари наҷот. - С. 368.

Мураббиёну муаллимони кӯдакони мо тамоман бадахлоқанд, ба илова китобҳое, ки ба кӯдакони худ мехонем, муфиди ахлоқ нест, захр аст, бунёди ҳаёти маънавияи моро месӯзанд.”[13] Фикри Фитрат бобати оне, ки муаллимон соҳибфазл бошанд имрӯз низ қобили қабул аст, аммо андешаи ӯ дар бораи он, ки хонандагони бадахлоқро аз мактаб берун кард қобили дастгирӣ нест. Зеро онҳо низ ҷузъи ҷомеа буда, месазад барои онҳо роҳҳоеро ҷуст, то мураббиёну муаллимон ахлоқи онҳоро дигаргун карда, ба муҳит мутобиқ созанд.

Фитрат боби “Вазоифи навъия” - и асари мазкурро давоми боби “Тарбияи авлод” меҳисобад. Масъалаи меҳварии бахши “Вазоифи навъия” - ро дар асоси такя доштан ба андешаҳои ахлоқӣ ва инсонгароии Саъдӣ мавзӯи баробарии маънавӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ ва инсонии ҳар як афроди башар мешуморад. Яъне, новобаст аз нажоду миллат ва мазҳаб ҳама инсонҳо ҳамдам ва ҳамрайъи ҳамдигар, аз як ҷавҳар бошанд. Дар ин радиф мутафаккир чунин менависад: “Ҳеҷ шубҳа нест, ки одамон ба ҳар дине ва мазҳабе ва аз ҳар қавме ва миллате, ки бошанд, фарзанди як падаранд ва афроди як ҷинс, ба ибораи дигар, бародарони якдигар ҳастанд! Бас лозим аст, ки бидуни қайду шарт бо ҳамдигар муҳаббату шафқат дошта бошанд. Яъне, дар миёни худ “ихвати умумия (бародарӣ)” - ро барпо намоянд. Саодати дунявии башарро бе таъсиси ихвати умумия камоле нахоҳад буд.”[14]

Воқеан, саодати дунявии инсонӣ, як ҷузъи нахустини саодати дорайн (дуҷаҳонӣ) мебошад, бародарии умумии ҷинси одамиро таъмин менамояд ва ин саодати дунявии башар яке аз сабаби асосии ба камолрасии тамоми башарият мегардад. Аммо дар ин рисола Фитрат таъкид медорад, ки набудани меҳру муҳаббат ва самимият, бародарӣ, рафоқату дӯстӣ байни одамон сабабгори харобу вайрон ва умуман баркандани муносибатҳои бародарию дӯстӣ байни аҳвому миллатҳо, умуман башарият гардидааст. Ин нуктаро низ ба шакли зайл зикр медорад: “лекин одамиён аз ҳазор сол то ба ин тараф гоҳо ба тақозои эҳтиросоти ҳайвония ва гоҳо ба шумми ғалати муҳокимот робитаи умумиятро, бинои ихвоти башарияро вайрон намудаанд, дарё-дарё хуни бародарони худро дар хок резондаанд, ҷаҳон-ҷаҳон хонаи ҳамҷинсони худро вайрон намудаанд. Ва ҳанӯз ҳам чунон, ки бояд пушаймон нагардидаанд, балки ҳар рӯз аз барои тахриби хонумони якдигар асбоби тозае ихтироъ намуда, башариятро ба сӯи як таҳлукаи сахте мекашонанд. Бале, сабаби ин бародаркушиҳои чандин ҳазорсолаи одамиён ду чиз аст: ҳирс ва ғалати муҳокимот.”[15]

Агар ин ҷо яке аз омилҳои асосии пайдо шудани нофаҳмиҳо, бадбиниҳо ва ғасби кишварҳои пастрафтаро аз ҷониби давлатҳои қавӣ, инчунин ба вуҷуд омадани низоъ ва бархӯрдҳоро миёни ҷинси одамӣ Фитрат нафси ҳайвонӣ хисобида бошад, пас, омили дигари ҳукмбарориҳои зарарнок, муҳокимаҳои ғалат ихтилофоти динӣ-мазҳабӣ мебошад. Дар ин ҷода ба чунин фикр меояд, ки ихтилофоти динӣ, маҳз яке аз омилҳои асосии рӯй додани ҷангу муҳорибаҳо байни давлатҳо, халқу миллатҳо гардидааст. Яъне Фитрат қайд мекунад, ки дин барои саодати умумияи башария хизмат менамояд, агар “одамиён... аз рӯи қонуни илму ақл тафаккуру муҳокима намоянд, динеро, ки фоиданоктар аст, шинохта қабул хоҳанд кард ва ба ин қадар худкушиҳо сабаб нахоҳад шуд.”[16] Аз ин ҷост, ки халқҳое, ки забуну дармондаи ҳирс ва асири тақлиду муҳокимоти ғалат мегарданд, ба ихвати умумияи башар мушарраф намешаванд, дар зиндагӣ аз эҳтиросоти ҳайвония ва ғалати муҳокимот раҳо ёфта наметавонанд ва роҳҳои хато ва нораворо пеш мегиранд. Дар ин мавзӯъ мутафаккир чунин навишта буд: “Ин ҳам муқаррар аст, ки ҳирсу ғалати муҳокимот ҳар ду низ нуқсони одамиён аст. Бани башар то забуни ҳирс ва асири тақлиданд, муҳол аст, ки ихвати умумияро дар миёни худҳо тавонанд таъсис намоянд. Аммо вақте ки ноили камоли ҳақиқӣ гаштанд, ҳақро аз ботил, нафъро аз зарар фарқ карданд, хештанро аз тасаллути ҳирсу оз ва аз асорати тақлиду таассуб халосӣ бахшиданд, он вақт ихвати

[13] Хамин асар... - С. 370.
[14] Фитрат. Роҳбари наҷот. - С. 378-379.
[15] Ҳамин асар... С. 379.
[16] Ҳамин асар... - С. 380.

умумияро мумкин аст, ки дар миёни худҳо барпо намоянд. Инак, нуқтаи охирини саодати дунявия ҳамин аст, ки саодати умумист...!”[17]

Ҳамин тавр хулосаи андешаҳои Фитрат ин аст, ки ҳангоме дар зиндагӣ одамӣ дармондаву мубталои ҳирс, гирифтору саргарм ва асири кору кирдор ва рафторҳои номатлуб ва зиёновар мешавад ва ба банду қайди эҳтиросоти ҳайвония ва ғалати муҳокимот дучор мегардад, имкони расидан ба ихвати умумияи башарро аз даст медиҳад. Бесабаб нест, ки шахси гирифтори эҳтиросоти ҳайвония ва ғалати муҳокимот шуда наметавонад ҳаққу савоб, саҳеҳу баробар ва росту дурустиро аз ботилу ноҳақ, нодурусту вайрон, зоилу ночиз ва лағв, ё ки нафъу фоида, суду манфиатро аз зарару нуқсон ва осебу зиён фарқ кунад, ақлу шуури худро аз пайравию таъсир ва ҳукмронии ҳирсу тамаъ, орзӯву хоҳиши авомфиребона, аз чашмгуруснагӣ ва тамаъҷӯиву тамаъкорӣ раҳо ва халос намояд. Ё худ вақте ки рафоқату бародарӣ ва ёрию дӯстии ҳақиқии умумиинсонӣ, яъне ихвати умумияи башар дар одамон ғолиб меоянд, одамон аз эҳтиросоти ҳайвонӣ ва ғалати муҳокимот раҳо меёбанд ва тадриҷан дар онҳо ихвати умумияти башар зафарёб мегардад. Мувофиқи ақидаи Фитрат дини ислом ихвати умумияи башарро ҳамчун нуқтаи баландтарини саодату хушбахтӣ, бахтиёриву иқболнокии инсонӣ тарғибу ташвиқ менамояд ва башариятро ба чунин ихвати ҳақиқӣ даъват менамояд. Бинобар ин ӯ менависад, ки ин дин мафҳуми ихвати умумияи башарро бо вожаҳои “кул”, ҳамдастӣ“, “ягонагӣ”, “иттиҳод” ва монанди онҳо мепайвандад. Ин ҷо маълум мегардад, ки тибқи таъкиди Фитрат дини ислом нисбат ба дигар динҳо қимату аҳамияти ихвати умумияи башар ва ягонагиву бародарии ҳамаи одамонро дурустар мефаҳмад ва хеле арзишманд мепазирад. Яъне мувофиқи навиштаи ӯ дар динҳои дигар, аз ҷумла, яҳудия, насрония, браҳмания, буддоия ва ғайра, ҳамзамон дар назарияҳои мутафаккирону уламои он динҳо дар бораи ихвати умумияи башар танҳо ба таври умумиву пароканда ва номаъруфу мубҳам ва маҷҳулу мутлақ сухан ронда шуда бошад, дини ислом нисбат ба онҳо роҳи расидан ба мақсад ва ба ихвати умумияи башарро возеҳ ва равшантар муайян кардааст. Дини ислом расидан ба матлаби бузург ва таъсису таъмини ихвати умумияи башар ва ноил гардидан ба саодати умумияи башар бо камоли ростӣ ва хубиву некӣ тадриҷан пеш рафтани ҳар як фардро таъкид мекунад. Тасдиқи ин гуфтаҳоро Фитрат ба таври зайл зикр медорад: “Дини мубини ислом ҳам аз он ҷо, ки акмали адён аст, башариятро ба камоли ҷиддият ба ихвати умумия даъват намудааст. Ҳатто метавонем бигӯем, ки ҳеҷ дине ва ҳеҷ мутафаккире дар ҳеҷ асре халкро ба ихвати умумия беҳтар аз дини ислом даъват накардааст. Зеро адёни соира ва уламои рӯзгор ихвати умумияро бо назариёти муғлақу мадҳу сано гуфтаанд. Ҳеҷ кадоми онҳо аз барои вусул бо ин мақсад роҳ муайян нанамудаанд. Ба хилофи онҳо дини ислом ин роҳи матлаби бузургро бо камоли ростӣ ва хубӣ кушода ва бо мо нишон додааст. Агар тамоми афроди башарӣ бо ин роҳи рост дохил шаванд, муҳаққақ аст, ки одамият ноили саодати умумия хоҳад шуд, яъне ба ихвати башария комёб хоҳад гардид.”[18]

Аз таҳлил ин нуктагирӣ маълум мегардад, ки ихвати умумияи башар ҳеҷ гоҳ якбора ба вуқуъ намепайвандад ва ҳамзамон таъсис намеёбад. Он мудом тобеи қонуни тадриҷ ва таҳаввул мебошад. Яъне ихвати умумия натиҷаи камоли инсонист ва бинобар ин тобеи қонуни тадриҷ аст. Ҳар кас, ки мехоҳад дар миёни мардум ихвати умумияро таъсис намояд, ба саҳв роҳ медиҳад ва беҳӯда ҷаҳд менамояд. Таъсиси ин бинои саодат бе қонуни тадриҷӣ маҳол аст. Дар маҷмӯъ дини ислом аз ҳар як фард имони комил ва амали солеҳро мехоҳад. Зеро имони комил рамзи ақли солим ва амали солеҳ мададгори роҳи рост мебошад. Ин ду рукн дар навбати худ нишонаҳои камолот ва бинои саодати ҳар як фард, оила, гурӯҳ, табақаҳои иҷтимоӣ ва умуман ҷамъият метавонанд маҳсуб ёбанд. Аз тарафи дигар ин ду рукни муҳим ҳар як аҳли мусулмонро ба бародариву рафоқат, ҳамдилӣ ва эҳтиром кардани дигар аъзоёни ҷомеаи башарӣ равона медорад.

[17] Ҳамин асар... С. 380.
[18] Фитрат. Роҳбари наҷот. - С. 382.

Фитрат тасдиқи ин фикрҳои худро бо ояте аз сураи “Марям” чунин баррасӣ медорад: “Касоне, ки ба худои таолло имон меоранд ва амали солеҳ мекунанд, анқариб худо дар дили онҳо як муҳаббати азим хоҳад офарид.”[19]

Аз назари ин ҷониб баробар бо баррасӣ ва пешгузории оятҳои ҷудогона аз сураҳои китоби муқаддаси “Қуръон” баҳри тасдиқи фикрҳои худ таваҷҷуҳи Фитратро низ масъалаи муносибати меҳрубононаи фарзанд нисбат ба волидайн ба худ ҷалб намуда буд. Дар ин қисмат таъкид бар он медорад, ки ҳар як фард бояд пас аз ҳифзи шаъну шараф ва иззати нафси худ аз тифлӣ то охири умр худро дар рӯҳияи меҳру муҳаббат ба падару модар ва наранҷонидани онҳо тарбия намояд. Дар асоси ин гуфтаҳо баррасӣ мекунад, ки дини ислом баъд аз ҳифзу эҳтироми нафс дар ҷои дуюм муҳаббати фарзандон ба волидайн ва эҳтиром доштани онҳоро мегузорад. Чунки меҳру муҳаббат ва эҳтироми самимӣ доштан нисбат ба волидайн аз нишонаҳои барҷастаи имони комил, ақли солим ва амали солеҳ аст. Тасдиқи ин фикрро низ Фитрат бо овардани оятҳо аз сураҳои “Асраа” ва “Анкабут” ҷамъбаст карданӣ мешавад. Масалан, тибқи овардани оят аз сураи “Асраа” менависад, ки: “Парвардигори ту амр мекунад, ки ғайр аз ӯ дигареро парастиш накун ва ба волидайни худ накӯӣ намой. Агар падару модари ту, ё яке аз онҳо дар айёми зиндагии ту пир шаванд, ба онҳо “уф...” ҳам магӯй ва дурштӣ манамо, балки ба эшон ба хубӣ ва нармӣ сухан кун.”[20] Дар бобати ғамхории фарзандон нисбати падару модар ва эҳтиром доштани онҳо аз сураи “Анкабут” чунин оятеро муҳим меҳисобад: “... Мо одамонро амр кардем, ки ба волидайни худ некӯӣ намояд.”[21]

Ҳамзамон дар рисолаи “Роҳбари начот” - и Фитрат мавзӯи муносибати мард ба зан дар хонавода ва низоми муносибатҳои оилавӣ яке аз масъалаҳои маврди таҳқиқи мутафаккир ба ҳисоб мераванд. Яъне мувофиқи таъкиди Фитрат яке аз амалҳои солеҳ ва вазифаи асосии мард эҳтиром кардани зан, хусусан оилаи худ мебошад. Бемуруватӣ ва носипосиро нисбат ба зан қабул надорад. Дар маҷмӯъ ин ҷанбаи муҳимро дар одоби хонаводагӣ Фитрат талаботи сеюми расидан ба камолоти инсонӣ ва ихвати умумияи башар мешуморад. Мутафаккир зананро яке аз ҳиссамандон ва баҳрабардор барои инсоният пиндошта, фикрҳои худро нисбат ба онон бо оятҳои Қуръон, ҳадисҳои пайғамбар ва дигар арзишҳои умумиинсонӣ мудом таквият медиҳад. Аз ҷумла, дар масъалаи муносибати мардон нисбат ба занон оятро аз сураи “Нисо” оварда, зикр медорад, ки: “Бо занони худ аз рӯи адлу инсоф муомила кунед.”[22]

Фитрат дар асари худ риоя нагаштани рукнҳои ин оятро аз ҷониби мардон дар ҷомеаи феодалии аморати Бухоро ва тамоми минтақаи Осиёи Миёна ошкор месозад. Аз ҷумла, зикр медорад, ки мардон ба тарбияи бадан, фикрӣ, ахлоқӣ, зебоишиносӣ, баландбардории маданияти зеҳнии ҳам худ ва ҳам занон ва аҳли айёл беаҳмиятӣ зоҳир мекарданд. Арзишҳои волои дини исломро риоя намекарданд. Ҳол он ки дар ояти сураи “Рум” низ ба мардон вазифа пеш гузошта мешавад, ки ба занон меҳрубонона, самимӣ муносибат карда, бо онҳо содиқ бошанд. То ин ки масъалаҳои дар низоми хонаводагӣ пайдошударо якҷоя, бо меҳру самимият ҳал намоянд. Тарҷумаи ояти сураи фавқуззикр аз ҷониби мутафаккир чунин аст: “Яке аз далелҳои худованди борутаоло ин аст, ки ба Шумо аз ҷинси Шумо занон офарид, ки ба онҳо майл намоед ва улфат гиред. Дар миёни Шумо ва занонатон қоидаи муҳаббат ва меҳрубонӣ вазъ намуд.”[23]

Дар ин қисмат Фитрат ба чунин хулоса меояд, ки агар мардони Бухороӣ нисбат ба занон, модарон, духтарон муносибати хуб накунанд, ба онҳо меҳрубонона, самимӣ сухан нагӯянд ва писарони худро дар рӯҳияи дӯст доштани ҷинси латиф, эҳтиром кардани онҳо тарбият нанамоянд ин амал яке аз сабабҳои харобу табоҳ ва бе қадру қимат гардидани халқу миллат ва кишвар метавонад гардад.

Муносибат бо ҳамсоягон, беғараз ва самимӣ эҳтиром доштани онҳо аз масъалаи асосии таълимоти Фитрат дар мавзӯи муносибатҳои хонаводагӣ ва пойдории он

---

[19] Ҳамин асар... - С. 383.
[20] Фитрат. Роҳбари начот. - С. 386.
[21] Ҳамин асар... - С.386.
[22] Ҳамин асар... - С. 388.
[23] Ҳамин асар... - С 388.

мебошад. Ӯ дар ин боб низ ақидаҳои мутафаккирони гузашта, ҳадис ва оятҳои сураҳои Қуръонро ба асос гирифта, ҳурмати ҳамсоягонро воҷиб мешуморад ва муътақид аст, ки ҳамсоягон ҳам барои камолоти инсон ва нишон додани роҳҳои ҳалли низоъҳои хонаводагӣ метавонанд таъсири судманд расонанд. Фитрат барои тасдиқи фикри худ аз рисолаҳои Абдуллоҳ Муҳаммад ал-Бухорӣ ва Муслим ал-Қушайрӣ ҳадиси зерини расули Худоро дар хусуси муносибати самимонаи одамӣ ба ҳамсоягон меорад: “Хазрати пайғамбар се бор қасам хӯрда гуфтанд: “Ба худо ки мӯъмин нахоҳад шуд” Асҳоб пурсиданд, ки: “Ё расулуллоҳ, ки мӯъмин нахоҳад шуд?” Ҳазрат фармуданд, ки: “Касе, ки ҳамсояаш аз ҷафои ӯ эмин набошад”.[24]

Аз ҳадиси мазкур ҳамин нукта рӯшан мегардад, ки шахси боэътимод, боимон, мӯъмину муслим касе ҳисоб мешавад, ки бо ҳамсояи худ дар тифоқу дӯсӣ, рафоқату бародарӣ ва ҳамдилӣ зиндагӣ ихтиёр кунад, ҳамсояашро заҳмату ранҷ, офияту азият ва озор надиҳад ё беҳӯда ба бадномӣ гирифтораш насозад. Зеро яке аз унсурҳои асосии барқарор кардани эҳтиром нисбат ба афроди башар, ки новобаста аз мазҳабу нажод бо мо ҳамсоягӣ доранд аз риояи ин рукн маншаъ мегирад. Дар ин масъала низ Фитрат ба китоби “Китоб-ул-адаб” - и Абдуллоҳ Муҳаммад ал-Бухорӣ такя карда, чунин ҳадиси расули худоро мувофиқ мебинад. Мисли: “Касе, ки ба худои таолло ва ба рӯзи қиёмат имон дорад, бояд ҳамсояи худро озор надиҳад”.[25]

Меҳру муҳаббат доштан бо хешовандон ва пайвандони авлод масъалаи дигаре аст, ки Фитрат риояи онро ба ҳар як шахси комил муҳим меҳисобад. Арзишманд ва зарур будани иҷрои ин амалро барои фард мутафаккир аз он ҷиҳат муҳим медонад, ки маълумотҳои саҳеҳ нисбат ба он дар ҳадисҳои пайғамбар ва оятҳои сураҳои Қуръон ҷои худро ёфта мебошанд. Аз ҷумла, ба ояте аз сураи “Исроъ” таваҷҷуҳ дода, чунин меорад: “Ҳаққи хешовандии хешовандони худро адо кун” ё худ дар ин мавзӯъ ояте аз сураи “Нахл” - каломи шариф меорад: “Худованд (одамиёнро) ба адлу эҳсон ва ба пардохтани ақрабо ва хешон амр мекунад”.[26]

Ниҳоят, агар ин ҷо андешаҳои Фитратро дар боби оиладорӣ ва муносибатҳои хонаводагӣ хулоса намоем, мебинем, ки барои расидан ва соҳиб шудан ба имони комил, ақли солим, амали солеҳ афрод бояд панҷ рукнро солиман ва воқеан риоя доранд:

- тарбия кардан, дӯст доштан ва ҳифзу иззат доштани шаъну шараф ва нафси худ;
- эҳтиром ва иззат доштани волидайн;
- муносибати хуб ва некӯ доштан ба зан, хусусан ба зани худ ва зулму шиканҷаро ба он раво надидан;
- ҳамсоягонро эҳтиром кардан ва бо онҳо муомила ва муносибати меҳрубонона ва самимӣ доштан;
- эҳтиром ва қадр кардани хешу пайвандон ва риоя доштани ҳаққу ҳуқуқи онҳо.

ПРОБЛЕМА СЕМЬИ И ПРОЦЕСС ВОСПИТАНИЯ И ОБРАЗОВАНИЯ В УЧЕНИИ АБДУРАУФИ ФИТРАТ

Махмудова Ф., Самиев Б., Мирганова Н., Дододжанов А.

В данной статье авторы рассматривают проблемы семьи и семейных отношений, воспитания детей в соответствии учений Абдурауфа Фитрата. Указывается необходимость и актуальность взгляда ученого в решении семейных проблем современного таджикского общества.

Ключевые слова: семья, общества, жизнь, воспитание, образование, родители, дети, здоровье, мысли, этика.

[24] Фитрат. Роҳбари нач... - С. 389.
[25] .Ҳамин асар. - С. 390.
[26] Ҳамин асар.. С. 390.

FAMILY ISSUES AND UPBRINGING PROCESS IN THE DOCTRINE OF ABDURAUF FITRAT

Mahmudova F., Samiev B., Mirganova N., Dodojonov A.

In this article the authors examined family issues and family relations, upbringing of children which considered as the central problems in doctrine of Abdurauf Fitrat. The authors particularly emphasized the need and importance of Fitrat's ideas in solving of family issues in modern Tajik society.

Key words: family, society, life, upbringing, education, parents, children, health, thoughts, ethics.

Сведения об авторах: Махмудова Фотима Ходжиевна – ассистент кафедры философии Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел:.(+992)93-583-69-41;

Самиев Бободжон Джураевич – доктор философских наук, профессор кафедры философии Таджикского государственного педагогического университета им.Садриддин Айни, тел.: (+992) 918- 67-01-03.

Мирганова Нигина Рауфовна- кандидат педагогических наук, доцент, начальник Центра науки и инновации Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел.:(+992)93-558-45-38;

Дододжанов Акрам Ахмеджанович - кандидат педагогических наук, доцент, старший научный сотрудник Центра науки и инновации Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел.:(+992)93-737-04-60.

Information about authors: Mahmudova Fotima Hojievna - the assistant of the chair of philosophy of Tajik state pedagogical University named after Sadriddin Ainy, tel: (+992)93-583-69-41;

Samiev Bobodzhon Dzhuraevich- Professor Of Philosophy Chair, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, tel.: (+992) 918 -03.01.67.

Mirganova Nigina Raufovna- PhD of pedagogical sciences, associate professor, chief of Center of science and innovation of the Tajikistan state pedagogical university named after Sadriddin Ainy, ph.:(+992)93-558-45-38;

Dodojonov Akram Ahmajonovish- PhD of pedagogical sciences, associate professor, chief of Center of science and innovation of the Tajikistan state pedagogical university named after Sadriddina of Ainy, ph.:(+992) 93-737-04-60.

О ВЗАИМОДЕЙСТВИИ ГРАЖДАНСКОГО ОБЩЕСТВА И ГОСУДАРСТВА ПРИ ДЕМОКРАТИЧЕСКОМ ПОЛИТИЧЕСКОМ РЕЖИМЕ

Азамов Х.С.

Кулюбский государственный университет имени А.Рудаки

Понятию «политический режим» теоретики и политологи разных стран всегда уделяли особое внимание в своих политических исследованиях. При всей однотипности государства в каждом из них действует тот или иной политический режим, оказывающий решающее воздействие на формирование внутренней и внешней политики, деятельность государственных институтов, уровень демократизма и формировании гражданского общества в стране. Этот режим формируется как отражение политического курса, политической практики руководящих кругов или верховного правителя, если речь идет об авторитарном режиме. История первых государств (Древнего Египта, Вавилонии, Персии, Китая, Индии), история римской империи, греческих городов-государств дает наглядное представление о том, что в рамках одного типа государств при существовании одних и тех же общих основных

государственных устоев появляются разные варианты политического режима. «Не для всякого государственного строя, возможно, установить одинаковые правила, - писал древнегреческий мыслитель Аристотель. Допустимо, что будут принимать все во всем и не все во всем, некоторые только в некоторых делах. Это и вносит различия в государственный строй: в демократиях все граждане участвуют во всем, в олигархиях мы видим обратное».[1] Их делает различными именно политический режим, воплощающий в политической практике, практике реализации на деле норм права (или бесправия).

Под политическим режимом обычно понимают систему конституционных (законных) порядков и конкретное воплощение этой системы на практике. Содержание политического режима включает важнейшие вопросы, способствующие раскрытию сущности этого понятия. Это, прежде всего способы и порядок формирования представительного учреждения (избирательная система), вопросы взаимоотношения между палатами представительного органа и др.

В современных условиях политологи выделяют два больших типа политических режимов: демократический политический режим и антидемократический политический режим. В свою очередь демократический политический режим имеет такие подтипы как: президентское правление и парламентские режимы. А парламентский режим состоит из трех главных типов: это однопартийное большинство в парламенте, т.е. когда одна партия построена насколько сильно, чтобы образовать правительство: это парламентская коалиционная система, когда кабинеты формируются на основе коалиций различных партий, из которых ни одна не является абсолютным большинством в парламенте; наконец, это консенсуальный парламентский режим, который существует за счет регионального или этнического большинства из явного и равного количества представителей от обеих языковых групп.

Что касается антидемократического политического режима, то современная практика функционирования и деятельность политических режимов дает нам основание утверждать, что он проявляется в форме тоталитарного и авторитарного политических режимов. Тоталитарный политический режим предполагает то положение, когда есть массовая партия и ей принадлежит власть, партия организована недемократическим способом – она строится вокруг лидера (как это имело место при Гитлере). При тоталитарном режиме доминирует роль идеологии, ибо тоталитарный режим это, прежде всего идеологический режим, где есть своя «библия» и здесь политический лидер зачастую определяет идеологию и существует террористический политический контроль.

Типичным примером тоталитарного режима является фашистская Германия. При Гитлере официально объявлялось, что все чиновники партии назначаются фюрером, в те времена действовал так называемый принцип фюрерства. Никакой абсолютный монарх не обладал столь абсолютной властью как Адольф Гитлер. В нацистской империи не существовало нормально действующих законодательных и исполнительных органов. Рейхстаг в шутку называли самым высокооплачиваемым мужским хором в Германии – ведь все эго функции сводились к тому, чтобы петь гимн до и после заседания. На одном из первых заседаний рейхстага в 1933 году – нацисты в то время формально считались одной из национальных партий – Папен робко возразил Гитлеру, по какому–то конкретному поводу. В ответ на это Геринг, прервав его, сказал: «Господин Папен… в третьей империи есть фюрер. И мы здесь собрались не для того, чтобы обсуждать его решения, а для того, чтобы выслушать его приказы и исполнять их как можно лучше».[2]

Авторитарные политические режимы имеют такие подвиды как: теократические авторитарные режимы, когда власть сосредоточена в руках фанатичного религиозного клана (Иран с 1979 года). Следующими подвидами авторитарных политических режимов являются: неототалитарные режимы при массовых партиях (здесь правящая

---

[1] Аристотель. Соч., в 4-х т., том 4, М., 1983, с. 604.

[2] Д. Мельников, Л. Черная. Преступник номер 1. нацистский режим и его фюрер. М., Изд-во Агентство печати. Новости, 1982, с. 104

партия допускает оппозицию, допускает выборы, но очень часто фальсифицированные); это военное правление, когда военные берут власть, правят страной, здесь политическая деятельность либо полностью запрещено, либо ограничено, партии тоже допускаются, но их деятельность ограничиваются; это персонифицированный авторитарный режим, когда власть принадлежит лидеру без сильных институтов власти, за исключением коалиций, т.е. это тип персональной тирании (Уганда); и наконец, это уже исчезающая категория авторитарных режимов – монархия (Англия, Норвегия, Швеция, Дания, Бельгия, Люксембург, Испания). Здесь монархии в принципе являются парламентскими демократиями, а монархи являются действительными правителями в Иордании, Марокко, Саудовский Аравии.

Важнейшим аспектом в содержании политического режима является вопросы взаимоотношения между законодательной и исполнительной властью. Сущность политического режима также включает проблемы реальных прав и обязанностей граждан, положение, влияние и условия деятельности политических партий, массовых общественных организаций и др. чаще в качестве критерий содержания политического режима избран в основном принцип, который основывается на оценке методов и техники проведения государственной политики направленное на достижение политической стабильности. «Ибо политическая стабильность – это сложное, многофакторное и многомерное явление».[3]

В течение долгого времени в советской литературе политический режим в классово-антагонистическом обществе обычно определяется как система методов осуществления власти, отрицающая состояние демократических прав и свобод, отношение органов власти к правовым основам их деятельности.

Известно, то конкретные формы правления государства обычно не подразделяются на монархический и республиканский. Но практика показывает, что такой подход не исчерпает всего многообразия форм правления и их проявлений: так, монархическая Швеция более демократична, чем иная республика, например, Пакистан. Именно в связи с этим было введено понятие «политический режим». Политический режим тесно связан с такими понятиями как «тип государства», «форма государственного правления», «форма государственного устройства» и т.д. ведь известно, что например, изначально Русь можно рассматривать как единое раннефеодальное государство, правителем, которого являлся князь Руси. Но по типу государства Русь была феодальной державой, по форме государственного правления – монархией, а по форме государственного устройства – реальной унией, т.е. объединением, союзом государств. Но между этими понятиями есть сложнейшие взаимосвязи, взаимообусловленности.

Тип государства определяется, прежде всего, характером господствующего способа производства, надстройкой.

От типов государства отличают формы государства, которые характеризуются совокупностью способов и методов осуществления власти тем общественным классом или классами, которым принадлежит государственная власть.

Для формы государства определяющим является не его конституция, а совокупность правил политической игры в сумме составляющих способы осуществления власти. Та или иная форма государства складывается под воздействием многих факторов. Это: соотношение классовых сил, исторические традиции (совокупность унаследованных от прошлого институтов, взглядов, обычаев и др.); влияние личности выдающихся государственных деятелей; геополитические условия и др. кроме того, форма государства зависит во многом от формы правления, определяемой законодательным путем (например, монархия или республика парламентарная или президентская система), а также от политического режима.

Итак, под формой государства можно понимать совокупность существенных способов (сторон) организации, устройства и осуществление государственной власти, выражающих его сущность.

---

[3] Ирхин Ю.С., Зотов В.Д., Зотова Л.В. Политология. М.: Юрист, 2000, с. 388.

В содержательном отношении формы государства выступает в разных аспектах. Во-первых, это определенный порядок образования и организации высших органов государственной власти и управления. Во-вторых, это способ территориального устройства, определенный порядок взаимоотношений центральной, региональной и местной власти. В третьих, это приемы и методы осуществления государственной (политической) власти.

Таким образом, форма государства синтезируется в трех основных элементах, а именно: в форме (государственного) правления, форме (государственного) устройства, форме (государственного) политического режима.

Проиллюстрируем это на примере формы правления бывшего Советского государства. Форма правления Советского государства представлял собой структуру высших органов государственной власти, порядок их образования и распределение компетенции между ними. По форме правления Советское государство провозглашалось республикой. Однако это весьма своеобразный вид республики – в ней отрицалось разделение властей (законодательной, исполнительной, судебной) и наоборот провозглашалось объединение всех ветвей власти в Советах, депутатский корпус, который сам принимал законы, исполнял их, контролировал их исполнение. На этой основе, по существу и была создана мощная исполнительная власть. Советы были организованы как единая «вертикаль», как единая система, сверху до низу находившаяся под партийным контролем.

На некоторых этапах своей эволюции советская форма правления вырождалась в единоличную власть Генерального секретаря КПСС, тем самым приобретала элементы монархической формы правления.

Что касается термина «гражданское общество», то он тоже был изгнан из советского государственно-правового и политического лексикона. Такие организации как профсоюзы, комсомол, кооперация, творческие союзы, которые в других условиях могли бы послужить базой для развития гражданского общества, во многом лишались самостоятельности, входя в официальные структуры в качестве «приводов» партийно-государственной машины власти.

В то же время своеобразная форма правления, которую явило Советское государство, давала определенные преимущества в некоторых областях общественной жизни. Прежде всего, она создала сильную исполнительную власть, объективно необходимую столь многонациональному и обширному государству.

На протяжении всей своей истории Советское государство имело федеративное устройство, построенное на принципах (в большей степени) национально-территориального государственного строительства.

По подсчетам политологов ныне в мире насчитывается от 140 до 160 режимов, которые незначительно отличаются друг от друга. Действительно, имеются великое множество и многообразие политических режимов. Так, один характер отличает политический режим Российской империи, другие западноевропейские.[4]

Политические режимы, как мы указали выше, могут быть: авторитарными (авторитаризм), тоталитарными (тоталитаризм), фашистскими, полуфашистскими, авторитарными военными диктатурами, в целом – демократическими и антидемократическими.

В целях систематизации этого хаоса и создания условий для научного обобщения данной проблемы ученые предлагают различные варианты типологизации политических режимов, т.е. классификацию чистых типов, или идеальным типов.

Известно, что термин «идеальный тип» впервые ввел Манн Вебер, «Идеальный» для него не значит «Совершенный», это «чистый, простой», и в этом смысле мир политики богаче, чем наши политические воззрения, которые в определенном смысле упрощены, поскольку являются результатом типологизации. Известно, что интерес, как

[4] Р.И. Хасбулатов. Бюрократическое государство. М., 1991, с. 149-150.

к политической типологии, так и к типологии политических режимов проявляли еще древние мыслители Платон и Аристотель. Они пытались найти и выработать концепцию, которая классифицировала бы политические режимы. Следует, однако, подчеркнуть, что типология Платона и Аристотеля отражала призму их собственного исторического опыта, конкретно, опыта Древней Греции. А типология конца XX века отражает важнейшие политические события данного конкретного столетия.

Как отмечено нами выше, есть разные типы демократических режимов, которые оказывают непосредственное влияние на формирование гражданского общества. В свою очередь, обычно демократические режимы подразделяются на два подтипа: президентский и парламентский.

Ясно, что президентский режим характеризуется значительной ролью президента в системе государственных органов, зачастую президент одновременно является и главой правительства. Отметим также, что президент как глава государства может быть избран или парламентом, или специальной избирательной комиссией, или выборщиками, избираемыми в свою очередь гражданами, или, наконец, прямым голосование избирателей.[5]

При соблюдении конституционной законности правительство в президентской республике стабильнее, а парламент обладает более реальными полномочиями, чем в государствах с чисто парламентской системой. Однако при президентской системе при слабости демократических традиций очень велика вероятность установления бесконтрольной единоличной власти. Положение президента, объем его прав зависит от формы правления.

В то же время выбор форм правления, прежде всего, зависит от исторических традиций, особенности политической культуры и соотношения разных политических сил. Определение формы правления для Республики Таджикистан и других стран СНГ в последнее десятилетие было связано со многими трудностями, которые переживали народы этих стран.[6]

Политический режим, который охватывает все политические вопросы и политические отношения, политические организации, политические сознание, всю совокупность политической жизни, не может не оказывать непосредственное воздействие на демократию и демократические процессы формирование гражданского общества вообще. В составе политического режима важную роль играют внутренние взаимоотношения законодательных и исполнительных органов, центральные и местные государственные органы, а также представительные органы. Названные органы должны быть иммунитетными, не дублировать и не заменять друг друга, должны сохранить свою самостоятельность. С другой стороны, положение и условия функционирования и деятельности политических партий, общественных объединений, общественно-политических организаций должны быть такими, чтобы имели непосредственные отношения с политическим режимом и в свою очередь, оказывает влияние на него. Происходят кардинальные изменения в функционирование и деятельности политического режима, если действующие и политические партии, общественные организации и движения находятся в оппозиции по отношению к государству. Государство, используя силовые органы, предпринимает попытку навести порядок в деятельность массовых организаций и движений, если общественные

---

[5] Считаем полезным напомнить читателю, что в современных условиях есть следующие системы президентских выборов:

Выборы президента через референдум (Сирия, Египет); выборы президента на всеобщих прямых выборов (Австрия, Франция, Ирландия, Исландия, Португалия, Польша, Румыния, Таджикистан, Армения, Азербайджан, Литва, Эстония, Украина, Мексика, Страны Латинской Америки, Россия, Корея, Монголия, Сингапур, Туркмения и др.). Выборы президента парламентом и другими представительными органами (Италия. Германия, Швейцария, Греция, Турция, Венгрия, Чехия, Словакия, Болгария, Югославия, Латвия, Молдова, Узбекистан, Индия, Пакистан, Индонезия, Израиль, ЮАР, Тайвань и др.). Выборы президента коллегией выборщиков (США).

[6] Необходимость образования в Таджикистане Парламента состоящего из двух Маджлисов или двухпалатного маджлиса предусмотрено всеобщим соглашением о мире между таджиками, подписанным 27 июня 1997 г. Несмотря на то, что образование профессионального парламента связано с большими финансовыми затратами, президент страны Э. Рахмон ради мира и национального согласия одобрил это решение.

объединения не идут на компромисс с властями, их деятельность или запрещается, или ограничивается в определенных рамках. Система прав и обязанностей граждан во многом зависимы от политического режима, которая в свою очередь обусловлена действующей системой конституционных порядков. Как показывает историческая практика, основные законы многих стран обещают гражданам этих стран очень многое, так сказать, «золотые горы», но практическое воплощение этих законов, обещаний, заверений, выглядит бледно. Уровень использования гражданами своих конституционных прав в различных странах различны, и это во многом зависит от специфических особенностей тех политических режимов, которые действуют в этих странах. Вот почему, рассмотрения вопроса о демократии в обществе всегда связывают с проблемами политических режимов их сущности, структуре и природе.

В одних странах (главным образом, западноевропейских), в силу наличия и функционирования демократических политических режимов, народы этих стран целенаправленно и в нужном объеме пользуются своими демократическими правами и привилегиями. В этих странах демократия рассматривается как ценность, как великое достижение человеческой цивилизации, которую надо беречь, умножить, совершенствовать, гармонизовать с требованиями нынешнего века.

Там, где до сих пор действуют антидемократические режимы, демократия, как таковая присутствует только на бумаге, на уровне слов и демагогии, там демократия является пока что несбыточной мечтой человека, лозунгом, для реализации которого нужны огромные физические и морально-интеллектуальные усилия, наконец, огромные жертвы.

Изучение данной проблемы показывает, что в авторитарных и тоталитарных системах власти гражданская активность имеет, как правило, мобилизованный характер, представляя собой насквозь идеологизированные и инициированные государством формы правления поддержки правящего режима. Допускаемая в этих системах активность граждан непосредственно определяется статусом, положением людей в иерархическом строении общества, дозволяя одним то, чего не позволено другим. Все проявления активности осуществляются только в рамках формальных институтов и официального общественного мнения, руководящих установок правящих кругов. В этих условиях «…гражданское общество не может претендовать на совершенства, а временами оно бывает и «не всегда законно»».[7]

Поэтому, только демократия обеспечивает органическое сочетание механизма власти и самодеятельности, управления и самоуправления, которые в совокупности создают должные предпосылки общественной стабильности и гармонии, формированию подлинного гражданского общества. Ибо основной предпосылкой существования гражданского общества при демократическом политическом режиме является правовое и законодательное обеспечение индивидуальных и коллективных свобод, защищающих права личности, но одновременно и утверждающих порядок, при котором реализация этих прав одним не нарушает права другого.

Поэтому, усилия общественности, политических партий и движений современного мира, направленные на демократизацию политических режимов, повсеместному формированию гражданского общества представляют из себя прогрессивное стремление нашего века и заслуживает поддержки, уважения.

Литература:

1. Аристотель. Соч., в 4-х т., том 4, М., 1983.
2. Мельников Д., Чёрная Л. Преступник №1. Нацистский режим и его фюрер. М, Изд-во Агентство печати новости. М., 1982.
3. Ирхин Ю.В., Зотов В.Д., Зотова Л.В., Политология. М., Юрист, 2000.
4. Хасбулатов Р.И. Бюрократическое государство. М., 1991.

[7] Дорендорф Р. Дорога к свободе: демократия и её проблемы в Восточной Европе. «Вопросы философии». 1990, №9, с. 74.

5. Дорендорф Р. Дорога к свободе: демократия и её проблемы в Восточной Европе. «Вопросы философии», 1990, №9.
6. Арато А. Концепция гражданского общества: восхождение, упадок, воссоздание и направление для дальнейших исследований. Полис, 1995, №3.
7. Мэтьюз Д. Перспективы демократии. М., 1983.
8. Всеобщая Декларация человека. М., 1995.
9. Каримов Ш. Роль НПО в формировании гражданского общества в Таджикистане. Душанбе, 2008.
10. Рахмонов А.К. Местное самоуправление как один из институтов гражданского общества. Душанбе, 2007.
11. Шарипов Х.Б. Социально-политические факторы формирования и развития гражданского общества в Таджикистане. Автореферат канд. диссерт. Душанбе, 2002.

О ВЗАИМОДЕЙСТВИИ ГРАЖДАНСКОГО ОБЩЕСТВА И ГОСУДАРСТВА ПРИ ДЕМОКРАТИЧЕСКОМ ПОЛИТИЧЕСКОМ РЕЖИМЕ

Азамов Х.С.

В статье предпринимается попытка обосновать тезис о том, что основной политической предпосылкой формирования и развития гражданского общества при демократическом режиме является правовое и законодательное обеспечение индивидуальных и коллективных свобод.

Автор уделяет особое внимание проблемам сущности политического режима, разнообразным формам его проявления, оказывающей решающее воздействие на формирование уровня демократии и гражданского общества. В этом плане также серьезное внимание уделено демократическим и антидемократическим политическим режимам.

***Ключевые слова*:** политический режим, функционирование, тоталитарный режим, государство, монархия, республика, общественные классы, принцип разделения властей, систематизация, хаос, типы, классификация, права человека, демократия, политические партии.

ON THE INTERACTION OF CIVIL SOCIETY AND GOVERNMENT IN A DEMOCRATIC POLITICAL REGIME

Azamov Kh.S.

In this article the substantiate thesis is attempted that the main prerequisite for the formation of political and civil society under the democratic regime which is the legal and legislative basis of individual and collective freedoms.

The author pays a great attention to the essence of the political regime, the various forms of its manifestations, a decisive influence on the formation of the level of democracy and civil society. In this regard, attention is also paid to the democratic and anti-democratic political regimes.

***Keywords*:** Political regime, functioning, totalitarian regime, government, monarchy, republic , social classes , the principle of separation of ascendency, systematization, chaos, types , classification, human rights, democracy, political parties.

Сведения об авторе: Азамов Хурсанд Саидович – кандидат исторических наук, доцент кафедры политологии Кулюбского государственного университета имени А.Рудаки, тел.: (992) 918-18-70-85.

Information about the author: Azamov Hursand Saidovich – PhD of historical sciences, the associate professor of political science of Kulob state university named after A.Rudaki, ph.: (992) 918-18-70-85 .

ТАЪРИХ ВА ҲУҚУҚ (ИСТОРИЯ И ПРАВО)

ОҒОЗИ ФАТҲИ ҚУЛЛАҲО

Абдуфаттоҳ Шарифзода
Котиби масъули Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Агар солҳои раҳбарии Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро шартан ба 4 давра тақсим намуда, солҳои 1992-1997-ро даврони “Нақоти давлату миллат аз вартаи фано”, 1998-2000-ро даврони “Таҳкими сулҳу субот” ва 2001-2006-ро “Оғози бунёдкорию созандагӣ” номем, пас солҳои 2007-2013-ро метавон “Оғози фатҳи қуллаҳо” номид.

Ин марҳила 6 ноябри соли 2006 оғоз ёфт. Он рӯз Эмомалӣ Раҳмон бо ҷонибдории 80 фоизи интихобкунандагон дар фазои озоду шаффофи овоздиҳӣ аз нав ба муддати ҳафт соли оянда ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуд ва дар кишвар марҳилаи нави таърихӣ оғоз ёфт, ки онро метавон давраи рахнаи монеаҳои бузург ва ё оғози фатҳи қуллаҳо номид.

Ҳамаи монеаҳои бузург ва қуллаҳои баланде, ки мардуми Тоҷикистон минбаъд фатҳ намуда, ба сатҳу сифати нави рӯзгор, ба сатҳи зиндагии шоиста бояд бароянд, дар суханронии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон рӯзи савгандёдкунии тантанавии ӯ - 18 ноябри соли 2006 ба таври возеҳу равшан баён гардид.

«Савганд ба номи поки Худо, савганд ба шири сафеди модарам, савганд ба дуои неки падарону модарон, савганд ба нону намаки дастурхони пиру ҷавон, савганд ба обу хоки муқаддаси Ватан, ки масъулияти тақдири имрӯзу ояндаи давлату миллати тоҷикро бар дӯш мегирам. Савганд ба ҷони ҳафт миллион фарзанди Тоҷикистони азиз, ки тамоми ҳастӣ, нерӯву ғайрат ва таҷрибаву иродаамро ба Тоҷикистони соҳибистиқлол мебахшам».

Ин савганди бисёр самимӣ ва басо муассиру рӯҳбахш, ки он рӯз аз умқи дилу ҷони Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон садо дод, ба дили хурду бузурги Тоҷикистон роҳ ёфт ва умеду эътимоди онҳоро ба фардои дурахшони сарзамини мо тақвият бахшид.

Бо ёдоварӣ аз 15 соли истиқлоли давлатии Тоҷикистон Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон он рӯз изҳор дошт, ки “дар ин муддат мо на танҳо оташи ҷанги хонумонсӯзи шаҳрвандиро хомӯш кардем, балки сарҷамъии миллатро таъмин намуда, пойдевори давлату давлатдории мустақилро гузоштем ва бо дарки масъулияти таърихӣ сулҳу ризоият ва ваҳдати шикастнопазири миллиро фароҳам оварда, дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мақоми шоиста пайдо кардем”.

Таъмини истиқлоли энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ ва раҳо намудани кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ чун се ҳадафи стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоикистон ва роҳи асосии баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии мардум барои ҳафт соли давраи нав (2007-2013) муайян карда шуд.

Дар баробари ин, рушди афзалиятноки саноат, хусусан саноати сабук, хӯрокворӣ ва коркарди маъдан, густариши фаъолияти сармоягузорӣ ва соҳибкории хурду миёна, такмил додани сиёсати бучету андоз ва пулию қарзӣ, идомаи ислоҳоти идораи давлатӣ бо роҳи ташкили хизмати давлатии касбӣ, ташаккули сохтори нави идораи иқтисодиёт, такмили тартиби ҷобаҷогузории кадрҳо дар асоси салоҳияти касбӣ, бартараф намудани такрори вазифаҳо дар мақомоти гуногун, баланд бардоштани самаранокӣ ва таъмини шаффофияти фаъолияти мақомоти давлатии марказӣ ва маҳаллӣ, пурзӯр намудани мубориза бар зидди коррупсия ва ришвахӯрӣ аз ҷумлаи вазифаҳои афзалиятноки марҳилаи нави давлатдорӣ номида шуд.

Дурнамои сиёсати хориҷии кишварро Эмомалӣ Раҳмон чунин маънидод кард: «дар марҳилаи навини созандагии таърихӣ мо сиёсати «дарҳои кушода» ва прагматикии худро собитқадамона идома хоҳем дод. Мазмуни аслии он ҳамкории судманд ва беғаразона бо ҳама давлатҳои ҷаҳон аст».

Иҷрои вазифаҳое, ки аз ҷониби Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон барои ин даврон муайян гардид, ба зудӣ оғоз ёфт.

Аллакай рӯзи 30 ноябри соли 2006 сохтори нави Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Дар сохтори нав шумораи умумии вазоратҳо ва кумитаҳои давлатӣ аз 25 то 17 адад ва теъдоди идораҳои назди Ҳукумат аз 15 ба 13 расид, ки ин ба ҳадафҳои нави муайяншуда дар бораи ислоҳоти идораи давлатӣ, ташаккули низоми шаффофи фаъолияти мақомоти идоракунӣ, сарфа ва истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат мекунад. Ҳамин тариқ, мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи давлат ҷиддан ихтисор карда шуд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи нахустини Ҳукумати нави Тоҷикистон бори дигар аз савганди садоқати худ ёдовар шуда, таъкид намуд, ки он натанҳо савганди Президент, балки савганди ҳар як нафаре аст, ки бо ӯ дар ҳайати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ҳамаи зинаҳои ҳокимияти иҷроияи давлатӣ адои вазифа мекунанд. Сарвари давлат таъкид дошт, ки “иҷрои вазифаҳои стратегӣ заҳмати шаборӯзӣ ва фидокориҳоро талаб мекунад”.

Рӯзи 15 декабри соли 2006 бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо як таркиши азим ва фурӯ омадани пораи кӯҳ ва сангу шағали бешумор маҷрои дарёи Вахш дар мавзеи сохтмони нерӯгоҳи обии Сангтӯда-1 баста шуд ва бунёди сарбанди он оғоз ёфт.

Ин рӯйдоди фараҳбахш нахустин қадами устувори Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати кишвар дар роҳи амалӣ намудани вазифаҳои давраи нави таърихӣ буд. Бо ҳамин рӯҳияи баланд марҳилаи нави бунёдкорию созандагӣ дар таърихи навини Тоҷикистони мустақил оғоз ёфт. Чархаи якуми нерӯгоҳи Сант ӯда-1, 20 январи соли 2008, пас аз як солу як моҳи оғози сохтмон ба кор дароварда шуд. 1 июли ҳамон сол чархаи дуюм ва 5 ноябр чархаи сеюми он ба тавлиди нерӯи барқ шурӯъ намуд.

31 июли соли 2009 дар ҳузури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Федератсияи Русия Дмитрий Медведев ҳамаи 4 чархаи нерӯгоҳи обии Сангтӯда-1 мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Бадин минвол, Тоҷикистон пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ аввалин ва ягона ҷумҳурии собиқи ин давлати абарқудрат буд, ки Сангтӯда-1 барин нерӯгоҳи бузургро бо иқтидори лоиҳавии 670 мегаватт бунёд намуд.

20 феврали соли 2006 бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, вазири нерӯи Ҷумҳурии Исломии Эрон Сайид Парвизи Фаттоҳ, вазири энергетика ва оби Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Алҳоҷ Муҳаммад Исмоилхон ва дигар шахсони расмӣ бунёди нерӯгоҳи обии барқии Сангтӯда-2 оғоз ёфт. Барои бунёди он харҷи 220 миллион доллари амрикоӣ маблаг аз Тоҷикистону Эрон пешбинӣ шуда буд.

5 сентябри соли 2011 чархаи якуми ин нерӯгоҳ бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти вақти Ҷумҳурии Исломии Эрон Маҳмуди Аҳмадинажод мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Чархаи дуюми ин нерӯгоҳ соли 2013 омода гардида, ба кор даромад. Тибқи созишномаи ду ҷониб баъди ба кор даромадани нерӯгоҳ даромади пулии он давоми 12,5 соли аввал ба ҷониби Эрон тааллуқ хоҳад дошт. Аз он пас нерӯгоҳ моли Тоҷикистон хоҳад шуд.

5 майи соли 2006 миёни Ширкати Барқи Тоҷик ва Ширкати ТВЕА-и Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба кашидани хатти 220 - киловолтаи интиқоли нерӯи барқи Лолазор-Хатлон шартнома ба имзо расид.

Татбиқи амалии он, ки арзиши лоиҳавияш 58,1 миллион доллари амрикоӣ буд, 17 сентябри соли 2007 оғоз ёфт.

17 марти соли 2009 хатти 220 - киловолтаи интиқоли нерӯи барқи Лолазор-Хатлон бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 6 моҳ пеш аз муҳлати нақшавӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

16 сентябри соли 2006 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Сарвазири Шӯрои давлатии Ҷумҳурии Мардумии Чин Вэн Ҷябао дар мавзеи Чорбоғи ноҳияи Варзоб ба кашидани хатти 500 - киловолтаи интиқоли нерӯи барқи Ҷануб-Шимол расман оғоз бахшиданд.

Ин хатти баландшиддат бо харҷи 281,3 миллион доллари амрикоӣ кашида шуда, моҳи октябри соли 2009 пурра мавриди бахрабардорӣ қарор гирифт. Дар доираи ин лоиҳа дар шаҳри Душанбе ва ноҳияи Ғончии вилояти Суғд ду зеристгоҳи 500 - киловолта бунёд ёфт, ки бо навтарин таҷҳизоти таҳвил ва тақсими барқ муҷаҳҳазанд.

Моҳи декабри соли 2008 миёни ширкатҳои Барқи Тоҷик ва КЕС-и Ҳиндустон созишнома дар бораи кашидани хатти 220 - киловолтаи интиқоли нерӯи барқ аз Тоҷикистон ба Афғонистон ба имзо расид.

Татбиқи амалии ин лоиҳа моҳи январи соли 2010 оғоз ёфта, моҳи декабри ҳамон сол қисмати тоҷикистонии он, ки масофааш 116 км аст, бо харҷи 26 миллион доллари амрикоӣ ба поён расид. Кашидани қисмати афғонистонии он соли 2012 пурра анҷом ёфт ва тавассути он дар фасли тобистон аз Тоҷикистон ба ин кишвар нерӯи барқ интиқол меёбад.

Ҳамчунин татбиқи лоиҳаи CASA-1000 дар назар аст, ки мутобиқи он бояд хатти 500 - киловолтаи интиқоли нерӯи барқ аз Қирғизистону Тоҷикистон ба Афғонистону Покистон кашида шавад. Имконсанҷии иқтисодию техникии он дар ҳоли анҷомёбӣ қарор дошта, оғози татбиқи амалии соли 2014 дар назар аст.

17 июни соли 2010 миёни ширкати Барқи Тоҷик ва ширкати ТВЕА - Ҷумҳурии Мардумии Чин қарордод оид ба сохтмони хатти 220 – киловолтаи интиқоли нерӯи барқи Хуҷанд-Айнӣ ба имзо расид ва бо вуҷуди он, ки қисмати зиёди хат аз болои қаторкӯҳҳои баланди ҳамеша барфпӯш мегузарад, 26 сентябри соли 2011 он дар масофаи 83 км 5 моҳ пеш аз муҳлат мавриди бахрабардорӣ қарор гирифт. Ноҳияҳои водии Зарафшон – Кӯҳистони Мастчоҳ, Айнӣ ва Панҷакент ба шабакаи ягонаи энергетикии кишвар бевосита пайваст шуданд ва акнун мардуми ин водӣ пурра бо нерӯи барқи истеҳсоли ватанӣ таъмин мегарданд.

Зеристгоҳи Айнӣ ва хатти 220 - киловолтаи Хуҷанд-Айнӣ бо харҷи 37 миллион доллари амрикоӣ бо истифода аз техникаю технологияи навтарини ҷаҳонӣ бунёд ёфтааст.

Дар доираи ҳамкории иқтисодии минтақавии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва дар асоси Созишномаи грантии миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки осиёии рушд бо маблағи 122 млн. доллари ИМА лоиҳаи минтақавии барқарорсозии системаи энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2015 амалӣ мешавад.

Соли 2012 тибқи созишномаи миёни Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ширкати ТВЕА-и Ҷумҳурии Мардумии Чин дар қисмати шимоли шаҳри Душанбе сохтмони Маркази барқу гармидиҳии Душанбе-2 бо иқтидори 270 мегаватт оғоз ёфт. Санги асоси он 8 сентябри соли 2009 аз ҷониби Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон гузошта шуда буд.

Марказ бо харҷи 405 миллион доллари амрикоӣ бо усули иваз бо захираҳои табиӣ бунёд меёбад. Навбати аввали он бо иқтидори 50 мегаватт моҳи январи соли 2014 ба кор дароварда шуд.

Сол 2014 навбати дуюми он низ бояд ба кор дароварда шуда, иқтидораш ба 100 мегаватт расонда шавад. Бо супориши Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон тасмим гирифта шуд, ки оянда бо васли боз ду чархаи дигар иқтидори барқии ин марказ ба 400 мегаватт афзун гардад.

Соли 2010 навсозии нерӯгоҳи обии Варзоб-1, ки аввалин иншооти гидроэнергетикии Тоҷикистон аст, бо арзиши лоиҳавии 17 миллион доллари амрикоӣ оғоз ёфт. Татбиқи ин лоиҳа бо маблағгузории грантии Ҳукумати Ҷумҳурии Ҳиндустон соли 2012 пурра анҷом ёфт.

Дар асоси дастури Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон солҳои охир барномаи навсозии нерӯгоҳи Норак амалӣ мегардад.

Дар навбати аввал моҳи октябри соли 2009 бо корхонаи Турбоатоми Украина доир ба иваз намудани ҳамаи 9 чархи кории нерӯгоҳи Норак қарордод ба имзо расид. Тибқи ин қарордод, аллакай 3 чархи кории нерӯгоҳ иваз карда шуд. Ҷойи таъкид аст, ки баъди ивази чарҳҳои корӣ иқтидори ҳар як агергат барқзо ба 355 ва иқтидори умумии нерӯгоҳ ба 3195 мегаватт мерасад, ки 195 мегаватт аз қудрати қаблиаш зиёд аст.

Соли 2011 навсозии таҷҳизоти барқтақсимкунандаи 220 - киловолтаи нерӯгоҳи Норак оғоз ёфта, охири соли 2012 бо сифати баланд ба поён расонда шуд. Дар ин муддат таҷҳизоти барқтақсимкунандаи 220 - киловолта бо дастгоҳҳои навтарини фаронсавӣ иваз ва пойгоҳи он ба ҷойи бехатар кӯчонда шуд. Ивази таҷҳизоти барқтақсимкунандаи 500 - киловолтаи нерӯгоҳи Норак, ки дар майдони қариб 5 га ҷойгир аст, идома дорад. Та ҷҳизоти нав муосир ва бехатар буда, дар дохили бинои хурдакаке ҷой мегирад, ки масоҳаташ 70 баробар кам аст.

Ҳоло нерӯгоҳи обии Қайроқум низ, ки аз ҷумлаи куҳантарин нерӯгоҳҳои Тоҷикистон ба шумор меравад, мавриди навсозӣ қарор дорад. Барои навсозии ин нерӯгоҳ тибқи тавофуқоти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо 40 миллион евро маблағи грантӣ ҷудо гардидааст.

Нерӯгоҳи обии Бойғозӣ низ мавриди навсозии тадричӣ қарор дорад. Соли 2009 бо харҷи 2 миллион доллари амрикоӣ маблағҳои грантии Бонки осиёии рушд таҷҳизоти назорати кори генераторҳо иваз карда шуд. Соли 2013 бо ҷудо шудани 9 миллион доллари амрикоӣ маблағҳои грантии Бонки осиёии рушд таҷҳизоти барқтақсимкунии 220 - киловолта қисман нав карда шуд. Барои навсозии пурраи таҷҳизоти нерӯгоҳи Бойғозӣ ҷудо намудани 30 миллион доллари амрикоӣ дар нақша аст.

Ҳамин гуна корҳо ҳамчунин дар нерӯгоҳи обии Сарбанд дар болои рӯди Вахш, ки иқтидори лоиҳавияш 240 мегаватт аст, идома доранд.

Дар даврони авҷи сиёсати созандагию бунёдкории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти сарварии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон имконоти сохтмони нерӯгоҳҳои хурди обӣ ҳам мавриди истифодаи васеъ қарор дорад. Танҳо дар соли 2011 дар ҷумҳурӣ 30 нерӯгоҳи хурди обӣ бо иқтидори аз 15 то 4300 киловатт сохта, ба истифода дода шуд, ки иқтидори умумиашон 7339 киловаттро ташкил медиҳад.

Ҳоло дар ноҳияҳои дурдасти кишвар 305 нерӯгоҳи хурд ва 2432 таҷҳизоти барқдиҳандаи офтобӣ мавриди истифода қарор дорад.

Ғайр аз ин, ҳоло Барномаи дарозмуддати бунёди нерӯгоҳҳои хурди барқӣ барои солҳои 2009-2020 мавриди татбиқ қарор дорад, ки дар доираи он бояд 189 нерӯгоҳи хурди обӣ бунёд ёбад. Аз он 16 нерӯгоҳи хурд дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, 46 то дар вилояти Суғд, 44 адад дар вилояти Хатлон ва 83 нерӯгоҳ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бояд мавриди баҳрабардорӣ қарор бигиранд. Дар чаҳорчӯби ин барнома аллакай сохтмони 73 нерӯгоҳи хурди обӣ ба поён расидааст.

Шумораи зиёди нерӯгоҳҳои хурди дигар аз ҷониби соҳибкорони хусусӣ ва ташаббускорони инфиродӣ бунёд меёбанд, ки дар ин барномаи давлатӣ ба инобат гирифта нашудаанд.

Танҳо дар ҳафт соли охир барои бунёди иқтидорҳои нави истеҳсоли нерӯи барқ, таҷдиду барқарорсозии иқтидорҳои мавҷуда ва умуман рушди соҳаи энергетика қариб 12 миллиард сомонӣ равона гардидааст.

Ҳоло дар соҳаи энергетикаи кишвар татбиқи 10 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи 6 миллиард сомонӣ идома дорад.

Бо вуҷуди ҳамаи ин дастовардҳо дар соҳаи энергетика, аз ҷумла гидроэнергетикаи Тоҷикистони соҳибистиқлол рушди босуботу бонизоми ояндаи кишварро бе нерӯгоҳи обии Роғун тасаввур кардан номумкин аст. Бе нерӯгоҳи Роғун дар ояндаи наздик обанбори Норак аз лой ва сангу шағал пур мешавад ва ин нерӯгоҳ, ки қалби Тоҷикистон аст, корношоям мегардад. Танҳо ҳамин бурҳон кофист, ки нерӯгоҳи Роғунро барои Тоҷикистон тақдирсоз биномем. Маҳз ба ҳамин хотир Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон пайваста таъкид менамояд: «Роғун умри Норакро 100 соли дигар дароз мекунад».

Солҳои 2007 ва 2008 бо ташаббусу пешкорӣ ва азму иродаи устувори Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон барқарорсозии иншооти мавҷудаи нерӯгоҳи Роғун ва омодагӣ ба идомаи сохтмону таҷҳизи он бо нерӯи худӣ ва маблағгузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дубора оғоз ёфт. Дар аввал касе бовар надошт, ки Тоҷикистон бо имконоти дохилии худ қудрату тавони сохтмони чунин иншооти азимро дорад.

Дар воқеъ мушкил аст, вале қудрату тавоноӣ дар дасти мардум аст, мардуме, ки муттаҳид ва якдилу якмаром бошад. Хушбахтона мардуми Тоҷикистон аҳамияти нерӯгоҳи Роғунро барои имрӯзу фардои Ватани азизи худ хуб дарк мекунад. Ин буд, ки баъд аз муроҷиати Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон (5 январи соли 2010) ба мардуми ҷумҳурӣ доир ба саҳмгузории умумӣ дар сохтмони нерӯгоҳи Роғун ва майдони заҳмати созанда эълон гардидани мавзеи бунёди он дар муддати кӯтоҳ наздики 200 миллион доллари амрикоӣ маблағ ҷамъоварӣ шуд.

Тибқи тавофуқоти Тоҷикистону Бонки ҷаҳонӣ ҳоло дар мавзеи бунёди Роғун танҳо корҳои барқарорсозии иншооти қаблан сохташуда ва омодагӣ ба идомаи сохтмони ин нерӯгоҳи тақдирсоз ба назар мерасанд.

Тавре аён мегардад, сиёсати Тоҷикистон дар соҳаи обу энергетика, ки ба нафъи кулли минтақа равона гардидааст, вақтҳои охир мавриди дастгирии васеи коршиносони байналмилалӣ ва намояндагони воломақоми давлатҳои гуногун ва созмонҳои минтақавию ҷаҳонӣ қарор мегирад. Пуштибониҳои бо далелҳои қотеъ устуворгардида дар доираҳои Созмони Милали Муттаҳид, дигар созмонҳо, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Ҷумҳурии Федеролии Олмон ва дигар давлатҳои Иттиҳоди Аврупо садо медиҳанд.

Барои ташвиқи ҷаҳонии истифодаи босамар аз захираҳои обию энергетикӣ, гузаштан ба “энергетикаи сабз” ё “иқтисоди сабз”, ҳифзи иқлими сайёра аз гармшавии босуръат ва расидан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола Тоҷикистон пешвои ҷаҳонӣ дар тарғиби дастрасии умум ба оби поки ошомиданӣ ва “энергетикаи сабз” эътироф гардид.

Ҷойи шубҳа нест, ки тайи садсолаҳо ва ҳатто ҳазораҳои гузашта шохаҳои гуногуни Шоҳроҳи Бузурги Абрешим аз ҳудуди Тоҷикистони имрӯза мегузашт. Сарзамини кӯҳистони мо, сарфи назар аз кӯҳҳои осмонбӯсу душворгузари худ, як навъ пули пайвандбахши Шарқу Ғарб ва ҳам Шимолу Ҷануб буд. Номгӯи шаҳрҳои зиёди бостонии Тоҷикистон, ки тайи ҳазорсолаҳои гузашта бо корвонсаройҳо ва бозорҳои бузурги минтақавӣ дар сарчашмаҳои муътамади таърихӣ зикрашон омадааст, аз дурустии ин таъкид гувоҳӣ медиҳад. Шаҳру шаҳристонҳои бостонии Саразм, Панҷакент, Истаравшан, Хуҷанд, Ҳисори Шодмон, Тахти Сангин, Қубодиён, Фархор, Ҳулбук, Кӯлоб, Мунк, Дарбанд, Рашт, Дарвоз, водии Вахон ва ғайра аз ҷумлаи мавзеъҳои Тоҷикистони имрӯзаанд, ки дар гузашта аз онҳо роҳҳои минтақавию байналмилалии тиҷоратӣ мегузаштанд.

Аммо аз солҳои ба истилоҳ индустриализатсияи Осиёи Марказӣ ва сохтмони роҳҳои оҳан, ки аз нимаи дуюми садаи 19 - аз замони таҳти тасарруфи Русияи подшоҳӣ афтодани ин минтақа оғоз ёфт, сарзамини Тоҷикистони имрӯза-онвақта ҳудуди Бухорои Шарқӣ аз раванди рушду тараққиёти замони нав дар канор монд. Танҳо минтақаи шимоли Тоҷикистон то андозае аз дастовардҳои илму техникаи нав, аз ҷумла роҳи оҳан баҳравар гардид.

Бо вуҷуди пешрафту тараққиёти замони шӯравӣ, ки зиндагии мардумро комилан дигаргун намуд, пайвастагии миёни минтақаҳои Тоҷикистон дар ҳамаи фаслҳои сол таъмин карда нашуд. Аз ҷумла Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва вилояти Суғд (онвақта Ленинобод) дар 6 моҳи фасли сардмоҳ бо маркази ҷумҳурӣ танҳо алоқаи ҳавоӣ доштанду бас. Алоқаи нақлиётии заминӣ танҳо аз тариқи ҷумҳуриҳои ҳамсоя имконпазир буд. Албатта, тавассути кандани нақбҳо ва бунёди пулҳои азим имкон буд, ки минтақаҳои кӯҳистони Тоҷикистон бо роҳҳои мошингард ба ҳам ва бо маркази ҷумҳурӣ пайваста шаванд, вале ба хотири пурхароҷот будани татбиқи чунин лоиҳаҳо аз онҳо худдорӣ намуданд.

Дар тирамоҳу зимистон аҳбаҳои Анзобу Шаҳристон ва Хобуробод, ки ноҳияҳои марказии ҷумҳуриро бо вилояти Суғд ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мепайванданд, баста мешуданд.

Ҳаракати нақлиёти мошинӣ ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар фасли зимистон танҳо аз тариқи шаҳри Оши Қирғизистон сурат мегирифт.

Ин аст, ки пас аз пош хӯрдани давлати ягонаи Шӯравӣ ва ба истиқлол расидани ҷамоҳири Осиёи Марказӣ истифода аз роҳҳои минтақавӣ тадриҷан ба мушкилиҳо рӯ ба рӯ омадан гирифт. Аз ҷумла, Ҷумҳурии Узбекистон натанҳо дар убуру мурур аз ҳудуди худ ба монеагузорӣ оғоз намуд, балки сарҳади давлатиашро бо Тоҷикистон минагузорӣ карда, низоми раводид ҷорӣ намуд ва ҳатто қитъаи Амузанги роҳи оҳани Тирмиз-Қӯрғонтеппаро вайрону валангор кард. Ҳамин тариқ, аз соли 2012 сар карда, вилояти Хатлон аз тамоми робитаҳои роҳи оҳан бо дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ва ҳам бо хориҷи кишвар маҳрум монд. Ба ҳамин тартиб, Тоҷикистон тавассути сиёсати монеагузории Узбекистон, ҳамчунин бо бурида шудани хатҳои минтақавии интиқоли нерӯи барқ аз шабакаи ягонаи энергетикии Осиёи Марказӣ ҷудо карда шуд. Ахиран Узбекистон ҳамчунин интиқоли гази табииро ба Тоҷикистон пурра қатъ намуд.

Маҳз ҳамин ҳолатҳо аст, ки раҳо намудани Тоҷикистон аз бунбасти коммуникатсионӣ аз ҷониби Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон аз ҷумлаи се ҳадафи стратегии Ҳукумати кишвар эълон гардидааст.

Бешубҳа, барои муттаҳидиву ягонагӣ ва ваҳдати миллӣ, пеш аз ҳама, таъмини равуо ва додугирифти дохилиҷумҳуриявӣ зарур аст. Эмомалӣ Раҳмон хеле дақиқназарона дарк намуд, ки заминаи ин ваҳдатро бояд омода кард. Бе васли ҳама манотиқи ҷумҳурӣ ба даст овардани чунин ваҳдат имкон надошт. Ва ӯ ин ҳадафро пайгирона ба миён гузошта, мардуми Тоҷикистонро ба созандагӣ дар ҳама соҳаҳо, аввал аз ҳама, дар соҳаи роҳу иртиботот даъват намуд.

Дар даҳ соли охир барои раҳо намудани кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ ва баромадан ба бандарҳои обии ҷаҳонӣ 23 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии қариб 3,2 миллиард сомонӣ амалӣ карда шудааст, ки 17-тои он ба солҳои 2006-2013 рост меояд.

Дар натиҷа 1650 километр роҳҳои мошингард бунёд ва ё навсозӣ гардида, 109 пул ва 32 километр нақб сохта, мавриди бахрабардорӣ қарор гирифтаанд.

Дар давраи солҳои 2006-2013 сохтмону навсозии роҳҳои мошингард, пулҳо ва нақбҳо, аз ҷумла, навсозии шоҳроҳҳои мошингарди Душанбе-Қурғонтеппа, Душанбе-Ху ҷанд-Бустон-Чанок, Душанбе-Рашт- Ҷиргатол-сарҳади Қирғизистон, Қурғонтеппа-Дӯстӣ-Панҷи Поён ва Душанбе-Данғара оғоз ёфта, ба поён расид. Дар доираи ин лоиҳаҳо даҳҳо пулҳои хурду бузург бунёд ёфта, садҳо км роҳҳои маҳаллӣ низ навсозӣ шуданд. Сохтмону навсозии шоҳроҳҳои мошингарди К ӯлоб-Қалъаи Хумб, Душанбе-Турсунзода ва Айнӣ-Пан ҷакент бомаром идома дорад.

Дар ин давра ҳамчунин сохтмони нақбҳои мошингарди Дӯстӣ ё худ Шаршар бо дарозии 2223 м/т, Шаҳристон бо дарозии беш аз 5 км ва Чормағзак бо дарозии қариб 5 км ба поён расид.

Дар ин муддат танҳо дар болои р ӯди Пан ҷ миёни То ҷикистону Афғонистон се пули азим дар мавзеъҳои Ишкошим, Пан ҷи Поён ва Ван ҷ сохта, ба истифода дода шуда, сохтмони пули чаҳорум дар мавзеи Ш ӯрообод дар арафаи ан ҷомёбӣ қарор дорад. Мавриди зикри хос аст, ки маҳз тавассути пулҳои мошингард гардиши молу маҳсулот миёни То ҷикистону Афғонистон тайи солҳои охир беш аз 100 баробар афзоиш ёфт.

Ҳоло дар соҳаи нақлиёт 11 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии 5,5 миллиард сомонӣ амалӣ шуда истодааст.

Навсозии роҳҳо идома дошта, то соли 2015 сохтмону барқарорсозии роҳи мошингарди Айнӣ-Панҷакент, Душанбе-Турсунзода, Кӯлоб-Қалъаихумб ва Кӯлоб-Ховалинг, сохтмони терминали замонавӣ дар фурудгоҳи байналмилалии Душанбе, роҳҳои оҳани Душанбе-Қӯрғонтеппа, Қӯрғонтеппа – Панҷи Поён ва Тоҷикистон-Афғонистон-Туркманистон дар назар аст. Доир ба ҷалби сармоягузорӣ ба таҳияи лоиҳа ва сохтмони роҳи оҳани Чин-Қирғизистон-То ҷикистон-Афғонистон-Эрон ҳам чораҳо амалӣ мегарданд.

Ин аст, ки аз соли 2012 ба ин сӯй фаъолияти нақлиёти байналмилалӣ бо 37 давлати ҷаҳон сурат мегирад. То соли 2006 ин амал танҳо бо 16 давлат имконпазир буд. Ҳамлу нақл дар соли 2006 ҳамагӣ бо 8 давлати хориҷи дур ҷараён мегирифт, соли 2012 бошад шумораи чунин давлатҳо ба 24 расид. Содироти бор соли 2006 ҳамагӣ 40,0 ҳазор тоннаро такшил медод, соли 2012 бошад 230 ҳазор тонна ё зиёда аз 7 баробар афзоиш ёфтааст.

Бо такя ба чунин нишондодҳои роҳсозӣ, бо итминон метавон гуфт, ки имрӯз Тоҷикистон аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳо ёфтааст. Корҳо танҳо барои ба сатҳи байналмилалӣ расондани сифати роҳҳо ва хизматрасонии нақлиётӣ идома доранд.

Чунонки аз нутқи барномавии Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар маросими савгандёдкунии 18 ноябри соли 2006 бармеояд, таъмини амнияти озуқаворӣ аз ҷумлаи се ҳадафи стратегии Ҳукумати кишвар дар марҳилаи нави созандагӣ ба шумор меравад.

Барои татбиқи амалии ин ҳадаф, ки бо Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсолаи дар Созмони Милали Муттаҳид эълонгардида ҳамоҳанг мебошад, дар Тоҷикистон як қатор санадҳои муҳим ба тасвиб расида, мавриди иҷро қарор доранд. Муҳимтарини онҳо Стратегияи миллии рушд барои то соли 2015, Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои дигар доир ба коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ мебошанд.

Дар доираи татбиқи ин ва дигар санадҳои давлатӣ ислоҳоти соҳаҳои гуногуни иқтисоди кишвар ба роҳ монда шуда, доир ба муҳайёсозии ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ ва ба содирот нигарондани онҳо корҳои зиёд анҷом дода шуданд.

Аз соли 2007 ба ин сӯй таъмини амнияти озуқаворӣ барои Тоҷикистони тозаистиқлол, ки 93% ҳудудашро кӯҳҳои осмонбӯс ташкил медиҳанд, аҳамияти ҳаётӣ пайдо намуд, зеро аз нимаи дуюми ҳамин сол буҳрони байналмилалии молиявию иқтисодӣ шиддат ёфта, нархи маҳсулоти хӯрока дар бозори ҷаҳонӣ босуръат боло мерафт.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон пайомадҳои шиддат гирифтани б ӯҳрони ҷаҳониро хуб эҳсос намуда, моҳи феврали соли 2008 ба Ҳукумат ва мардуми кишвар муроҷиатномаи махус қабул намуд. Тавре таъкид гардид, роҳи асосии пешгирӣ аз таъсири манфии буҳрони ҷаҳонии молиявию иқтисодӣ ва таъмини эътидолу амнияти озуқаворӣ дар кишвар афзун намудани нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ ва фаровон намудани бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти ватанӣ аст. Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон Ҳукумат ва мардуми кишварро ба суръат бахшидани киштукори баҳорӣ, таъмини хоҷагиҳои кишоварзӣ бо қарзҳои бонкӣ, техникаю таҷҳизот, маводи сӯхту молиданӣ, нуриҳои минералӣ, тухмиҳои хушсифат, истифодаи босамар аз ҳар ваҷаб замини корам ва хусусан тавассути ба роҳ мондани кишти такрорӣ рӯёндани ду ва зиёда ҳосил аз заминҳои обӣ ҳидоят намуд.

Минбаъд иҷрои супоришҳои ин муроҷиатнома таҳти назорати доимӣ қарор гирифт ва хушбахтона натиҷаҳои дилхоҳ дод. Худи ҳамон сол кишоварзони мамлакат барои рӯёнидани ду ва зиёда ҳосил аз заминҳои обӣ дар майдони 109 ҳазор гектар кишти такрорӣ гузаронданд. Ин нишондиҳанда нисбат ба нақша 8 ҳазор ва нисбат ба соли 2007 41 ҳазор гектар зиёд буд.

Тибқи маълумоти оморӣ ба ҳолати 1 ноябри соли 2008 истеҳсоли ғалладонагиҳо дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ ба 841 ҳазору 500 тонна, картошка 540 ҳазор тонна ва сабзавот 738 ҳазор тонна расонида шуд.

Бо супориши Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон соли 2008 дар 170 ҳазор гектар заминҳои обӣ кишти тирамоҳии ғалладона гузаронда шуд ва соли 2009 майдони кишти такрорӣ ба 160 ҳазор гектар расонда шуд.

Натиҷаи чунин тадбирҳо буд, ки соли 2009 нахустин бор дар таърихи Тоҷикистон 1 миллиону 300 ҳазор тонна ғалладона ҷамъоварӣ шуд.

Дар натиҷаи дастуру супоришҳои Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон, ки аз паёмҳои ӯ ба Маҷлиси Олӣ, маҷлисҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, машвараҳо ва сафарҳои корӣ ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бармеоянд, маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2012 ба 16,4 млрд. сомонӣ расонида шуд. Ин нишондиҳанда нисбат

ба соли 2006 7,3 млрд. сомонӣ ё 2,2 баробар зиёд аст. Дар ин давра истеҳсоли маҳсулот - ғалладона 35%, картошка 73%, сабзавот 2,3 баробар, полезӣ 2,1 баробар, мева 50,4%, гӯшт 58,8% ва шир 43% афзун шуд.

Дар ин давра дар соҳаи кишоварзии мамлакат бо ҷалби 900 миллион сомонӣ маблағҳои институтҳои байналмилалии молиявӣ татбиқи 10 лоиҳаи сармоягузорӣ барои барқарорсозии инфрасохтори деҳот, инкишофи истеҳсолоти кишоварзӣ ва идораи ҳавзаи дарёҳо, бақайдгирӣ ва системаи кадастри замин, рушди устувори соҳаи пахтакорӣ, рушди деҳот, рушди чорводорӣ ва чарогоҳҳо оғоз ёфт.

Соли 2012 дар майдони 142 ҳазор гектар кишти такрорӣ гузаронида шуд, ки нисбат ба соли 2006 36 ҳазор гектар зиёд буд.

Дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ майдони зироатҳои ғалладона хеле васеъ гардида, дар соли 2012 ба 424332 гектар расонида шуд, ки нисбат ба соли 2006 22420 гектар ё 5,5 фоиз зиёд мебошад. Истеҳсоли ғалладона ба 1,2 млн. тонна расонида шуд, ки нисбат ба соли 2006 320 ҳазор тонна ё 35,1% фоиз зиёд аст.

Барои афзун намудани истеҳсоли картошка ва пурра таъмин кардани бозори дохилӣ ва ҳамчунин ба содирот баровардани он бо супориши Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон Барномаи давлатии рушди соҳаи картошкапарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2016 таҳия ва қабул гардид. Тибқи барномаи мазкур бояд майдони кишти картошка зиёд шуда, истеҳсоли он ба 1 миллион тонна расонда шавад.

Дар соли 2006 майдони кишти картошка дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ҷумҳурӣ 27935 гектарро ташкил медод ва ин майдон то соли 2012 дар ҷумҳурӣ ба 41738 гектар расонида шуд, ки нисбат ба соли 2006 13803 гектар зиёд аст.

Истеҳсоли картошка дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ҷумҳурӣ соли 2006 573685 тоннаро ташкил дода буд. Дар соли 2012 ин нишондиҳанда ба 991044 тонна расонида шуд.

Майдони кишти сабзавот ва полезӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ то соли 2012 зиёд гардида, нисбат ба соли 2006 мутаносибан 13227 ва 9299 гектар ва истеҳсоли онҳо 582516 ва 246886 тонна зиёд гардид.

Барои таъмини аҳолии кишвар бо сабзавоти тару тоза дар тамоми фаслҳои сол дар бахши хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ҷамъиятӣ масоҳати гармхонаҳои доимӣ ба 62 гектар расонида шуда, аз он 589 тонна помидор, 624 тонна бодиринг ва 207 тонна дигар намуди сабзавот, дар маҷмӯъ 1421 тонна маҳсулоти тару тоза истеҳсол карда шудааст, ки нисбат ба соли 2006 майдони кишт 44 гектар ва истеҳсол 1092 тонна зиёд мебошад.

Мавриди зикри хос аст, ки дар натиҷаи иштироки пайваста ва бевоситаи Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар ҳашарҳои умумии ниҳолшинонӣ ва ба ин кор тарғибу ташвиқ намудани мардум нишондодҳои барномаи чорсолаи соҳа дар 2 сол иҷро шуд. Аз ин хотир, соли 2009 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ доир ба рушди соҳаи боғу токпарварӣ барои солҳои 2010-2014» содир шуд. Тибқи ин фармон дар ин муҳлат бояд дар майдони 50 ҳазор гектар боғу токзори нав бунёд карда шавад.

Ин буд, ки майдони боғҳо то соли 2012 дар ҷумҳурӣ ба 122009 гектар расида, дар майдони 4409 гектар боғ ва 1506 гектар токзори куҳна барқарор карда шуд. Тайи 6 соли охир майдони боғҳо дар ҷумҳурӣ 31374 гектар зиёд шуд.

Дар соли 2012 истеҳсоли мева дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ ба 481 ҳазор тонна тонна расид, ки нисбат ба соли 2006 167 ҳазор тонна зиёд мебошад.

Дар давоми солҳои 2008-2012 бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо харҷи 3,1 млн. сомонӣ маблағҳои буҷетӣ дар майдони 333 гектар дар ноҳияҳои Мастчоҳ, Панҷакент, Данғара, Бохтар, Ховалинг, Восеъ, Муминобод ва Дарвоз боғу токзори намунавӣ ва дар асоси технологияи инноватсионӣ 5 гектар боғи интенсивӣ дар ноҳияи Ҳисор бунёд карда шуд. Инчунин барои васеъ намудани майдони боғи модарӣ бо маблаги 1 млн. сомонӣ 14200 бех ниҳоли себи чинӣ ва 14300 бех гелоси ҷопонӣ, ҷамъ 28500 бех ниҳол аз хориҷи кишвар ворид ва ба хоҷагиҳои ҷумҳурӣ дастрас карда шуд.

Дар солҳои 2006-2012 бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳурӣ аз дохил ва хориҷи кишвар ба маблаги 15,1 млн. сомонӣ 7021 тонна картошкаи тухмӣ, ба маблаги 10,1 млн. сомонӣ 2938 тонна гандуми тухмӣ, ба маблаги 7 млн.сомонӣ 360 тонна чигити тухмӣ бо 15 тухмипошаки кишти дақиқ ва ба маблаги 1,5 млн. сомонӣ ба миқдори 165 тонна ҷуворимаккаи тухмӣ харидорӣ шуд.

Дар солҳои 2006-2012 бо дастгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чорводорӣ низ рушд ёфта, дар ин самт натиҷаҳои назаррас ба даст омаданд.

Дар ин давра саршумори чорвои калон 342878 сар, гӯсфанду буз 914643 сар, паранда 1605929 сар, истеҳсоли гӯшт 43099 тонна, шир 194693 тонна, пашм 1291 тонна ва тухм 180431 ҳазор дона зиёд гардидааст.

То соли 2006 барои беҳтар намудани зоти чорво дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ ҳамагӣ 80 нуқтаи бордоркунии сунъӣ фаъолият дошта, дар онҳо ҳамасола 3300 сар модагов ба таври сунъӣ бордор карда мешуд. Ба 1 январи соли 2013 шумораи нуқтаҳои бордоркунии сунъӣ ба 260 расонида шуд.

Қутоспарварӣ дар ноҳияҳои баландкӯҳи ҷумҳурӣ бахши асосии чорводорӣ ба шумор меравад. Дар натиҷаи амалишавии Барномаи рушди соҳаи қутоспарварӣ саршумори қутос дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ ба 23300 сар расонида шуд, ки нисбат ба соли 2006 8300 сар (55%) зиёд мебошад.

Инчунин шумораи хоҷагиҳои қутоспарварӣ аз 38 адад ба 62 расонда шуд, ки нисбат ба соли 2006 24 адад зиёд мебошад.

Қобили зикр аст, ки бо дастгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2008-2012 аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 1610 сар қутос аз ноҳияи Мурғоб харидорӣ гардида, ба дигар ноҳияҳои баландкӯҳи ҷумҳурӣ дастрас карда шуд. Дар асоси дастуру супоришҳои Сарвари давлат бо дарназардошти минтақаи туризм ва сайёҳӣ эълон гардидани ноҳияҳои Балҷувон, Варзоб, Айнӣ ва дар оянда пешкаши сайёҳон гардонидани гӯшти парҳезии қутос дар ин ноҳияҳо ба тариқи омӯзишӣ парвариши қутос ба роҳ монда шуд.

Дар доираи татбиқи Барномаи рушди соҳаи асппарварӣ соли 2010 КВДҶ «Асппарвар» ташкил гардид, ки ҳоло 87 сар аспҳои зоти англисӣ ва тоҷикӣ дорад.

Инчунин риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо» барои кам гардидани забҳи чорво мусоидат намуд.

Бо раҳнамоии Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон парвариши замбӯри асал дар Тоҷикистон рушди бесобиқа пайдо намуд. То соли 2006 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ҷумҳурӣ 49600 оилаи занбӯри асал парвариш ёфта, соле то 800-900 тонна асал истеҳсол мегардид. Ба ҳолати 1 январи соли 2013 миқдори оилаҳои занбӯри асал ба 190 ҳазор ва истеҳсоли асал ба 3280 тонна расонида шуд.

Ҳамасола дар асоси дастуру супоришҳои Сарвари давлат бо мақсади таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти замбӯри асал дар моҳҳои август-сентябр чорабинии Иди асал баргузор карда мешавад. Баргузории чунин чорабиниҳо барои рушди минбаъдаи соҳаи занбӯрпарварӣ мусоидат намуда истодааст.

Бо дастгирии Сарвари давлат соҳаи парандапарварӣ низ рӯй ба рушд овардааст. То қабули барномаи давлатии рушди ин бахш дар миқёси ҷумҳурӣ 8 корхонаи парандапарварӣ фаъолият дошт, ки дар онҳо 434 ҳазор сар паранда парвариш ёфта, 24 миллиону 800 ҳазор дона тухм истеҳсол мегардид. Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти корхонаҳои парандапарварӣ марҳила ба марҳила барқарор гардида, шумораи онҳо ба 23 расонида шуд. Дар ин корхонаҳо 1 миллиону 546 ҳазор сар паранда парвариш ёфта, соли 2012 дар онҳо 171 миллион дона тухм истеҳсол гардидааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки нисбат ба соли 2006 дар корхонаҳои парандапарварӣ саршумори паранда 3,5 баробар ва истеҳсоли тухм 7 баробар зиёд шудааст.

Бо мақсади дастгирии ин соҳа бо супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридоти хӯрокаи паранда аз пардохти боҷи гумрукӣ ва андоз аз арзиши илова озод карда шуд, корхонаҳо ба ҳисоби барқистифодабарандагони дараҷаи аввал гузаронида шуда, бо барқи мунтазам таъмин шуданд. Дар 12 корхонаи соҳа технологияи ҳозиразамон аз Ҷумҳурии Исломии Эрон, Туркия, Русия, Украина оварда, насб карда шуд.

Дар ин давра корхонаҳои парандапарварӣ ва сехҳои чӯҷабарорӣ марҳила ба марҳила чӯҷа истеҳсол намуданд, ки онҳо ҳамасола зиёда аз 300 ҳазор сар чӯҷа ба фурӯш мебароранд.

Тавассути амалишавии Барномаи рушди соҳаи моҳипарварӣ бошад, шумораи хоҷагиҳои моҳипарварӣ аз 8 ба 150 адад расонида шуд, ки нисбат ба соли 2008 19 баробар зиёд мебошад. Ҳамзамон истеҳсоли моҳӣ низ афзоиш ёфта, тибқи маълумоти оморӣ ба 1 январи соли 2013 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ 1113 тоннаро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2006 862 тонна (4 баробар) зиёд аст.

Соли 2007 бо ташаббуси Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон КВДҶ "Тоҷикагролизинг" таъсис дода шуд, ки вазифааш таъмини шаҳру ноҳияҳо бо техника ва мошинолоти кишоварзӣ аст. Дар давоми солҳои 2008-2012 корхона ба маблағи 25 млн. сомонӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва фаъолияти хоҷагидорӣ 598 трактор, 433 мошинолоти кишоварзӣ ворид намуд.

Дар ин давра ба ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 37 адад, ба ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 34 адад ва ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон 25 адад трактор бо испорҳояш аз тарафи Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун тухфа дастрас гардид.

Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндагии Агентии ҳамкории байналмилалии Япония "JICA" барнома оид ба расонидани кӯмак ба хоҷагиҳои деҳқонии камбизоат амалӣ мешавад, ки тибқи он танҳо дар соли 2010 ба маблағи 7 млн. доллари ИМА 51 трактор бо испораш ва 12 комбайни ғалладарав дастрас карда шуд. Соли 2012 боз 55 трактор бо испораш ва 11 комбайни ғалладарав ворид карда шуд.

Бо мақсади зиёд намудани шумораи техникаи кишоварзӣ ва дар муҳлатҳои хуби агротехникӣ анҷом додани киштукор аз моҳи октябри соли 2007 бо қарори Ҳукумати кишвар қисмати зиёди техника ва мошинолоти аз хориҷ воридшавандаи ин соҳа аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда шуд. Дар натиҷа то соли 2012 шумораи техникаи нави воридшуда ба 666 ва марказҳои хизматрасонии техникӣ ба 63 адад расид, ки нисбат ба соли 2006 мутаносибан 5,9 ва 2,9 баробар зиёд мебошад.

Барои таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти воридотивазкунанда ба ҷумҳурӣ технологияҳои нави каммасраф барои истеҳсоли орд, маҳсулоти қаннодӣ, нону маҳсулоти нонӣ, маҳсулоти макаронӣ ва шарбатҳо ворид карда шуданд.

Дар ин давра афзоиши назарраси ҳосилнокии ғалладона, картошка, сабзавот ва полезиҳо ба қайд гирифта шуд. Масалан, нисбат ба соли 2006 истеҳсоли ғалла 35,1 фоиз, картошка - 72 фоиз, сабзавот – 76 фоиз, зироатҳои полезӣ – 2,1 баробар ва мева – 54 зиёд гардид. Аз маҳсулоти чорводорӣ истеҳсоли гӯшт нисбат ба соли 2006 2,9 баробар, шир - 42 фоиз ва тухм - 2,7 баробар афзоиш ёфт.

Бо вуҷуди ин, имкониятҳои воқеӣ барои боз ҳам афзун намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, татбиқи барномаҳои қабулгардидаи соҳавӣ, коркарди ниҳоии маҳсулот ва дар ин замина таъмин намудани фаровонии бозори истеъмолӣ ва рушди иқтидори содиротии мамлакат хеле зиёданд.

Татбиқи сиёсати созандагию бунёдкории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз охирҳои соли 2006 пас аз интихобшавии навбатии Эмомалӣ Раҳмон ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон авҷи тоза пайдо намуд.

Дар натиҷаи заҳматҳои зиёди созандагӣ соли 2007 имкон фароҳам омад, ки дар ҳаҷми 272 миллион сомонӣ буҷети давлатии иловагӣ қабул карда шавад. Қариб ҳамаи ин маблағҳо ба бунёдкорию созандагӣ равона гардида, ба ин раванд такони ҷиддӣ бахшида шуд.

Натиҷаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар дар ҳафт соли охир собит менамоянд, ки дар ин давра барои ҷумҳурӣ дар маҷмӯъ солҳои пурфайзу барор буд. Дар ин давра як зумра барномаҳои давлатӣ таҳия ва қабул шуданд, ки татбиқи босамари онҳо ба густариши бунёдкорию созандагӣ мусоидат намуд.

Тибқи нақшаҳои тасдиқгардида то соли 2015 45 корхонаи нави пахтатозакунӣ бо иқтидори коркарди 209 ҳазор тонна ва 38700 ҷойи корӣ бунёд меёбад. Бояд ёдовар шуд,

ки шумораи корхонаҳои пахтатозакунии кишвар аз 19 адади соли 2006 дар соли 2012 ба 87 адад расонида шуд.

Дар солҳои 2010-2012 дар ҷумҳурӣ 6 корхонаи нави ресандагӣ ва як корхонаи аз нав барқароршуда бо иқтидори умумии коркарди 22,4 ҳазор тонна нахи пахта дар як сол ба истифода супорида шуд.

Таҳлили «Барномаи рушди коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2015» шаҳодат медиҳад, ки танҳо дар тӯли солҳои 2006-2012 бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ иловатан 430 корхона бунёд карда шуд ва шумораи онҳо аз 650 адад гузашт.

Барои таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти воридотивазкунанда ба ҷумҳурӣ технологияҳои нави каммасраф барои истеҳсоли орд, маҳсулоти қаннодӣ, нон, макарон ва шарбатҳо ворид карда шуд.

Бо ташаббуси соҳибкорони ватанӣ чандин корхонаи нави басту банди меваи хушк ба истифода дода шуд, ки маҳсулоти он фақат барои содирот пешбинӣ шудааст.

Тибқи Барномаи рушди заргарӣ, коркарди сангҳои қиматбаҳо ва ороишӣ барои солҳои 2009-2015 таъсиси 10 корхонаи заргарӣ ва коркарди сангҳои қиматбаҳо ва ороишӣ дар ҷумҳурӣ пешбинӣ шудааст. То соли 2013 8 адад корхонаи коркарди санг ва заргарӣ таъсис дода шуд.

Барои амалӣ намудани Барномаи рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ барои давраи то соли 2015 бунёди корхонаҳои нав, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ба роҳ мондани намудҳои нави масолеҳ ва таҷдиди корхонаҳои амалкунанда идома дорад.

Мувофиқи барнома сохтмони 6 корхона, аз ҷумла 2 корхонаи сементбарорӣ, 2 корхонаи шишабарорӣ, 1 корхонаи рангбарорӣ, 1 корхонаи истеҳсоли аглопорит пешбинӣ гардидааст.

Дар ноҳияи Мастчоҳи вилояти Суғд корхонаи сементбарорӣ бо иқтидори 100 ҳазор тонна дар як сол аз ҷониби ҶДММ “Суғдсемент” мавриди истифода қарор дода шуд, ки дар он 132 ҷойи нави корӣ таъсис дода шудааст. Марҳилаи дуюми корхона бо иқтидори 300 ҳазор тонна дар як сол идома дошта, ҶДММ “Кавсар ва К” низ барои сохтмони корхонаи сементбарорӣ бо иқтидори 500 ҳазор тонна дар як сол кор мебарад.

Дар ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон аз ҷониби ҶММ «Хуаксин Ғаюр семент» корхонаи сементбарорӣ моҳи августи соли 2013 ба кор даромад, ки ҳамасола 1 миллион тонна маҳсулот истеҳсол мекунад. Дар ин корхона беш аз 1000 нафар бо кори доимӣ таъмин гардидаанд, ки ояндаи наздик беш аз 90 фоизи онҳоро шаҳрвандони Тоҷикистон ташкил хоҳанд дод.

Солҳои 2011-2012 дар шаҳри Қайроққуми вилояти Суғд корхонаи истеҳсоли шиша ва зарфҳои шишагӣ бо таъсиси 200 ҷойи нави корӣ ба фаъолият оғоз кард.

Дар соли 2012 танҳо дар вилоятҳои Суғду Хатлон зиёда аз 300 корхонаи хурди истеҳсолӣ бунёд ёфт, ки дар онҳо беш 10 ҳазор ҷойи кории доимӣ муҳайё шуд. Танҳо соли 2012 дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 80 иншооти нав бунёд ёфт ва сохтмони 60-тои дигар идома дорад. Авҷи тозаи бунёдкорию созандагӣ ҳамчунин дар шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба мушоҳида мерасад.

Танҳо соли 2011 ва танҳо аз ҷониби соҳибкорон қариб 1000 иншооти иқтисодиву иҷтимоӣ бунёд гардидааст. Аз ҷумла 100 корхонаи саноатӣ ба истифода супурда шуд, ки дар онҳо беш аз 12 ҳазор ҷойи нави корӣ муҳайё гардидааст.

Моҳи апрели соли 2012 нақшаи амал оид ба таъсиси корхонаҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расид. Дар натиҷа бо истифода аз имкону заминаҳои муҳайёгардида соҳибкорони ватанӣ танҳо дар соли 2012 332 корхонаи нави истеҳсолӣ сохта, ба истифода доданд.

Дар соли 2013 бошад, дар мамлакат зиёда аз 210 корхонаи нави саноатӣ бо 8 ҳазор ҷойи корӣ сохта, ба истифода дода мешавад. Аз ин ҳисоб дар семоҳаи аввали соли 2013 79 корхонаи истеҳсолӣ бо 1400 ҷойи корӣ ба истифода супурда шуд.

Дар давоми ҳафт соли охир дар мамлакат зиёда аз 1600 корхонаи нави саноатӣ бо 50 ҳазор ҷойи корӣ, аз ҷумла корхонаҳои саноати коркарди маъдан ва дигар намудҳои ашёи хоми саноатӣ бунёд карда шудаанд ва ин раванд бояд суръат бахшида шавад.

Дар самти сохтмони манзили истиқоматӣ, ки бахши муҳими сиёсати бунёдкорию созандагӣ мебошад, низ натиҷаҳо назаррасанд, зеро дар зарфи 7 соли охир 5,6 млн. м^2 хонаҳои истиқоматӣ бунёд ёфтаанд.

Ҳамчунин барои сохтмони манзили хусусӣ тайи солҳои 2009-2012 қариб 30 ҳазор гектар замин ҳамчун қитъаҳои наздиҳавлигӣ ба мардум ҷудо карда шудааст, ки боиси соҳиби хонаҳои нав шудани беш аз 1 миллион нафар аҳолӣ мегардад.

Тавре аён мегардад, саҳми соҳибкорону сармоягузорони хусусӣ дар рушди иқтисоди миллӣ назаррас аст. Албатта боиси ташаббускории зиёди онҳо муҳайёсозии фазои мусоиди соҳибкорию сармоягузорӣ аст, ки солҳои охир аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии То ҷикистон ба назар мерасад.

Қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» тавассути «Равзанаи ягона», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ”, Кодекси нави андоз, Барномаи «Беҳбудии фазои соҳибкорӣ-200 рӯзи ислоҳот», фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ислоҳоти низоми иҷозатдиҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба такмил додани расмиёти маъмурии вобаста ба амалӣ намудани фаъолияти сохтмонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳо аз ҷумлаи тадбирҳои муассири Ҳукумати Ҷумҳурии То ҷикистон мебошанд.

Натиҷаи додани сабукиҳо ба соҳибкорону сармоягузорон аст, ки дар солҳои 2006-2012 ба соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 2 млрд. доллари ИМА сармояи мустақим ворид карда шуд.

Барои соҳаҳои иҷтимоии кишвар давраи солҳои 2006-2013 давраи рушди босубт ба шумор меравад. Агар дар соли 2006 ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаҳои иҷтимоӣ 903 миллион сомониро ташкил карда бошад, пас ин рақам дар соли 2013 7 баробар зиёд аст.

Инчунин аз соли 2006 сар карда, то соли 2012 музди кори кормандони соҳаҳои буҷетӣ, стипендия, кӯмакпулӣ ва ҷубронпулӣ ба ҳисоби миёна шаш баробар зиёд гардид.

Ҳамасола дар соҳаи маориф даҳҳо биноҳои нави мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ сохта, ба истифода дода мешаванд. Масалан, дар зарфи 10 соли охир дар кишвар беш аз 1000 мактаби ҷавобгӯ ба талаботи меъёрҳои замони муосир бунёд гардидааст. Соли 2013 маблағгузории соҳаи маориф дар ҳаҷми 2 миллиарду 131 миллион сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки ин дар муқоиса бо соли 2000 57 баробар зиёд мебошад. Танҳо соли 2012 аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳо 248 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо 44 ҳазор ҷойи нишаст ба маблағи умумии 320 миллион сомонӣ ба истифода дода шуд.

Ҳамин гуна маблағгузории калон дар навсозии мактабҳои олӣ, пеш аз ҳама, дар Донишгоҳи миллӣ, Донишгоҳи омӯзгорӣ, Донишгоҳи тиббӣ, Донишгоҳи техникӣ, Донишкадаи санъат, филиалҳои мактабҳои олии Русия дар шаҳри Душанбе амалӣ шуд.

Дар соли 2012 нисбат ба соли 2006 ҳаҷми маблағгузорӣ ба илм қариб 4,4 баробар афзуда, аз 12,2 млн. сомонӣ ба 53,5 млн. сомонӣ расид.

Соҳаи тандурустии кишвар таҳти таваҷҷуҳи доимии Ҳукумати мамлакат қарор дорад. Соли 2013 барои маблағгузории соҳа зиёда аз 900 миллион сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2000 47 баробар зиёд мебошад. Музди кори кормандони муассисаҳои тандурустӣ дар ҳафт соли охир 12 баробар зиёд карда шуд.

Баланд шудани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар ва беҳшавии сифати хизматрасонии тиббӣ боиси тадриҷан кам шудани фавти модару кӯдак, зиёд шудани дарозумрӣ ва афзоиши табиии аҳолии мамлакат гардидааст.

Агар дар соли 2000 дарозумрии сокинони мамлакат ба ҳисоби миёна 68,2 солро ташкил дода бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2011 ба 72,5 сол баробар шудааст.

Инчунин тибқи тадқиқоти гузаронидашуда нишондиҳандаи фавти модарон дар соли 2010 нисбат ба соли 2005 12 фоиз паст гардида, фавти кӯдакони навзод дар ин давра ду баробар кам шудааст.

Дар баробари ин, татбиқи босамари Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010 - 2020 ва дигар барномаҳои қабулшудаи давлатӣ, бунёди муассисаҳои нави тандурустӣ, таъмиру таҷдиди муассисаҳои мавҷуда

ва бо таҷҳизоти муосири тиббӣ таъмин намудани онҳо, баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ, таблиғу ташвиқи доимии тарзи ҳаёти солим, инчунин тарбияи кадрҳои муосир бомаром идома дорад.

Аз соли 2006 то соли 2013 андозаи нафақа чоруним баробар зиёд гардида, ҳаҷми маблағгузории он аз 212 миллион сомонӣ ба 1,6 миллиард сомонӣ расидааст, яъне ҳафтуним баробар афзоиш ёфтааст ва ин сиёсат идома дорад.

Дар натиҷаи амалишавии чораҳои муассир сатҳи камбизоатӣ дар мамлакат аз 81 фоизи соли 1999 дар соли 2013 то 38 фоиз паст гардид, яъне қариб 45 банди фоизӣ коҳиш дода шуд.

Ҳукумати Тоҷикистон ӯҳдадориҳои хешро дар самти ҳифзи иҷтимоии ятимону бепарасторон ва маъюбону камбизоатон ҳамеша иҷро менамояд.

Агар дар соли 2006 кӯмакҳои гуногун аз буҷети давлатӣ ба ин қишри ҷомеа 85 миллион сомониро ташкил дода бошад, ин рақам дар соли 2013 ба 170 миллион расид. Яъне дар ҳафт сол ин нишондиҳанда ду баробар зиёд гардид.

Илова ба ғамхориҳои дигар барои кӯдаконе, ки аз саробон маҳрум шуда, дар таъминоти пурраи давлат мебошанд, ба андозаи 100 фоизи ҳадди ақалли музди меҳнат, яъне 105 сомонӣ нафақаи моҳона муқаррар карда шуда, ба суратҳисоби депозитии барои ин кӯдакон дар Бонки давлатии “Амонатбонк” кушодашуда гузаронида мешавад.

Ҳоло дар кишварамон 3800 нафар кӯдаконе, ки падар ва модар надоранд, инчунин беш аз 102 ҳазор нафар, ки ё падар ё модар надоранд, ба қайд гирифта шудаанд. Ҳамчунин тибқи маълумоти расмӣ 180 ҳазор оилаҳои камбизоат ба қайд гирифта шудаанд.

Албатта Ф. Розӣ мисли дигар муфассирон дар тафсири худ ваҷҳҳои қироат, тарзҳои дурусти хондани баъзе оёт, калимот, ҳарфҳо ва чигунагии эъробу ҳараки онҳоро шарҳ додаст. Ҳамчунин Ӯ мисли дигар муаллифон дар тафсираш аз дигар тафсирҳои то замони худ таълифёта, иқтибос гирифтаву қайдҳоеро ироа кардааст. Ба

хусус аз тафсири Муҳаммад ибни Умари Хоразмии Замахшарӣ (ваф 538 ҳ қ) «Алкашшоф ан ҳақоиқи танзил ва уюнул ақовил фи вуҷуҳи таъвил», ки бо номи «Тафсири кашшоф» машҳур аст. Ҳатто сураи «Тавба»-ро бо овардани қавли соҳиби «Кашшоф» оғоз намудааст. Ба ғайр аз тафсири Замахшарӣ ба дигар китобҳои тафсир низ такя кардааст, монанди «Тафсири Қаффол»-и Муҳаммад ибни Алӣ ибни Исмоил (ваф 365 ҳ қ), тафсири «Танзеҳул Қуръон ан матоъин»-и Қози Абулҳасан Абдуҷаббор ибни Аҳмади Ҳамадонӣ (ваф 415 ҳ қ) ва «Тафсири воҳиди» Абулҳасан Али ибни Аҳмад (ваф 462 ҳ қ).

Баҳси муаллифи ин китоб аз мавзуъҳоест, ки дар робита бо ин тафсир вуҷуд доштааст ва то ҳануз ҳақиқати худро ба пуррагӣ наёфтааст. Зеро ба гуфтаи муаррихону муҳаққиқон аз ҷумла Ибни Халликон дар «Вафиётул аъён» ин тафсирро худи Ф. Розӣ пурраву комил нанавиштааст, зеро таълифи ин китоб дар охири ҳаёти Ӯ сурат гирифтааст. Ҳофиз ибни Ҳаҷари Асқалони бошад дар «Аддурарул коминату фи аъёнил моити соминати» чунин овардааст: Пас аз вафоти Ф. Розӣ тафсири Ӯро Аҳмад ибни Муҳаммад Наҷмуддини Махзумии Қамулӣ комил гардонидааст. Соҳиби «Кашфуззунун» Ҳоҷи Халифа бошад чунин гуфтааст, ки Ф. Розӣ тафсири худро то сураи «Анбиё» таълиф кардааст ва Шайх Наҷмуддин Аҳмад ибни Муҳаммади Қамулӣ (ваф 767 ҳқ) онро комил гардонидааст ва ончи аз он ноқис мондааст онро Қозиюлқуззот Шаҳобуддин ибни Халили Хувайӣ Димишқӣ (ваф 639 ҳқ) комил сохтааст. Муҳаммад Рашшод дар китоби «Фалсафа аз оғози таърих» (ҷилди 3-4) маънои болоро низ баён доштааст.[3] Соҳиби «Аттафсир вал муфссирун» ихтилофи уламоро дар бораи муаллифи ин тафсир баён дошта, баъд аз Ф. Розӣ ҷиҳати такмили он аввал Шаҳобуддини Хувайӣ ва баъдан Наҷмуддини Қамулиро зикр кардааст, ки ба эътибори соли вафоташон метавон пазируфт. Инчуни гуфтааст: Имкон дорад, ки Шаҳобуддини Хувайӣ ин тафсирро ба охир расонида бошад ва Наҷмуддини Қамулӣ такмили дигареро бар он тафсир навишта бошад.[1] Ношир ва ҳайати тасҳеҳи матбааи «Баҳиятил Мисрияти» дар муқаддимаи ин тафсир овардаанд: Баъд аз мулоҳиза дар ёфтем, ки Ф. Розӣ (ваф 606 ҳқ) дар ин тафсир аз Имом Қуртубӣ (ваф 671ҳқ) сухан гуфтааст. Ва ин далолат бар ду чиз дорад: аввал ин қайд шояд аз Ф. Розӣ набошад, балки аз касе бошад, ки ин тафсирро баъдан комил гардонидааст ба монанди Наҷмуддини Қамулӣ, зеро вафоти Ӯ дар соли 767ҳқ сурат гирифтааст ва сониян гумон меравад, ки Ф. Розӣ ин тафсирро ҳатто то сураи «Тавба» таълиф накарда бошад.[5] Чун ба сураи «Тавба» назар кардем дар тафсири ояти 111 чунин дарёфтем: Масъалаи аввал; Гуфтааст Қуртубӣ… ва ишорае гузошта онро дар зерхати варақ чунин шарҳ додаанд: Мумкин аст, инҷо манзури Ф. Розӣ Абӯҷаъфари Қуртубӣ Аҳмад ибни Али ибни Абибакр ибни Атиқи Шофеъӣ (ваф 596 ҳқ) бошад на Имом Қуртубӣ Муҳаммад ибни Аҳмад Абӯабдуло (ваф 671 ҳқ) соҳиби «Алҷомеъ ли аҳкомил Қуръон». Зеро инро аз назари ҳаёт ва вафоти онҳо метавон чунин хулоса кард.

Бо вуҷуди гуногун будани орою андешаҳо оид ба муаллифи ин тафсир хонанда дар он ҳеҷ фарқ ва тафовутеро нисбати қисмати аслӣ ва қисмати такмилии он дар намеёбад, чунки ин тафсир аз ибтидо то интиҳо бо як манҳаҷ ва равиши хос таълиф гардидааст.

Тафсири мазкур то ба имруз борҳо руи чопро дидаву нашр гардидааст. Ва ҳар маротиба бо назардошти ҳарф, хат ва андозаи варақи он, теъдодаш дигаргун шудааст.Чопе, ки дастраси мо гаштаву мавриди истифода қарор гирифтааст аз 11 муҷаллад иборат буда. шомили 32 ҷузъ аст ва дар матбааи «Баҳиятил Мисрияти», яъне дар Миср ба табъ расидааст. Бартарии ин чоп дар онаст, ки ин навбат соҳиби матбааи мазкур ва ҳайати кормандон онро тасҳеҳ кардаанд. Нахуст пешгуфтор, тарҷумаи ҳоли Ф. Розӣ, сипас ҷузъи авали он, ки шомили тафсири сураи Фотиҳа аст ва он аз тарафи муаллиф ба таври ҷудогона таълиф гардидааст, оғоз меёбад. Муаллиф интиҳои ҳар ҷузъро зикр карда, ибтидои ҷузъи ояндаро , ки бокадом оят ё сура оғоз мегардад, баён месозад. Дар охири муҷаллади 11-ум баъд аз ҷузъи ниҳоии тафсири мазкур феҳристи тасҳеҳи баъзе ҳарфҳо ва калимаву ибораҳо бо нишондоди рақами саҳифа ва ҷузъи он ҷой дода шудааст. Ва гуфтан мумкин аст, ки ин феҳрист метавонад ҳамчун беҳтарин

ҳадя ва васила барои хонанда дониста шавад, зеро ҳангоми истифодаи он хонандаро муяссар мегардад, ки баъзе , шакку шубҳа ва эҳтимолоти худро бартараф намояд.

Бисёре аз донишмандон ва пажӯҳандагони риштаҳои гуногуни улуми Қуръонӣ дар таълифот ва эҷодиёти худ аз осор ва афкору ақволи Ф. Розӣ истифода кардаанд ба хусус аз тафсири Ӯ. Зеро ин тафсир бо вуҷуди тулонӣ будан ва дарбар гирифтанаш баҳсҳои гуногуну ҷолибро аз фасоҳату балоғати калом ва равиши соддаю осон бархурдор аст. Аз ҷумла олим ва орифи машҳури диёрамон Мавлоно Яъқуб ибни Усмони Чархӣ (ваф 851 ҳқ) дар тафсири сураи Фотиҳа ва ду ҷузъи охири Қуръони карим, ки онро бо дархости дустону муҳиббон таълиф намудааст, баъзан аз ақволу ақоиди Ф. Розӣ сухан гуфтааст. Дар тафсири оятҳои 26-27-и сураи Ҷин аз баъзе ақоиди нодурусти Муътазила сухан ронда, дифоъи Ф. Розиро аз мазҳаби Суннат ва ҷамоат баён месозад. Дар шарҳи ояти 19-и сураи Иншиқоқ меорад: Ва Имом Фахруддини Розӣ (рҳ) дар Маъолиимуттанзил тамассук ба ин оят кардааст бар ҳақиқати меъроҷи Расули мо (с)…ва гуфтааст, ки қатъи ин масофати баъида дар андак муддат маҳол нест…[4] Мавлоно Яъқуби Чархӣ дар ин тафсир ҳикояти аҷиберо дар бораи Ф. Розӣ овардааст, ки ҷанбаи ирфонӣ дорад ва ба бисёрии таълифоти Ӯ далолат мекунад. Чунки дар ин ҳикоят марде ба Ф. Розӣ муроҷиат карда мегуяд: Ин чандин тасниф ва таълиф чист? Ва туро чи суд дорад…?

Ин ҷараён, яъне истифода аз афкор, ақвол ва осори Ф. Розӣ то ҳануз идома дорад. Алии Мансур устоди ДИТ ба номи Имоми Аъзам Абӯҳанифа дар китоби худ «Риёзул афнон фи улумил Қуръон», ки дар улуми Қуръонӣ баҳс мекунад, дар фаслҳои мухталифи ин китоб аз «Тафсири кабир»-и Ф. Розӣ баъзе қайдҳо ва иқтибосотеро овардааст. Масалан, дар фасли Масалҳо дар Қуръон ёдовар шудааст, ки васф гардидани шай бо овардани масал таъсири бештаре дар қалб мегузорад, аз ин ки танҳо он шай дар нафси худ зикр гардад. Чунки ғараз дар масал гуфтан ташбеҳ кардани чизи махфӣ ба зоҳир ва ғоиб ба ҳозир аст, ки огоҳӣ ба моҳияти он таъкид меёбад ва ҳис мутобиқ ба ақл мегардад, ки дар натиҷа он чиз равшантар мегардад. Оё намебини , ки чун барои имон овардан онро ба нур масал биёранд ва барои дурӣ аз куфр онро ба зулмат масал биёранд, пас вуқуъи он дар қалби шунаванда бисёр таъкид меёбад.[2] Ё агар ба сустии амре хабар дода шавад ва аз заъифии он бо торҳои анкабуд (тортанак) масал оварда шавад, пас ин амр дар зеҳну хотираҳо хуб қарор мегирад. Аз ин ҷост, ки дар сураи «Анкабуд», ояти 43 омадааст: «Ва ин масалҳоро мезанем барои мардум ва ба хирад намеоянд, ҷуз доноён». Дар фасли «Муносибат миёни сураву оятҳо» аз осору гуфтори Ф. Розӣ чунин ёдовар шудааст: Ҳамоно Қуръон мисли як сура ва як оятест, ки баъзеи он баъзеи дигарро тасдиқ карда, маънои онро баён месозад…Дар тафсири сураи «Бақара» бошад чунин мегуяд: Ва ҳар касе бияндешад дар нозукиҳои назм ва тартиби ин сура мефаҳмад, ки бо вуҷуди муъҷиза будани Қуръон аз руи фасоҳати алфоз ва шарофати маъно, инчунин Қуръон ба эътибори назм ва тартиби оятҳояш муъҷиза аст.

Ҷиҳати шиносоии бештар ба ин тафсир нукотеро аз он ба мисли қатрае аз баҳр пешкаш месозем. Муаллиф дар тафсири ояти 31, сураи Бақара масъалаи шашумро ба фазилати илм бахшида, аз ҷумла чунин овардааст: Худованд дар офариниши Одам (а) камоли ҳикматашро ба илм изҳор доштааст, агар чизи дигаре аз илм бошарофаттар мебуд, пас камоли ҳикматашро бо он изҳор медошт… Худованд илмро ҳикмат номидааст…Ва ҳар ки дорои ҳикмат аст, пас Ӯ дорои хайри зиёд аст. Дар ҳадисе омадааст: Агар шахсе як бобе аз бобҳои илмро биомӯзад, беҳтараст ӯро аз он ки ба миқдори куҳе тилло дошта бошад ва онро дар роҳи Худо харҷ кунад. Дар ҳадиси дигаре омадааст: Чун муаллими нек бифавтад ва аз дунё бигзарад, барояш паррандагони осмон, чаҳорпоёни замин ва моҳиёни дарё мегирянд. Илм сабаби ислоҳи халқ мегардад, ба гунае, ки борон боиси ислоҳи замин мегардад. Мусъаб ибни Зубайр ба писараш гуфт: Эй фарзанди азиз, илм биомӯз, пас агар мол дори он бароят ҷамол мегардад ва агар аз мол холии, пас илм бароят сармоя мегардад. Аммо илм амалро мехоҳад. Илм комил намешавад магар ба амал кардан. Илми беамал монанди абри бе борон аст. Пайғамбари Худо (с)-ро пурсиданд, ки илм чист? Фармуд: далели амал, гуфтанд: ақл чист? Фармуд: роҳнамои хайр, гуфтанд: ҳавою ҳавас чист? Фармуд: маркаби маъсият,

гуфтанд: мол чист? Фармуд: ҷомаи мутакаббирон, гуфтанд: пас дунё чист? Фармуд: бозори охират. Ҳакиме фармуд: қалб беҷон аст ва ҳаёти он илм аст, илм ҳам беҷон аст ва ҳаёти он ба талаб аст ва талаб заъиф аст ва қуввати он ба омӯзиш аст, пас агар ба омӯзиш қавӣ гардад, ҳануз пушида аст ва изҳори он ба мубоҳисаву мунозира аст ва чун зоҳир шавад, ҳануз бесамар аст ва самаранокии он ба амал аст ва чун илм ба амал ёр гардад, мулки абадӣ ва беохир ба бор орад. Ф. Розӣ дар ин бахш ҳикиёти мутаъаддидеро дар фазилати илм пешкаш кардааст, ки чанде аз онҳо ба хираду заковат, фаросату фаҳоҳат ва мартабаи баланди илмии Имоми Аъзам Абӯҳанифа далолат менамояд. Лайс ибни Саъд чунин нақл кардааст: Марде Имоми Аъзамро гуфт, зй Имом маро писарест бадахлоқ. Барои Ӯ канизеро бо моли гарон харидорӣ кардам, Ӯ бошад он канизро озод намуд. Сипас Ӯро бо духтаре хонадор сохтам, баъд аз издивоҷ ҳамсарашро талоқ дод. Ҳоло чи кор кунам, ки аз ин баъд зарар набинам. Имоми Аъзам фармуданд: Ин маротиба писаратро ҳамроҳи худ ба бозор бибар ва чун майли Ӯ бо кадом канизе бештар зоҳир гашт, Ӯро барои худ харидорӣ намо ва чун ба хона овардӣ, он канизро бо писарат издивоҷ бинамо. Билфарз агар писарат он канизро озод сохт, пас ин амал аз писарат ҷоиз намегардад ва агар Ӯро талоқ дод, пас Ӯ назди шумо ҳамчун каниз боқӣ мемонад ва зиёни молӣ нахоҳи дид. Лайс ибни Саъд аз ин ҷавоби сареъу мувофиқ ба шигифт омада Имом Абӯҳанифаро аҳсан гуфт. Ҳикояти дигар. Ҷамоате аз дуздон шабона ба хонаи марде даромада, молу ашёашро мерабоянд ва ӯро ичборан қасам ба се талоқ шудани ҳамсараш медиҳанд, то аз онҳо ном набарад. Чун руз мешавад марди озурда мебинад, ки дуздон озодона молу ашёи ӯро фурухта истодаанд ва мард аз хавфи қасами ёд кардааш наметавонад чизе бигуяд. Ногоҳ ба сараш фикре меояд, ки метавонад бо Имом Абӯҳанифа машварат намояд. Чун ба назди Имом ҳозир мешавад ҳодисаи дишабаро нақл мекунад. Имом ӯро дилбардорӣ намуда, мефармояд то имоми қавм ва тамоми мардуми маҳалро дар масҷид ҷамъ намоянд. Бо маслиҳат ва машварати Имом Абӯҳанифа ҳар як нафареро аз дари масҷид мегузаронанд ва аз марди ҷабрдида мепурсанд, ки оё дузд ҳамин шахс аст? Агар дузд намебуд, марди ҷабрдида мегуфт: не ва агар дар воқеъ дузд буд он мард хомуш монда сукут мекард. Ҳамин тариқ ҳамаи дуздон маълум гардиданд ва ҳам он мард ҳонис (қасамзада) нашуда никоҳи ӯ бо занаш боқӣ мемонад. Нуктаи дигареро, ки устод Алӣ Асғари Ҳалабӣ аз ин тафсир дар китоби Таърихи фалосифаи Эрон овардааст чунин аст: Дар забони форсӣ «Зоти Борӣ» ё «Воҷибал вуҷуд»-ро Худо мегуянд, ба он сабаб ки Ҳақ таъоло ба зоти худ воҷиб аст.Чунки «Худой» дар забони форсӣ аз вожаи «Худ» ки маънои он зот, ҳақиқату нафси шай аст ва вожаи «Ой» ки ба маънои «омада» аст. Акнун маъно чунин мешавад: Он ки ба нафси худ дар вуҷуд омадааст, яъне худой ва манзур ҳамон «Воҷибал вуҷуд» аст, ки дар забони арабӣ ва назди фалосифа гуфта мешавад…

Адабиёт:

1. Алӣ Иброҳими Мансур. Мабоҳис фӣ усулит-тафсир ва маноҳиҷи-л-муфассирин. – Душанбе, 2011,саҳ 172-174.
2. Алӣ Иброҳими Мансур. Риёзу - л - афнон фӣ улуми-л- қуръон. – Душанбе, 2011, ҷ 2, саҳ 82.
3. Муҳаммад Рашшод. Фалсафа аз оғози таърих. – Душанбе, 2002, ҷ 3-4, саҳ 316.
4. Мавлоно Яъқуб ибни Усмони Чархӣ. Ду ҷузъи тафсири Мавлоно Яъқуби Чархӣ. Матбааи «Муҳаммадия» воқеъ дар Мумбай. 1310ҳ, саҳ 51, 147.
5. Муҳаммад ибни Умар Фахруддини Розӣ. Мафотиҳул ғайб (Тафсири кабири Розӣ). – Бейрут, 1994, ҷ 5, саҳ 10, ҷ 1, саҳ 6.

ВЗГДЯД НА «ТАФСИРИ КАБИР» («СОВЕРШЕННОЕ ТОЛКОВАНИЕ») ФАХРИДДИНА РОЗИ

Пиров С.А.

Статья посвяшена краткому изложению одного из произведений известного мыслителя Фахруддина Рози (1148-1209 н.э) под названием «Совершенное толкование Ф. Рози». Читатель может ознакомиться со стилями и методами сочинения и некоторыми мыслями философского и педагогического характера. А также представлены взгляды учёных об авторе данного произведения, его содержании и форме.

***Ключевые слова*:** толкование, комментатор, сочинение, автор, процесс, слово.

PERSPECTIVE ON "TAFSIR KABIR" (PERFECT INTERPRETATION) FAKHRIDDIN ROSIE

Pirov S.A.

The article is dedicated to the summary one of the works of the famous thinker Fakhruddin Rosie (1148-1209 BC), entitled "An absolute interpretation F. Rosie." The reader can find styles and methods compositions and some features, including its philosophical and pedagogical ideas. And also presents some views of scientists about the author of this work, its content and form.

***Key words*:** interpretation, commentator, writing, author, process, word.

Сведения об авторе: Пиров Сироджиддин Асомиддинович- преподаватель кафедры Каранических наук Таджикского Исламского института имени Имама Аъзама – Абуханифы, тел.: (992) 918-75-61-74.

Information about the author: Pirov Sirojiddin Asomiddinovich, teacher of Quran studies, Chair in Tajik Islamic Institute named after Imam A'zam Abuhanifa, tel.: (992) 918-75-61-74.

НАҚШИ ҲУНАР ДАР ТАРБИЯИ КӮДАКОН

Рофиева Фотима

Осорхонаи ҷумҳуриявии таърихию кишваршиносии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Тарбия – раванди доимӣ буда, ибтидои он, назар ба ақидаи Абӯалӣ ибни Сино, аз батни модар оғоз меёбад, дар таълимоти равоншиносӣ низ то солҳои охир оғози тарбияро аз оила медонанд. Аммо тадқиқоти илмии солҳои минбаъда собит намуданд, ки ҳақиқатан ҳам тарбия аз батни модар шурӯъ гардида, саломатии ӯ ба риоя намудани реҷаи хӯрок, истироҳат, ҳолати рӯҳӣ ва вазъи саломатии модар вобаста аст.

Абушакури Балхӣ овардааст:

Дарахте, ки хурдак бувад, боғбон,
Бигардонад ӯро чу хоҳад чунон.
Чу гардад калон, боз натвонадаш,
Ки аз кажию хам бигардонадаш.

Инкишоф ва тарбияи хислатҳои наҷиби инсонӣ дар кӯдак ба муҳити оилавӣ ва гирду атроф алоқаманд аст.

Солимии оила, шахсияти волидон, рафтору муносибати эшон бо кӯдак хеле таъсири мусбӣ дорад.

Барои ҳалли ин масъалаи муҳим, аз китобу дастур ва рисолаҳои бузургон, аз ҷумла – ашъори баландпояи устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ, «Пирӯзинома»-и Абӯалӣ ибни Сино, «Рӯшноинома» ва «Саодатнома»-и Носири Хусрав, «Қобуснома»-и Унсурмаолии Кайковус, «Наврӯзнома»-и Умари Хайём, «Калила ва Димна»-и Абулмаолии Насруллоҳ, «Синбоднома»-и Зоҳирии

Самарқандӣ, «Панднома»-и Аттори Нишопурӣ, «Бӯстон» ва «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ, «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ, «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров ва амсоли инҳо истифода намудан ҷоиз аст.

Педагоги машҳури рус А.С.Макаренко дар бобати тарбия менигарад: «Тарбияи хуб – давлати пирии мост, тарбияи бад – ин мусибат, ашки ҳасрат, ин гуноҳи азими мо дар назди ҷомеаву дигар одамон мебошад».

Макаренко оиди ин масъала – муҳити оила, шароити иҷтимоӣ ва муносибатро асос меҳисобад.

Дар асараш «Достони педагогӣ» оиди усулҳо ва роҳҳои тарбияи инсони ҳақиқӣ бештар рӯ овардааст. Ба ақидаи ӯ, «парҳез аз ҷазои ҷисмонии кӯдак» воситаҳои асосии тарбияи эшон маҳсуб ёфтааст. Сухомлинский низ ҳамфикр ва ҳамкори Макаренко буд. Асарҳои дар мавзӯи тарбия офаридаиӯ беш аз 30 ҷилдро ташкил медиҳанд. Ӯ зиёда аз сиву панҷ сол бо таълим ва тарбияи кӯдакони то синни мактабӣ ва ҷавонон машғул мешавад. Мактаберо бо номи «Мадрасаи шодӣ» ташкил намуда, бештар бачаҳои «душвортарбия»-ро ба ин мактаб ҷалб мекунад. Дар китобаш «Қалби ман бо он бачаҳост» равандҳои тарбияро бо чунин самтҳо:

эҷод ва фароҳамории суруру шодӣ дар ниҳоди кӯдак,
эҳтироми шахсияти кӯдак ва ҳифзи ҳуқуқҳои ӯ,
ташаккули ҳисси эҳтиром ба худ ва дигарон,
тарбияи худогоҳӣ ва меҳнатдӯстӣ,
эҳтиром ба ҳунар ва зебоипарастӣ,
ташаккули истеъдод, илмомӯзӣ ва баёни фикр,
гӯш карда тавонистани гуфтугӯи байникӯдакон ва тақвияти фикри эшон,
баҳои ҳақиқӣ ба меҳнату ҳунари кӯдак ҷудо мекунад.

Ба ақидаи ин педагоги машҳур «Бачаҳо бояд дар дунёи саршор аз меҳру муҳаббат зиндагӣ кунанд, ба воя расанд»- (1.С.110-124)

Дар мақолааш «Мусиқӣ, қалби инсонро пок нигоҳ медорад» (Сухомлинский 1.с,177-183).

Сухомлинский нақши мусиқиро дар ташаккули эҳсосоти кӯдакон қайд мекунад.

Ҳунар низ як машғулияти аҷдодӣ ва ирсӣ ба ҳисоб рафта, аҳамияти он дар тарбияи насли наврас махсус қайд шудааст. Масалан, ба ақидаи равоншинос Горднер (1943) «ҳуш намоёнгари шакли хос аз бознамоиҳои зеҳнӣ» асту зеҳни кӯдак якумра аст, он чизе ки бо зеҳн қабул мекунад, аксаш дар ҳунараш нақш мебандад.

Ҳунаромӯзӣ ба ташаккули зеҳнӣ, ақлонӣ ва ҳисси хештаншиносию меҳнатдӯстӣ кӯмак мерасонад. Расм кашидан, сохтан, дӯхтан, оро додан ва ғайра ба маҳорати эҷодии кӯдак ва истеъдодаш асос мегузорад.

Дар ин бора донишмандони бузург, файласуфон – Афлотун ва Арасту низбарномаҳои тарбиявии худро ба миён оварда буданд. Афлотун тарбияеро аз тавлид то сесолагӣ марҳилаи аввал ва муҳим медонад. Тарбияи ҷисмониро низ дар ин марҳила муҳим арзёбӣ мекунад. Ба ақидаи ӯ маҳз бозиҳои гуногун, сайёҳат, шунидани афсонаҳо, расмкашӣ, навохтани мусиқиву рақс ба эҷоди ҳунар ва меҳнат асос мегузорад. Арасту низ ба тарбияи зеҳнӣ бештар таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, ҳафт омили асосии инкишофи кӯдак: ҷисмонӣ, забономӯзӣ, муошират, баён, мусиқӣ, ҳисоб ва табиатшиносиро махсус қайд менамояд.

Файласуфи бузург Локк (1632-1704) низ дар бораи аҳамияти ҳунар ҳамчун воситаи асосии тарбия қайд мекунад. Ҳунар ба ақидаи ӯ насли наврасро аз ҷиҳати ҷисмонӣ пурқувват намуда, ӯро аз «роҳҳои бад» боз медорад. Тарбияи гузаштагонамон – бобо ва модаркалонҳоро (агар шунида бошем) ба хотир меорем. Дар давраҳои қадим суғдиҳо писарро ҳамчун ҷанговари диловар ва духтарро ҳамчун олиҳаи хонадон тарбия менамуданд. Аз писар ҳунари идора намудани аспро ва аз духтар ҳунари пазандагию покизагии оташдонро талаб мекарданд.

Тарбияи гузаштагонамон дар зарбулмасалҳо:

- «Модар чи гуна – духтар намуна»,

- «Мероси падар хоҳӣ – ҳунари падар омӯз»,
- «Ҳунар чашмаи зоянда ва давлатест поянда»,
- «Давлататро дуздидан мумкин, вале ҳунарро дуздида намешавад»,
- «Ҳунар дорӣ – обрӯ дорӣ»,
- «Маънии духтар дар ҳунари ӯст»,
- «Дастон меҷунбад, даҳон мехурад»,
- «Ҳунарманд хор намешавад»

ва ғайра мушоҳида кардан мумкин аст.

Духтарро аз хурдӣ ба ҳунар ҷалб мекунанд, зеро зиндагии ояндааш ба ин амал хеле алоқаманд аст.

Писаронро то имрӯз ҳам чун таъмингарони оила тарбия мекунанд, зеро ободиву файзи рӯзгор ба мард низ вобастагӣ дорад.

Дар ҳаёт собит шуда, ки дорой аз ҳунар аст. Дар китоби муқаддаси мусулмонон «Қуръон» низ омада, ки: «Ҳунарманд азизи Оллоҳ аст». Дар ислом низ меҳнат ва ҳунар асоси тарбияро ташкил медиҳад. Маҳз тавассути ҳунар шахс дар ҷомеа мавқеи худро муайян месозад, бахусус он хунаре, ки баҳри дигарон хизмат бирасонад.

Мардуми тоҷик таҳти сарварии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар барпо намудани ҷамъияти демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ камари ҳиммат баста, баҳри амалӣ гардонидани ғояҳои он саъю кӯшиш менамоянд.

Талаботи як қатор ҳуҷҷатҳои давлатӣ ва Қонунҳои ҷумҳурӣ аз қабили Конституцияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олӣ ва баъд аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ», «Дар бораи ҷавонон», «Дар бораи тандурстӣ», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, стандартии давлатии таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳар як фарди ҷомеаро водор месозад, ки ба таълиму тарбияи насли наврас диққати ҷиддӣ диҳад то ин, ки онҳо бо дастовардҳои илму техника, маданияту фарҳанг, маориф, анъанаҳои миллӣ ва ҷаҳонӣ аз наздик ошно гарданд. Дар навбати худ, эшон тавонанд, ки фарҳангу маданияти ғании мардуми моро дар арсаи ҷаҳон муаррифӣ созанд.

Аз ин лиҳоз дар ҷараёни тарбия пеш аз ҳамаба тарбияи ҳунаромӯзӣ, меҳнатӣ, зебоипарастӣ, худшиносиву ифтихори миллӣ ва ғайра бояд эътибор дод.

Бузургон беҳуда нафармудаанд:
Ҳунар омӯз к-аз хунармандӣ,
Даркушой кунӣ на дарбандӣ.
Ҳунар чашмаест зоянда, давлатест поянда.

Обрӯи инсон дар ҳунари ӯст, ҳунармандони номиро тавассути ҳунарашон мешиносанду эҳтиром мекунанд.Ободиву зебоии диёри тоҷикон низ аз эҷоди ҳунармандонаш аст.

Боиси ифтихормандиву қаноатмандист, ки дар мамлакати мо масъалаи тарбияи насли наврас бахусус ҷавонон дар қатори масъалҳои стратегии давлатӣ ва амнияти миллии кишвар мақоми хоса пайдо намудааст. Дар тарбияи худогоҳиву маданиятнокии насли наврас ва ҷавонон рушди сиёсати фарҳангӣ мақоми хоса дорад. Тарбияи насли наврас аз маънавиёт, ахлоқи ҷомеа, андешаи миллӣ ва дастовардҳои ғании фарҳангӣ ғизо мегирад.

Инсон ҳамеша дар зиндагӣ барои амалӣ кардани нақшаҳои худ, расидан ба қуллаи мақсуд талош меварзад. Табиатан одамони асил ҳамеша ба нерӯву заковати хеш, ба меҳнати ҳалолашон такя мекунанду зиндагӣ обод мекунанд. Бештар бар он мекӯшанд, ки аз худ чизе ба ёдгор монанд.

Шаҳри Панҷакент, ки яке аз шаҳрҳои қадимаву зебоманзари Тоҷикистон аст дар ин сарзамини аҷдодӣ, ки ҳанӯз дар асрҳои пеш аз мелодӣ соҳиби маданияти ҳунармандӣ буд, шахсиятҳои бузургу наҷиб зодаву ба воя расидаанд.

Нақши ҳунармандони асили ин диёри биҳиштосо дар ободии диёр хеле калон аст. Аҳли ҳунармандон баҳри эҳёи ҳунари мардумӣ ва ба насли имрӯз омӯзонидани он талош меварзанд. Бо мақсади тарбияи истеъдодҳои ҳунарии бачагон бо дастгирии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Панҷакент марказҳои ҳунаромӯзӣ дар назди Кохи фарҳанги шаҳр ва дар назди шӯъбаи маорифи шаҳр солиёни зиёд фаъолият менамояд. Дар назди Кохи фарҳанг маҳфилҳои ҳунаромӯзии рассомӣ (устод Ҷӯраева Мавҷуда), зардӯзӣ (Мавлуда Абдураҳмонова), лӯхтаксозӣ (ТаҒоймуродова Моҳира), ракс (Идрисова Зарина), кашидадӯзӣ (Бибӣ Эшонқулова), сӯзанидӯзӣ (Матлуба Аминова), дуредгарӣ (Орипов Ислом) амал мекунанд, ки ба он зиёда аз 350 нафар наврасон ҷалб карда шудаанд.

Дар маркази ҳунаромӯзии тобеъ ба шӯъбаи маорифи шаҳр низ 12 маҳфилҳои гуногун дӯзандагӣ, бофандагӣ, зардузӣ, сандуқсозӣ, кандакорӣ, нақшофарӣ, кашидадӯзӣ, сӯзанидӯзӣ, рассомӣ, зочасозӣ ва тӯрбофӣ фаъолият дошта, зиёда аз 750 нафар шогирдон ҳунаромӯзонро дар бар мегирад. Ба ин маҳфилҳо устодони ҳунар Сироҷиддинова Маҳбуба, Ҷумъаева Зарина, Рачабова Маҳбуба ва дигарон фаъолият мебаранд.

«Мақсад аз ташкили маҳфилҳо ба наврасон омӯзонидани ҳунари мардумӣ ва эҳёи он мебошад. Ба ҳар як маҳфил 15-20 нафар ҷалб карда мешаванду ҳунар меомӯзанд. Аз тарафи дигар, омӯзгорон ба онҳо тарбияи маънавӣ медиҳанд: одоби муошират, рафтор, гуфтор, меҳнатдӯстиву хештаншиносиро меомӯзонанд» - мегӯяд директори Кохи фарҳанг Лӯъбат Ҷалилова.

Муассисаи томактабӣ низ дар таълиму тарбияи насли наврас саҳми босазо дорад. Кӯдакистонҳо зиннаи аввалини системаи маориф буда, вобаста ба талаботҳои пешрафти иқтисодию иҷтимоии ҷомеа мақсад ва вазифаҳои хешро тадриҷан такомул медиҳанд.

Бо дарки муҳимияти масъалаи фавқ Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ (24 апрели соли 2013) қайд намудаанд: «Имрӯз вақти он расидааст, ки ба зинаи аввали низоми маориф, яъне тарбияи томактабӣ таваҷҷӯҳи махсус зоҳир карда шавад, зеро дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ хиштҳои нахустини бинои шахсият ва ҷаҳонбинии инсон гузошта мешавад.» Кӯдак дар кӯдакистон ҳамчун ифодакунандаи забон, маданияту санъат, фарҳанг, ҳунар, одату анъанаҳои миллати тоҷик тарбия меёбад ва ҳамаи бойгариҳои моддию маънавии халқ дар ин муассиса ва оила ба ҳаёти ҳаррӯзаи атвол дохил мегардад.

Методологияи таълиму тарбияи кӯдаконро бояд усули принсипҳои умумиинсонӣ – рафтори нек, гуфтори нек ва пиндори нек ташкил намояд. Кӯдакистонҳо кори таълиму тарбияи тарбиятгирандагонро тибқи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ аз ҷумла: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» Низомномаи «Роҳнамои мураббӣ», ки аз 31 августи соли 2007 таҳти №433 мураттаб ёфтааст, Барномаи давлатии «Рушди соҳаҳои тарбияи томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба роҳ мондаанд.

Дар шаҳру деҳоти Панҷакент 18 муассисаи таҳислоти томактабӣ фаъолият дошта, 273 нафар мураббиёну омӯзгорон ба 2751 нафар кӯдакон таълиму тарбия медиҳанд. Дар айни замон, кӯдакистонҳо дар заминаи иҷроиши Барномаи давлатии «Рушди соҳаҳои тарбияи томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2016» қарор доранд. Дар радифи таълимҳои ҷудогона: машғулиятҳои шиносоӣ бо муҳит, хештаншиносӣ, инкишофи нутқ, риёзӣ, шиносоӣ бо адабиёти бадеӣ, саводомӯзӣ, расмкашӣ, суробсозӣ, меҳнати дастӣ, гулмонӣ, мусиқӣ, тарбияи ҷисмонӣ, забони русӣ, англисӣ ва таълими ҳунар низ диққати ҷиддӣ дода мешавад. Таълими ҳунар (меҳнати дастӣ) дар кӯдакистонҳои рақамҳои 1,8, 10,11 хеле хуб ба роҳ монда шудаанд.

Дар кӯдакистони №1 бо роҳбарии мушовири кӯдакистон Шоҳзода Мукаррамова маҳфили «Гулдастон» барои духтарон ташкил карда шудааст, ки маҳсули эҷодии кори ин маҳфил борҳо сазовори мукофотҳо дар намоишҳо ва сарфарозии волидон гардидааст.

«Ба ин намуди ҳунар духтарон аз гурӯҳҳои болоӣ хеле таваҷҷӯҳи махсус доранд, бесаброна рӯзи баргузории маҳфилро мунтазир мешаванд. Ба нақша нигоҳ накарда ман ҳар рӯз як соат бо онҳо машғулият мегузаронам. Ҳоло онҳо мустақилона гулдӯзӣ, бофандагӣ ва ҳунари гулмониро иҷро мекунанд» - мегӯяд Ш.Мукаррамова.

Бояд қайд намуд, ки дар тамоми машғулиятҳои мураббиёни кӯдакистонҳо асбобҳои аёнии дастисохт мавҷуд аст. Ҳатто аз латтапораҳои гуногун лӯхтаксозӣ ба роҳ монда шудааст. Дар ҳамаи гурӯҳҳо гӯшаи «Дастони моҳир» ташкил шуда, дар он намунаи беҳтарини маҳсули эҷоди кӯдакон ва мураббиён гузошта шудааст, он бинандаро ба ҳайрат меорад.

Мураббиёни гулдаст Ш.Мукаррамова (МТТ №1), М.Темирова (МТТ №2), О.Саидмуродова (МТТ №4), Ф.Абдулхайрова (МТТ №5), Маҳпораи Муҳиддин (МТТ №6), Ҷ.Бобомуродова (МТТ №8) ва Н.Баротова (МТТ №10) ҳунаромӯзи кӯдаконад.

Ҳоло як машғулияти расмкашии Мулкия Муҳаммадиеваро, ки дар кӯдакистони «Афсона»-и шаҳри Панҷакент гузаронида шуд ба риштаи таҳлил мекашем:

Мураббия дар қисми ташкилии машғулият мухтасар дар бораи қоида ва одоби нишаст дар вақти расмкашӣ ҳарф зада, бори дигар тарзи истифодаи ашёҳоеро, кибо онҳо кор мекунанд, таъкид намуд.

- Мо бояд ҳатман тозакор ва бодиққат бошем, то ин ки расмҳои кашидаи мо зебо барояд – гуфт ӯ. Сипас, мавзӯи машғулияти гузаштаро, ки кашидани манзараи «Тирамоҳ» буд, ҷамъбаст кард, расмҳои кашидаи онҳоро тавзеҳ дод. Ба расмҳои беҳтарини Мунаввара, Шоҳзода, Мавлуда, Фирӯз, Абдуҷаббор баҳои баланд гузошта, ба онҳоварақчаҳои ранга тӯҳфа кард. Мулкия бори дигар таъкид намуд, ки барои расми зебо кашидан ҳамеша омӯхтан, пайваста расм кашидан даркор, рӯҳафтода шудан лозим нест. Ва ӯ аз ҳаёти рассомони шинохтаи тоҷик В.Будный, Н.Маноглаветс, А.Ашӯров ва З.Собиров мисолҳо овард.

- Аз рӯи афсонаҳое, ки мо дӯст медорем бештар рассом Васнетсов Д.Н. расмҳо офаридааст, ки хеле ҷолиби пуробуранг аст. Онҳое, ки бисёртар заҳмат кашиданду пуртоқатӣ карданд, ба чунин рассоми бузург табдил ёфтаанд, - гуфт ӯ ва суханашро давом дод:

- Инак, дӯстрӯякони ман, пеш аз он кибо мавзӯи нав шинос шавем, ман ба Шумо афсонаи «Анори лоҷувардӣ»-ро нақл мекунам. Анорро ҳамаи мо дӯст медорем –дар дасташ анор ба бачаҳо муроҷиат кард ӯ.

- Ранги анор чих ел аст?

- Ранги анор сурх мебошад – гуфт Мунаввара.

- Офарин, шаклаш ба кадом фигураи геометрӣ монанд аст?

- Анор доирашакл аст, - ҷавоб дод Алиҷон.

- Бачаҳо, мо дар машғулияти мусиқӣ кадом сурудро дар бораи анор аз худ карда будем? Кани як хонем.

Ҳама хушҳолона суруди халқии «Анора овардем»-ро сароиданд. Бо ҳамин Мулкия тавонист бо бачаҳо ҳам машғулиятро ба тарзи омехта ташкил кунаду ҳам лаҳзаи дамгирӣ ба вучуд оварад.

- Диққат! Буд, набуд дар як замон дар як доманаи кӯҳи азим як ғоре буд, ки дар он ҷо як қурбоққаи азиме зиндагӣ мекард.Рӯзе аз рӯзҳо...

Мураббия ҳангоми нақли афсона бо овози қаҳромонон тақлид намуда, ба бачаҳо бо саволхои на чандон мушкил муроҷиат мекард. Баъди нақли афсона:

- Акнун, биёед расми он анораки лоҷувардидро ки дар афсона нақл кардам, тасвир мекунем. Барои ин мо имрӯз фақат шакли аввали расми анорро мекашем, яъне то кашидани шакли пурраи он мо бояд чор зинаи тасвирро, риоя кунем.

Ӯ аёниятеро, ки дар он чор зинаи тарзи кашидани анор нишон дода шуд буд, ба бачаҳо тавзеҳ дод. Сипас, дар давоми 15 дақиқа бо ёрии ӯ бачаҳо, машғули кор шуданд. Онҳо чунон саргарми расмкашӣ гаштанд, ки ҳар бинанда гумон мекард, гӯё ин бачаҳо, дар ҳақиқат, ҳама рассомони ҳақиқӣ бошанд...

Ҳангоми ҷамбаъст, Мулкия аз кори бачаҳо қаноатманд шуда, ба онҳо офаринҳо хонд.

Ду – се нафар бошанд, алакай расми комили анорро аз рӯи тасаввуроти худ кашида буданд. Кори беҳтаринҳо намоиш ва камбудиҳои баъзе бачаҳо нишон дода шуданд.

Вазифаи хонагӣ низ аз рӯи мазмуни афсонаи нақлшуда супорида шуд:

Ба шумо кадом қаҳрамони афсона маъқул бошад, расми онро тасвир кунед.

Машғулияти оянда расмҳоятонро якҷоя тамошо мекунем ва кашидани расми комили анорро давом медиҳем.

Ҳамин тавр, М.Муҳаммадиева, ба ақидаи худи ӯ , як лаҳза бо кӯдакон ба олами афсона дохил шуда, ба мақсади худ ноил гардид. Дар тасаввуроти кӯдакон якчанд нақшҳо гузошт. Ин нақшҳо онҳоро ба дарккунии бисёр масъалаҳо водор месозанд...

Ба ақидаи мураббияи рассом М.Муҳаммадиева маҳз бо ҷалбкунӣ ва манзараи табиат ҳисси эстетикии кӯдакро бедор кардан мумкин аст. Аз тарафи дигар диққати онҳоро ба асарҳои рассомон нақшу нигори миллӣ, зебоии табиат ҷалб намуда, онҳоро ба олами зебои маданияти халқ аз наздик шинос намудан лозим.

Хуб мебуд, ки дар қатори қолинҳои зебои девори хонаамон якчанд расмҳои беҳтарини рассомони намоёни мамлакатамонро меовехтем. Вале, ҳамчун ҷиҳози ороиши хона нигоҳ доштани намунаҳои санъати кулолӣ (кӯза, гулдон, чойнику пиёла) асарҳои тасвирии рассомони ҷумҳурӣ, ки дар онҳо табиату ҳаёти халқамон инъикос ёфтаанд, сӯзаниву лаълиҳои миллӣ, қошуқу табақҳои чӯбӣ ва ғайраҳо ба кӯдакон олами зебову дилфиребро муаррифӣ менамояд.

«Афсӯс, ки мозанҳо бештар хонадории аврупоиро қабул намуда, аз рӯзгордории миллӣ, олами нафису зебои санъати тасвирии халқамон натанҳо худ, балки фарзандонамонро низ маҳрум кардаем» - мегӯяд Мулкия Муҳаммадиева.

Мардуми ҳунарманди панҷакентӣ низ баҳри эҳёи ҳунар ба фарзандону шогирдон ҳунар меомӯзанд. Чун осори таърихию мадании Панҷакенти қадим ва Саразми бостониропеши назар меорем, суханони нависандаи машҳур Чингиз Айматов «Одамони ҳар аср худро дар баландтарин қуллаи маданият ҳисоб мекарданд» ба хотир меояд.

Ҳунару ҳунармандӣ шуғли асосии мардум ва воситаи баланд бардоштани сатҳи зиндагонии эшон мебошад. Таърих исбот кардааст,ки дар дарахти бузурги ҳунар шохаҳои ҳунармандӣ месабзид, ки он то кунун месабзаду месабзад.

Кенти Панҷ аз қадимтарин масканҷои ҳунармандон ба шумор мерафт. Панҷ- панҷ маҳалли азими оне,ки ба ҳам монанд надоштанд, вале бо ҳунармандӣ ва ҳунаромӯзӣ ҳамдигарро пур мекарданд.

Дар ҳар маҳалла то имрӯз волидайну устодони ҳунар майлу ҳаваси фарзандону шогирдонро аниқ намуда, аз паи он мекӯшанд, ки наврасон ҳунар омӯзанд, ҳунарвару ҳунарманд бишаванд, агар падаре бихоҳад, ки писараш мусаввир шудани, барои вай девори ягон гӯшаи ҳавлиро муқаррар мекунад. Чун девор аз кашидагиҳо пур мешавад, онро бо лой аз нав андова мекунанд ва сипас аз нав наврас ба машғулият машғул мешавад. Ин амал аз давраи зиндагонии суғдиҳо дар ин сарзамин ҳукмфармост, чун ҳакимон ба наврас баҳогузорӣ мекунанд, қариб гап намезананд, онҳо дар он ақидаанд,ки «худи ҳунар бояд ҷавобгӯ бошад, ба ҳама суолҳо».

«Бузургӣ ба ақл аст, на ба сол»- андеша доштанд ҳакимон.

Чун дар боло зикр гардид, ҳунари панҷакентиён аз давраи бостонӣ сарчашма гирифтааст. Ҳунармандӣ шуғли дӯстдоштатарини ҳар як хонадони панҷакентист. Бахусус занон дорои ҳунари волоииаҷдодианд.

Дороииоилаҳои сарватманди ин диёр аз ҳунармандии эшон мушоҳида мешавад. Намуди гуногуни ҳунарҳо, намудҳои гуногуни санъати амалӣ- халқӣ аз беҳтарин ва тозатарин санъати сидқан халқӣ буда, мунтазам ва доимо бо ҳаёти инсон вобаста аст, аз қаъри асрҳо беҳтарин хислатҳое, кибо мафҳуми зебоӣ, табъи баланди зебопарастию покӣ вобастабударо дар худ таҷассумкарда меояд.

Дар зебоиҳои дастранҷи ҳунарманд тамоми мазмуни зиндагии инсон таҷҷасум меёбад. Дар рангҳо тобиши зиндагӣ, дар нақшҳо мазмуни умракс ёфтаанд.

Анъанаи хуби панҷакентиён чун дигар мардуми ҳунармандӣ тоҷик ба насли наврас омӯзонидани ҳунари хеш аст, зеро бо ин амал ҳам ҳунар эҳё мешавад ва дар

шароити тамаддуни ҷаҳонишавии фазои фарҳангӣ омодагии эшон ба ҳаёти мустақилона ва дар шароити нави иқтисодиву иҷтимоӣ ба фоидаи ҷомеа хоҳад буд.

Бо шарофати истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз бисёре аз ҳунарҳои фаромӯшшудаи оилавӣ ва суннатӣ аз нав эҳё гаштаву наврасон ва ҷавонон ба он ҷалб шуда истодаанд. Дар шаҳри Панҷакент сулолаи ҳунармандони авлодӣ:оилаи усто Орипов Ислом дуредгар, усто Муслима Ҷумъаеваи дӯзанда, усто Мақсадой Собирова ҷомадӯз, усто Матлуба Аминова сӯзанидӯз, усто Муҳиба Комиловаи сӯзанидӯз, усто Абдураҳмони оҳангар, усто Ӯроқбой Фаттоеви сандуқсоз, усто Ҳасан Умриеви заргар, усто Мирзооали Тошбекови гаҳворасоз, усто Мадина Алиеваи пӯпаксоз, усто Баҳриниссо Муфаззаловаи яккабанддӯз (миёнбанд),усто Сабоҳат Бобоёроваи гилембоф, усто Онаҷон Қосимоваи қуроқдӯз, усто Соҳиба Ҷалиловаи сурмасоз, усто Музаффара Мукаррамоваи ғарангдӯз машҳуранд,ки ҳунари волои гузаштагонро эҳё намуда, саҳмашон дар таълими ҳунари шогирдон хеле бузург аст.

Устодон доимо таъкид доранд,ки бояд ҳар як наврас соҳиби касбу ҳунар бошад, ки ин ба тарбияи маънавии ӯ аҳамият дорад.

Усто Исломи кандакор чунин ибрози ақида намуд: «Ман 6 писаронамро бо роҳи ҳунаромӯзӣ тарбия намудам ва эшон соҳиби маълумоти олӣ ҳастанд, соҳиби эҳтироманду рӯзгори ободу зебо доранд. Даромади асосии мо аз ҳунармандӣ аст.

Боиси қаноатмандист, ки рӯзе нест, ки ба наздам падаре фарзандашро наорад, онҳо низ мехоҳанд фарзандонашон мисли писарони ман ҳунарманд бошанд».

Таҳлилҳо нишон дод, ки талабот ба ҳунар ҳанӯз аз овони кӯдакӣ ташаккул меёбад.

Айнан дар ин синну сол асосҳои муносибати шахсу оила ва инсоният поягузорӣ мешаванд.

Волидайн низ бояд кӯшанд, ки шаклҳои муайяни сифатҳои шахсӣ дар ботини кӯдакон аз рӯзҳои аввали зиндагӣ тарбият ёбанд.

Дар намоиши ҳунари шогирдон, ки дар чорабиниву маросимҳои гуногун гузаронида мешавад, кас ба хулосае меояд, ки нақши дастони ҳунарманди наврасон – ояндаи нек дорад.

Шуғл ба ҳунар эшонро ба олами худшиносӣ, зебоипарастӣ, меҳру шавқат ва эҳтиром нисбат ба калонсолону намудҳои ҳунар, аҳамияти осори ниёгонро бедор месозад.

Нахустин шуғл ва ҳунару эҷоди кӯдакон аз «Хоначабозӣ», «Зочабозӣ», «Хоначасозӣ» оғоз мешавад. Аввалин хоначабозиҳову хоначасозиҳо ва ороишоти зочаҳо ба фаъолияти эҷодии кӯдак хишти аввал мегузорад.

Духтар ба ҳунар майл мекунад: «оча ба зочаам чихел курта дӯзам, ӯро чун арӯсак чихел оро диҳам». Ва ӯ бо ёрии модар ба дӯхтани либос ва ороиши «зочаарӯсак» машғул мешавад. Ба ин васила духтар бо ранг, зебоӣ, урфу одат, оини мардумӣ шинос мегардад. Модар баъди итмоми кор ба духтараш таъкид мекунад: «Эҳтиёт бош, сару либоси зоча ҳамеша тоза бошад ва худаш боодоб!»

Дар ниходи фарзанд меҳру муҳаббат нисбат ба инсон ва меҳнату покизагӣ низ тавлид меёбад.

Ё худ писар ба падар муроҷиат мекунад» «Додо ба сагчаамон чи хел хона созем» ё «Мошинчаам вайрон шуд, онро чихел таъмир кунам». Падар бо хоҳиши том бояд ба писар амалиётҳои оддии сохтмон, таъмирро омӯзонад.

Ҳато мешавад, агар волидон гӯянд, ки: «Ҳоло ту хурд, рав бозиатро кардан гир» - дигар он наврас ба ҳунар майл нахоҳад кард.

Наврасон аз овони хурдӣ бояд дарк кунад, ки ӯ ҳам як ҳиссаи бузурги миллат асту давомдиҳанди ҳунари ниёгон ва калонсолон мебошад.

Ҳар як маънавиёт, ҳар як дастоварди маданию фарҳангии инсон дороии миллат – мерос аст.

Мерос ба насли имрӯзу оянда, мебояд ин меросро ончунон ба насли наврас биёмӯзем, ки он абадӣ гардад.

Ҳеҷ кас аз пеши худ чизе нашуд,

Ҳеҷ оҳан ханҷари тезе нашуд...

Фармуда, Шамси Табрезӣ, ки ҳақ асту рост. Пас, омӯзиш ва омӯхтан – пояи асосии зиндагист.

Адабиёт:
1. Макаренко А.С. Собрание сочинений: В 4 Т. Правда, 1987, - Т4-573 с.
2. Мирзоев А. Джами о знании и ремесле. «В помощь учителю - заочнику». Сталинобод: Таджикгосиздат , 1949. Саҳ. 23.
3. Амиров Р.Н.Самодеятельное художественное творчество в семье , быту, по месту жительства. – Душанбе: Ирфон, 1983,78с.
4. Гафуров Б.Г. История таджикского народа: В кратком изложении. Т.1. – М, 1949,476 саҳ.
5. Лук А.Н. Эмоции и чуства. М, Знание, 1972-42 саҳ.
6. Орифи М. Из истории педагогической мысли таджикского народа. (Аз таърихи афкори педагогии халқи тоҷик). Душанбе: Нашр – дав педтоҷик, 1962-143 саҳ.
7. Унсурмаолии Кайковус, Қобуснома. Душанбе: Адиб, 1990-151 саҳ.
8. Художественное творчество и ребёнок! Под ред. Проф.Н.Н. Ветлучиной М.: Педагогика, 1972.-287 саҳ

РОЛЬ ТРУДА В ВОСПИТАНИИ РЕБЁНКА

Рофиева Фатима

Автор в статье рассматривает вопросы эстетического воспитания детей в процессе трудовой деятельности, указывает на огромное внимание роли семейного воспитания, воспитанию в дошкольных учреждения и творческих школах.

В статье также проанализированы ряд уроков рисования и труда, посвященных эстетическому воспитанию.

Ключевые слова: эстетическое воспитание, эстетическое образование, семья, школа, дошкольные учреждения, роль семьи в эстетическом воспитании.

THE ROLE OF LABOUR IN CHILD'S EDUCATION

Rofieva Fotima

The author of the article considers the aesthetic education of children in the prossess of work activities, and pays great attention to the role of family education, education in preschools and creative schools.

The article also analyzed a number of lessons on the aesthetic education of the example of drawing lessons and labour.

Key words: aesthetic education, aesthetic education, family, school, preschool, the family's role in aesthetic education.

Сведения об авторе: Рофиева Фотима Сироджевна- директор историко- краеведческого музея имени Абуабдуллох Рудаки города Педжакента, тел.: (+992) 92-707-12-08.

Information about the authors: Rofieva Fotima Sirodzhevna- director istoriko- regional museum of the name of Abuabdullokh Rudaki city Pedzhakenta, bodies.: (+992) 707-12-08.

ХУСУСИЯТҲОИ ХОСИ ДАРСИ МУОСИРИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ

Амиров С., Сабзаалии Р.
Доншгоҳи давлатии омузгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
Доншгоҳи давлатии омузгории Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

Дарси забони англисӣ воситаи асосии ноил шудан ба чор максади таълим (муоширатӣ, маърифатӣ, тарбиявӣ ва такомулӣ) буда, ниҳоятан баҳри инкишофи имкониятҳои зеҳнии хонандагон хизмат мекунад.

Бояд зикр кард, ки дарси забони хориҷиро аз лиҳози сохт ва мундариҷааш аз дигар фанҳо куллан фарқ мекунад, зеро мақсади асосии дарси забони хориҷӣ ҳосилкунонидани малака аст, ҳол он ки таълими аксари дигар фанҳо барои додани дониш нигаронида мешавад. Аз ин лиҳоз, дарси забони англисӣ аз рӯи мақсади худ бештар ба дарсҳои «Расмкашӣ», «Тарбияи ҷисмонӣ», «Меҳнат» ва ғайра шабеҳ аст, зеро онҳо низ раванди малака ҳосилкунонӣ доранд.(5)

Таълими забони англисӣ дар мактаби миёна на мисли дарси забони тоҷикӣ барои қоидаомузонӣ нигаронида мешавад, балки он барои ҳосил кунонидани малакаи муошират бо ин забон хизмат менамояд.

Малака бошад, тавассути гузаронидани машқҳои мунтазаму гуногун ба даст меояд. Ин талабот сохт ва мундариҷаи махсуси дарси забони англисиро тақазо менамояд. Ин ду хосияти дарси забони хориҷӣ ба мақсади таълим низ вобастагии қавӣ дорад. Мақсади муоширатӣ доштани таълими забони хориҷӣ талаб мекунад, ки чи маводҳои забонӣ, чи низому тартиботи тадриси онҳо ва ҳар як лаҳзаи дарс бояд ба ичрои он мақсад нигаронида шавад. Бо ибораи дигар, муошират бояд моҳиятан қолиби дарси забони хориҷӣ гардад. Аз ҳамин сабаб баррасии хусусиятҳои хоси дарси муосири забони хориҷӣ ба маврид аст.(6)

Яке аз хусусиятҳои хоси дарси забони хориҷӣ дар ҳамин аст, ки онҳо дар асоси мавзӯоти мухталиф гузаронида мешаванд. Масалан, аз рӯи нақшаи таълим барои як соли таҳсил 68 соат дарси забони хориҷӣ пешбинӣ шудааст. Дар ии муддат бояд бо назардошти синф ва дарсҳои такрориву курси муккадима аз 4 то 8 мавзӯъ тадрис дода шавад, ки онхо дорои маводҳои фонетики, грамматикӣ ва лексикии худ мебошанд. Ҳар як мавзӯъ дар давоми 8-10 соат дарс бояд аз худ кунонида шавад. Бо вуҷуди он ки ба ҳар мавзӯъ 6-8 дарс пешбинӣ мешавад, мақсад ва мундариҷаи ҳар яке аз он дарсҳо якзайл нест. Дар дарсҳои аввал малакаи фонетикӣ, сониян грамматикӣ ва лексикӣ бояд ташаккул ва такмил дода шавад ва билохир дар муошират истифода шудани онҳо бояд таъмин гардад. Аз ин лиҳоз, ҳар як дарси забони хориҷӣ дар маҷмӯъ ба талаботи зерин ҷавобгу бошад:

- мақсад ва вазифаи ҳар як дарс аниқ ва равшан карда шавад;
- дарси забони хориҷӣ аз оғоз то интиҳо бояд фазои муоширатӣ дошта бошад;
- маводи таълимӣ нав ва ҷолиб буда, аз гуфторҳои воқеӣ ташкил ёбад;
- машқҳои муоширатӣ бояд ба лаҳзаҳои воқеию ҳаётӣ такя кунанд;
- ба мақсади ташаккул ва инкишоф додани малака ва маҳорати нутқи англисӣ бозиҳои гуногун бояд гузаронида шаванд;
- дараҷаи баланди фаъолии хонандагон дар дарс бояд таъмин карда шавад;
-хусусиятҳои инфиродии ҳар як хонанда ба инобат гирифта шавад;
- дар зинахои гуногуни таълим таносуби байни машқҳои инфиродӣ, интерактивӣ, даставӣ ва оммавӣ бояд нигоҳ дошта шавад;
- шинос намудани хонандагон бо маводи грамматикӣ ва лексикӣ дар асоси принсипи функсионалӣ бояд ҷараён гирад;
- истифодаи аёният (расмҳо, ҷадвалхо, аудио ва видео маводҳо) пешниҳод карда мешавад;
- ҳамгироии чор рукни фаъолияти муоширатӣ дар дарс бояд таъмин карда шавад;
- нутқи омӯзгор аз лиҳози суръат, мазмун ва мундариҷа барои хонандагони ҳар як синф бояд мутобиқ ва намуна бошад.

Риоя ва амалӣ гардонидани талаботи зикршуда ба дарси забони хориҷӣ гарав ва омили самарабахшии таълим мегардад.

Сохт ва мундариҷаи дарси забони хориҷӣ дар мактаби миёна аз мақсад ва вазифаҳои таълими ин фан вобаста аст. Профессор Г.В.Рогова дуруст таъкид мекунад, ки қаблан сохти дарси забони хориҷӣ аз сохти дигар дарсҳо фарқ намекард, яъне он аз қисми ташкилӣ, пурсиши вазифаи хонагӣ, баёни мавзӯи нав, мустаҳкамкунӣ ва супоридани вазифаи хонагӣ иборат буд. (2)

Таҷриба ва мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки чунин нақш доштани дарси забони хориҷӣ хилофи раванди муоширатӣ доштани он аст. Ба андешаи мо, дар рафти дарси забони хориҷӣ лаҳзаҳои босубот ва муваққатӣ бояд дар ҳамбастагӣ амал кунанд, ки ин ба зинаҳои гуногуни ташаккули малака ва маҳорати муоширатӣ вобаста аст.(3)

Аксари методистон дар сохтори дарси забони хориҷӣ се ҷузъи асосиро ҷудо мекунанд.

1. Оғози дарс.
2. Ҷузъи моҳияти дарс.
3. Анҷоми дарс. Олимони Аврупо низ дарси забони хориҷиро аз се ҷузъ иборат медонанд:

1. Presentation (манзуркунии маводи таълимӣ).
2. Practice (машқкунӣ бо он мавод).
3. Product (натиҷа ё маҳсули машқҳо).

Акнун мундариҷаи ҳар як ҷузви дарсро баррасӣ менамоем. Қисми ташкилии дарс, бо ибораи олимони Англия ва Амрико, «Warm - up» (тафсониш) ном дошта, он 5-7 дақика давом мекунад. Мақсади асосии ин лаҳзаи дарс, аз як тараф, ба миён овардани муҳиту фазои забонӣ дар дарс бошад, аз ҷониби дигар, он барои ҷалб намудани диққати хонандагон ба дарс мусоидат мекунад.

Таҷриба ва мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки як зайл бо саволу ҷавоби навъи:
«T: Who is on duty today?

P: I am on duty today.

T: What date is it today?

P: It is the 1ST of December

T: What is the weather like today?

P: It is nice today» оғоз кардани дарс ба дили хонандагон мезанад. Сабаб дар он аст, ки чунин муошират табиӣ, зинда ва актуалӣ намебарояд. Ин навъ сӯҳбати такроршаванда вазъи муоширатӣ (ғайривоқеӣ) гирифта, ба хонанда аз забони англисӣ чизи навро намеомӯзонад. Аз ин лиҳоз, аксарияти методистон тавсия мекунанд, ки қисми ташкилии дарс бо амалиёти «Warm - up» оғоз ёбад, ба шарте ки он мундариҷаи нав ба нав дошта бошад. (4) Бо назардошти хусусиятҳои синну солии хонандагон лаҳзаи ташкилии дарсро дар синфҳои ибтидоӣ тавассути бозиҳо, хондани шеър ё суруд, овардани чистону тезгӯякҳо гузаронидан ба мақсад мувофиқ аст.

Мисол: бозии 1: Кӣ номи ашёеро, ки дар кисса (даст)-и ман аст, меёбад? Саволро бо саволи навъи «Is it a … ?» бояд оғоз кард.

Бозии 2: Кӣ бодиққаттар аст?

Вожаҳоро гӯш кунед ва ҳамон вақте, ки номи узви инсонро шунидед, даст бардоред.

A book, a school, a nose, a ball, a hand, a cat, a head, a dog, an eye, a pencil.

Бозии 3: Кӣ тезтар амалиёти математикии зеринро бо забони англисӣ гуфта метавонад?

2+4=6, 7+2=9, 5+3=8; 4+3=7, 8+9=17 ва гайра.

Бозии 4: Ба саволҳои ҳамсинфатон ҷавоб диҳед:

PI: Where is the pen?

P2: It is on the table.

PI: Where is the board?

P2: It is on the wall.

Дар синфҳои 6-8 ин лаҳзаи дарс ранги дигар мегирад.

Мисол:

1. Номи рӯзҳои ҳафтаро кӣ бо тартиб аз ҳама тезтар гуфта медиҳад?

Wendnesday, Saturday, Thursday, Monday, Friday, Sunday, Tuesday.

2. Бо истифода аз ҳарфҳои зерин ки тезтар ва бисёртар калима менависад?

a, t, c, p, f, m ; cat, cap, fat, camp, lamp ва ғайра.

Дар синфҳои болоӣ (9-11) ба ҷои бозӣ амалиётҳое бояд гузаронида шаванд, ки муҳокимарониро талаб мекунанд.

1. Ба ин расми одамон нигоҳ карда, касби онҳоро бо забони англисӣ гӯед.
2. Гӯед, ки аз предметҳои зикршаванда кӣ истифода мебарад?

engine, screw, brake, (mechanic) paint, cloth, (painter) spade, bricks, clay, cement, (builder)

Дар синфҳои болоӣ омӯзгор метавонад ба таҷрибаи ҳаётии хонандагон такя карда, қисми ташкилии дарсро бо баҳсу мунозирахо, нақли ҳикояҳои шавқовар гузаронад. Бо ҳамин минвол фазои забонӣ ба миён меояд, ки он кулли шогирдонро ба муошират ҷалб менамояд.

Мақсади асосии дарси аввали ҳар як юнити таълимӣ ин ба хонандагон манзур намудани (presentation) ҳодисаҳои нави фонетикӣ ва сониян грамматикӣ аст. Минбаъд малакаи лексикию муоширатӣ ташаккул ва инкишоф дода мешавад. Аз рӯи талаботи муносибати муоширатӣ ба дарс мавзӯи навро тавассути усули функционалӣ гузаронидан ба мақсад мувофик аст.(1)

Ҳоло намунаи як дарси забони англисиро, ки дар синфи 8 барои такомули малакаи нутқи дуҷониба нигаронида мешавад, нишон медиҳем.

Unit7.The first lesson. Саҳифаи 54. Мақсади дарс: Инкишофи малакаҳои нутқи дуҷониба дар асоси матн ва лаҳзаҳои ҳаётӣ.

Омӯзгор метавонад ба иҷрои машқи 5-и саҳифаи 55 "The school plot" пардозад ва дар интиҳо ба муҳовараи дода шуда такя карда, муҳовараҳои худро доир ба мавзӯҳои шавқовар тартиб диҳад.

Ба фикри мо, тасвири ҳодисоти воқеӣ, ки хонандагон аз сар мегузаронанд, барои инкишофи малакаҳои нутқи якҷониба ва дуҷонибаи онҳо хеле судманд мебошад.Аз ин хотир, онҳоро бо мақсадхои муоширатии таълими забони хориҷӣ истифода бурдан басо зарур аст.

Ба нақшагирии дарси забони англисӣ ва тартиб додани нақша ва муайян кардани мундариҷаи дарси забони англисӣ аз омӯзгор мустақилӣ ва эҷодкориро талаб мекунад. Ӯ бояд хусусиятхои синнусолӣ, ҳолати иҷтимоӣ ва шароити зисти шогирдонро низ ба инобат гирад. Инчунин омӯзгорро зарур аст, ки нақшаи дарсро аз лиҳози мантиқи дуруст муназзам созад. "Инро низ бояд зикр кард, ки конспекти аъло на ҳамеша гарави муваффақият аст, ба амал татбиқ кардани нақшаи пешбинишудаи дарс, маҳорат ва таҷрибаи бои таълимиро талаб мекунад. Нақшаи дарс метавонад аъло навишта шуда бошад, вале омӯзгор ба мақсади пешгузоштааш ноил нагардад. Аз ин рӯ, ченаки асоси ин натиҷаи дарс маҳсуб мешавад. Бинобар он омӯзгор бояд ин омилро низ ба инобат гирад.(3)

Дар бораи тарзи навиштани конспекти дарс байни методистон ва омузгорон ҳамфикрӣ мавҷуд нест. Шаклу намудҳои мухталифи онро тавсия менамоянд:

а) нақша - конспект танҳо барои муаллим;
б) нақша - конспект ҳам барои муаллим ва ҳам барои хонандагон;
в) нақша - конспект танҳо барои хонандагон

Ба андешаи профессор Т.В. Рогова, дар ин ҷабҳа талаботи ягонаро тавсия кардан аз имкон берун аст, зеро нақша-конспект ин маҳсули эҷодиёти ҳар як фард ва офаридаи ӯ аст, зеро вазифаҳо ва машқҳоро омӯзгор интихоб мекунад. Муҳимаш он аст, ки он супоришу машқҳо бояд ба мақсади асосии таълим соҳибшавӣ ба малакаҳои муоширатӣ мусоидат намоянд. Мундариҷа ва вазифаҳои ҳар як дарс вобаста ба зинаи таълим, лаҳза, мақсад ва сохти дарс ба танзим медарояд.[2;194]

Адабиёт:

1. Н.И.Гез,МВ.Ляховицкий,А.А.Миролюбов.Методика обучения иностранным языкам в средней школе .М,1982,гл.7 с159
2. Рогова.Г.В,Рабинович Ф.М,Сахарова Т.Е. Методтка обучения иностранным языкам в средней школе.М.,19991.с194,142
3. Системность упражнений для обучения говореню.в жур.иностранные языке в школе.1977.№6 с8

4. Д.В.Щерба.Преподавание иностранных языков в средней школе.М.,1947.с94
5. Ипполитовна И.А.средства наглядности в обучении русскому языку ,с 84
6. Баранов М.Т., Ладыженская Т.А. и др.Методика преподавания русского языка,с 84-97.

ХАРАКТЕРНАЯ ОСОБЕННОСТЬ СОВРЕМЕННОГО УРОКА ИНОСТРАННОГО ЯЗЫКА

Амиров С., Сабзаали Р.

Тема призвана к совершенствованию общения, воспитания и науки и умственного развития учащихся.Нужно отметить, что этот новый метод обучения английскому языку охватывает все разделы данного языка, систему практического курса английского языка на разных его уровнях. Также методистами выделены здесь три основные структуры преподавания – это начало урока, сущность урока, завершение урока.

Ключевые слова: средняя школа, падеж, изучение, английский язык, способность, речь

TYPICAL PARTICULARITY OF MODERN LESSON OF FOREIGN LANGUAGE.

Amirov S, Sabzaali R.

Key words: the pedagogical analysis, management, diagnostics, planning, control, personal focused education.

Сведения об авторе: Пекташ Зеки - доктор философии, советник представительства образовательного общества «Шалола» при генеральном директоре таджикско-турецких лицеев Республики Таджикистан, тел. (+992) 917-339-981, e-mail: ikez@mail.ru

Information about the author: Pektash Zeki, doctor of philosophy, the adviser of representation of the educational society "Shalola" at the general director of the Tajik-Turkish lyceums Republic of Tajikistan, ph. (+992) 917-339-981, e-mail: ikez@mail.ru

ОМӮЗИШИ КУРСИ МАХСУСИ «ФИЗИКАИ ГАРМО» ДАР НИЗОМИ КРЕДИТИИ ТАҲСИЛОТ

Сияҳаков С. М., Маҷидов Ҳ.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Мувофиқи нақшаҳои таълимии амалкунандаи донишгоҳҳои омӯзгорӣ омӯзиши фанни «Физикаи гармо ва молекулавӣ» ҳамчун компоненти интихобӣ дар давраҳои сеюму чорум, соли дуюми таҳсил ба миқдори 32соатӣ (2кредитӣ) (маҷмӯан 64 соат, 4 кредит) пешбинӣ шудааст. Шакли таълими ин фан «лексия»ва «таҷрибавӣ» буда, дар давраҳои сеюму чорум, соли дуюми таҳсил ба миқдори 32 соатӣ (2 кредитӣ) (маҷмӯан 64 соат, 4 кредит)–ро ташкил медиҳад, ки 32 соат барои машғулиятҳои лексионӣ ва 32 соат барои машғулиятҳои таҷрибавӣ пешбинӣ мешавад. Дар охири ҳар як кредит санҷиши фосилавӣва дар охир имтиҳон пешбинӣ карда мешавад.

Мақсади таълими фанни мазкур аз шиноскардани донишҷӯён бо проблемаҳои асосии гармофизикаи муосир, бо равандҳои гармофизикии истеҳсолоти махсус ва омодакардани шогирдон ба омӯзиши курсҳои махсус ва навиштани корҳои курсиву озмуниву хатмкунӣ иборат мебошад.

Ба вазифаи фанни «Физикаи гармо ва молекулавӣ» инҳо дохил мешаванд: ба донишҷӯён омӯзонидани методҳои таҳлилии ҳалли масъалаҳои гармигузаронӣ барои шартҳои ҳудудии гуногун, назарияи монандӣ ва истифодаи он барои шарҳи раванди конвексионии интиқоли гармӣ, методҳои нисбатан мураккаби ҳисобкунии мубодилаи гармӣ, аз ҷумла мубодилаи гармӣ ҳангоми тағйирёбии ҳолатҳои агрегатии модда; шинос намудани донишҷуён бо таҷҳизот ва равандҳои дар дастгоҳҳои абаргармигузаронии гармӣ – лӯлаҳои гармӣ рӯй диҳанда, бо дастгоҳҳои мубодилаи гармӣ, ҳисобкунии онҳо ва ғ., инкишофи тафаккури физикии донишҷӯён, дар онҳо ташаккул додани маҳорату малакаҳои мустақилона ба даст овардан ва татбиқи дониш, мушоҳида ва шарҳ додани ҳодисаҳои физикӣ, ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, дуруст фаҳмидани сохти олам, инкишофи қобилияти эҷодию касбӣ ва ғ. иборат мебошад.

Дар машғулиятҳои лексиониву лабораторӣ ба ҷанбаҳои физики назарияи мубодилаи гармо диққати ҷиддӣ дода, масъалаҳои амалии муҳим ва шавқовари физикаи гармо ҳал карда мешаванд.

Фанни «Физикаи гармо ва молекулавӣ» пеш аз ҳама бо математика, анализи математикӣ, усулҳои математикии физика, физикаи омор, термодинамика ва механикаи квантӣ робитаи зич дорад.

Омӯзиши маводи фан дар атрофии қонунҳо ва назарияҳои фундаменталии илми физика: назарияи молекулавӣ - кинетикӣ, назарияи электронӣ, назарияи майдони электромагнитӣ, назарияи квантӣ ва ғ. муттаҳид карда шудааст.

Барномаи фанни мазкур дар баробари аз худ кардан ва ташаккул додани мафҳумҳо, қонунҳо, назарияҳо, инчунин нишон додани татбиқи амалии онҳоро низ дар назар дорад.

Вобаста ба талаботи имрӯза донишҷӯён бояд шаклҳои донишандӯзӣ ва усули фаъолиятро аз худ карда, тавассути он дониши нав гиранд ва маҳорату малакаи худро сайқал диҳанд.

Мазмунумундариҷаифаннимазкур ба тариқизайлпешниҳодмегардад:

Муқаддима. Мақсад ва вазифаҳои фанни «Физикаи гармо ва молекулавӣ». Гармогузаронӣ.

Майдониҳарорати. Градиенти ҳарорат. Қонуни гармогузаронии Фурйе. Коэффитсиенти гармогузаронӣ. Гармогузаронии девори ҳамвори якҷинса. Муодилаи дифференсиалии гармогузаронӣ.

Муодилаи конвективии гармо. Нурафкании ҳарорати. Мафҳумҳои асосии нурафкании ҳарорати. Қонунҳои нурбарории ҳарорати. Мубодилаи гармо дар байни ҷисмҳои бо муҳити шаффоф ҷудокардашуда бо нурафкани. Муодилаи интегро – дифференсиалии мубодилаи энергия бо нурафкани ва гармогузаронӣ. Гармогузаронии эффективӣ дар мавриди нурафкани.

Методҳои таҷрибавии чен кардани бузургиҳои гармофизикӣ. Хосиятҳои гармофизикии моддаҳо. Методҳои ченкунии гармогузаронии моддаҳо. Методи силиндрҳои коаксиалӣ. Методи бикалориметри ҳамвор. Дастгоҳи таҷрибавӣ барои ченкунии гармогузаронии газҳо. Татбиқи бикалориметри силиндрӣ барои чен кардани гармогузаронӣ дар хати сершавӣ. Дастгоҳи таҷрибавӣ барои ченкунии коэффитсиенти гармогузарнии моддаҳои донагӣ ва хонагӣ дар вакуум ва муҳитҳои газӣ. Татбиқи бикалориметри силиндрӣ барои ченкунии гармогузаронии металлҳои донагӣ ва хонагӣ бо методи гармкунии металлҳои донагӣ ва хонагӣ бо методи гармкунии монотонӣ.

Иҷрошавии шартҳои канории назарияи реҷаи гармои мунтазам ҳангоми гузаронидани таҷрибаҳо. Санҷидани мавҷудияти конвексия дар ченкуниҳои гармогузаронии моеъ ва газҳо. Методҳои ченкунии ҳароратгузаронӣ ва гармоғунҷоиши моддаҳо.

Гармоғунҷоиш. Дастгоҳи таҷрибавӣ барои ченкунии гармоғунҷоиши моддаҳои донагӣ ва хонагӣ бо методи режими гармои мунтазам. Дастгоҳи таҷрибавӣ барои ченкунии гармоғунҷоиши моддаҳои донагӣ ва хонагӣ дар ҳароратҳои баланд.

Адабиёт:

1. Исаченко Б.П., Осипова В.А., Сукомел А.С. Теплопередача. М.: Энергоиздат, 1981. 417 с.
2. Михеев М.А., Михеева И.М. Основы теплопередачи. - М.: 1977.
3. Лыков А.В. Теория теплопроводности. М.: Высшая школа, 1967. 600 с.
4. Конвективный и сложный теплообмен: Методические разработки к практическим занятиям по курсу "Теплофизика" Г.П. Николаев, А.Э. Лойко, О.В. Писарева. Екатеринбург: УГТУ, 1999. 36 с.
5. Теплотехнический справочник. Том.2./ Под. ред. Юренева и Лебедева П.Д.-М.: 1976.
6. Теоретическое основы теплотехники. Теплотехнический эксперимент. Справочник. /Подред. Григорьева и Зорина В.М. -М.: 1988.
7. Филиппов Л.П. Прогнозирование теплофизических свойств жидкостей и газов. М.: Энергоатомиздат, 1988. 168 с.
8. МаджидовХ., Сафаров М.М. Экспериментальное исследование коэффициента теплопроводности дигептилового эфира в зависимости от температуры и давления. Сб. «Физика жидкостей и растворов», -Душанбе: 1982, - С. 4- 11.
9. Маҷидов Ҳ.Техникаи гармӣ, -Душанбе: Эр-граф, 2012. 202с

ИЗУЧЕНИЯ СПЕЦКУРСА «ТЕПЛОФИЗИКА» В КРЕДИТНОЙ СИСТЕМЕ ОБУЧЕНИЯ

Сияхаков С. М., Маджидов Х.

В данной статье рассматривается значение, цели, задачи и содержания спецкурса по теплофизике на основе кредитной системе обучения. Цель данного спецкурса

ознакомить студентов с основными проблемами современной теплофизики, с теплофизическими процессами и подготовить студентов к научному исследованию, расчету проектов и выполнению индивидуальных работ.

Ключевые слова: теплопроводность, температурной поле, температурный градиент, коэффициент теплопроводности, метод плоской бикалориметр, метод коаксиальных цилиндров, конвекция, метод нагретой нити, теплоемкость, метод регулярного теплового режима, температура проворность.

STUDY OF THE SPECIAL COURSE NAMED BY THERMAL PHYSICS" IN CREDIT SYSTEM OF TEACHING

Siyahakov S. M., Majidov H.

The importance, purposes, and contents of special course named by “Thermal physics” on basis of credit system of the teaching is reviewed in this article. The Purpose of this special course is to acquaint the student with the main problem of modern thermal physics, with thermal physics process and train of students to scientific study, calculation project and performing the individual work as well.

***Key words*:** thermal conduction, warm-up field, warm-up gradient, factor of thermal conduction, method of flat bucalorimeter, method coaxial cylinder, convection, method to heated thread, thermal/heat capacity, method of the regular heat mode, temperature content.

Сведения об авторах: Сияхаков Сафарали Мирзоевич - старший преподаватель кафедры общей физики Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел.:(+992)93-408-77-46.

Маджидов Хамид – профессор кафедры экспериментальный физики Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел.: (+992) 918-24-61-05.

Information about authors: Siyahakov Safarali Mirzoevich - senior lecturer, Chair of General Physics, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, tel.: (+992)93-408-77-46

Majidov Hamid - Professor of the Chair of Experimental Physics, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, tel.: (+992) 918-24-61-05.

ШЕВАҲОИ НАВИНИ ЁДГИРӢ ДАР ТАЪЛИМУ ТАРБИЯТ

Маҳмуд Каримӣ

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддина Айнӣ

Ёдгирӣ вақте мафҳуми воқеии худро пайдо мекунад, ки дар афрод тағйир эҷод намояд, яъне тағйир дар нигариш, дар биниш, дар тафаккур ва дар тамомии рафтор ва аъмоли онҳо. Ин навъ ёдгирӣ ҳангоме метавонад муассир воқеъ шавад, ки бар асари таҷриба ба даст ояд на бо такя бар маҳфузот ва маълумот, ки сирфан ҷанбаи зеҳнӣ дошта ва бо ҳеҷ таҷрибае ҳамроҳ нест. Агар матолибе бидуни иртибот бо якдигар ва ба сурати қисматҳои бемаънӣ, сирфан ба манзури мувафақият дар имтиҳон ба фарогирон таъвил дода шавад, ки фақат ҳифз намоянд ва тутивор онро ба хотир оваранд, ёдгирӣ ба амри механикӣ, беҳадаф ва ҳатто танбеҳкунанда мубаддал хоҳад шуд.

Ёдгирӣ бояд бар он бошад, ки инсонро бо тариқи фикр кардан, таҷриба намудан, истидлоли дуруст ба амал овардан ва бо масоили зиндагӣ оқилона бархӯрд кардан ошно созад.

Возеҳ аст, ки пояи маҳоратҳои фикрӣ бояд дар солҳои аввали зиндагии таҳсилӣ поярезӣ шавад то дар замоне, ки ҳуввияти кӯдакон шакл мегирад инсонҳои мутафаккир ва ҷустуҷӯгар бор оянд, на дар замоне ки шахсияти афрод ва боварҳои онҳо шакл

гирифта ва собит гардидааст. Аз оғози таҳсилоти расмӣ бояд истифода аз абзорҳои ёдгирӣ, истидлол ва ширкат дар мавқеъиятҳои иктишофӣ мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирад, то ба тадриҷ ҳифз кардан, ироаи омӯхтаниҳои сирфан зеҳнӣ ва мунфаилона ва пас аз муддати андаке фаромӯш кардани он мансух гардад.

Брунер (1972) равоншинос ва олими таълим ва тарбият барои равиши иктишофӣ чаҳор бартариятро баршуморидааст:

1. Ёдгирии иктишофӣ тавоноии зеҳнии донишомӯзонро тақвият мекунад;
2. Ангезаи даруниро афзоиш медиҳад;
3. Фанҳои иктишофро ба шогирдон меомӯзад;
4. Муҷиби давоми бештари омӯхтаҳо мешавад. (6, с. 79)

Ҳадаф аз ёдгирӣ иктишоф, ҳалли масъала, хондан барои ҷустуҷӯи маъно ва истифода аз истидлол дар навиштан ва истиқлол дар ёдигирӣ мебошад ва натиҷаи чунин бардоште иборат хоҳад буд аз:

1. Манобеъи ёдгирӣ танаввӯъ (дигаргунӣ) пайдо мекунад;
2. Муаллим ба ҷои тадрис роҳнамоӣ мекунад;
3. Робитаи иқтидоргароёнаи муаллим ва ёдгиранда ҷои худро ба робитаи мутақобил ва тавъам бо эҳтиром ба дидгоҳҳои фардӣ ва гурӯҳӣ медиҳад;
4. Дар баҳсҳои гурӯҳӣ тафаккури халлоқ ва интиқодӣ ташвиқ мешавад;
5. Ёдгирӣ ҳадафманд ва лаззатбахш мешавад;
6. Ангезаи дарунӣ ҷонишини ангезиши берунӣ мешавад ва….

Муаллим низ дар чунин фазое бо мушоҳидаи фаъолият ва пешрафти донишомӯзон ва саъю кӯшиши онҳо дар ёдигирӣ ба омӯзиш ва ёдгирии мутақобил алоқаманд мешавад ва ҷараёни ёддиҳӣ-ёдгирӣ аз ҳолати исто ва хастакунанда ба ҳолати пӯё ва рушддиҳанда табдил мешавад.

Ба ақидаи олими таълиму тарбияти америкоӣ Ҷон Диюӣ: «таълиму тарбияти воқеӣ аз интиқоли сирфи маълумот фаротар меравад ва парвариши тамоюлоти табиии фарогир ба вижа тамоюл ба кашф карданро ташвиқ мекунад». Вай ҳамчунин таъкид мекунад, ки «таҷрибиёти мадраса бояд ба донишомӯз кӯмак кунад, то ба ҷои касби иттилоот пажӯҳиши муассир дар умурро ёд бигирад». (2, с. 12)

Омӯзиш ба маҷмӯаи фаъолиятҳое гуфта мешавад, ки маъмулан ба ёдгирӣ мунҷар мегардад. Муаллим равиши ёдигиро омӯзиш медиҳад на сирфан мавзӯи дарсиро. Муваффақият дар амри омӯзиш ба омилҳое чун муаллим, васоили омӯзишӣ, ёдгиранда ва таомули (иртиботи мутақобил) онҳо бо якдигар марбут мешавад.(2, с. 13)

Агар донишомӯзон натавонанд ба таври мустақил аз ончи ёд гирифтаанд дар хориҷ аз келоси дарс истифода кунанд ва дониши худро дар он замина густариш диҳанд танҳо омӯхтаанд, ки аз китоби дарсӣ ва муаллим итоат кунанд, баҳо бигиранд ва соҳиби диплом ё мадраке шаванд, дар ҳоле ки дар бисёре аз мавридҳо ин мадраки таҳсилӣ иртиботи чандоне бо андеша, илм, фарҳанг, ахлоқ ва фарҳехтагӣ надошта ва фарсангҳо фосила дорад.

Жан Пиёже (1896-1980) равоншинос ва олими таълиму тарбияти суисӣ ҳадафи аслии таълим ва тарбиятро парвариши афроди навоваре медонад, ки метавонад фикр кунад, на афроде, ки ба такрори он чи ба онҳо гуфта мешавад иктифо намоянд. Яке аз ҳадафҳои таълим ва тарбият парвариши тафаккури интиқодист, яъне афроде ки аҳли таҳқиқ ва баррасӣ бошанд, на касоне, ки он чи ба онҳо гуфта шуд ба содагӣ бипазиранд ва қабул кунанд. (2, с. 23)

Бадеҳист агар фарогирон дар замони иштиғол ба таҳсил дар мадраса фикр карданро наёмӯзанд, чигуна метавонанд ба ёдгирӣ идома диҳанд. Мо бояд байни вижагиҳои фардӣ ва фаъолиятҳои омӯзишӣ ҳамоҳангӣ эҷод кунем. Яке дигар аз аҳдоф ва вазифаҳои таълим ва тарбият омода кардани донишомӯзон барои пазируфтан ва дарки таҳаввулоти илмии дунёи оянда мебошад. Хонавода низ дар омода кардани афрод барои вуруд ба ҷомеа нақши муҳимме дар ӯҳда дорад. Зеро зербинои ёдгирӣ аз он ҷо шурӯъ мешавад. Бодавомтарин таҷрибиёт дар хонавода шакл мегирад ва омӯзишу парвариши инсон аз оғози таваллуд ва ҳатто пеш аз он оғоз мегардад.

Шинохти дурусти таҷрибиёти пеш аз мадраса ва шароити хонаводагӣ, ки донишомӯз дар он зиндагӣ мекунад барои муаллимон амри зарурӣ ба ҳисоб меояд.

Бенямин Булум мӯътақид аст донишомӯз ёдгирии ҳар мавзӯро бо маҷмӯае аз вижагиҳои отифии он мавзӯъ ба поён мерасонад. Муаллим бояд бидонад, ки ҳатто як хонавода мумкин аст, ду донишомӯзи комилан мутафовитро ба мадраса таъвил диҳад.

Муаллимон бояд саъй кунанд, таклифҳое таъин намоянд, ки арзишманд ва дарбаргирандаи расидан ба ҳадафҳои воло ва рушддиҳандае бошад ва аз ин тариқ донишомӯзонро дар дастёбӣ ба он ташвиқ ва ёрӣ кунанд ва аз эҷоди мавқеиятҳои рақобатомез ва муқоисаӣ дар ёдгирӣ парҳез намоянд. Онҳо огоҳ бошанд, ки вижагиҳои фард бо омилҳои мутааддиде аз ҷумла вросат, фарҳанг, табақаи иҷтимоӣ, таъсироти хонаводагӣ ва муҳите ки дар он зиндагӣ кардаанд робитаи наздике доранд. Шинохти тафовутҳои фардӣ ва шароити тарбиятии ҳар як аз афрод қобили муқоиса бо дигарон намебошад.

Нақши ёдгирӣ дар ҳамаи саҳнаҳои зиндагӣ намоён аст. Ёдгирӣ на танҳо дар омӯхтани хосси матолиби дарсӣ балки дар рушди ҳаяҷонӣ, таъомули иҷтимоӣ ва ҳатто рушди шахсият низ дахолат дорад. Масалан ёд мегирем аз чи чизе битарсем, чи чизеро дӯст бидорем, чигуна муаддабона рафтор кунем, чигуна самимона рафтор кунем ва ҳатто чигуна ба фарзандонамон ва дигарон меҳр биварзем.

Рафторгароёне (бихевиорист) аз қабили Ҷон Ватсун ва Скинер сарнавишти инсонро инъитофпазир (тағйирпазир) медонанд ва мӯътақиданд, ки дар рушд, ёдгирӣ нақши аслиро ифо мекунад. Чунонки омӯзиши аввалия метавонад сарфи назар аз ончи кӯдак аз истеъдодҳо, тамоюлот, алоқаҳо, тавоноиҳо, нажод ва аждод ба ирс бурда ӯро ба ҳар навъ бузургсоле табдил кунад. Зеро ёдгирӣ тағйири нисбатан доимӣ дар рафтор аст, ки дар натиҷаи тамрин ҳосил мешавад.

Низомҳои омӯзишӣ ва фаъолиятҳои ҳоким бар он бо таваҷҷӯҳ ба пешрафти ҷомеаҳо ҳамвора дастхуши тағйир ва таҳаввул будааст ва таҳаввули омӯзишӣ худ маълули таҳаввули иҷтимоӣ ва таҳаввули улум ва фановарист.

Дар дунёи печидаи имрӯз ҳеҷ кас бениёз аз таълим ва тарбият нест. Фаъолият дар мадраса ва дар амри омӯзиш, худ бахши азиме аз зиндагии инсонҳо шудааст.

Муаллим бояд чигуна андешидан ва чигуна омӯхтанро ба шогирдон биёмӯзад. Агар мо равиши омӯхтанро ба онон ёд диҳем онҳо худ хоҳанд омӯхт. Вале мутаассифона баъзе аз муаллимон ёдгириро интиқоли мафҳумҳои илмӣ аз фарде ба фарди дигар талаққӣ мекунанд ва зеҳнро монанди анбор ё махзани холӣ тасаввур мекунанд, ки бояд ба василаи муаллим пур шавад. Дар ин шева муаллим нақши асосиро ифо мекунад ва шогирд мунфаил ва беирода мебошад. Бинобар ин тағйире дар ӯ эҷод намешавад. Бахусус дар тарзи тафаккур, одот, тамоюлот ва дигар аъмоли ӯ.

Одатҳои нописанд, тарзи тафаккури нодуруст ва ғайримантиқӣ, қазоватҳои бепоя, хашм ва тарси бечо, заъф ва тазалзули доим, камии рушди иҷтимоӣ ва ахлоқӣ ва доро набудани рӯҳи таовун ва ҳамкорӣ ҳосили чунин бардоште аз ёдгирист ва ҳоло он ки ёдгирӣ фароянди дутарафа аст. Бархе аз муаллимон бар хилофи иддаоҳояшон ҳамвора бо равишҳои қолибии хос ва бо пӯшидани ҳақоиқ ва эҷоди муҳити сахти инзиботӣ ки мунҷар ба ҳифз кардани матолиби дарсӣ мешавад амалан як навъ ҳукумати истибдодиро дар келос ҳоким месозанд ва ҷулӯи ҳар гуна тафаккури солимро мегиранд. Онон намедонанд, ки ҳадаф аз фаъолиятҳои омӯзишӣ дар мадраса ҳифз кардан ва омӯхтани матолибе нест, ки чандон иртиботе бо зиндагии шогирдон надорад, балки ончи бояд меҳвари фаъолиятҳои омӯзишӣ қарор гирад ин аст, ки шогирдон биёмӯзанд чигуна фикр кунанд ва чигуна қазоват намоянд то битавонанд дар бораи худ ва ояндаи ҷомеа тасмими муносиб ироа намоянд.

Брунер равоншинос ва олими таълиму тарбияти америкоӣ мӯътақид аст, ки шогирдонро набояд дар баробари донистаҳо қарор дод, балки бояд ононро бо масъала рӯ ба рӯ сохт то худ ба кашфи равобити миёни умур ва роҳи ҳалли онҳо иқдом кунанд. Ӯ мегӯяд бояд шогирдро ба фаъолият водошт то ба муаллим ва китоб мутаккӣ набошад. Шогирд бояд аз ёдгирӣ ризоияти хотир пайдо кунад ва ба ин васила ангеза

дар ӯ тақвият шавад. Равиши иктишофиро, ки ӯ пешниҳод менамояд равише аст, ки шогир бояд худ ба усул ва қавоид дастрасӣ пайдо кунад. Муҳим нест, ки ӯ чи меомӯзад, балки муҳим он аст, ки чигуна меомӯзад. Мадорис бояд ба ҷои интиқол ва анбоштани ҳақоиқи илмӣ ба зеҳни шогирдон ба онон чигуна фикр кардан, чигуна ёд гирифтан ва чигуна зиндагӣ карданро биёмӯзанд. (6, с. 89)

Аксари соҳибназарон бар ин ақида ҳастанд, ки ёдгирӣ тағйир дар рафтор аст, аммо на ҳар гуна тағйире, балки тағйире ки бар асари таҷриба ҳосил шуда бошад. Ба ҳамин ҷиҳат ёдгирӣ мунҳасир ба мадраса нест, балки ин амр ҳамеша пайваста ва мустамар сурат мегирад ва ҳосили он амалкарди афрод аст, зеро натиҷаи ёдгирӣ амалкард аст ва худи ёдгирӣ.

Ҳилгард ва Моркуиз ду тан аз равоншиносон, ёдгириро иборат аз фароянди тағйироти нисбатан пойдор дар рафтори билқувваи (потенсиал) фард бар асари таҷриба таъриф кардаанд. (6, с. 14)

Ёдгирӣ ба мафҳуми ҷадиди он ҳосили талош, ҳаракат, фаъолият ва мушорикати ёдгиранда мебошад ва дар воқеъ кулли шахсияти фард дар тамоми абъоди он дар фароянди таъомул қарор мегирад ва тағйир пайдо мекунад. Таҷриба худ омили таомул миёни фард ва муҳите аст, ки ӯро фаро гирифтааст. Амалкарди афрод таҷаллии тағйироти ношӣ аз ёдгирӣ дар қолиби рафторҳои ошкоршуда ва қобили мушоҳида ё табдили рафтори билқувва ба рафтори билфеъл (амал) аст. Тазаккури ин нуқта низ лозим аст, ки бидонем, то инсон худ нахоҳад, ёдгирӣ сурат намегирад. Ба иборати дигар то ҳолати талаб, кашиш ва ниёз ба ёдгирӣ дар ёдгиранда ба вуҷуд наояд ёдгирӣ ба вуқӯъ нахоҳад пайваст. Шояд эҳсоси ниёз ва гароиш ба ёдгирӣ аввалин ва муҳимтарин шарти ёдгирӣ дар ҷараёни омӯзиш ва парвариш бошад ва ин мураббиён ҳастанд, ки бояд заминасози чунин талаб ва ниёзе бошанд. Як донишманди амрикоӣ иборати зебое дар ин робита баён доштааст, ки тарҷумаи он ба ин қарор аст: ту метавонӣ асперо то лаби об бикашонӣ, аммо танҳо қатрае, ки ба даруни шиками ӯ меравад, қатраест ки худаш хостааст ва инаст достони ёдгирӣ.

Кершен Штайнер (1854-1932) мураббии бузурги олмонӣ ҳадафи омӯзиш ва парваришро дастёбӣ ба арзишҳои шаҳрвандӣ медонист. Вай мӯътақид буд, ки кӯдак бар асоси фароянде аз рушди дарунӣ бузург мешаванд ва он чи касб мекунад то замоне ки бо навъи фаъолияти шахсӣ ҷазб нашавад ба таври воқеӣ ҷузъи вуҷудаш намешавад. Ба гуфтаи ӯ агар ҳадафи ғояи таълиму тарбиятро ташкили шахсият бидонем беҳтарин созмони тарбиятӣ он хоҳад буд, ки фурсатҳои лозимро барои рушди шахсият фароҳам кунад. Бояд донист, ки шахсият танҳо аз роҳи амал рушд мекунад. Таъкиди Штайнер бар амал сабаб шуд, ки ӯро бунёдгузори «мадрасаи фаъолият» бидонанд. Ӯ мадрасаи худро ҷойгоҳе барои озодсозии энергияи халлоқи билқувва медонист ва асли фаъолиятро, ки нахустин асли ӯ мебошад ба миқёси васеъ дар мадориси давлатии Муних муаррифӣ кард. (1. с. 10)

Антон Смиёнович Макаренко (1888-1939) олими таълиму тарбияти русӣ низ мӯътақиб буд, ки инсон аз тариқи таъомул бо муҳит ва бавижа бар асари кор парварда мешавад. Шукуфтагии фард вобаста ба вуруди ӯ дар ҷомеа аст, ки назм ва инзибот дар он ҳукмфармо бошад ва беҳтарин навъи тарбиятро истифода аз майл ба ҳифзи ҳайсияти иҷтимоӣ ва рӯҳи ҷамъии афрод медонист. Ӯ таҳти таъсири Штайнер кор ва ба вижа кори тавлидкунандаро барои рушди шахсият муассир медонист ва аз ҷиҳати ин ки амалро шарти асосии ёдгирӣ мешуморид ба афкори Ҷон Диюӣ наздик буд. Дар ҳар ҳол ӯ ёдгириро роҳе барои вуруд ба ҷомеа медонист ва ба ҳамин сабаб «Роҳи зиндагӣ» ва «Омӯхтани зиндагӣ», ки ду унвон аз китобҳои ӯст дар ҳамин заминаҳо таълиф шудааст. (7, - с. 241)

Штайнер барои таълим ва тарбият ва ёдгирӣ ба равишҳои ҷомеапазирии усулӣ қоил буд. Аз ҷумла:

- асли фаъолият: ки ақида дошт ҳар чи қадар кӯдак дар синни аввалия аз озодии бештаре барои фаъолият бархӯрдор бошад аз ҳисси истиқлоли амали бештаре баҳрвар хоҳад шуд ва дар зиндагии оянда итминони бештаре ба худ хоҳад дошт;
- асли камол: ки ба дарки арзишҳои ҳоким бар ҷомеа таъбир менамуд;

– асли озодӣ: ки чун кӯдак майл ба кунҷковӣ дорад бояд то ҳадди мумкин заминаи лозимро барои ӯ фароҳам намуд;
– асли фардият: ки мураббӣ бояд ба тафовутҳои фардӣ таваҷҷӯҳ дошта бошад;
– асли иҷтимоъ: ки ёдгирӣ бояд бар он сабаб шавад то ҳама назар ва майли худро тобеи хайр ва салоҳи ҷомеа қарор диҳанд;
– асли санадият: ки дар интиҳо таълим ва тарбият бояд аз тариқи судури мадрак ҷойгоҳи илмии афродро мушаххас намояд.

Дар ниҳоят барои ин ки ёдгирӣ ба мафҳуми воқеии он мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирад бояд ба қавонини ҳоким бар он, ки иборат аз қонунҳои омодагӣ, асар, тамрин, муқаддамият, шиддат ва корбурд аст таваҷҷӯҳ намуд ва монеъаҳои ёдгириро, ки озурдагӣ, касалкунандагӣ, печидагӣ ва сойири монеъаҳое, ки бар сари роҳи он аст аз миён бурд ва шароити муассир бар ёдгириро, ки шомили ангеза, доштани васоил ва манобеи муносиб, тасаввури равшан аз дониш ва маҳоратҳои мавриди ниёз барои вуруд ба ҷомеа ва низ доштани фурсати кофӣ барои тамрин ва огоҳӣ аз мизони пешрафтро ҳамвора мавриди таваҷҷӯҳ қарор дод. (1. – с. 10)

Бо таваҷҷӯҳ ба сармоягузории зиёде, ки дар ҷиҳати ҷомеапазирии афрод дар ҳар кишваре ба амал меояд, бояд ба баҳрагирӣ аз усул ва равишҳои илмӣ ва таҷрибашуда заминаи рушд ва камоли инсонҳоро барои ёдгирии ончи барои зиндагии шаҳрвандӣ лозим аст фароҳам намуд ва аз тариқи он шароити матбули таомули донишомӯз ва муаллим, ёдгириро ба унвони як фароянди дуҷониба мавриди баррасӣ қарор дод ва бар шукуфо кардани тавонмандиҳои билқувваи донишомӯзон барои таҳвияти тафаккури халлоқ ва мантиқӣ кӯшиши лозимро ба амал овард.

Пайнавишт:

1. Сафавӣ Амонуллоҳ, Куллиёти равишҳо ва фунуни тадрис. – Теҳрон, Нашри Ҳотиф, 1380 ҳ.ш. (2001), 179с.
2. Кадивар Парвин, Равоншиносии тарбиятӣ. – Теҳрон, Интишороти Самт, 1387 ҳ.ш. (2008), 299с.
3. Ҳулфиш Гурдон, Фили Ҷ Смит. Тафаккури мантиқӣ, Тарҷумаи Алии Шариатмадорӣ. – Теҳрон, Интишороти Самт, 1389 ҳ.ш. (2010), 273с.
4. Наввобинажод Шукӯҳ. Роҳнамоӣ ва мушовараи гурӯҳӣ. – Теҳрон, Интишороти Самт, 1389 ҳ.ш. (2010), 124с.
5. Брус Ҷойс, Имели Колҳун Ҳопкинз. Ӯлгӯҳои ёдгирӣ, Тарҷумаи Маҳмуди Меҳрмуҳаммадӣ, Лутфалӣ Обидӣ. – Теҳрон, Интишороти Самт, 1389 ҳ.ш. (2010), 374с.
6. Шаъбонӣ Ҳасан, Маҳоратҳои омӯзишӣ ва парваришӣ, Ҷ.1. – Теҳрон, Интишороти Самт, 1389 ҳ.ш. (2010), 379с.
7. Кордон Алимуҳаммад, Сайри орои тарбиятӣ дар Ғарб. – Теҳрон, Интишороти Самт, 1981 ҳ.ш. (2002), 296с.

НОВЫЕ МЕТОДЫ ОБУЧЕНИЯ В ПРОЦЕССЕ ВОСПИТАНИЯ И ОБРАЗОВАНИЯ

Махмуд Карими

В современной педагогике обучение не ограничивается только накоплением знаний и информаций. Обучение рассматривается как процесс освоения и творения новых знаний на основе практической деятельности и опыта обучающихся. В данной статье автор рассматривает место и роль новых методов обучения в процессе воспитания и образования. Автор особо подчеркивает, что обучение является двусторонним процессом взаимосвязи между преподавателем и учащихся.

Ключевые слова: метод, взаимосвязь, обучения, знание, опыт.

NEW METHODS OF LEARNING IN THE PROCESS OF EDUCATION

Mahmoud Karimi

In modern pedagogics learning is not limited only to the accumulation of knowledge and information. Learning is considered as a process of mastering and creation of new knowledge on the basis of practical activities and experience of the learners. In this article the author examines place and role of new methods of learning in the process of education. The author especially emphasizes that learning is a double-sided process of interrelation between the teacher and students.

Key words: method, interrelation, learning, knowledge, experience.

Сведения об авторе: Махмуд Карими – аспирант кафедры педагогики Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айни, Тел: (+992) 93 4643336, e-mail: mahmod.karimi@hotmailo.com

Information about the author: Mahmoud Karimi - PhD student of Pegadogy Chair in Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, tel: (+992) 93 4643336, e-mail: mahmod.karimi@hotmailo.com

МУТАФАККИРОНИ ФОРСУ ТОҶИК ДАР БОРАИ ТАРБИЯИ АРЗИШҲОИ МАЪНАВӢ-АХЛОҚИИ НАСЛИ НАВРАС

Гулмадов Ф.

Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи маориф

Имрӯз раванди ҷаҳонишавӣ, ки тамоми ҷаҳон, аз ҷумла Тоҷикистону дигар давлатҳои пасошуравиро низ фаро гирифтааст, майли пурзури ба асли хеш баргаштану эҳёи маънавии ин давлатҳо ва рӯ овардан ба ақидаҳои мутафаккирони гузашта бо назардошти талаботи воқеии замони нав истифода бурдани онҳо мушоҳида карда мешавад, ки ин метавонад барои сохтмони ҷамъияти нав ва тарбияи насли ҷавони комилу ҳаматарафа инкишофёфта заминаи устувор гузорад. Барои Тоҷикистон дар ин ҷода омӯзиш ва истифода бурдан аз дурдонаҳои фарҳанги пурғановати форсу тоҷик метавонад нақши муҳим бозад, чунки дар давраи таърихии бисёрсола дар он чунин мактабҳои бузурги илмӣ ба вуҷуд омадаанд, ки аҳамияти таърихӣ доранд.

Омӯзиш ва истифода бурдан аз дурдонаҳои фарҳанги пурғановати форсу тоҷик дар тарбияи насли наврас нақши муҳим мебозанд. Таърихи қадима дошта, дар ҳар як давраи таърихӣ мазмуну мундариҷаи он такмил меёфт. Мақсади тарбия дар ҳар як давру замон ин баланд бардоштани сатҳи маънавиёти халқу миллат ва ба ҳаёти мустақилона тайёр намудани насли наврас ба ҳисоб меравад. Дар давраи аввали пайдоиши ҷамъияти инсонӣ одамон асосан барои зинда мондан кӯшиш менамуданд ва баъдан олами иҳотакарда ва ҳодисаҳои табиатро аз худ менамуданд, ба қувваи табиат истодагарӣ намуда, барои давом додани зиндагӣ маводи хӯрока тайёр менамуданд. Одамони обшинаи ибтидоӣ оҳиста-охиста зарурияти аз худ намудани косибӣ ва хоҷагидориро дарк менамуданд.

Бояд қайд кард, ки дар тули асрҳо дар баробари қимати бебаҳо доштани асарҳои мутафаккирони форсу тоҷик, инчунин урфу одат ва анъанаҳои таърихии халқ тоҷик низ дар тарбияи насли наврас хизмати босазо кардаанд. Тоҷикон, ки яке аз халқҳои қадими дунё ба ҳисоб мераванд, дар тӯли асрҳо урфу одат ва анъанаҳои таърихии хешро натанҳо аз даст додаанд, балки онҳоро то ба имрӯз нигоҳ дошта, арҷгузорӣ менамоянд. Аз ин ҷост, ки ҳар халқу миллат маҳз тавассути суннат ва анъаноти хеш дар ҷодаи тамаддуни башарӣ бозшинохта мешавад. Барои рушду камоли ҷавонон, хоса мактаббачагон, суннат ва анъанаҳои неки мардумӣ, ҳамчун воситаи тавонои хизмати босазое карда метавонанд. Бинобар ин, дар алоқамандии зич истифода бурдан аз

ақидаҳои илмии мутафаккирони пешгузашта ва урфу одат ва анъанаҳои халқӣ дар тарбияи ахлоқии насли наврас хело ҳам манфиатбахш мебошад ва имрӯз ҷомеа дар назди насли калонсол вазифа мегузорад, ки ҷавононро дар рӯҳияи худогоҳии миллӣ, ифтихори миллӣ ва меҳанпарастӣ тарбия намоянд.

Сохтани давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ дар Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳат ба тарбия намудан ва ба камол расонидани шахси комил ва фозили ҷамъият алоқаманд мебошад. Зеро бе тарбияи шахси аз ҷиҳати ҷисманӣ, маънавӣ ва фикрӣ мутаносиб инкишофёфтаи ҷамъият, ки вай қодир бошад дар ҳама дигаргуниҳои азими ба амал омада фаъолона иштирок намояд, номумкин аст.

Пайдоиши урфу одат ва анъанаҳои халқӣ ҳанӯз ба замони Зардушт рост меоянд, ки дар китоби муқаддаси «Авесто» зикр ёфтаанд. Зардуштиён насли наврасро аз хурдсолӣ дар рӯҳияи илмдӯстӣ, поквичдонӣ, хоксорӣ, меҳнатдӯстӣ, таҳамулпазирӣ, ягонагии қавлу амал, саховатпешагӣ, хайрхоҳӣ, эҳтироми калонсолон ва ғайра тарбия менамуданд. Зардуштиён сухани хуб ва муносибати хайрхоҳонаро беҳтарин сифати ахлоқӣ мепиндоштанд.

Гузаштагони тоҷикон, ки бештар ба корҳои заминдорию чорводорӣ машғул буданд, оҳиста-оҳиста кӯшиш менамуданд, ки насли наврасро дар рӯҳияи маълумотнокӣ, поксиришти ва ахлоқи неки инсонӣ тарбия намоянд.

Дар масъалаи тарбия ва ба камол расонидани шахсияти ҳаматарафа инкишофёфта мероси бойи адабӣ-педагогии мутафаккирони форсу тоҷик ёрии калон мерасонад. Мутафаккирони форсу тоҷик ба сифати воситаи муҳими инкишофи ҳаматарафаи инсон, риояи меъёрҳои ахлоқи умумиинсонӣ, маълумотгирӣ, аз худ намудани касби муайянро муҳим шуморида, дар бораи он андеша менамуданд, ки инсони комил бояд чӣ гуна тарбия ва ба камол расонида шавад.

Мутафаккирони форсу тоҷик аз асри Х сар карда то ибтидои асри ХХ дар асарҳои худ қимати илму дониш ва таълиму тарбияро дар инкишофи шахси комили ҷамъият ва ҳаёти инсон бузург дониста, дуруст изҳори ақида мекарданд, ки бадахлоқӣ, фиребгарӣ, қалобӣ, сангдилии иддае аз аъзоёни ҷамъият аз бетарбиягии онҳо сар мезанад. Барои ҳамин онҳо ҳама вақт кӯшиш мекарданд, ки нақши тарбияро дар ҷамъият баланд бардоранд. Восифӣ, Сайидо, Ҳилолӣ, Биноӣ, Умари Хайём Аҳмади Дониш, Рӯдакӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Унсурулмаолии Кайковус Ҷомӣ, Мир Сайид Алиии Ҳамадонӣ ва дигар намояндагони афкори педагогии халқи тоҷик мавқеи тарбия ва маълумотро хеле баланд бардоштаанд. Ин мутафаккирони забардаст дар асарҳои адабӣ-педагогии худ «Бадое-ул-вақое», «Сифотул-ошиқин», «Беҳрӯзу Баҳром», «Баҳориёт», «Футувватномаи Султонӣ», «Ахлоқи Мӯҳсинӣ», рисолаи «Ҳотамия», рисолаи «Қудусия», «Қобуснома», «Кимиёи саодат» ва қитъаоту ғазалиёти худ як қатор масъалаҳои муҳими педагогиро ба миён гузошта, оид ба ҳалли бо муваффақонаи онҳо фикрҳои пурарзиши педагогиро баён намудаанд. Асоси системаи педагогии онҳоро пеш аз ҳама масъалаи омилҳои асосии ташаккули шахсияти инсони комил, нақши оила дар тарбияи насли наврас, идеяи дар маълумотгирӣ баробарҳуқуқ будани фарзандони ҳама табақаҳои ҷамъият, таълими якҷояи харду ҷинс, идеяи тарбияи ватандӯстию инсонпарварӣ ва меҳнатдӯстӣ, қимати илму дониш дар ҳаёт ва зиндагии инсон, мавқеи омӯзгор дар таълиму тарбияи насли наврас ташкил мекунанд.

Биноӣ, Восифӣ, Сайидои Насафӣ, Ҳилолӣ, Кошифӣ дар заминаи педагогикаи халқӣ ва асарҳои педагогии гузаштагони худ оид ба қимати педагогии сухан ва аҳамияти дар муносибат ба дигарон пеша сохтани ростӣ, сабру таҳаммул ва қаноат, қимати дар бачагон тарбия намудани тавозуъ ва караму саховат, зарари дар ниҳоди тарбиягирандагон ташаккул ёфтани баднафсӣ, пурхӯрӣ, бахилӣ ва амсоли инҳо як қатор фикрҳои пурқиммати педагогӣ баён намудаанд.

Олимон-файласуфони забардаст Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Абӯ Алӣ ибни Сино, Имоми Аъзам Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит, Унсурмаолии Кайковус, Абӯ Наср-ал-Форобӣ, Ал Хоразмӣ, Насриддини Тусӣ ва дигарон дар таълимоти худ

тарбияи инсони комилро дар мадди аввал мегузоштанд. Ба ақидаи ин мутафаккирон тарбияи инсони комилро шахсияти ҳаматарафа инкишофёфта, бомаълумот, бомаърифат, бомаданият, зебопараст ташкил медиҳад.

Дар маркази таълимоти иҷтимоӣ ва ҷамъиятӣ-сиёсии Абу Наср- ал- Форобӣ масъалаи инкишофи ҳаматарафаи шахсият, роҳҳо ва воситаҳои ноил шудан ба хушбахтӣ, накукорӣ қарор дорад, ки ин аз асосҳои баланди чаҳонбинии инсондӯстонаи ӯ дарак медиҳад. Маҳз ҳамин ғояҳо мазмуни ақидаҳои Форобиро оид ба тарбия, такмил додани шахсият ва мавқеи ӯ дар ҳалли вазифаҳои иҷтимоӣ ташкил медиҳад. Барои ҳамин ӯро яке аз асосгузорони педагогикаи пешқадами асри миёнаи Шарқ ҳисоб мекунанд. Ӯ дар бораи тарбияи ахлоқӣ як қатор панднома ва мақолаҳои пурҳикмат навиштааст, ки одамонро ба ростгӯӣ, инсондӯстӣ, накукрӣ. адолатнокӣ, инсондӯстӣ даъват мекунанд. Ақидаҳои педагогии ин олими маъруф на танҳо ба инкишофи минбаъдаи педагогикаи пешқадами Шарқ, балки ба педагогикаи Ғарб низ таъсири бузург расонидааст.

Азбаски дар замони Форобӣ педагогика ҳамчун илм ташаккул наёфта буд, ӯ доир ба масъалаҳои таълиму тарбия китоби махсус таълиф накардааст. Вале дар асарҳои офаридаи Форобӣ аз қабили «Рисолат-ул ахлоқ», «Китоб –ул-Ахлоқи-л-Форобӣ», «Китоб –ул-танбеҳ ало сабил-ас-саодат», «Ас-сиёсат-ул-мудуния», «Китоб-ул-мудуния», «Китоб-ул-мадинат-ал-фозила», «Китоби хирад», «Оид ба нуқтаи назари сокинони шаҳри хайрхоҳ» ва ғайра мақсад ва мазмуни тарбия инсони комилу фозил ҳаматарафа таҳлил карда шуда, дар ин бора ба падару модарон ва омӯзгорон тавсияҳои судманд пешниҳод кардааст.

Ҳамчунин дар ин асарҳо Форобӣ дар роҳи ислоҳи ахлоқи костаи ҷомеа ақлу хирадро воситаи асосӣ мешуморид. Аз ин ҷост, ки асоси таълимоти фалсафӣ-педагии Форобиро ақлу хирад ташкил медиҳад.

Форобӣ дар таълиму тарбия хонандагон мавқеи ҳалкунанда доштани омӯзгорро шарти муҳим мешуморид. Масалан ӯ таъкид намудааст, ки «агар омӯзгор аз хонандагон самимият, ростқавлӣ, эҳтироми якдигар ва ҳақиқатро талаб кунад, пеш аз ҳама худи ӯ бояд дорои чунин сифатҳо бошад» (6, с. 23). Аз ин ҷост, ки ин ғояҳоро дар ҳар як асари офаридаи ин мутафаккир дарёфт намудан мумкин аст. Фаробӣ дар низоми тарбия мавҷуд будани суиистифодаро таъкид намуда, гуфта буд, ки «тарбиятгар на бояд қаҳру ғазаби худро ошкор созад ва тундмиҷоз бошад, чунки ин сифатҳо хонандагонро муқобили омӯзгор бармехезонанд Омӯзгор бояд дорои сифатҳои худдорӣ карда тавонистан, серғайрат будан ва истодагарӣ карда тавонистани бошад. Вазифаи асосии омӯзгор ин тарбия намудани сифатҳои хуб ва решакан намудани сифатҳои манфӣ мебошад». (8, с. 208-209).

Форобӣ ҳаёти ҳаррӯзаи одамонро мушоҳида намуда, меъёрҳои одобу рафторро муайян намудааст. Ӯ чунин менависад: «Агар одамон рафтори оқилона кардан хоҳанд, набояд аз ягон ҷиҳат аз дигарон фарқ кунанд, мухолифи якдигар бошанд, балки бо якдигар дӯсту тифоқ, меҳрубон, хайрхоҳ бошанд ва одоби мувофиқ бо хислати хуб ва тачриба бояд дар якҷоягӣ бошанд». Ба қавли ин олим сифатҳои меҳрубонию бадӣ дар рафти ҳаёт аз худ карда мешаванд, Бинобар ин, одам бояд кӯшиш намояд, ки дар ҳаёт бояд рафтори меҳрубонона ва ахлоқу одоби шоистаро аз худ намояд.

Абӯрайҳони Берунӣ ҳамчун олими энсиклопедист на ин ки дар олами Шарқ балки дар тамоми олам машҳур аст. Гарчанде ки Беруни оид ба педагогика асари махсус таълиф накарда бошад ҳам, вале дар ҳар як асари ӯ масъалаҳои тарбия, таълим, маънавиёт ва ахлоқро дарёфт намудан мумкин аст.

Дар осори илмии Берунӣ чунин масъалаҳои ахлоқ ба монанди шараф, қадру манзалати инсон, некию бадӣ, хақикатгӯию поквичдонӣ, шаъну эътибор, иззати нафс, некӣ ва бадӣ, адолатнокӣ ва виҷдон мавқеи махсусро ишғол мекунад. Ин олими барҷаста таъкид кардааст, ки шахсияти одами ҷавон дар ҷараёни тарбия дар мехнат ташаккул меёбад , ки танҳо меҳнати ҳақиқӣ дар инсон сифатҳои баланди инсониро ташаккул медиҳад.

Ин олими нуктасанҷ таъкид намудааст, ки шахсияти насли ҷавон дар ҷараёни тарбия, махсусан тарбияи меҳнатӣ ташаккул меёбад ва маҳз меҳнати ҳақиқӣ сифатҳои баланди ахлоқиро ташаккул дода метавонад. Берунӣ ба муносибати дӯстонаи байни одамон аҳамияти махсус дода, онро ҳадяи пурқиммати ҳаёт номидааст ва ба ақидаи ин олим асоси хушбахтии шахсият ва инкишофи ҷамъиятдар дӯстии халқҳо ифода меёбад.

Ҳамзамони Берунӣ, олими барҷастаи асри миёна Абӯ Алӣ ибни Сино дар масъалаи таълиму тарбия худро ҳамчун донишманди нозукбини руҳи кӯдакон муаррифӣ намудааст. Ақидаҳои педагогии ӯ махсусан дар китобҳои «Донишнома», «Рисолаи нафс», «Саломон ва Абсол», «Пирӯзнома», «Тадбири манзил» ба таври барҷаста инъикос ёфтаанд. Ба ақидаи Абӯ Алӣ ибни Сино асоси ташаккули шахсиятро ягонагии тарбияи фикрӣ, ҷисмонӣ, ахлоқӣ, зебоипарастӣ ва меҳнатӣ ташкил медиҳад. Абӯ Алӣ ибни Сино масъалаи ташкили таълиму тарбияи коллективона дар мактабро ба миён гузоштааст.

Абу Алӣ ибни Сино методҳои тарбияро таҳлил намуда, ба хулосае омадааст, ки аз ҳама воситаи хуби таъсиррасонӣ ба шахсияти кӯдак ин яка ба яка бо ӯ дар танҳоӣ оромона, бе овози баланд, бе поймол кардани шахсияти ӯ ва бо овардани мисолҳои ибратомӯз сӯҳбат намудан мебошад. Ибни Сино қимати арзишҳои ахлоқии зеринро, ба монанди накукорӣ, хоксорӣ, ахлоқнокӣ, ироданокӣ дар тарбияи инсони комил дар дараҷаи баланд гузоштааст. Аз ин ҷост, ки дар осори педагогии ӯ масъалаи тарбияи ахлоқӣ мавқеи намоёнро ишғол менамояд. Ӯ дар таълимоти ахлоқии худ мардумро ба риоя намудани дӯстию рафоқат, муҳаббату эҳтироми якдигар, тозагию озодагӣ илмомӯзӣ ва ғайра даъват намудааст.

Абӯ Алӣ ибни Сино таъкид намудааст, ки дар ташаккули шахсияти инсон муқоиса намудани рафтори худ бо рафтори дигарон аҳамияти калон дорад. Ӯ дар китобаш «Тадбири манзил» менависад: «Касе, ки мехоҳад дар ахлоқи хеш ислоҳ бинад, бояд аз ахлоқ ва рафтори мардум огоҳ шуда, онро бо ахлоқ ва рафтори худ муқоиса бинамояд ва бидонад, ки ӯ ҳам монанди дигарон аст, афроди башар мисл ва шабеҳи ҳамдигаранд» (1, с.100)

Абӯ Алӣ ибни Сино бар он ақида буд, ки тарбияи ахлоқӣ дар сурати машқ намудан оид ба хислатҳои накукорӣ муяссар мешавад, ки дар байни онҳо худдорӣ, далерӣ хирадмандӣ ҷои муҳимро ишғол мекунад.

Дар масъалаи тарбияи ахлоқӣ асарҳои фалсафӣ-иҷтимоии Мир Сайид Алиии Ҳамадонӣ ба аҳамияти зиёд моликанд. Миқдори асарҳои офаридаи ӯ аз 70-то бештар мебошанд. Фикрҳои панду ахлоқии ӯ асосан дар асарҳои «Макорим-ул-ахлоқ», «Захират-ул-мулук», Анвор-ул-азкор», «Вуҷудия», «Кашф-ул-ҳақоиқ», ва амсоли инҳо зикр гардидаанд. Байни асарҳои номбаршуда дар асари ӯ «Захират-ул-мулук» чӣ гуна дар насли ҷавон парваридни ахлоқу одоби ҳамидаи инсонӣ ҳаматарафа инъикос гардидааст. Сайид Алиии Ҳамадонӣ исбот намудааст, ки таълим ва тарбия воситаи муҳими ташкили ҳаёти бошууронаи инсон ба ҳисоб мераванд, зеро ки танҳо маълумот ва тарбия имконият фароҳам меоварад, ки ҳаёти одамон ба мақсад мувофиқ, хушбахтонаю шавқовар ва пурмазмун гардад. Асари мазкур пур аз панди ҳакимона буда, дар он беҳтарин хислатҳои ҳамидаи инсонӣ аз қабили ростқавлӣ, поктинатӣ, беозорӣ, боимонӣ, парҳезкорӣ, ҳақиқатпарварӣ ва амсоли ин бо самимияти хоса пешкаш карда шудааст. Тарбияи хислатҳои неки инсонӣ ба монанди фурутанӣ, хоксорӣ, самимият ва муҳаббати инсонҳо нисбати якдигар, муруват ва хайрхоҳӣ бо дӯстону ҳатто душманон дар осори иҷтимоӣ-педагогии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҷойи махсусро ишғол менамояд. Мисраҳои зерини ин олим далели ин гуфтаҳоянд:

Ҳар ки моро ёд кард, эзид мар-ӯро ёр бод,
Ҳар кӣ моро хор кард, аз умр бархурдор бод.
Ҳар кӣ андар роҳи мо хоре фиканд андар аз душманӣ,
Ҳар гуле, к-аз боғи васлаш бишкуфад, бехор бод.
Дар ду олам нест моро бо касе гарду ғубор,
Ҳар кӣ моро ранҷа дорад, роҳаташ бисёр бод.

Масъалаи тарбияи насли ҷавон дар руҳия ахлоқи шоиста дар ақидаҳои мутафаккири намоёни форсу тоҷик Унсурулмаолии Кайковус ба таври барҷаста инъикоси худро ёфтааст. Китоби гаронарзиши ӯ «Қобуснома» то ба имрӯз аҳамияти тарбиявии худро гум накардааст ва ҳамчун дастури тарбиви барои тарбияи насли ҷавон хизмат карда истодааст. Дар ин китоби панду ахлоқӣ олим ба тамоми паҳлуҳои тарбия дахл намудааст. Аз ҷумла дар бораи одоби хӯрдани таому ошомидани об дар ҳузури дигарон, тарзи либоспӯшӣ, сухан гуфтан, ба меҳмонӣ рафтан ва сафар намудан, андар фарзанд парвардан ва оини он, андар оини дуст гирифтан, андар толибилмӣ ва фақеҳӣ, андар оини дӯст гирифтан, андар фурутанӣ ва афзуни ҳунар ва амсоли инҳо дар китоби «Қобуснома» фикрҳои хеле пурқимат ва ҷолиб оварда шудааст. Кайковус ба падару модарон дастур додаст, ки ба кӯдак аввал қодаҳои оддии ахлоқ омӯзонида шавад ва баъд тадричан аз онҳо ичрои меъёрҳои ҷиддии ахлоқ талаб карда шавад. Дар насли ҷавон тарбия намудани қаноатпешагӣ, хоксорию фурутанӣ, адолатпешагӣ, ростгуиву поквичдонӣ дар ин китоби олим бо мисолу далелҳои муътамад пешкаш карда шудааст.

Кайковус ба тарбияи насли наврас пеш аз ҳама падару модарон ва омӯзгоронро масъул дониста, аз ҷумла, таъкид намудааст, ки вазифаи асосии падар ин ба фарзанд омӯзонидани илму дониш ва ҳунару пешаи зарурӣ мебошад ва онҳоро ба ичрои ин вазифа даъват менамояд.

Дар Қобуснома Унсурулмаолии Кайковус дар боби «Андар фарзанд парвардан ва оини он» дар тарбияи насли наврас пеш аз ҳама масъулияти падару модарро таъкид намудааст, ки имрӯз низ моҳияти худро гум накардааанд ва комилан дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар дар таълиму тарбияи фарзанд» таҷассум ёфтаанд. Дар боби мазкур дар бораи уҳдадории падару модарон таъкид шудааст: «Бидон, эй азизи ман, ки агар Худой туро писаре диҳад, аввал номи хуш бар вай неҳ, ки аз ҷумлаи ҳаққои падарон яке ин аст. Дувум он ки ба доягони меҳрубон супор. Чун бузург шавад, агар раият бошӣ, вайро пешае биомӯзӣ» (3, с. 85)

Дар «Қобуснома» ҳамзамон ҷоҳилӣ, фиребгарӣ, худписандӣ, риёкорию ситамгорӣ, кинаву бахилӣ барин хислатҳои зишти инсонӣ маҳкум карда шуда, дӯстию накукорӣ, ростиву ҷавонмардӣ, саховатмандию фурутанӣ, беозорӣ ва дигар фазилатҳои неки инсонӣ ситоиш ва талқин карда шудааст.

Тарбияи маънавӣ, омӯзиши касбу ҳунар, меҳнатдӯстӣ, ки тибқи Консепсияи миллии тарбия унсурҳои таркибии тарбияи миллиро ташкил медиҳанд, дар «Қобуснома» мақоми хоса доранд. Кайковус дар боби «Андар фурутанӣ ва афзунии ҳунар» овардааст: «Бидон ва огоҳ бош, эй писар, ки мардуми беҳунар доим бе суд бошад чун муғелон, ки тани дораду соя надорад, на худро суд кунад ва на ғайрро. Ва ба ҳунари худ ғарра машав. Ва ба ҳунару хиради мардумон нигоҳ ҳамекун… Ҳунар омӯз ва аз омӯхтани сухани нек шунидан нанг мадор то аз нанг раста бошӣ… Ва чун тани хешро фармонбардори хеш кардӣ, ба омӯхтани ҳунар саломатии ду ҷаҳон андар ҳунар аст ва сармояи ҳамаи некиҳо андардонишу адаб аст. хоса адаби нафсу тавозуъ ва порсоиву ростгӯӣ ва беозориву бурдборӣ ва шармгинист» (3, с. 16).

Бояд зикр намуд, ки дар масъалаи ба миён гузоштани тарбияи инсони комил хизмати олим ва мутафаккири барҷаста Имоми Аъзам Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит хеле калон аст. Хизмати таърихии Имоми Аъзам ҳамчун асосгузори мазҳаби ҳанафия аз он иборат аст, ки ӯ кӯшиш намудааст, ки анъана, расму оин, арзишҳои ахлоқии писанди умум буда ва аркони сохти ичтимоии ҷомеаи суннатии тоҷикон ва анъанаҳои давлатдории моро дар минтақаҳои гуногуни чаҳон паҳн намояд. Ин аълома талқин менамуд, ки урфу одат ва анъанаҳои халқӣ метавонанд сарчашмаи боэътимоди ба танзим дароварандаи рафтору ахлоқи одамон гарданд.

Дар ҳаёти маънавии мардуми Шарқ ҷараёни динии ба худ хоси тасаввуф нақши муҳим бозидааст. Асосгузори таълимоти тасаввуф дар Осиёи Марказӣ солҳои пешин Юсуф Ҳамадонӣ буд. Ӯ дар Марв ва Бухоро якчанд мактаб ва мадрасаҳо кушода, тасаввуфро тарғиб мекард, ки мақсад аз он дарк намудани тозагии ахлоқ ва адолатнокӣ ва ба тақдир тан додан буд.

Хоҷа Аҳмад Яссавӣ дар шеърҳои худ Парвардигорро парастиш намуда, одамонро ба сабру таҳаммул, меҳнати ҳалол, мунису ғамхор будан, дар муносибати инсонӣ поквичдон будан даъват намуда, сарватманд будани одамонро маҳкум менамуд. Таълимоти Яссавӣ мактаби бузурги ба худ хоси аскетизм (усули амалии ба даст овардани такмилдиҳии ахлоқӣ ба воситаи худтанзимкунии ҷисми худ)-ро ба вуҷуд овард, ки дар давоми садсолаҳои зиёд манбаи маънавиёт ба ҳисоб рафта, дар садсолаҳои минбаъда ба ҷараёни тасаввуф самти навро кушод.

Наҷимидини Кубро яке аз тарғибгарони эътиқодманди арзишҳои маънавии ислом буд. Дар солҳои ҷавонӣ бо мақсади ба таври асоснок омӯхтани сарчашмаи тасаввуф аз Хева ба Миср рафта, бо илоҳиётшиносони машҳур вомехурад. Ӯ ба Хоразм бар гашта, мактаби «Кубравия»-ро ташкил мекунад. Ин таълимот ба ҳадис ва қонунҳои шариат такъя мекард. Дар зиёда аз 10 рисолаи худ ӯ чунин таълимотро пешниҳод кардааст: сидқан тавба кардан, маҳорати худдорӣ карда тавонистан аз васваса, аз баҳри масъалаҳои майда чуйдаи ҳаёт баромадан, тоқатнок будан, ба он чи ки тақдир додаст қаноат намудан, ҳама вақт рафтори худро ба шариат мувофиқ кунонидан ва ғайра.

Баҳоваддини Нақшбанд яке аз барҷастатарин намояндаи бонуфузи ҷараёни тасаввуф, асосгузори мактаби «Нақшбандия» мебошад. Асоси таълимоти Нақшбандияро зиндагии оддию хоксоронаи бе исрофкорӣ ва ба меҳнати доимии ҷисмонӣ машғул шудан ташкил менамояд. Таълимоти «Накшбандия» дар давоми садсолаҳо дар бисёр мамлакатҳои Шарқи Миёна ва Наздик ба таври васеъ паҳн гардида буд.

Дар ин самт фаъолияти пурсамари эҷодии Мирзо Абдуқодири Бедилро қайд кардан ба маврид аст. Ӯ абадияти табиат ва ягонагии рӯҳу олами моддиро таъкид карда буд. Дар таълимоти худ ӯ ақидаро дар бораи он ки ашёҳо ва ҳодисаҳо ба якдигар алоқаманданд ва олам ҳамеша дар ҳолати доимо тағйирёбандагӣ қарор дорад, инкишоф додаст. Махсусан ақидаҳои ҷамъиятӣ-сиёсии ӯ аҳамияти бузурги таърихӣ доранд. Мирзо Абдуқодир Бедил дар шеърҳои худ озодии шахс ва хиради инсониро арҷгузорӣ намуда, баъзе догмаҳои диниро зери танқид мегирифт. Ақидаҳои фалсафии Бедил дар ташаккули минбаъдаи ақидаҳои пешқадами фалсафӣ ва ҷамъиятӣ-сиёсии олимон- файласуфони Осиёи Марказӣ таъсири бузург расониданд.

Яке аз барҷастатарин намояндаи ҷараёни тасаввуф Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ мебошад, ки то ба имрӯз аз осори ӯ «Маснавии маънавӣ», «Девони кабир», «Фиҳӣ мо фиҳӣ», «Мактубот», «Маҷолиси сабъа» боқӣ мондааст. Махсусан «Маснавии маънавӣ»-ро мутолиа намуда, кас ба хулосае меояд, ки ӯ ба сифати омӯзгор намоён мешавад, омӯзгоре рӯҳонӣ, миллӣ ва инсонӣ.

Дар «Маснавӣ» ҳазорон-ҳазор нуктаи ирфонӣ, инсонӣ, ҳикматӣ, фалсафӣ, ахлоқӣ, равоншиносӣ, таърихӣ, сиёсӣ, динӣ, иҷтимоӣ ва ғайра мавҷуд аст, ки аз дониш ва биниши густурдаи ӯ гувоҳӣ медиҳанд. Дар таълимоти Ҷалолиддини Балхӣ кашфиёти беҳамтои мероси маданӣ ва маънавӣ мавҷуд мебошад, ки манбаъи дониш ва хусусиятҳои беҳамтои ахлоқию зебогиро дар тӯли асрҳо нигоҳ дошта, ҳамчун хотираи абадзиндаи замони худ боқӣ мемонад. Дар ҳақиқат таълимоти ин мутафаккири нуктасанҷ гуногунмазмуну гуногунҷабҳа буда, дар онҳо паҳлӯҳои серҷилои ҳаёти зисти инсонӣ, андешаҳои хиради ақлӣ, тафаккури маънавӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, маданӣ бо ҷаҳонбинии хос инъикос гардидааст.

Дар осори педагогии Низомии Ганҷавӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳофиз ва бисёре аз мутафаккирони форсу тоҷик низ ба масъалаи тарбияи инсони комили дорои сифатҳои ҳамидаи инсонӣ эътибори махсус дода шудааст. Онҳо низ чунин сифатҳои неки инсонӣ ба монанди қаноатпешагӣ, хоксорию фурутанӣ, накукорӣ, хайрхоҳиро воситаи асосии ташаккули инсони фозилу оқил мешумориданд. Дар осори фалсафии шайх Аттор, Ғазолӣ, Саноӣ, Рӯдакӣ, Низомӣ, хайрхоҳӣ, адолатпешагӣ барин сифатҳои ахлоқи неки инсонӣ инъикоси васеи худро ёфтааст.

Охири саддаи дуҳазорум ба фаъолияти пурсамари бисёре аз шоиру нависандагон, ходимони маориф дар Тоҷикистон рост меояд, ки онҳо дар инкишрфи минбаъдаи фарҳанг, маориф, илм ва санъат сахми босазои худро гузаштаанд. Инҳо Садриддин Айнӣ, Саидризо Ализода, Абдулло Авлонӣ, Мунавар Қори, Фурқат, Завқӣ,

Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ. Абдурауф Фитрат ва дигарон мебошанд. Дар байни онҳо С. Айнӣ яке аз барҷастатарин намояндаи фарҳанги халқҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад. Ӯ муаллифи якчанд китоби дарсӣ ба забони тоҷикӣ буда, ҳамзамон дар таълифи китобҳои дарсӣ барои мактабҳои ибтидоӣ ва миёна ширкат варзидааст. «Тартил-ул-Қуръон», «Ҳидояти динӣ», «Тарбияи ҷавонон» аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Китоби «Духтарбача ё Холида»-и устод Садриддин Айнӣ барои илми педагогика аҳамияти калон дорад, чунки дар он оид ба таълиму тарбияи насли наврас барои ҳамон замон ақидаҳои педагогии нав ба миён гузошта шудааст.

Дар байни асарҳои Садриддин Айнӣ «Мактаби кӯҳна» ҷойи махсусро ишғол менамояд, ки дар он масъалаҳои муҳими назария ва таърихи педагогика кушода дода шудааст. Ҳаёт ва фаъолияти Садриддин Айнӣ барои ҷавонон ибратомӯз буда, дар тарбия ва ташаккули шахсияти ҷавонон таъсири бузурги тарбиявӣ мерасонад.

Қобили зикр аст, ки олимони тоҷик махсусан баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои таърихӣ, пажӯҳишҳои арзишмандро анҷом дода истодаанд, ки ин имконият медиҳад, то насли наврас ба тарзи зиндагии ибратомӯзи гузаштагони хеш хуб ошноӣ пайдо кунад. Ҳамзамон баҳри он кӯшиш намудан зарур аст, ки ҳаёти ибратомӯзи гузаштагон насли наврасро барои анҷоми корҳои неку шоиста ҳидоят намояд. Чи тавре ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоташон бо кормандони соҳаи маорифи кишвар 22.12.2005 таъкид намуда буд, «Рушду тараққиёти мамлакат бевосита ба саъю талоши насли созандаву эҷодкор алоқаманд аст. Бинобар ин, агар ба тарбияи ворисони соҳибмаърифату донишманд ва содиқи миллату Ватани хеш имрӯз бо масъулият муносибат накунем, ифтихору ғурури миллии мо гирифтори зоҳирпарастӣ шуда, дар доираи ному дастовардҳои бузургони гузаштагонамон маҳдуд мемонад» (150, с.8.)

«Калила ва Димна» дар забони арабӣ фақат ба тариқи наср боқӣ намонда, чандин дафъа ба риштаи назм низ кашида шудааст. Шоирони араб Обон ал-Лоҳиқӣ ва Саҳл ибни Навбахт дар асри 8 ин китобро ба риштаи назм кашиданд. Ба забони форсӣ-тоҷикӣ аввалин бор «Калила ва Димна» дар замони Наср ибни Аҳмади Сомонӣ аз нусхаи арабии Ибни Муқаффаъ тарҷума гардида, аз тарафи Рӯдакӣ ба назм дароварда шуд.

Дар бораи тарҷумаи манзуми «Калила ва Димна»-и Рӯдакӣ ховаршиноси бузурги озарӣ Газанфар Алиев пажӯҳиши алоҳида ва судмандеро анҷом дод. Арзишмандтарин хулосаи Г. Алиев дар он аст, ки Рӯдакӣ ҳангоми ба назм даровардани «Калила ва

[1] Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. (Гуфтор андар овардани Барзуй Калила ва Димнаро аз Ҳиндустон). Иборат аз 9 ҷилд. Ҷ. 8. Душанбе: Адиб, 1990. –с. 351- 352

Димна» ҳам аз тарҷумаи мансури тоҷикии он ва ҳам аз тарҷумаи арабии Ибни Муқаффаъ истифода бурдааст. Ӯ дар охири мақолааш ба хулосае мерасад, ки «Рӯдакӣ нусхаи арабии «Калила ва Димна»-ро ба асос гирифта, як сужети зиёда мароқангез ва барҷаста ба вуҷуд овардааст… ва ба маводи достони худ эҷодкорона наздик шуда, онҳоро хеле барҷаста ва аз ҷиҳати ғоявӣ таъсирбахш ифода ва нишон додааст. Ба фикри мо, достони «Калила ва Димна»-и Рӯдакӣ дар сояи вижагиҳои бадеии худ қадру эътибори фавқулоддае пайдо кардааст». («Шарқи Сурх» (1958, №10, с.117-126). Аммо аз «Калила ва Димна»-и манзуми Рӯдакӣ, мутаасифона, ғайр аз як миқдор байтҳои пароканда то имрӯз дигар чизе боқӣ намондааст. Байтҳои парокандаи «Калила ва Димна»-и Рӯдакӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки устод бо як хаёлоти бузурги бадеӣ ва табиӣ дар эҷоди асари худ рӯйдодҳо ва маъноҳои нав дохил кардааст.

Дар асри XII адиби машҳури он давр Абулмаолӣ Насрулло «Калила ва Димна»-ро бори дигар аз рӯи таҳрири арабии Ибни Муқаффаъ ба форсӣ баргардон намуд. Байни тарҷумаи Ибни Муқаффаъ, назми Рӯдакӣ, тарҷумаи Абулмаолӣ тарҷумаҳои зиёде будаанд, вале онҳо шӯҳрат надоштанд. Аксарияти онҳо ба забони арабӣ буда, на ҳикмату панду насиҳат, балки афсонагӯӣ ва ҳикоят будаанд ва ҳар тарҷумон дар он лаёқати худро нишон додааст. Абулмаолӣ қадри сухани дигар тарҷумонҳоро эътироф мекунад, вале қайд кардааст, ки дар эҷоди сухан кӯтоҳӣ намудаанд. Ӯ тарҷумаҳои пешинаро мурдаи ҳазорсола номида, кӯшиш намудааст, ки онро ба тарҷумаи худ пурра ва зинда гардонад, то мардум аз он баҳравар гардад. Вай ин китобро барои идора кардани давлат низ лозим ва дастур медонад.

Тарҷумаи Абулмаолӣ Насрулло ҳарчанд мазмунан ба китоби Ибни Муқаффаъ наздик бошад ҳам, аз ҷиҳати сабку услуб намунаи беҳтарини насри асри XII ба шумор меравад. Ӯ дар баробари нигоҳ доштани суханони ҳикматнок ва пандомез, тарҷумаро мувофиқи талаби замони худ бо масалҳо, оятҳо ва абёти гуногун пурқувват гардонд. Ҳукмрони вақт Баҳромшоҳи ғазнавӣ хидмати Абулмаолӣ Насрулло-ро қадр намуд. «Абулмаолӣ дар дебочаи китоб ҳукмрони вақтро ёд карда, китобро бо номи ӯ хотима медиҳад. Аз ин ҷост, ки ин китоб баъдҳо бо унвони «Калила ва Димна»-и Баҳромшоҳӣ низ шӯҳрат пайдо намуд»[2].

«Калила ва Димна»-и Абулмаолӣ аз шонздаҳ боб иборат аст, ки даҳтои он ба қавли муаллиф, аслан ҳиндӣ буда, шаш боби дигарро эрониён илова кардаанд. Тарҷумаи Абулмаолӣ ҳарчанд мазмунан ба китоби Ибни Муқаффаъ наздик бошад ҳам, аммо аз ҷиҳати сабку услуб ва ифодаи воқеаҳо асари бадеии мустақил ба ҳисоб меравад. «Калила ва Димна»-и Абулмаолӣ дар адабиёти форс-тоҷик маъруфтарин китоб буда, муаллифони баъдина аз он илҳом гирифтаанд.

Ҷунбиши адабию илмие, ки пас аз истилои муғул дар асри 15 дар Осиёи Миёна ва Хуросон ба амал омад, ба инкишофи фикрии халқҳои ин сарзамин таконе дод, ба сайри таърихии «Калила ва Димна» низ бетаъсир намонд.

То асри XV дар адабиёти форсу тоҷик «Калила ва Димна»-и Абулмаолӣ Насрулло шӯҳрати калоне дошт. Баробари табаддулоти ҳаёти иқтисодиву сиёсӣ, завқи нигоҳи бадеӣ низ тағир ёфт ва дар ин замон зарурати аз нав тарҷума ва таҳрир намудани ин асар ба миён омад. Ин кори бузургро олими намоён Ҳусайн Воизи Кошифӣ ба шарафи Шайх Аҳмади Суҳайлӣ, ки аз амирони Султон Ҳусайни Бойқаро буд, анҷом дода ба ин китоб «Анвори Суҳайлӣ» ном дод ва асари худро ба ӯ бахшид. Асоси таҳрири нави Кошифӣ на матни арабии Ибни Муқаффаъ, балки тарҷумаи Абулмаолӣ буд. Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар асли мавзӯъ тағироте дохил накардааст, вале дигаргунии даровардаи ӯ дар навбати худ кам нест. Ӯ тавонист ба ин асари безавол либоси нав пӯшонад ва дар ҳар як боб аз забони иштироккунандагони он муҳокимаҳои худро оид ба масъалаҳои тарбия баён намояд.

[2] Kalila et Dimna. Fables indiennes de Bldpai. Editions Albin Michel. 2006. - p.17

«Анвори Суҳайлӣ» дар замони муаллиф ва пас аз он махсусан дар Ҳиндустон шӯҳрати зиёде пайдо кард. Азбаски дар асри шонздаҳ вобаста ба вазъи сиёсию иҷтимоии замон қисми зиёди ибораҳои «Анвори Суҳайлӣ» кӯҳна шуда буд, дар Ҳиндустон дар замони ҳукумронии Акбар Абулфазл ибни Муборак дар асоси ин асар «Иёри Дониш»-ро тартиб дод. Ин асар мухтасари «Анвори Суҳайлӣ» буд ва чандон шӯҳрат пайдо накард.

Дар сайри таърихии «Калила ва Димна» тарҷумаи арабии Ибни Муқаффаъ хело назаррас аст. Тарҷумаи арабии Ибни Муқаффаъ ҳам ба худи ӯ ва ҳам ба ин ёдгории адабиёти ҳинд шуҳрати ҷаҳонӣ овард. Китоби «Калила ва Димна» ба воситаи тарҷумаи Ибни Муқаффаъ ба бисёр забонҳои дунё тарҷума гардид. Тақрибан соли 1081 «Калила ва Димна» ба забони юнонӣ тарҷума шуд. Юнониён номҳои «Калила ва Димна»-ро калимаҳои арабӣ хаёл карда, онро ба юнонӣ ба маънои «тоҷдор» ва «пайгир» тарҷума намудаанд, ки бо муродифи юнонии ин калимаҳо китоби мазкур дар забони юнонӣ «Стефанит ва Ихнилат» номида шуд. Ин асар бо ҳамин ном ба забони славянӣ гардонда шуд. Соли 1250 Иоэл ном шахс «Калила ва Димна»-ро аз арабӣ ба забони яҳудӣ тарҷума намуд. Солҳои 1263-1273 бошад аз ҷониби Иоан Капуански бо номи «Directorium vitae humanae» (Дастурҳои ҳаёти инсонӣ) аз забони яҳудӣ ба лотинӣ тарҷума шуд. Тарҷумаи лотинии «Калила ва Димна» дар Аврупо шӯҳрати калон пайдо кард ва ба чандин забонҳои дигар тарҷума шуд. Ҳикоятҳои ҷудогонаи он ба тарзи шифоҳӣ дар байни мардум паҳн шуд. Ба ҳамин тариқ, ин асари безавол ба 60 забон тарҷума шуда, ҳоло зиёда аз дусад таҳрири гуногуни он мавҷуд ва мавриди истифода қарор дорад.

Тарҷумаи мукаммали арабии Ибни Муқаффаъ дар Аврупо нахустин бор аз ҷониби арабшиноси машҳури Фаронса Силвестр де Саси соли 1816 ба анҷом расид. Баъдтар арабшиноси машҳур Л. Шейхо аз рӯи дастнависи қадима ин асарро ба забони фаронсавӣ тарҷума карда, шӯҳрати онро дар Аврупо боз ҳам болотар бурд. Ин асар давоми сайри таърихии худ ба забонҳои англисӣ, испанӣ, олмонӣ, русӣ, туркӣ, тоторӣ, узбекӣ тарҷума шуда, бо мазмуни тарбиявӣ-ахлоқии худ барои адабиёти ин кишварҳо хизмати ниҳоят бузурге кардааст.

Пайнавишт:

1. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. (Гуфтор андар овардани Барзуй Калила ва Димнаро аз Ҳиндустон). Иборат аз 9 ҷилд. Ҷилди 8. Душанбе: Адиб, 1990. – 603 с.
2. Бартольд В. История изучения Востока в Европе и России, Ленинград. 1925 г.
3. Бертельс Е. Э. Избранные труды. История персидского-таджикской литературы, Москва. Издательство восточной литературы, 1960 г.
4. Ибн аль – Мукаффа. Калила и Димна. Перевод с арабского Б. Шидфар. Москва: Художественная литература,1986 г.
5. Калила ва Димна. (Аз рӯи «Анвори Сӯҳайлӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ). Душанбе: Маориф, 1978.-304 с.
6. Калила и Димна. И.Ю. Крачковского и И.П. Кузьмина.Москва: Восточная литература, 1957. -278 с.
7. Шокир Мухтор. Адабиёти тоҷик дар Фаронса. Душанбе: Ирфон.1985.
8. Ibn Al-Muqaffa. Le livre de Kalila et Dimna. Traduit de l`arabe par Andre Miquel. Paris. Editions Klincsieck. 1980.
9. Chauvin V. (Bibliographie des ouvrages arabes ou relatifs aux arabes publies dans l Europe chretienne de 1810 a 1895. Vol.2. Liege,1897. 240p.
10. Kalila et Dimna. Fables indiennes de Bldpai. Editions Albin Michel. 2006. 313 p.

МИРОВАЯ СЛАВА «КАЛИЛЫ И ДИМНЫ»

Мухиддинов Тоджидин Шамсидинович

Автор статьи утверждает, что «Калила и Димна» по праву считается сокровищницей восточной мудрости. Исследованиями востоковедов было установлено,

что основа книги действительно ведет свое происхождение из Индии (Панчатантра). Панчатантра в 6 в. была переведена на среднеперсидский язык.

Арабский перевод осуществлен в 8 в. персом Ибн ал-Мукаффа и в дальнейшем неоднократно верифицировался. В 10 в. Рудаки перевёл стихи «Калила и Димна», однако от них сохранилось лишь небольшое число стихов. Симеон сын Сифа в 1081 с сирийской версии перевёл «Калилу и Димну» на греческий язык под названием «Стефанит и Ихнилат», с греческого варианта впоследствии был выполнен древнеславянский. В 13 в. арабская версия была переведена на испанский и древнееврейский языки, а затем на латинский (14 в.) и немецкий (1470), позже удалось перевести на французский, английский и русский языки (1762). Также существуют переводы на турецком, узбекском, татарском, малайском и др. языках Востока. Сюжет «Калилы и Димны» неоднократно использовался в произведениях художественной литературы.

***Ключевые слова*:** Панчатантра, Калила и Димна, литературно-дидактический памятник, арабский сборник, Ибн ал-Мукаффа, рассказы, перевод, распространения, влияние, фольклор.

WORLD FAMOUS OF KALILA AND DIMNA

Muhiddinov Tojidin Shamsidinovich

The author in this article claims that Kalila and Dimna is considered a treasury of east wisdom. By researches of orientalists, it is established that the book really conducts the origin from India (Panchatantra). Panchatantra in 6 century was translated into middle Persian language.

The Arab translation is made in 8 century by Persian Ibn al-Mukaffa and further was repeatedly verified. In 10 century Rudaki translated Kalila and Dimna in verses, however, from him only small number of verses remained.

Simeon the son Sifa in 1081 from the Syrian version translated "Kalila and Dimna" into Greek under the name "Stephanit and Ikhnilat", from the Greek version into the Old Slavic was performed subsequently. In 13 century the Arab version was translated into the Spanish and Hebrew languages, and then into Latin (14 century) and German (1470), allows translate into the French, English and Russian languages (1762) later. Also there are translations on Turkish, Uzbek, Tatar, Malayan etc. East languages. The plot of "Kalila and Dimna" was repeatedly used in fiction works.

***Key words*:** Panchatantra, Kalila and Dimna, literary and didactic monument, Arab collection, Ibn al-Mukaffa, stories, translation, distributions, influence, folklore.

Сведение об авторе: Мухиддинов Тоджидин Шамсидинович- старший преподаватель кафедры французского языка и методики его преподавания Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айнӣ, тел: (+9982)93- 839- 55- 30

Information about the author: Muhiddinov Tojidin Shamsidinovich- teacher of French language chair in Tajik state pedagogical university named after Sadriddin Ayni, phone: (+992) 93- 839- 55- 30.

АРАБИЗМҲО ДАР ЗАБОНҲОИ АҲОЛИИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ВА ШАКЛУ ОМИЛҲОИ ОН

Муҳаммадориф Қодирӣ

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоба номи Садриддин Айнӣ

Дар асрҳои VII ва VIII дини ислом қаламрави таҳти назорати худро вусъат бахшида, ки аз он ҷумла Осиёи Миёна, Чин ва сарзаминҳои ҳамҷавори дигарро бо ҳамалоти пай дар пай ва давомдор дар қабзаи худ дароварда ва дини хешро болои

сокинони ин сарзаминҳо бо зарби шамшер таҳмил намуданд. Бо тасаллути комили арабҳо дар Хуросон ва Осиёи Марказӣ сокинони ин сарзамин дин, забон, фарҳанг ва расмулхати арабиро пазируфтанд.

Чунончи донишмандони Осиёи Марказӣ бархе аз осори ғании худро ба забони арабӣ навишта кардаанд, ба монанди: Ал- Форобӣ, Ибни Сино, Абӯрайҳон Берунӣ, Ал-Хоразмӣ, А. Ғазолӣ, Закариёи Розӣ, Низом- ул- Мулки Тусӣ, Мавлоно Чомӣ ва д.

Қобили зикр аст ки, донишманди бузурги тоҷик Абдулғанӣ Мирзоев дар асари хеш бо номи "Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва осори манзуми Рӯдакӣ" дар мавриди лашкаркашии арабҳо чунин изҳор намудааст: "Қӯшуни низомии арабҳо баъд аз тасарруфи кишвари Эрон, дар соли 651 ба тарафи Хуросон ва Мовароуннаҳр раҳсипор гардиданд."(9) Агар ҳуҷуми арабҳо барои аввал ба хотири густариши каламрав хеш аҳолии Эрону Хуросон ва Осиёи Марказиро ба тасарруфи худ намуда бошад, баъдан ин ҳаракатҳо хусусияти динӣ ва маданӣ ба худ касб карданд. Бо тавсиаи дини ислом мардумони Осиёи Марказӣ оҳиста - оҳиста забон, фарҳанг ва маданияти гузаштаи хешро қариб бар фаромӯшӣ супурданд. Дар натиҷаи ҳаракатҳо ва амалиётҳои сиёсӣ ва ҳарбии арабҳо дар таркиби луғати забонҳои Осиёи марказӣ, вожаҳои арабӣ низ ҷой гирифтаанд.

Албатта, таъсири забони арабӣ бар забонҳои туркӣ, дарӣ тоҷикӣ- форсӣ ва забони ӯзбекӣ, асрҳои бисёрро дар бар мегирад, бар иловаи таъсироти динӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ, ки дар боло зикр гардид, таъсири авомили истилиҳоти арабӣ монанди истилиҳоти фалсафӣ, таърихӣ ва ҷуғрофӣ ранги дигареро ба худ мегирад. Даст ёфтани арабҳо ба ҳокимияти сиёсӣ ва густариши забони арабӣ ба забони ҳоким болои мардумони Шарқ, аз ҷумла болои забон ва адабиёти дарӣ, тоҷикии форсӣ ва ӯзбекӣ, таъсири чашмгире гузоштааст. Дар ин мақола кӯшиш ба амал омадааст, ки дар мавриди чигунагӣ ва андозаи фарҳанг ва забони арабӣ дар забонҳои зикр шуда ва дар натиҷаи якҷо шудани ин забонҳо, ба миён омадани калимот ва вожаҳои арабӣ ва таърихи дохилшавии онҳо маълумот дода шавад.

Аз забони арабӣ як теъдод калимаҳо дохили забонҳои дарӣ, тоҷикии форсӣ ва ӯзбекӣ гардидааст, ки тақсими онҳо ба соҳаҳои мухталиф мумкин аст. Масалан:

1) дар соҳаи мактаб ва маориф: **муаллим, талаба, толиба, мактаб, маориф, мактуб, асар, дарс, синф, мударрис, муаллиф, қалам, китоб, маърифат,** ва ҳоказо;
2) дар соҳаи илм ва фан: **ҳандаса, алҷабр, фалсафа, нуҷум, риёзӣ, адабиёт** ва ҳоказо;
3) дар соҳаи ҳарбӣ ва ватанпарварӣ: **аскар, аслиҳа, ҳуҷум, мудофиа, ҷосус** ва ҳ;
4) дар соҳаи табиат: **шамс, коинот, баҳр, осмон** ва ҳ;
5) дар соҳаи нуҷум: **Зуҳал (Сатурн), Миррих (Марс), Аторуд (Меркурӣ), Зуҳра (Венера), Муштарӣ (Юпитер), Шамс (Офтоб), Қамар (Мох), Сайёра** ва ҳ;
6) дар соҳаи номҳои ҳиҷрӣ ва қамарӣ: **рачаб(моҳи ҳафтум аз соли қамарӣ), рамазон(моҳи нуҳум аз моҳҳои қамарӣ, моҳи рӯза моҳи сиём), муҳаррам(аввалин моҳ аз соли ҳиҷрӣ қамарӣ. Ҳаром гардонида), сафар(дуюмин моҳ аз соли ҳиҷрӣ қамарӣ)** ва ҳ;
7) дар соҳаи номҳои ҳиҷрӣ шамсӣ: **ҳамал, савр, ҷавзо, саратон, асад, сунбула, мизон, ақраб, қавс, ҷадди, далв, ҳут.**

Бояд гуфт, ки густариш ва тасаллути забон ва адабиёти араб дар миёни мардумони Шарқ, аз ҷумла мардумони, Ховари Миёна яке аз авомили бисёр муҳими дохили забони арабӣ ба ҳисоб меравад. Забон ва адабиёти араб ва дини ислом дар байни халқҳои таҳти тасаллути арабҳо ба зудтарин фурсат бисёр васеъ равоҷ пайдо кард, ки ин ҳам яке аз омилҳо шумурда мешавад ва ҳамаи ин омилҳо қарори зайл аст:

1.Донишмандони Осиёи Марказӣ дар замони хилофати умавиҳо (бани Умия) ва Аббосиҳо шуғли ҳарбӣ ва сиёсиро қабул карданд, хусусан мардумони мансуб ба ин минтақа бо омӯхтани забони арабӣ дар давраи хилофати исломӣ ба мансабҳои бузург ноил гаштанд.

Бояд гуфт, ки дар ҳамин замон дар сарой халифаҳои Аббосӣ, Маҳмуди Кошғарӣ расму ривоҷ, анъанот, лаҳҷаҳо ва шеваҳои мухталифи забони мансуб ба қабилаҳои туркиро дар асари “Девони луғоти турк” ба забони арабӣ возеҳ намуд. Ба ҳамин қисм дар мавриди анвоии фунуни адабӣ ва дигар соҳаҳои илм аллома ва донишманди бузург монанди Ҷораллоҳ Зимахшарӣ ба дастоварди зиёд ноил омаданд. Ва ҳамчунон Имом Муҳаммади Ибни Исмоили Ал-Бухорӣ ҳам дар мавриди илми ҳадис китоби ҷомеъ “Саҳиҳ -ул -бухорӣ” -и хешро навишт.

2.Осори таърихӣ, ҳикоявӣ, ҳаммосӣ, ривоятӣ ва ахлоқии забонҳо ва адабии класикии дарӣ, тоҷикии- форсӣ, туркӣ - ӯзбекӣ ба забони арабӣ тарҷума гардид, ки ин сабаби пайдо шудани калимаҳои арабӣ дар ин забонҳо мебошад ва ҳамчунин дар ҳамин соҳа ҷараёнҳои адабӣ ва мафкураҳои мухталиф ба миён омаданд.

3.Калимаҳо ва истилоҳоти иҷтимоӣ, сиёсӣ, адабӣ, фарҳангӣ, қазоӣ ва шаръӣ аз забони арабӣ дохили забонҳои дарӣ, форсии- тоҷикӣ, туркӣ - ӯзбекӣ гардида ва ҳамчунон ба забони арабӣ низ калима ва истилиҳоти туркӣ - ӯзбекӣ, дарӣ, тоҷикии-форсӣ ва муғулӣ низ дохил гардида, ранги дигареро ба худ гирифтанд. Калимаҳое, ки аз забони туркӣ дохили забони арабӣ гардиданд, ба таври мисол инҳо мебошанд: **кенгош, ёсо(қонун, қоида, расму ойин, ҳукми подшоҳ, ҷазо додан), уток, қаровул, ясовул, ярлиқ** ва ҳ. Калимаҳое ки, аз забони форсии- дарӣ, дохили забони арабӣ гардидаанд, ба таври мисол**: мост** (дар арабӣ **алмост** талффуз мегардад), **пардес** (фирдавс), **Хисрав** (Касро), **Чин** (дар арабӣ Син-Хитой), **гавҳар** (дар арабӣ ҷавҳар), **устоз** (дар арабӣ устод) ва ҳ.

4.Дар натиҷаи якҷо шудани фарҳанг ва маданияти пурбори халқҳои минтақаи Осиёи Марказӣ аз ҷумла мардумони форсизабон ва туркзабон бо фарҳанг ва маданияти араб дар тараққӣ ва тавсияи маданият нақши муҳимро бозӣ намуданд. Ҳамин ёдгориҳои маданияти гузаштагони мо тавъам бо маданияти араб сабаби пурбор ва ғаноманди забони бадеӣ ва маданияти араб гардид.

5.Донишмандон, шоирон ва нависандагони ин манотиқ бо алоқамандии зиёд масруфи эҷод намудани осор бо забони арабӣ гардиданд ва тамоми эҷодиёт ва таълифоти хешро дар ҳамин роҳ ба харҷ додаанд, ки ин ҳам боиси дохилшавии калимаҳои арабӣ ба забонҳои мардумони ин сарзамин гардид.

6.Бинобар сода ва равон будани баъзе калимаҳои арабӣ нисбат ба вожаҳои дарӣ, форсии тоҷикӣ, туркӣ -ӯзбекӣ заминаи таъсиргузории он ба зудтарин замони роиҷ забонҳо шуд.

7.Дини ислом хоси забони арабӣ буда, бо ҳамин сабаб баъзе калимаҳои динӣ, шаръӣ ва қазоӣ худ ба худ ҷогузини забонҳои минтақа гардид ва боиси ғаномандии луғоти онҳо шуд. Масалан: **шариат**, **Оллоҳ, Имом, шайтон, мадраса, иқомат, муаззин, муқтадӣ, қибла, масҷид, мехроб** ва ҳ.

8.Яке аз муҳимтарин омили дохилшавии калимаҳои арабӣ ин аст, ки арабҳо дар қаря ва қасабот (қишлоқ)- и Хуросон ва Осиёиӣ Миёна ба хотири омӯзондани усул, қоидаҳо ва аҳкоми дини ислом чанд тан аз ашхосро муваззаф намуда буданд.

9.Омили дигари вуруди вожаҳои арабӣ ба забонҳои Ховари Миёна ҳиҷрат намудани арабҳо дар ин сарзамин ва якҷоя зиндагӣ кардани онҳо бо мардумони Хуросон ва Осиёии Миёна мебошад.

10.Дар асри VI донишмандон ва нависандагони Хуросон дар мавриди наср ба навиштори забони арабӣ таваҷҷӯҳи зиёд ба харҷ додаанд, ки сабаби дохилшавии калимаҳои арабӣ ба забонҳои форсӣ -дарӣ ва туркӣ - ӯзбекӣ гардид.

11.Дар асри Олибуя шароити муносибе барои рушд ва тарвиҷи забони арабӣ дар Эрон ва Хуросон фароҳам омада буд. Подшоҳони Олибуя, ки дар Рай, Исфаҳон, Шероз ва Бағдод ҳукм меронданд, ин шаҳрҳоро маркази тарвиҷи фарҳанги исломӣ ва забони арабӣ табдил карданд.

12.Густариш ва аҳамияти он дар давраи Олибуя он чунон буд, ки ба арабӣ ҳарф задан ё навиштан яке аз нишонаҳои камол ва пешрафти иҷтимоӣ маҳсуб мешуд.

13.Дар замони Олибуя ричол ва бузургони ин сарзамин забони арабиро бо камоли фасоҳат ва риояти комили қавоид такаллум мекарданд ва менавиштанд ва порае аз онҳо аз адибон ва устодони забони арабӣ ба ҳисоб меомаданд. Монанди Абулфазли Муҳаммад ибни Ҳусайн ибни Муҳаммад маъруф ба Аъмид (вафот 359 ҳичрӣ) вазири кордони Рукнуддавла, ки аз ҷиҳати доштани илм ва фазл ва сиёсат ягонаи рӯзгори худ ба шумор меомад ва дар китобат ва иншо бемонанд буд. Вай дар китобати арабӣ чунон пойгоҳе ёфт, ки гуфтаанд китобат ба забони арабӣ ба ӯ хатм шудааст. Ва ҳамчунон Абуҳайён Алӣ ибни Муҳаммад ибни Аббоси Тавҳидӣ (310 - 414 ҳичрӣ) аз адибон ва файласуфони ин давра аст, ки ба сабаби табаҳур дар илми калом ва улуми қуръонӣ, адабӣ ва ақлӣ дар дастгоҳи ибни Аъмид ва Соҳиб ибни Ибод мавриди тавваҷҷӯҳ қарор гирифт.

14. Дини ислом, фарҳанг, маданият ва забони арабӣ дар байни халқҳои Шарқ, бо суръати васеъ густариш ва ривоҷ ёфта буд. Дар Хуросон ва Осиёи Миёна бо омадани қӯшуни арабҳо ва истилои онҳо дар ин сарзамин ва ватан ихтиёр намудани аскарҳои араб дар ин ҷо ва ба вуҷуд омадани хешовандӣ ва пайвандҳои хунӣ ҳам яке аз омилҳои муҳими дохилшавии калимаҳои арабӣ мебошад.

Хулоса**,** расидан ба ин натиҷа мумкин аст, ки яке аз омилҳои таъсири забони арабӣ ба забонҳои ин минтақа ин аст, ки дар замони халифаҳои араб донишмандон ва олимон аз хона ва кошонаи худ ба хотири анҷом намудани кор ба Бағдод рафта, ишғоли вазифа менамуданд. Ба хотири тавсияи забони арабӣ ва омӯзондани усул ва аҳкоми дини ислом ҳазорон хонаводаи арабҳо ба Хуросон ва Осиёи Миёна ва дигар ҷойҳо кӯчонида - оварда шуданд. Аз ҷумла Ибни Рушд, Ибни Боҷа, Ибни Халдун, Ибни Масъуд, Ал- Киндӣ ва ғ. Ин кор таъсири қобили мулоҳизае болои забонҳои маҳаллӣ ва лаҳҷавии Осиёи Миёна ва Хуросон гузошт. Бо таъсиргузории забонҳо болои якдигар дар масоили марбут ба соҳаҳои мухталифи ҳаёти сиёсӣ- иҷтимоӣ ва маданӣ- фарҳангӣ, калимаҳо ва истилиҳоти зиёд бо ҳамдигар асар гузошта, дар натиҷа дар фанни забоншиносии ин сарзамин калимаҳо ва вожаҳои арабӣ - ӯзбекӣ ва ӯзбекӣ - арабӣ, дарӣ-арабӣ, форсӣ- арабӣ ва туркӣ-арабӣ ба вуҷуд омад.

Адабиёт:

1. Абдулҳабиб Ҳамидӣ. Дастури забони дарӣ. -Пешовар: Алазҳар нашри, 1382. – 184 с.
2. Авлоний Абдулла. Туркий гулистон, ёхуд ахлоқ. – Тошкент: Ӯқитувчи, 1992. – 124 б.
3. Алиасғар Боқирӣ ва диг. Таърихи адабиёти Эрон. – Теҳрон, 1383. – 429 б.
4. Боқирӣ Али Асғар ва дигарон. Таърихи адабиёти Эрон. – Теҳрон, 1383. – 259 с.
5. Вафоӣ Абдулалӣ. Таъсири забони форсӣ бар забони ӯзбекӣ. – Теҳрон, 1385. – 152 с.
6. Маъруфов З.М. Ӯзбек тилининг изоҳли луғати. – Т: Ӯзбекистон Фанлар академияси, 1981. – 715 б.
7. Мирзоев А. Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва осори манзуми Рӯдакӣ. –Сталинобод, 1958, 186 С.
8. Олтой Нурулло. Ӯзбек тили сӯзлиги. – Молизиё, 1386. – 724 б.
9. Рустамов А. Маҳмуд Зимахшарий. – Тошкент: Фан, 1971.– 136 б.
10. Усмонов С. Умумий тилшунослик. – Тошкент: Ӯқитвучи, 1972.
11. Фозилов Э. Шарқнинг машҳур филологлари. –Тошкент: Фан, 1971.– 324 б.
12. Ҳамзаев Ҳ. Ӯзбек тилшунослиги муаммолари. Илмий мақолалар тӯплами. – Хужанд: Хуросон. – 2008, 222 б.

НЕКОТОРЫЕ ЭКСТРАЛИНГВИСТИЧЕСКИЕ ФАКТОРЫ И ФОРМЫ АРАБИЗМА В ЯЗЫКЕ НАРОДОВ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

Мухаммадориф Кодири

В данной статье впервые в тюрко-узбекском и персидско-таджикском языках рассмотрены экстралингвистические факторы заимствования арабских лексических единиц на материле языков Центральной Азии.

***Ключевые слова*:** арабизмы, арабские лексические заимствования, тюркские языки дарӣ, фарсӣ, таджикский, узбекский язык, экстралингвистические факторы заимствования иноязычных единиц и др.

SOME EXTRALINGUISTIC FACTORS AND FORMS IN LANGUAGE ARABIZM PEOPLES OF CENTRAL ASIA

Mohammadarif Qodiri

This article, is considered the first time in Turkish- Uzbek and Tajik Persian- language extralinguistic factors borrowing vocabulary units on Arab mother languages of Central Asia.

***Key words*:** Arabism , Arabic lexical borrowing , Turkic languages Dari , Farsi , Tajik, Uzbek , extra linguistic factors borrowing foreign language units , etc.

Сведения об авторе: Мухаммадориф Кодири - аспирант 3-го года обучения Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел.: (+992)919-27-33-57.

Information about the author: Muhammadorif Kodiri - graduate student third year students of the Tajik State Pedagogical University named after Aini, phone: (+992) 919-27-33-57,

БАҲСЕ ПЕРОМУНИ ТАМОЮЛИ АҚИДАТИИ ФИРДАВСӢ

Ҳоким Қаландаров

Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакӣ Академия илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аҳли таҳқиқ дар бораи амр ба навиштани «Шоҳнома» гирифтани Фирдавсӣ ва охируламр, қобили қабули шоҳи даврон нагардидани он сабабҳои зиёдеро пеш оварда буданд, ки то ҳол ҳам дар бораи эътимод доштан бар ҳар яки онҳо шубҳаовар менамояд. Дар ҳар сурат, тафовути эътиқод ва тамоюли гуногуни мазҳабии шоҳ Маҳмуд ва офаридагори «Шоҳнома»-ро муаррихин ва муҳаққиқин яке аз сабабҳои асосии ин қазия қаламдод кардаанд.

Фирдавсӣ асарашро дар замоне навишта буд, ки мавҷи инсондӯстӣ ва хирадситезиву ақлгаройӣ боло гирифта буд. Дар ин даврон озодии ақидатӣ боис гашт, то ҳар озодфикр аз чаҳорчӯби ақида берун барояд ва ғояҳои баландро, ки дар рушду пешрафти соҳоти мухталиф ҳисса мегузоштанд, нотарсона бисарояд. Ба Фирдавсӣ ва мавзӯоти «Шоҳнома»-и ӯ низ аз ҳамон дид назар мекарданд, ки ӯ сарояндаи таърихи қадимидоштаи халқи эронитабор ва асараш яке аз рукнҳои фарҳангу тамаддуни ҳувияти эронинажодҳост. Вале «Шоҳнома» дар замоне анҷом пазируфт, ки дигар аз он оромиҳою озодиҳо асаре намонда буд. Ба навиштаи Мухаммадамини Риёҳӣ «вақте туркони хатоӣ ба Бухоро ҳамла карданд, фақеҳони Бухоро фатво доданд, ки «чун муҳоҷимон мусулмон шудаанд, бо онҳо набояд ҷангид» ва бад-ин сурат, мӯҷиботи сукути давлати эронии Сомониро фароҳам оварданд»**(10, 30)**.

Муҳоҷимони мусулмоннамо ва фақеҳони сомонӣ, ки дар мазҳаби аҳли суннату ҷамоат буданд, қудрату нуфуз пайдо карданд ва эътиқодмандони мазоҳиби дигар, аз он

ҷумла, исмоилиёнро, ки дар дарбори ҳукуматдорони сомонӣ ва умуман, дар ҷомеа, эътибори зиёд доштанд, мавриди таъқибу ситеза қарор медоданд ва ба фатвои фуқаҳо мулҳиду қармативу рофизӣ эълом гашта, ба зери дору аз сари теғ мегузаронданд. Барои Султон Маҳмуди Ғазнавӣ ва ҳукуматдороне чун ӯ ҳар навъи дигарандешӣ дар қаламрави онҳо, ки мухолифи ниятҳои сиёсаташон буд, ба шиддат саркӯб мегашт. Ба андешаи Аббоси Порсво, ҳукуматҳои ғайри эронӣ «аз ақлгаройӣ ва хирадпарварии ташайюъ, ба вижа, исмоилия ва мӯътазила ва ҳамчунин озодандешони эронӣ ваҳшат дошта ва онҳоро танҳо душман ва мухолифи худ медониста ва дар сартосари даврони ҳукуматии худ, ба таври мустамар бо онҳо муборизa мекарданд. Лизо, мухолифини худ валув ин ки ҷузъи ин мазҳаб набуданд, вале ба ҷурми исмоилӣ будан ба мулҳиду зиндиқ ва баддин муттаҳам карда ва аз байн мебурданд»**(2, 285)**.

Ҳаким Фирдавсӣ худ оид ба тамоил ва эътиқодаш ба ҳеҷ мазҳаби алоҳида мустақиман ишора накардааст. Дар сарчашмаҳои адабиву таърихӣ ва таҳқиқоти муҳаққиқини муосир дар бештари маворид ба ташайюъгароии ӯ ишора рафтааст**(20, 252; 22, 92; 16, 11; 23, 121-122; 4, 20-53; 14, 635-672; 15, 251; 3, 105-113)**.

Ин ишораҳо ва баъзан тасдиқҳо дар асоси муҳаббати Ҳаким ба аҳли байт, ки бевосита дар абёти алоҳидаи «Шоҳнома» инъикос ёфтааст, гуфта шудаанд. Бештар аз ин, бисёре аз санадҳои таърихӣ ва инчунин афкори хирадгароёнаи Фирдавсӣ ӯро чун намояндаи мазҳаби исмоилӣ муаррифӣ мекунанд**(17, 81-82; 6, 52; 1, 14-23; 2, 376-378)**.

Баъзе аз муҳаққиқин “усул»-и ӯро «аз лиҳози усули мӯҳками динӣ комилан ризоятбахш» намепиндоштанд **(25, 77)**бархе дигар Фирдавсиро «аз нигоҳи динӣ пайрави ягон мазҳаб» намеҳисобиданд**(5, 383)**.

Бовуҷуди ҳамаи ин муҳокимаронихо ва хулосаҳо дар мавриди тамоюлоти эътиқодии Фирдавсии Ҳаким, таъсири афкор ва фалсафаи исмоилиро ба тасаввуроти офаридгори «Шоҳнома» нодида гирифтан наметавон. Аз ин рӯ, бо қайд ва муқоисаи баъзе аз афкори уламо дар мавриди тамоюли ақидатии ҳамосасаро, таъсири афкор ва фалсафаи исмоилиёнро ба тафаккури Фирдавсӣ ба тариқи умумӣ метавон мавриди таҳлил ва хулосабарорӣ қарор дод.

Ташвиқ ба таълифи «Шоҳнома» аз бисёр ҷиҳат ба талоши Абӯмансур Муҳаммад ибни Абдулраззоқи Тӯсӣ, ки аз муқаррабини салотини сомонӣ ва замоне низ мӯҳтамилан вазорати Нӯҳ ибни Аҳмадро дошта, аз хирадгароёни исмоилия ва эрондӯсти баном будааст, вобастагии қавӣ доштааст. Абӯмансур Муҳаммад ибни Абдулраззоқ ибни Фаррухи Тӯсӣ дар ҳукумати Сомониён ду бор сипаҳсолори Хуросон будааст. Чунончи, муҳаққиқи эронӣ Аббоси Порсво зоҳир кардааст, ин шахс «аз исмоилиёни дарбор буда, ки дар замони ӯ пас аз канор гузоштани куллие аз исмоилиён дар авохири ҳукумати Наср ибни Аҳмад, маҷбур ба тазоҳур ва такя кардан будааст»**(2, 298)**. Абумансур Муҳаммад ибни Абдулраззоқ ба пешкори худ Абӯмансури Муаммарӣ фармон додааст, ки «донишмандони Хуросонро гирд оварад, то достонҳои миллии Эронро, ки дар поёни давраи сосонӣ ба забони паҳлавӣ гирд оварда буданд, ба забони дарӣ нақл кунанд»**(2, 289)**. Пеш аз таълифи «Шоҳнома», китоби «Худойномак» «тавассути гурӯҳе аз зардуштиён аз тариқи Сиистон ба Абӯмансур Муҳаммад ибни Абдулраззоқи Тӯсӣ ҳадя шудааст…Ин китоб ба тариқе дар ихтиёри Фирдавсии Тӯсӣ қарор гирифтааст ва ё эҳтимолан, фарзанди Абӯмансур ибни Абдулраззоқи Тӯсӣ дар робита бо Фирдавсӣ буда ва ба ӯ тақдим доштааст ва Фирдавсӣ дар ашъораш низ ишора ба ин мавзӯъ кардааст»**(2, 199)**.

Маълум аст, ки Абулқосими Фирдавсӣ аз шоҳномаҳои пешин ва аз ҷумла, аз «Шоҳномаи Абӯмансурӣ» низ истифодаи фаровон кардааст. Шакке нест, ки Фирдавсӣ дар навиштани ин асари худ побанди андешаву ақидаи Абӯмансур Муҳаммад ибни Абдулраззоқи Тӯсӣ будааст. Аммо чун Фирдавсӣ 30-35 соли ҳаёти худро сарфи навиштани ин асари бузург намудааст, ҳокимони ормонии ӯ ва давлати қудратманди Сомониён аз байн рафта буданд. Шоир маҳсулашро ба Маҳмуд пешниҳод намуд ва бо ин пешниҳод ӯро ба пайравӣ аз тавҳид ва Исломи ростин даъват намудааст. Вале

Маҳмуд онро қабул карда натавонист ва нақли ин ҳодиса аз қавли Низомии Арӯзии Самарқандӣ ҷолиб мебошад.

Мувофиқи иттилои ин муаллиф дар тазкираи «Чаҳор мақола», чун «Шоҳнома» ба Султон Маҳмуд пешниҳод гашт, ин султон бо аҳли дарбориён, алалхусус, бо вазирашАҳмад Ҳасани Котиб дар мавриди подоши заҳмати Фирдавсӣ сӯҳбат дар миён андохт ва ҷавоб шунид, ки «панҷоҳ ҳазор дирам ва ин худ бисёр бошад, ки ӯ марде рофизӣ аст ва мӯътазилимазҳаб ва ин байтро бар эътизоли ӯ далел карданд:

Ба бинандагон Офаринандаро
Набинӣ, маранҷон ду бинандаро

ва бар рафзи ӯ ин байтҳо далел аст, ки ӯ гуфт:

Хирадманд гетӣ чу дарё ниҳод,
Барангехта мавҷ аз ӯ тундбод.
Чу ҳафтод кештӣ дар ӯ сохта,
Ҳама бодбонҳо барафрохта…(ҳафт байт).

Ва Султон Маҳмуд марди мутаассиб буд, дар ӯ ин тахлит бигирифт ва масмӯъ афтод…»**(17, 81-82)**.

Аз маълумоти Низомии Арӯзӣ бармеояд, ки сабаби асосии мақбули табъи Султон Маҳмуди мутаассиб нагаштани «Шоҳнома» маҳз тамоюли ақидатии Ҳаким Фирдавсӣ будааст. Маълум аст, ки мӯътазалимазҳабро ҳамон нафар мегуфтанд, ки дар таълифоташ мантиқу фалсафаро дохили маорифи исломӣ мегардонд. Ҳамин андешаи мӯътазалиёнро баъдан аҳли шиа дар таълимоташон бо такмили бештаре истифода мебурданд ва дар чашми намояндагони мазоҳиби дигари исломӣ бо номи рофизӣ забонзад гаштаанд.

Ин нақлро ба дигар шакл, вале бо ҳамин мазмун Давлатшоҳи Самарқандӣ низ дар «Тазкират-уш-шуаро»-ашовардааст**(6, 52)**.

Фирдавсӣ ба хирадгароии мӯътазилӣ мӯътақид аст. Ҳамчунин мазмуни китобаш нишонгар аз шуубӣ будани ӯ низ мекунад. Мусаллам аст, ки нахустин фаҳмиши исмоилӣ аз Ислом дар зери ливои ҷараёнҳои мухталифе чун шуубияву мӯътазалия исён намуд. Агарчи ин фаҳмиш дар шакли хеле заиф буруз кард ва чунин ҳам бояд бошад, чаро ки шинохти нахустин аз ҳикмати илоҳӣ буд. Ба қавли муаллифи асари «Се алиф» «заминасозони ақидатӣ, ба монанди афроде Абулфазли Балъамӣ, Абӯабдуллоҳи Ҷайҳонӣ, Рӯдакии Самарқандӣ, Абӯмансур Муҳаммад ибни Абдулраззоқ, Ибн ал-Насафӣ ва Абӯяъқуби Сиҷистонӣ ва Марварудиҳо ва дигар афроде, ки эҷоди кушоише барои ишоаи хирадгароии исмоилия ва эътилои фарҳангу забони форсӣ намуданд, ҳамзамон будааст бо даврони туфулияти Фирдавсӣ, ки ба яқин кӯмак ба шаклгирии мабнои эътиқоди мазҳабии ӯ доштааст»**(2, 376-377)**ва ин ақида, ки «чун Фирдавсӣ ақлгаро ва хирадгарост, пас, ӯ ба яке аз шуаботи мазҳаби ташайюъ бештар алоқа дорад»**(16, 11)**қобили қабулу таваҷҷӯҳ аст.

Аз ин ҷиҳат аст, ки «Фирдавсӣ меҳр ва эътиқоди худро ба хонадони Алӣ ошкоро бар забон оварда буд ва дар давраҳое, ки Маҳмуд «қарматӣ»-ро ҳар ҷо меёфт «бар дор мекашид», чи гуна метавонист ба чунин касе назари лутф дошта бошад?»**(13, 52**).

Фирдавсӣ дар ибтидои «Шоҳнома» ишора ба иродат ба Алӣ (а) ва хонадони Алӣ (а) дорад.Муҳаммад Ҳусайн Популии Яздӣ дар «Ҳамд, сано ва зикри Худованд дар «Шоҳнома» ном асараш мегӯяд: «Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ дар асари азими худ назарияи яктопарастӣ ва тавҳидро матраҳ мекунад. Ӯ дар айни шиа будан ва вафодорӣ ба вилояти Алӣ ибни Абитолиб (а) назарияи иттиҳоди исломиро матраҳ мекунад…Ҳеҷ як аз достонҳои «Шоҳнома» бидуни ҳамду сано ва сипоси Худованди таборакуу таоло нест»**(16, 3)**. Инҳо ҳамон абётеанд, ки дар онҳо достонсаро муҳаббати худро мустақиман ба аҳли байт ва хосса ба Алӣ (а) ишора мекунад, чунончи:

Бар ин зодаму ҳам бар ин бигзарам,
Чунин дон, ки хоки пайи Ҳайдарам!
Ҳар он кас, ки дар дил-ш буғзи Алист,
Аз ӯ зортар дар ҷаҳон зор кист?!**(9, 4-5)**.

Байтҳои зерин бошанд, назари Фирдавсиро доир ба бениёзии Худо ва ба хӯру хобу нозу нуз эҳтиёҷ надоштанаш инъикос кардаанд, ки он як навъ инъикоси онфалсафа аст, ки мӯътазила ва сипас ташайюи исмоилия аз он дам задаанд ва Ихвон-ус-сафо, Носири Хусрав ва дигарон онро тайнамудаанд:

Худои ҷаҳонро набошад ниёз,
Ба ҷои хӯру хобе орому ноз.
Ҷаҳонро баландиву пастӣ туӣ,
Надонам чиӣ, ҳар чи ҳастӣ, туӣ.

Яке аз нуқтаҳои марказие, ки дар масъалаи ёди Алӣ (а) аз тарафи Фирдавсӣ зикр мегардад ва таъсири амиқи калом ва фалсафаи исмоилиёнро инъикос мекунад, ин Имом Алӣ (а)-ро бо унвони Васӣ муаррифӣ кардан аст, чунончи:

Манам бандаи аҳли байти набӣ,
Ситояндаи хоки пои васӣ...
Агар чашм дорӣ ба дигар сарой,
Ба назди Набиву Васӣ гир ҷой...
Ба дил гуфт: агар бо набиву васӣ
Шавам ғарқа, дорам ду ёри вафӣ.
Ҳамоно, ки бошад маро дастгир,
Худованди тоҷу ливову сарир…**(9, 5)**.

Аҳмад Маҳдавии Домғонӣ ва муҳаққиқони зиёде чун ӯ бар ин андешаанд, ки ба сабаби он ки Фирдавсӣ аз Ҳазрати Алӣ (а) ба лафзи васӣ таъбир кардааст, бар шиаи асноашарии ӯ тардиде намемонад**(4, 20-53)**. Аммо файласуфони исмоилӣ низ бар он андешаанд, ки пайғамбарони мурсал, ки нотиқ номида мешаванд, инъикоси ақли кулл дар олами маҳсусотанд. Ба қавди онҳо, нотиқи нахустин Одам аст ва васии ӯ Шиш ва нотиқи охирон Муҳаммад (с) ва васии ӯ Алӣ (а) мебошад.

Ва албатта, Алӣ (а)-ро ба унвони «Валӣ» зикр кардани Фирдавсӣ исботи эътироф ва эҳтироми вилояти Алӣ (а)аст, чунончи:

Муҳаммад бад-ӯ андарун бо Алӣ,
Ҳамон аҳли байти набиву валӣ**(9, 5)**.

Фаротар аз он, ин қавлро аз забони Паёмбар (с) гуфтани Ҳаким дар абёти поён ишора ба воқеаи Ғадири Хум аст, ки ба ҳангоми Ҳаҷҷулвидои Расули Акрам (а) ба вуқӯъ пайваст ва маҳз ҳамин воқеа нуқтаи анҷоми комилгардонии дини Ислом барои уммат ва оғози вилояти аҳли байт аз Алӣ (а) сар карда, идомаи он то ба рӯзи қиёмат хоҳад буд, гардид**(8, 250-254)**.

Дар байти пешин зикр гардидани ибораи «аҳли байт» як навъ ишора ба давомнокии вилояти Алӣ (а) дар фарзандонаш то рӯзи қиёмат мебошад. Дар байти зерин ин фикр чунин ифода шудааст:

Манам бандаи аҳли байти Набӣ,
Ситояндаи хоки пои Васӣ**(9, 4)**.

Андар таърихи анҷоми «Шоҳнома» низ Фирдавсӣ гуфтааст:

Ҳазорон дуруду ҳазорон сано,
Зи мо офарин бод бар Мустафо.
Ва бар аҳли байташ ҳамедун чунин,
Ҳаме офарин хонам аз баҳри дин **(9, 4)**.

Агар дар абёти фавқ Фирдавсии Тӯсӣ мустақиман исми муборакі Алӣ (а)-ро дар радифи исми поки Муҳаммади Мустафо (с) истифода карда, муҳаббати безаволашро нисбати аҳли байт ва махсусан, Алии Муртазо («Ба ин зодаам, ҳам ба ин бигзарам, Чунон дон, ки хоки пайи Ҳайдарам») иброз дошта бошад, дар чанде аз қисматҳои «Шоҳнома» назари фалсафии исмоилиро баён намудааст, аниқтараш афкореро баён мекунад, ки назири афкори исмоилиён будааст.

Аббос Зарёби Хӯӣ дар мақолаи «Нигоҳе тоза ба муқаддимаи «Шоҳнома» менависад, ки «Фирдавсӣ дар муқаддимаи «Шоҳнома» навъе ҷаҳонбинӣ арза кардааст, ки бо ақоиди мусалмонони аҳли суннату ҳадис ва ҳатто ашоираву мӯътазила созгор

нест ва достони офариниши осмонҳову замону инсон бад-он гуна, ки дар Қуръони маҷид ва аҳодиси тафсиркунандаи он омадааст, дар ин муқаддима дида намешавад. Баръакс, ин ҷаҳонбинӣ бештар бо ақоиди ҳукамои исмоилӣ мутобиқат дорад, ки дар кутуби ҳикмати исмоилӣ, монанди «Роҳат-ул-ақл» ва «Манобеъ» ва «Зод-ул-мусофирин» омада ва асли он маъхуз аз афкори Фулутин ва навафлотуниён аст. Албатта, ақидаи расмии аксарияти мусалмонони он аср ин набуд ва пайравони он дар Хуросону Мовароуннаҳр таҳти таъқиб буданд ва мубаллиғон дар хафо ба таблиғ мепардохтанд ва бисёре аз онҳо гирифтор шуда ва ба қатл расиданд. Бинобар ин, муқаддимаи мазкур писанди хотири носихону котибони «Шоҳнома» набудааст, ки бештар ба дини расмии замони худ будаанд…»**(1, 14-23)**.

Фирдавсӣ мисли исмоилиён Офаридгорро падидоварандаи ҳама чиз, вале берун аз тахайюл ва тасаввури инсон медонад:

Ба номи Худованди ҷону хирад,
К-аз ин бартар андеша барнагзарад.
Худованди ному Худованди ҷой,
Худованди рӯзидеҳи раҳнамой.
Худованди кайвону гардонсипеҳр,
Фурӯзандаи моҳу ноҳиду меҳр.
Зи ному нишону гумон бартар аст,
Нигорандаи баршуда гавҳар аст.
Ба бинандагон Офаринандаро
Набинӣ, маранҷон ду бинандаро.
Наёбад бад-ӯ низ андеша роҳ,
Ки ӯ бартар аз ному аз ҷойгоҳ.
Сухан ҳар чи з-ин гавҳарон бигзарад,
Наёбад бад-ӯ роҳ ҷону хирад**(9, 4)**.

Маҳз байтҳои ҳамин қисматро вазири Султон Маҳмуд ҳамчун далели баддинӣ ва рофизияти шоир талқин намуда буд. Дар мавриди афкори боло месазад фикри Носири Хусравро дар хусуси Худо овард, ки дар «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн» ба ин тавр баён гардидааст: «Ӯ он аст, ки ҳама ӯст ва мусаббиби ҳар мавҷуде ӯст ва кардани чиз на аз чиз феъли ӯст. Ва оғозкунандаву тамомкунандаи чизҳо ӯст бар андозаи қабули ҳар чизе мар тамомии хешро»**(18, 58)**. Мустақиман ин фикрро дар абёти бахшида ба офариниши олам дар «Шоҳнома» мебинем, чунончи:

Зи оғоз бояд, ки донӣ дуруст,
Сари мояи гавҳарон аз нахуст.
Ки Яздон зи ночиз чиз офарид,
Бад-он то тавоноӣ омад падид**(9, 4)**.

Ин ҳамон андешаест, ки дар қасидаи исмоилии Абулҳайсами Ҷурҷонӣ низ сареҳан омадааст:

Чӣ чиз буд, на аз чиз, чун намоӣ чиз?
Чи гуна донӣ кард ошкора ин асрор?**(24, 89)**.

Мавриди зикри махсус аст, ки аксари олимони ба тамоюли эътиқодӣ ва афкори динии Фирдавсӣ таваҷҷӯҳдошта, ин масъаларо маҳз дар муқаддимаи «Шоҳнома» ҷустуҷӯ кардаанд ва хулосаҳою фарзияҳои хешро ба бор овардаанд. Масалан, Муҳаммад Муҳити Таботабоӣ, агарчи аз матни «Шоҳнома» дар ин самт сухан гӯяд ҳам, вале афзалиятро дар масъалаи тааллуқоти динии Фирдавсӣ ба дебоча ва хотимаи достонҳо додааст: «Аз маҷмӯаи шавоҳид ва қароини мавҷуд дар матни «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ чунин истинбот мешавад, ки Фирдавсӣ шоире мусулмон ва шиимазҳаб будааст. Дар мусулмонии ӯ маҷоли шак ва баҳсе нест. Абёти мутааддаде дар дебоча ва хотимаи китоб садру зайли бархе аз достонҳои «Шоҳнома» нишон медиҳад, ки ба Ҳазрати Муҳаммад ва Қуръон ва дини Ислом имони комил доштааст»**(15, 521)**.

Ҷалолиддин Ҳумоӣ бошад, бо як хулосаи хеш, хонанда ва пажӯҳандагонро, барои дарки маъонии гуфтори Фирдавсӣ ва манзалати ӯ, ба донистани дебоча ва муқаддимаи «Шоҳнома» ҳидоят мекунад, чунончи: «Барои ин ки ба мақоми донишмандӣ ва азамати

манзалати сухандони ва суханварии Фирдавсӣ пай бибаранд ва бо рӯҳ ба илму ҳикматпарвардаи ӯ то ҳадде ошно бишаванд, кофӣ аст, ки ҳамин дебоча ва муқаддимаро бихонанд ва дар румузу дақоиқи ҳакимонаи он ғаврраси кунанд»**(26, 577)**.

Донишманди дигари эронӣ Муҳаммадамини Риёҳӣ суханони болоро, ки то андозае пардапӯшона гуфта шудаанд, аз парда берун месозад ва менигорад: «Нахустин тадвини «Шоҳнома» рангу бӯи фазои фикрии асри Сомониро дошт, масалан, дар муқаддимаи он офариниши ҷаҳон бар мабнои ҳикмати исмоилӣ баён шуда буд, ки дар он солҳо дар Хуросон ривоҷ дошт»**(10, 28).**

Яке аз муҳимтарин рукнҳое, ки дар муқаддимаи «Шоҳнома» тараннум мешавад, хирад ва хирадгарои мебошад. Хирад дар назари Фирдавсӣ чунон манзалатеро доро аст, ки ҳатто исми Офаридгор дар байти аввали ин ҳамосаи бузург бо хирадофаринии Ӯ ситоиш ёфтааст:

Ба номи Худованди ҷону хирад,
К-аз ин бартар андеша барнагзарад (9, 3).

Мусаллам аст, ки хирад ва хирадгарои дар афкору фалсафаи исмоилиён фаҳмише олӣ ва дигаргуна дошт. Таваҷҷӯҳ ба ин гуфтаҳои Муҳаммад Аҳмади Паноҳӣ ва иқтибоси ӯ аз нақли Файласуфи Рай басанда аст, то масъалаи бузургдошти хирад дар таълими маслаки исмоилия дарк гардад: «Нуктаи қобили таваҷҷӯҳ ин аст, ки ба мӯъҷиби таълимоти исмоилиён хирад бузургтарин мавоҳиби Худованд шумурда мешудааст ва ҳеҷ чизро дар судрасониву бахрабахшӣ ҳамтоя намедонистаанд ва мӯътақид будаанд, ки: ... чун хирадро чунин поя ва моя ва шукӯҳе аст, сазовор аст, ки мақомашро ба пастӣ накашонем, аз пойгоҳаш фурудаш наёварем ва онро, ки фармонравост фармонбар нагардонем, сарварро банда ва фародастро фурӯдаст насозем»**(12, 49)**.

Барои фаласафа ва диншиносии исмоилия дар партави масъалаи хирад, ки барои инсон дар кӯмаки бакамолрасии нафси кулл зарур аст, мафҳуми растагорӣ арзи ҳастӣ мекунад. «Дараҷаи нузул дар офариниш аз амри Худо то мартабаҳои офаранда, то ба олами ҳастии моддӣ ва пайдоиши инсон зуҳур меёбад. Ва баръакс, дараҷаи судур ё афзоянда зуҳури рӯҳи инсонро ба олами баландтари рӯҳонӣ дар ҷустуҷӯи растагорӣ нишон медиҳад»**(7, 268)**. Аз ин рӯ, «раҳоиши инсон аз гирифтани дониши муайян тавассути манбаи нодир ё сарчашмаи хирад вобаста аст»**(7, 289)**ва «наҷоти нафси инсон ба дарёфти дониши рӯҳонӣ, ки аз тарафи раҳнамоии пайғамбарон ва ҷонишинони барҳаққи онҳо таъмин карда мешавад»**(7, 271)**. Шояд ҳадафи Фирдавсӣ ҳам аз калимаи «донандагон» маҳз пайғамбарон ва ҷонишинони барҳаққи онҳо бошад, ки гуфта:

Ба гуфтори донандагон роҳ ҷӯй,
Ба гетӣ бипӯю ба ҳар кас бигӯй**(9, 4)**.

Он ки, мақоми инсон дар шинохти Фирдавсӣ ва фалсафаву илоҳиётшиносии исмоилиён як аст, ҷои баҳсе нест, вале қобили муқоиса ва таҳлили алоҳида мебошад. Муқоисаи масъалаи мазкур дар «Шоҳнома» ва осори адабию фалсафии Носири Хусрави Қубодиёнӣ метавонад ҳамоҳангии пурраи ақидаи ин ду ҳакимро дар масъалаи ҳадафи Худованд аз хилқати инсон ва тааҳҳуди ӯ аз олами моддӣ ва олами рӯҳӣ ошкор созад. Мо бо овардани яктоӣ мисол аз ин ду адиби тавоно иктифо мекунем.

Фирдавсӣ:

Чу з-ин бигзарӣ, мардум омад падид,
Шуд ин бандаҳоро саросар калид.
Сараш рост бар шуд чу сарви баланд,
Ба гуфтор хубу хирад корбанд.
Пазирандаи ҳушу рою хирад,
Мар-ӯро даду дом фармон барад**(9, 4)**.

Носири Хусрав:

Уммаҳоту набот бо ҳайвон,
Беҳу шоҳанду борашон инсон.
Бор монанди тухми хеш бувад,

Сар биёбӣ, чу ёфтӣ поён**(19, 61)**.

Таъсири бевоситаи афкори исмоилӣ ба тафаккури Фирдавсиро аз рамзи дигар, ки ба дарёю киштӣ вобаста аст, низ дарёфт кардан метавон.

Шарҳи вобаста ба ин далелро дар порае аз достони «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, ки дар пайравӣ аз Имом Алӣ (а)-ро ёдовар аст ва ҳамчунин ба назар мерасад, ки Фирдавсӣ мутаассир аз Рӯдакӣ будааст, метавон дарёфт намуд. Чунончи:

Ҳаким ин ҷаҳонро чу дарё ниҳод,
Барангехта мавҷ аз ӯ тундбод.
Чу ҳафтод киштӣ бар ӯ сохта,
Ҳама бодбонҳо барафрохта.
Яке паҳн киштӣ ба сони арӯс,
Биёроста ҳамчу чашми хурӯс.
Муҳаммад бад-ӯ андарун бо Алӣ,
Ҳамон аҳли байти набиву валӣ.
Хирадманд, к-аз дур дарё бидид,
Карона на пайдову бун нопадид.
Бидонист, к-ӯ мавҷ хоҳад задан,
Кас аз ғарқ берун нахоҳад шудан.
Ба дил гуфт: агар бо набиву васӣ
Шавам ғарқа, дорам ду ёри вафӣ.
Ҳамоно, ки бошад маро дастгир,
Худованди тоҷу ливову сарир…**(9, 5)**.

Абёти фавқуззикри Фирдавсӣ мустанад ба ҳадисе аст, ки бисёр маъруф буда, дар кутуби шиӣ ва суннӣ ривоят шудааст, яъне «масали дудмони ман масали киштии Нӯҳ аст, ҳар кас бад-он киштӣ дарнишаст, раҳоӣ ёфт, вале ҳар кас дар он нанишаст, ғарқа шуд». Сайид Шарафуддини Мусавӣ дар шарҳи ин ҳадиси Муҳаммад (с) мегӯяд: «Мақсад аз ташбеҳи аҳли байт ба киштии Нӯҳ ин аст, ки ҳар кас ба онҳо дар корҳои динӣ паноҳ барад ва масъалаҳои эътиқодӣ ва фиқҳии худро аз имомони поки аҳли байт бигирад, аз азоби ҷаҳаннам наҷот меёбад ва касе, ки пайравӣ накунад, ҳамчун касест, ки рӯзи тӯфони Нӯҳ ба кӯҳ паноҳ бурдааст, то наҷот ёбад, аммо фарқаш ин ки ӯ дар об ғарқ шуд ва ин ғарқи ҷаҳаннам мешавад»**(21, 80)**.

«Шоҳнома» ва махсусан муқаддимаи он ҳанӯз афкор ва абёте мазид дар монандӣ ба ақоиди дигари исмоилиён дорад, ки таҳлилу муқоисаи онҳо кори ояндаи адабиётшиносону файласуфон мебошад. Танҳо зикр кардан ҷоиз аст, ки замони зиндагонии Фирдавсӣ, муҳити адабӣ ва махсусан, таваҷҷӯҳи хоссаи аҳли зиё ба ҳикмату фалсафаи исмоилӣ сабаб шуданд, то таъсири он дар тафаккури тасаввури сарояндаи таърихи шоҳони Аҷам амиқ бошад.

Адабиёт:

1. Аббос Зарёби Хӯӣ. Нигоҳе тоза ба муқаддимаи «Шоҳнома»/Эроннома (маҷаллаи тадқиқоти эроншиносӣ), соли даҳум, шумораи аввал, зимистони 1370.
2. Аббос Порсво. Се алиф: Эрон, Ислом, Исмоилия. – Теҳрон: Қавонин, 1384, 476 саҳ.
3. Аҳмад Алии Риҷоӣ. Мазҳаби Фирдавсӣ. Нашрияи Донишгоҳи адабиёти Табрез, ҷ.11, соли 1338, шумораи 1.
4. Аҳмад Маҳдавии Домғонӣ. Мазҳаби Фирдавсӣ /Маҷаллаи «Эроншиносӣ», соли панҷум, шумораи якум, баҳори 1372.
5. Бекзода, Комил. Таърихи равшанфикрӣ аз даврони Ҷамшед то замони Фирдавсӣ. – Душанбе: Дониш, 2012, 433 саҳ.
6. Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазкират-уш-шуаро. Ба эҳтимом ва тасҳеҳи Эдуард Браун. –Теҳрон: Асотир, 1382, (80, 140, 468 саҳ.).
7. Дафтарӣ, Фарҳод. Исмоилиён. Тарҷума аз забони англисӣ Абдусалом Ммаданазаров. Нашри дуюм.-Душанбе: Эр-граф, 2012, 784 саҳ.
8. Доро Наҷот. Ҳумои раҳмат, Душанбе, Пайванд, 2006, 367 саҳ.

9. Матни комили «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. Ба тасҳеҳи Жул Мул. - Теҳрон: Беҳзод, 1389, 830 саҳ.
10. Муҳаммадамини Риёҳӣ. Рӯзи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»//Маҷ. Паёми андеша, шум.7, июни 1998.
11. Муҳаммадамини Риёҳӣ. Фирдавсӣ (Зиндагӣ, андеша ва шеъри ӯ). Баргардони Дорои Дӯст. –Душанбе:Шуҷоиён, 2010, 338 саҳ.
12. Муҳаммад Аҳмади Паноҳӣ. Ҳасани Саббоҳ чеҳраи шигифтангези таърих. –Теҳрон, 1362.
13. Муҳаммадалӣ Исломии Надушан. Зиндагӣ ва марги паҳлавонон дар «Шоҳнома».- Теҳрон: Ширкати саҳомии интишор, чопи ҳаштум, 1387, 368 саҳ.
14. Муҳаммад Муҳити Таботабоӣ. Ақидаи динии Фирдавсӣ/Маҷаллаи Меҳр, соли 1313, саҳ.635-672;
15. Муҳаммад Муҳити Таботабоӣ. Дин ва мазҳаби Фирдавсӣ/Фирдавсӣ ва «Шоҳнома» (маҷмӯаи мақолот). Ба кӯшиши Алии Деҳбошӣ. –Теҳрон:Мудаббир, 1370, 646 саҳ.
16. Муҳаммад Ҳусайн Популии Яздӣ. Ҳамд, сано ва зикри Худованд дар «Шоҳнома». - Машҳад: Популӣ, 1386, 323 саҳ.
17. Низомии Арӯзии Самарқандӣ. Чаҳор мақола ва таълиқот. Ба саъй, эҳтимом ва тасҳеҳи Муҳаммад Қазвинӣ. –Теҳрон: Садои муосир, 1387, саҳ.81-82, (80, 140, 468 саҳ.).
18. Носири Хусрав. Ҷомеъ-ул-ҳикматайн.Тасҳеҳ ва муқаддимаи форсӣ ва фаронсавӣ аз Муҳаммад Муин ва Ҳенрӣ Корбэн. –Теҳрон: Китобхонаи Тавурӣ, 1953, 145 саҳ. (фаронсавӣ), 20 саҳ. (муқаддимаи форсӣ), 362 саҳ.(матни китоб).
19. Носири Хусрав. Девони ашъор. Ҷилди дуюм.–Душанбе: Шуҷоиён, 2009, 648 саҳ.
20. Розӣ, Абдулҷалили Қазвинӣ. Ан-нақз. Ба тасҳеҳи Мирзо Ҷалолиддин Муҳаддиси Урмавӣ. –Теҳрон: Муаллиф, 1331.
21. Сайид Шарафиддин Мусавӣ. Имомат, висоят ва хилофат. –Душанбе, 1997.
22. Сайид Ҳамидиён. Даромаде бар андеша ва ҳунари Фирдавсӣ. Чопи савум. –Теҳрон: Ноҳид, 1383, 479 саҳ.
23. Сайид Ҷаъфари Шаҳидӣ. Фирдавсӣ – шоири шиимазҳаб / «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ падидаи бузурги фарҳангӣ дар тамаддуни ҷаҳонӣ (чакидаи мақолот). – Душанбе-Теҳрон: Маркази мутолиоти эронӣ, 1373 (1994), 124 саҳ (ба ҳуруфи форсӣ), 105 саҳ. (ба ҳуруфи кириллӣ) ва 87 саҳ. (ба ҳуруфи лотинӣ).
24. Сурхи Нишобурӣ. Шарҳи қасидаи Хоҷа Абулҳайсам. Ба тасҳеҳ ва муқаддимаи форсӣ ва фаронсавии Муҳаммад Муин ва Ҳенрӣ Корбэн. –Теҳрон: Институти Эрон ва Фаронса, 1334, 126 саҳ.
25. Теодор Нёлдеке. Ҳамоссаи миллии Эрон. Тарҷумаи Бузург Алавӣ. Чопи савум. – Теҳрон: Сипеҳр, 1327, 176 саҳ.
26. Ҷалолиддин Ҳумоӣ. «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ: шоҳкори суханварӣ ва сухандонӣ/ Фирдавсӣ ва «Шоҳнома» (маҷмӯаи мақолот). Ба кӯшиши Алии Деҳбошӣ. – Теҳрон:Мудаббир, 1370, 646 саҳ.

ПОЛЕМИКА О РЕЛИГИОЗНОЙ ПРИНАДЛЕЖНОСТИ ФИРДОУСИ

Хоким Каландаров

В статье рассматривается сопоставительный анализ идей разных исследователей относительно религиозных чувств великого персидско-таджикского поэта Абулкасима Фирдоуси, в общих чертах анализируется влияние философии исмаилитов на мировоззрение этого гения своего времени. Опираясь на мысли исследователей, автор статьи главной причиной холодного приема Фирдоуси и его великого творенья со стороны Султан Махмуда и его окружения считает их принадлежность к различным религиозным течениям ислама.

Ключевые слова: Фирдоуси, «Шахнаме», исмаилитская философия, Султан Махмуд, персидско-таджикская литература, секта, Ислам.

CONTROVERSY ABOUT THE RELIGIOUS AFFILIATION OF FERDOWSI

Hokim Kalandarov

This aoutor of the this article deals with a comparative analysis of the ideas of different scholars regarding the religious feelings of the great Persian-Tajik poet Abulqosim Ferdowsi. Overall, it analyzes the influence of Ismaili philosophy on Ferdowsi's worldview and philosophy. Building on the ideas of these scholars, the author argues that the main reason for Ferdowsi and his great creation "Shahnameh" not being received with due consideration on the part of Sultan Mahmud and his associates is them belonging to different sect of Islam as opposed to that of Ferdowsi.

Key words: Ferdowsi, "Shahnameh", Ismaili philosophy, Sultan Mahmud, Persian-Tajik literature, faith, Islam.

Сведения об авторе: Каландаров Хоким Сафарбекович - старший научный сотрудник Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия Академии наук Республики Таджикистан, тел.: (+992) 93-489-26-26, e-mail: hokim_k@mail.ru

Information about the author: Kalandarov Hokim Safarbekovich – the Senior researcher of the Institute of Language, Laturate, Oriental studies and wWritten heritage of the Academy of Sciences of the Republic Tajikistan, phone: (+992) 93-489- 26- 26, e-mail: hokim_k@mail.ru

ХОҶА САМАНДАРИ ТИРМИЗӢ ВА «ДАСТУР-УЛ-МУЛУК»-И Ӯ

Хиромон Сафарова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Хоҷа Самандари Тирмизӣ зодаи деҳаи Хонақоҳи Ҳисори Шодмон буда, бо осори гаронбаҳояш дар замони худ соҳиби обрӯ ва мавриди эҳтироми дӯстдорони каломи бадеъ гашта будааст. Вай адиби донишмандест, ки кошонаи дилро бо илму дониш фурузон намуда, чун чароғи тобон тавассути китобҳояш хонандаи худро ба роҳи дуруст раҳнамоӣ кардааст. Дар меҳвари адабиёт, ки инсон қарор гирифтааст ва тасвири инсони комил чунин як рисолати бузург ва шинохти масъулият барои қаламкаш аст, ки дар навиштаҳои Хоҷа Самандар ба мушоҳида мерасад ва сари ҳар нуктаи ӯ хонанда зонуи тафаккур зада, маъниҳоеро дармеёбад, ки ҳама аз асолати одамият ва ахлоқи ҳамида буда, дурӣ ҷустан аз хислатҳои номатлубро ба мушоҳида мегирад. Ҳамон инсонест, ки ҳануз дар гузашта Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ дар орзуи дидори ӯ буд:

Дӣ шайх бо чароғ ҳамегашт гирди шаҳр,
Аз деву дад малуламу инсонам орзуст.

Хоҷа Самандар Муҳаммад Бақои Тирмизӣ дар асри 17 зиндагӣ ба сар бурда, мутаассифона, соли таваллуд ва вафоти ӯ номаълум аст. Дар ибтидо ӯ ҳаёти фақиронаву дарвеширо ихтиёр карда, баъдтар ба шаҳри Насаф (Қаршии ҳозира) меравад. Дар солҳои ҳукумронии ҳокимони аштархонӣ ва ё сулолаи ҷониҳо дар як қатор юришҳои ҳарбии онҳо ширкат менамояд. Масалан, дар замони салтанати Абдулазизхон (1645-1680-мелодӣ), Субҳонқулихон (1680-1702-мелодӣ), ки ба Хоразму Бухоро юриш намудаанд, яке аз иштироккунандагони ин юришҳо Хоҷа Самандари

Тирмизии Ҳисорӣ будааст. Таваҷҷуҳи хонҳои аштархонӣ ба Хоҷа Самандар зиёд будааст, ки ӯро ду маротиба ба мансаби раисии шаҳри Қаршӣ таъин кардаанд. Ба далели иқомати зиёд дар ин шаҳри қадимаи тоҷикон муаллифи тазкираи «Музаккир-ул-асҳоб» Малеҳои Самарқандӣ ӯро Насафӣ меномад. Баъди иғво ва тӯҳмате ба унвонии ӯ Хоҷа Самандар аз мансаби раиси шаҳр даст кашида, тариқаи дарвеширо ихтиёр менамояд. Муаллифи «Музаккир-ул-асҳоб» Малеҳои Самарқандӣ аз Хоҷа Самандари Тирмизӣ ҳамчун як чеҳраи намоёни адабии давр ёдовар шуда, ки бо эҷодиёти бебаҳояш ба қалбҳои хонандагон раҳ ёфтааст.

Аз нигоҳи маҳорати ҳунарӣ Хоҷа Самандар дар пояи баланди адабӣ қарор гирифта, ки дар роҳи такомули эҷодии ӯ муҳити хонаводагию фарҳангии Ҳисори Шодмон, доираи адабии ин куҳандиёр, маърифатмандии мардуми ин шаҳри қадимаи тоҷикон бо мадрасаҳояш барояш мусоидат кардаанд. Аз сӯи дигар,шабзиндадориҳо дар талаби илм, муносибати ҷиддӣ ҳамчун як ташналаб дар омӯзиши мероси пурғановати классикони гузашта аз Рӯдакию Фирдавсиву Саъдӣ то дигар муосиронаш ӯро дар офариниши сухани воло кумак кардаанд. Хоҷа Самандар адиби донишмандест ва хондани осораш як накҳате дорад.

Дар таърихи адабиёти тоҷик Хоҷа Самандари Тирмизӣ адибест, ки бо маҳорати баланди адабӣ тавонистааст, ки дар покии забон, ширинӣ ва шевогии он нақш дошта бошад. Дар мисоли «Дастур-ул-мулук»-и ӯ, ки дар миёни осори навиштаҳои Хоҷа Самандари Тирмизии Ҳисорӣ мақоми вижа дошта, рушан аст, ки насри Хоҷа Самандар, ҳарчанд 400 сол пеш иншо шудааст, гуфтораш равону сода ва хонандаи имрӯз бидуни кушодани фарҳангу луғатҳо онро мефаҳмад. Агар онро ба «Насиҳатнома»-и Кайковус ва «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ муқоиса намоем дарки маънӣ дар «Дастур-ул-мулук» осонтар ба назар мерасад. Аммо «Дастур-ул-мулук» аз нигоҳи мазмуну мундарича ва ба вижа дар истифода аз насри мусаҷҷаъ «Гулистон»-и Саъдии Шерозиро ба ёд меоварад.Ҳамин аст, ки забони «Дастур-ул-мулук» тибқи гуфтаи муҳаққиқони забоншинос беҳтарин намунаи осори насрии асри 17-и тоҷик аст. Мавриди зикр аст, ки содабаёнии гуфтори нависандаро санъатҳои бадеии фаровон пероста месозанд, ки аз ҳар ҷиҳат забони осори ӯро хушоянд сохтааст ва ба ақидаи мо ин ҳама аз дониши баланд доштаи ӯ дарак медиҳад. Ба қавли Хоҷа Ҳофиз «Сари зулфи суханро ба қалам шона задаст». Дар баробари асари панду ахлоқӣ, тарбиявӣ буданаш, асари мазкур қимати баланди таърихиро дорост. Аз қисматҳои асар мо бо воқеаҳои муҳимми таърихӣ шинос мешавем, ки бисёр боаҳаммиятанд ва он моро ба сайри таърихии хонигарии Бухорои асри 17 мебарад. «Дастур-ул-мулук»-и Хоҷа Самандари Ҳисорӣ аз 22 боб иборат мебошад, ки ҷариб дар тамоми масъалаҳои зиндагӣ, ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, пиндори нек, рафтори нек ва кирдори нек адиб назари инсонии худро баён месозад. Гуфтаҳои худро Хоҷа Самандари Тирмизӣ бо шоҳбайтҳо таҳвият мебахшад, ки дар китоб хеле насру назм ба ҳам муносиб уфтодаанд. Зимни мутолиаи «Дастур-ул-мулук» маълум мешавад, ки бисёре аз байтҳои дар асар истифодашуда аз осори Абӯсаиди

Абулхайр, Мавлоно, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҳилолӣ, Соиби Исфаҳонӣ ва дигар адибон мебошанд ва ин ҳама мутолиоти чуқури Хоҷа Самандарро ба осори пешгузаштагонаш нишон медиҳад.

Умдатан, «Дастур-ул-мулук» китоби насиҳатист ва ҳар як андарзи муаллиф ба ибораи зебои «Азизи ман» шурӯъ мешавад. Агар «Насиҳатнома»-ро Унсурмаолии Кайковус ва ё «Баҳористон»-ро Абдураҳмони Ҷомӣ ба ҷигарбандони худ бахшида бошанду аз ин китобҳо то ба имрӯз мардум ғизои маънавӣ мегиранд, пас аз ҳамин ибораи «Азизи ман» маълум мегардад, ки он дар «Дастур-ул-мулук»-ро Хоҷа Самандари Тирмизии Ҳисорӣ ишора ба ҷигарбанд ва ё дӯсти наздики худ набуда, балки паёмест ба хонандаи ҳушманди ҳикматшинос. Ибораи «Азизи ман» мухотаб аст, ки ҷиҳати баёни андешаи нависанда хидмат кардааст ва шахси дувумро ба гуфтору андарзи муаллиф мепайвандад. Баъзе аз ин андарзҳо ҳамагӣ аз як ҷумла иборатанд. Масалан, «Азизи ман, тарбияти аҳли басорат кимёест, ки хоки тираро зари соф бисозад ва санги ноқисро гавҳари комил гардонад. Чунон ки гуфтаанд:

Аз тарбият аст, ки хок гавҳар гардад,
Хун дар таҳи нофа мушки асғар гардад,
Он оҳани тирарӯи беҳимматро
Иксир чу тарбият кунад, зар гардад».

Ё ки Хоҷа Самандар ҳамон гуфтаи машҳури Мавлоно, ки «Ақлро мар ақлҳо ёрӣ диҳад»-ро ин гунна зебо гуфтааст: «Азизи ман, дар ҳудуси воқеот ва вуқуи ҳодисот аз мушовирот гурезе нест.

Замири ту ҳарчанд вайҳошност,
Дари машварат нокушудан хатост».

Аммо дар идомаи гуфтораш бар он таъкид месозад, ки «мушовиратро бо аҳли ҳикмат ва асҳоби таҷриба кунӣ».

Адиб қаноат ва шикастнафс буданро ба хонандааш таъкид намуда, тамаллуқу тамаъ ва ба хотири чизи дунёи шуда, беобрӯ гаштанро мазаммат менамояд: «Азизи ман, қаноат мулкест, ки ба ҳар дун надиҳанд ва пирояест, ки ба даст ҳар забун нагузоранд…

Рустам касе бувад, ки барояд ба хӯи хеш,
Дар вақти эҳтиёҷ бигирад гулӯи хеш.
Обест обрӯ, ки наёяд дигар ба ҷӯй,
Аз ташнагӣ бимиру марез обрӯи хеш.

Дар мавриди сухан бо андеша бояд гуфт, Хоҷа Самандари Тирмизӣ сухани андешанокардаро ба зари носанҷида монанд месозад, ки оқибатҳои нохуб дар пай дорад. Аз сӯи дигар, ширингуфторӣ, дур доштани забон аз алфози дуруғу нопокро ташвиқ менамояд ва мегӯяд: «Азизи ман, забони сулҳомез ба як нукта сад уқдаи мушкилро ҳал намояд ва сухани шӯрангез ба як ишорат гардани гӯяндаро баста гардонад. Чунон ки гуфтаанд:

Агар ба чашми хирад дар сухан нигарӣ,
Бизоъатест, ки ҳам суду ҳам зиён дорад».

Чун дигар бузургони адабиётамон Хоҷа Самандари Тирмизӣ ҳамнишинию дӯстӣ бо ашхоси нодон, бадфеъл ва қадрношиносро кори марди соҳибақл намедонад: «Пас

марди оқил бояд, ки тарҳи дӯстӣ бо мардуми оқил афканад ва аз сӯҳбати дӯсти нодон бигрезад, чунонки гуфтаанд:

Зи зиндону ҳарифи ҳабс бигрез,
Зи пастону зи ноаҳлон бупарҳез».

Хулоса, Хоҷа Самандари Тирмизӣ дар таърихи адабиёти тоҷик бо осори безаволаш мақоми шоистаеро касб кардааст. Махсусан, китоби бебаҳои ӯ «Дастур-ул-мулук», ки хонандаро дар роҳи камолоти инсонӣ тарбият месозад. Осори вай ва ӯ барин адибоне, ки то ҳануз сари навиштаҳояшон тадқиқоти комили забоншиносиву адабиётшиносӣ сурат нагирифтааст, лозим аст, ки дар муаррифии чунин ашхоси илму фарҳангу адаб аз ҷониби донишмандон тадлқиқоти илмӣ сурат бигирад, ки яке аз чунин шахсони фозили соҳибкитоб Хоҷа Самандари Тирмизии Ҳисорист.Дар ин маврид аз донишманди тоҷик, забоншинос С. Ҳошимов изҳори сипос менамоям, ки доир ба «Дастур-ул-мулук»-и Хоҷа Самандар тадқиқоти забоншиносӣ анҷом додаст, ки он ба пажуҳиши бештаре ниёз дорад.

Бояд гуфт, ки домани зархези Тоҷикистони азиз аз даврони куҳан то ба имрӯз мардони адабро тарбият кардааст, ки ба ганҷинаи тамаддуни ҷаҳонӣ саҳм гузоштаанд. Беҳтар мебуд аз осори чунин бузургмардоне, чун Хоҷа Самандари Тирмизии Ҳисорӣ дар макотиби миёна ва олии кишварамон маҳз дар дарсҳои тарбиявӣ истифода мекарданд. Зеро навиштаҳои Хоҷа Самандар, ки тақрибан 400-сол пеш аз мо ба сар бурдааст, ҳикматомезу саршор аз панду андарз мебошанд, ки на танҳо аҳаммияти худро гум накардаанд, балки ҳамарӯза дар рӯзгори мо ба кор меоянд.

ХОДЖА САМАНДАРИ ТИРМИЗИ И ЕГО «ДАСТУР-УЛ-МУЛУК»

Сафарова Хиромон

В данной статье вкратце рассматривается жизнь и творчество Хаджа Самандари Тирмизи и воспитательные свойства книги «Дастур-ул-мулук». Автор при анализе материала учитывает мнение других писателей.

Ключевые слова: Ходжа Самандар Тирмизи, «Дастур-ул-мулук», период правления династии Джанидов, мой дорогой, добрий нрав, проза 17-го века.

KHOJA SAMANDARI TIRMIZI AND HIS “DASTUR-UL-MULUK”

Khiromon Safarova

Life, creation and educational quality of the book of “Dastur-ul-muluk” are reviewed shortly in the article. The author relied on the views of other distinguished poet while writing the article as well.

Key words: Khoja Samandari Tirmizi, “Dastur-ul-muluk”, the period of dynasty governing, dear, kind, moral, prose.

Сведения об авторе: Сафарова Хиромон - соискатель кафедры таджикского языка Таджикского национального университета, тел.: (+992) 98-75-61-273.

Information about the author: Khiromon Safarova - the head of the Chair of Tajik Language and its Teaching Method, Gharm State Pedagogical Institute in Rasht District, тel.: (+992) 98-75-61-273.

ВОҲИДҲОИ ЛУҒАВИИ МАРБУТ БА АНВОИ ҲАШАРОТ ВА ХАЗАНДА ДАР ШЕВАҲОИ ҶАНУБӢ ВА ҶАНУБИ ШАРҚИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Сахидод Хоркашев
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Хазандагон ва ҳашарот дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ яке аз қабатҳои калони таркиби луғавӣ буда, ҷиҳати ғановати он мусоидат намудаанд. Барои ифодаи анвои гуногуни ин қабати луғавӣ аз як тараф калимаҳои умумихалқӣ аз тарафи дигар маводи шевагӣ гуногунрангии онро таъмин менамояд. Дар баёни онҳо калимаҳои сода қабати асосии лексикӣ бошад ҳам, тавассути пасвандҳо ба вуҷуд омадани вожаҳои сохта ва дар заминаи аломату хусусиятҳои гуногуни хазанда ва хашарот бо пайванди морфемаҳои гуногуни луғавӣ пайдо шудани калимаҳои мураккаб амри воқеӣ шудааст. Калимаҳои умумихалқӣ шакли шевагии худро нигоҳ доранд ҳам, ҷудо кардани онҳо аз байни анбӯҳи калимаҳои ифодакунандаи ин гурӯҳ кори сангине нест: **гушдъройак**; **кирм // кърм // киръм // къръм; мурчък; ҳазорпо; гурков; мушкана; чилпо; кайк; нунхърак // нунхърък**; **овсофкунак**; **сузанак; шакарак; мълах; мор; гумном; курмор; офимор; паша; хомушак; миримушон//миримъшон; каламуш; курмуш // кърмуш; замбур; говзамбур // говзамбър; замбъри ало // ило; замбури асал; қурвақа // қурбақа // қървақа**; **кавлезак; шавзод // шавзот; говорачумбонак; кана; качдъмб; калтакелас // калтакеласк; моркелас; санҷов; самбақа //санбақа**, **сангбақа; ширмайи?; заҒорамайи?; гълмайи?//гълмойи?//гълмоҳи?; хорпъштак; ҷайра// ҷайран**.

Истилоҳоти ин гурӯҳро вобаста ба сарсилсилаи номи ҳашарот ва хазанда табақабандӣ кардан мумкин аст: номи анвои кирм; мурча; малах; паша; замбур; кана; гамбуск; шуллук; шапалак; ҳашарот; мор; қурбоқа; моҳӣ; муш.

I. Номи анвои кирм. Анвои кирмро ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст. Калимаи кирм бо илҳоқи пасванди -ак шакли “кирмак”-ро гирифта ифодакунандаи навъи кирме мебошад, ки аз он пилла ҳосил мешавад. Ин навъро парвариш карда, мардум барои манфиати худ истифода мебарад. Дар шева шакли умумиистеъмолии **кирмък//кърмък кърмак**-ро дорад: кърмък-а мебара-въ ва халқо мета (Ҳич.); тут-а кърмък-ънда медан (Лан.).

Зимни нигоҳубин “кармак” ҳолатҳои гуногунро мегирад, бемор мешавад ва ё мемирад. Бинобар ин, ҷиҳати нишон додани ҳолатҳои мухталифи ҳаёти “кирмак” вожаҳои гуногуни мутобиқи хосиятҳои ашё мутобиқ ва мантиқӣ сохта шудааст, ки барои такмили таркиби луғавии шеваҳо мусоидат намудаанд ва асосан хоси шева мебошанд: дар гурӯҳи лаҳҷаҳои ҷанубии Кӯлоб вожаҳои **хървич** “кирмаке, ки баъд аз танидани пилла дар дохили он мурда бошад”; **дъгърма** “пиллае, ки дар дохилаш ду кирмак дошта бошад”; дар лаҳҷаҳои қаротегинӣ **зардбуқа** “кирми даруни пилла”; **сийаҳлав** “кирмаке, ки дар натиҷаи касалӣ сиёҳ шуда мемирад”. Гунаи **ғъндалак** дар лаҳҷаҳои қаротегинӣ ва **ғъндалак** дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ ба маънои “кирми даруни пила” дида шавад, ҳудуди интишори вожаи **кусик//кусък** ба маънои (Вқ., Қ., Ҷк.) “донаи пилла” васеътар аст. Вай дар дар лаҳҷаҳои қаротегинӣ, вахиёӣ-қаротегинӣ ва дар ҷануби Кӯлоб паҳн шудааст: ай кусък ръшта мересан-ъ гъл медузан, къртай чакан мекънан (Ёл). Калимаи **кусик//кусък** яке аз вожаҳои полисемӣ мебошад ва ғайр аз маънии донаи пилла боз маъноҳои зерин истифода мешавад: ҳубоби рӯйи об; кафки собун; обилаи пӯст; варами милки дандон.

Навъи дигари кирмҳо аз онҳое иборатанд, ки дар табиат зиндагӣ мегунанд ва, асосан, дар дарахтони мевадору бемева, зироат, ҳайвонот ва ғайра ҳаёт ба сар мебаранд ва зараровар мебошанд. Ин аст, ки истилоҳоти **камкърм, кърмҷигар, зардолуйи къръмхурда, кърм задан, кърм кардан** ва м.инҳо ба вуҷуд омадааст: исол себ-а ҳама-ш-а киръм хърд (Нӯш.).

Истилоҳоти ин гурӯҳ на танҳо бо вожаҳои сода, балки бо калимаҳои сохта тавассути пасванди -ак ва асосҳои гуногун, калимаҳои мураккабу ибора-истилоҳот

иборатанд. Баъзе аз аз воҳидҳои луғавӣ сермаъно шуда, ҳудуди интишори васеъ дорад. Масалан, калимаи **оташак** барои ифодаи ду маънӣ меояд, ки ин маъниҳо дар дар як лаҳҷа нестанд, балки ба маънои “касалии мева ва сабзавот дар натиҷаи офати табиӣ” дар лаҳҷаҳои қаротегинӣ ва бо семантикаи “кирми шабтоб, шабчароғ” дар гурӯҳи лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор мустамал аст: имсол гелосо-ра оташак зад, ҳама-ш рехт (Ог.). Ҳамчунин, на танҳо интишори калима васеъ аст, балки бархе аз онҳо аз вариантҳои гуногуни савтӣ иборатанд. ба ин маънӣ воҳиди луғавии **мита** ба маънии “кирми ғалладона” дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ роиҷ буда, дар лаҳҷаҳои Ванҷ гунаи **мета,** вале дар лаҳҷаи тоҷикони Бадахшон шакли **мътък** бо пасавнди ък ва ихтисори овози “а” дар охири калима мустаъмал аст. Дар лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб бошад, ба гунаҳои **метак // метък** бо каме тағйири маъноӣ: “куя, ҳашароте, ки пашм ва либосҳои мӯинаро мехӯрад” истифода мешавад ва бо ҳамин маънӣ дар лаҳҷаҳои қаротегинӣ воҳиди луғавии **кафа** дар муомилот мебошад. Ғайр аз ин дар лаҳҷаҳои қаротегинӣ калимаи содаи **икра** “кирми зери пӯсти гов, ки дар натиҷаи газидани ғурмагас пайдо мешавад” ва **шуг** “як навъи кирм” низ мутадовил аст. Воҳидҳои рехтаи **гаръ**к “шабушак, шабушкча” дар гурӯҳи лаҳҷаҳои ҷанубии Кӯлоб ва **мъґлесък//маґлесък “**тухми шабуш” дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ муштарак мебошад. Дар байни калимаҳои мураккаб воҳидҳои луғавии барои шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ муштакар вожаи **гушдъройак** “гӯшдарояк, ҳазорпо; **лойхърак** “кирми лойхӯрак” бошад, вожаи **зардбуқа** “кирми даруни пила” хоси лаҳҷаҳои қаротегинӣ; **сотилҷäм** “гиҷҷа (кирми рӯдаи одам ва ҳайвоноти ширхор)” хоси лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор ва ғарбии Кӯлоб мебошад. Калимаи **чучала** ба маънои “кирми меъда” хоси лаҳҷаҳои қаротегинӣ аст, ки дар лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ ва Ванҷ ба маънои “пасмондаи хӯроки чорво” истифода мешавад.

Дар шакли ибора-истилоҳ низ анвои кирмҳо ба мушоҳида мерасад. Дар байни онҳои **кърми хоки**? “кирми лойхӯрак”; **кърми меда** “гиҷҷа” барои шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ муштараканд, вале **кърми куча** “кирми сафеди сарзард, ки дар анбӯҳи саргини ҳайвонот пайдо мешавад” дар лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб; **кърми ови?** дар гурӯҳи лаҳҷаҳои ҷанубии Кӯлоб ва **салай морак** “як навъи кирм” дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ ба мушоҳида мерасад.

II. Номи анвои мурча. Навъҳои мурча зиёд нест. Асосан, бо се ибора-истилоҳ баён мешаванд, ки хоси шеваанд. Аз вожаи умумиистеъмолии **мурча // мурък // мурчък // мърчък** истифода мешавад: мурчък рӯ зааст лар хуна, ай амун дорийо иза бийор та бъпърешем (Ванҷ, Р.); мурчъко мърда хийол мекардаст-ъ мебърумааст (Лш.). Ин вожа чун муайяншаванда дар ибораҳо барои муайян кардани навъи онҳо меояд: **мурчайи лесак** “навъи мӯрчаи ҷисман хурд” дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ ва шимолии Кӯлоб; **мурчайи пардор** (Ҷк.) ба маънои **“**мурчаи болдор” дар гурӯҳи лаҳҷаҳои ҷанубии Кӯлоб ва **мурча мурък** “ навъи мӯрча” дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ истифода мешаванд.

Барои баёни маънии “мулчар” низ аз калимаи **мурча** (Шк., Қ., Вқ.) истифода мешавад, ки ба ҳодисаҳои савтиёт вобаста аст: боби? мурча-т чи?-йай, чан дърумади? (Ҳиҷ.). Калимаи мураккаби **мурчагардони?** (Вқ., Шк.) мӯлчаргардонӣ низ аз ҳамин асос аст. Вожаи “мӯрча” дар сохтани дигар калимаҳо низ иштирок карда ҷиҳати таҳвияти таркиби луғавӣ мусоидат кардааст. Барои намуна чанд мисол меорем: **мурчакамол** (Шк.), **мърчакасол** (Қ.) як навъ растании хушбӯйи шифобахш (ба дарди варами шуш ва чашм даво аст), ки ба ров монанд аст; **мурчамийон** (Шк.) мавзунқомат; **мурчара//мучара** (Сч.) мӯрчароҳ.

III. Номи анвои малах. Дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ шакли умумихалқии **малах** дар шакли **мълах** роиҷ аст: йаке почо мехеза, ки мълах мепара (Мӯм.). Бо ин калима чанд истилоҳ мавҷуд аст, ки бо вожаҳои мураккаби тобеъ ва дар шакли ибора - истилоҳ сохта шудаанд. Унсурҳои луғавии **гов**, **мурча** ва **гуспан**, ки дар таркиби воҳидҳои луғавии ифодакунандаи навъи малах истифода мешаванд, аломати зоҳирии ҳашаротро равшан нишон медиҳанд. Калимаҳои **гов** ва **мурча** барои ифодаи “бузургӣ”

ва “хурди”-и ашёҳои гуногун дар шеваҳо ва забони меъёр низ гӯё чун антоними ҳамдигаранд. Дар мавриди зерин ҳамин ҳодиса мушоҳида мешавад: **говмалах** (Вқ., Ҷк.) малахи калони сабзтоб; **мурчамалах** (Ҷк.) малахи хурд. Бо ин маъни вожаи **гуспан** синоними **гов** шудааст: **гуспанмалах** (Ҷк.) малахи калонҷусса, ки сараш ба гӯсфанд шабоҳат дорад. Ҳамчунин, анвои малах бо калимаҳои сохта ва мураккаби дигар низ баён мегардад: **чъздък** (Вқ.,Қ.,Шк.), **чъзнък** (Ҷк.) чирчирак, як навъи ҳашарот аз ҷинси малах; **чъстак** (Ғк., Шк.)// **чъстък** (Қ.) бузак, ҳашаротест аз ҷинси малах: ҳами чъстък да ҳама ҷо-нда ҳастай (Хм.); **кабутлав** (Ҷк.) малах. Бо ибора: **мълахи парвози?** (Дҷ.) малахе, ки дур парвоз мекунад ва барои зироат зарари зиёд мерасонад; **мълахи кабут** (Ст.) як навъ малахи калони сабзтоб. Дар шеваи ҷануби шарқӣ таркиби **мълах чиндан** истифода мешавад, ки маҷозан ба маънои малах доштан аст: ума-м гуфт, ки бъра бай кавгбачо-ра мълах бъчин, ай шахч (Ванҷ, Р.).

IV. Номи анвои паша. Барои ифодаи анвои паша дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ калимаҳои зиёде вомехӯранд, ки хазинаи лексикаро такмил мекунанд. Воҳиди луғавии **паша** ифодакунандаи номи умумии ҳамаи анвоъ шудааст. Дар баробари ин калимаи **хомушак** (Қ., Ванҷ) ва **курпаша** (Шк., Вқ., Дарв.) аҳамияти койне шуданро соҳиб шуда истодааст, зеро на танҳо ҳомилони шеваи ҷанубӣ, балки дар ш.Душанбе, ки намояндагони шеваҳои гуногун ба ҳам омадаанд, ин калимаҳо умумиистеъмол шудаанд.

Анвои дигари паша тавассути вожаҳои сохтаю мураккаб омадааст. Дар калимаҳои мураккаб бузургию ранг ва дигар алоими онҳо равшан маълум мегардад: **тезак** (Ҷк.) як навъи пашшаи хурди заҳрнок; **бубанак** (Шк.)// **бубалак** (Дарв.) ғурмагас, хармагас, як хел магаси ба занбӯри асал монанд, ки ҳайвонотро сахт неш мезанад; **қашқанак** (Қ) як навъи пашшаи калони ало; **сагпаша** (Шк.) магаси саг: сагпаша-ш зарчоп мешава, неке бъзбалатар-ай (Кд.); **савзпаша** (Қ.) як навъ пашшаи сабзтоб, сабзгун.

Барои ифодаи навъи магас (ғурмагас, хармагас), ки баҳор чорвои шохдорро мегазад, калимаҳои зерин истифода мешавад, ки асосан вариантҳои ҳамон як унсури луғавӣ дар лаҳҷаҳои гуногун мебошанд: **кукалак** (Шк.)// **купалак** (Ҷк., Ғк.); **тақала** (Шк., Вқ., Қ., Ҷк.)// **тақалак** (Лахш, Ск.); **купалоқ** (Дҷ.): гов-а тақала газид (Мт.); гусала-ра тақалак газид (Ск.); Қъзилмазор-да қатала бисйор-ай (Б.)[1]. Унсури луғавии **қатала** (Қ.) барои ифодаи маънои “навъи оруи хокистарранги заҳрнок” низ истифода мешавад, ки дар сӯрохии девору сутун ва ғ. лона мегузорад.

Бо ибораҳо ҳам анвои **паша** дида мешавад, ки мансубияти онҳо равшан зоҳир мегшарданд: **пашайи саг** (Вқ., Қ., Шк.) як навъи пашшаи хокистарранг ва зардчатоб, ки дар саг мешавад; **пашайи шав** (Шк.) хомӯшак: йагу -йагу пашайи шав мегаза (Ёз.); ҳаво авр мекад, пашайи шав соф мешид (Дҷ.). Дар ибораи рехтаи **паша шидан** (Шк.) маънои маҷозӣ касб менамояд: ба ҳар кор дахолат кардан, ба сӯҳбати одамон халал расондан; хирагӣ кардан: ҳай паша мешай-да ҳар кор-да (Нр.).

V. Номи анвои занбӯр. Дар “Фарҳанг” (ФЗТ, 1969, 436) маънии ин калима “ору” навишта шудааст, вале дар ҳамин луғатнома доир ба “ору” чизе намегӯяд. Дар “Ғиёс-ул-луғот”(Муҳаммад 1987) ва “Чароғи ҳидоят” (Сироҷиддин, 1992) ҳам перомуни ин вожаҳо шарҳе, ки ифодакунандаи маънои “пчела”(Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ, 2006, 231) бошад, мавҷуд нест. Аммо дар “Фарҳанги рӯзи сухан” оид ба занбӯр чунин шарҳ омадааст: “**занбӯр** (ар.) ҷонвари ҳашарай бо ду ҷуфт боли нозук, ки маъмулан зиндагии иҷтимоӣ доранд ва дар лонаҳои бузург бо ташкилоти муназзам зиндагӣ мекунанд. **Занбури асал** навъи занбӯр, ки зиндагии иҷтимоӣ пешрафтае дорад ва бо шаҳде, ки аз гулҳо ҷамъоварӣ мекунад, мум ва асал месозад” (انوری، 1383, 641). Дар “Луғати мухтасари лаҳҷаҳои Бухоро” барои ифодаи калимаи занбур вожаи **ору// ори** оварда шуда, навъҳои зеринро нишон медиҳанд: орӣ арабӣ, ори асал, ори заминӣ, ори магас, ори ҷинҷак (Маҳмудов, 1989, 176). Дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ вожаи **ору//ори** мустаъмал нест. Гунаи **замбур** дар ҳамаи лаҳҷаҳои шеваҳои мазкур мутадовил мебошад. Ҳарчанд калимаҳои ифодакунандаи занбӯр чандон зиёд нест, анвои мавҷуда дар ҳаёти

[1] Барои маълумоти бештар доир ба ин гурӯҳи калимаҳо ниг.: Ҷӯраев,1980, 177)

мардумон нақши муҳим дорад. Онро барои истеҳсоли асал парвариш мекунанд ва анвои дигаре низ мавҷуд аст, ки саҳроӣ аст. Номгузорӣ аз рӯйи садоҳояшон, мутобиқи ҳаҷми бадан, ранг ва манфиатрасониашон сурат гирифтааст. Аз ҷумла, аз калимаҳои тақлиди овозӣ ва пасванди -ак калимаҳои зерин сохта шудааст: **бувак//бувък**[2] дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ ба маънии "навъи занбӯри хокистарранг", ки дар тарқиши девору сутунҳо ва ғ. лона мемонад: бувък да сари санго ҳича мемуна (Кб.); **бингак//бунгак** дар гурӯҳи лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор бо семантикаи "занбӯри зарди хокистарранг", ки дар роғҳои сутуни болор ё девор лона гузорад. Бо истифода аз калимаи **бънгак//бънгък**, ки гунаи "бингак" мебошанд ва вожаи **кур** дар лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб навъи дигари занбӯр номгузорӣ шудааст, ки на танҳо садо, балки аломати нобиноии он ба инобат гирифта шудааст: **курбънгак//курбънгък** занбӯри хурди зардча, ки ба оруи асал монанд аст: ранги курбънгак гав мезана (Хов.). Дар минтақаи Сарихосор **курбънгак** ба маънои **курпаша** низ маъмул аст, ки аз аломатҳои мушобеҳ доштани ин анвоъ гувоҳӣ медиҳад. Занбӯри нисбатан калонҷусса, ало ва сурхчатоби ба сиёҳӣ моилро **говзамбур** // **говзамбър** гӯянд, ки мантиқан мувофиқ аст: говзамбур шав мийа бувас каа (Лш.). **"**Калимаҳои **говзамбур** ва **курбънгак** доираи нисбатан васеи истеъмол доранд. Аммо **бувък** қисман лаҳҷаҳои Қаротегин ва вахиёи-қаротегиниро, дар бар мегираду бас. Унсурҳои луғавии **говзамбур** ва **курбънгак**, ки аз ҷиҳати сохт мураккабанд, хусусият ва аломати зоҳирии ҳашаротро ба андозае конкрет менамоянд. Лекин ҷузъи **гов** дар таркиби **говзамбур** дорои маънои маҷозӣ буда, ба калонии занбӯр далолат менамояд" (Ҷӯраев, 1980, 176).

Барои ифодаи оруи сиёҳтоб, ки як сол умр дорад, вожаи мураккаби **солъкзамбър** (Шк., Қ.) ва занбӯре, ки ба саноч шабеҳ буда, дар роғҳои девору сутунҳо лона мегузорад, калимаи бо пасванди -ък сохтаи **съночък** (Шк., Ҷк.)// **съночак** (Ғк.) мувофиқ дониста шудааст.

Тавассути ибораҳо низ чанд намуди занбӯр баён мешавад, ки дар муайянкунандаҳо навъи онҳо зикр ёфтааст. Ин ибораҳо барои шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ муштарак мебошанд ва доираи васеи истеъмолӣ доранд: **замбури ало//ило** "занбӯри алои заҳрнок"; **замбури асал** "оруи асал"; **замбури зардак** "ору, занбӯри зардчатоб". Аммо **замбъри говак**, ки дар лаҳҷаҳои қаротегинӣ истифода мешавад гунаи вожаи мураккаби **говзамбур** мебошад.

VI. Номи анвои кана. Дар забони адабиёти классикӣ истифода мешудааст, ки дар «Фарҳанг» чунин шарҳро мебинем: «ҳашараи майдае, ки ба бадани чорпоён, махсусан гӯсфандон часпида, хуни онҳоро мемакад» (ФЗТ, 1969, 537). Дар "Луғати мухтасари лаҳҷаҳои Бухоро" (Маҳмудов, 1989) ва дар китоби "Очерки по таджикской диалектологии" (Расторгуева 1963), ки марбут ба луғати шеваи шимолӣ мебошад, зикр намеёбад. Мавҷудияти он дар забони форсӣ аз тарафи доктор Ҳасани Анварӣ муаллифи "Фарҳанги рӯзи сухан" хабар дода мешавад: "**кана** ҷонвари туфайлии хунхор аз хонаводаи бандпоён, ки сабаби сирояти бемориҳои уфунӣ монанди табби роҷеа ва ҷуб мешавад" (انوری، 1383, 981). Дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ ғайр аз калимаи кана вожаи умумиистеъмолии **шавзод// шавзот** "тахтакана" низ мустаъмал аст: шавзод ҳар шав ҳазорта бача мекъна-въ саҳар мега: «вой сари бебача-м» (Дш.). Вожаи **мушкана** низ дар қолаби калимаҳои мураккаби тобеъ ҷиҳати ифодаи навъи канаи муш хусусияти умумӣ дорад.

Дар шакли ибора чанд намуди анвои "кана" дида мешавад, ки онҳо як маъноро бо воҳидҳои гуногуни луғавӣ дар манотиқи мухталиф баён мекунанд. Масалан, дар ифодаи **"**канаи хурди сурхчатоби пачаҚ" дар минтақаи Лахш (Вқ.) ибораи **канайи hол//ол,** дар деҳаҳои Ҳичборак ва Ярхаб (Вқ.) **канайи сағрак** ва дар гурӯҳи лаҳҷаҳои шимолию ҷанубии Кӯлоб ибораи **канайи беhол//беол** мураввач аст. Дар тамоми минтақаи лаҳҷаҳои гурӯҳи вахиёи-қаротегинӣ ва қаротегинӣ навъи "канаи хокистарранги ба сафедӣ моили камҳаракат" бо ибораи **канайи батҳол** ифода меёбад. Ҳамин маънӣ дар деҳаҳои Пилдон ва Хӯҷаи Тофи гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёи-қаротегинӣ

[2] Доир ба умумият ва фарқияти ин калимаҳо ниг.: (Ҷӯраев, 1980, 177).

тавассути ибораи **канайи қоқак** баён мешавад: канай батҳол одам-а бъгаза, ба мърдан қарив мешава (До.). Дар гурӯҳи лаҳҷаҳои минтақаи ҷанубии Кӯлоб барои ифодаи навъи “канаи хокистарии лӯнда” ибораи **канаи баҳъмр** истифода мешавад.

VII. Номи анвои гамбуск. Ин навъи ҳашара ҳам ба канаҳо хеши доранд. Мутобиқи маводи дасти мо анвои зиёд надорад. Дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ бо калимаҳои **къҥуз //къҥуз // къндъз** баён мешавад. Бо ин асос ибора-истилоҳи **къндъзи говак** дар лаҳҷаҳои қаротегинӣ ҷиҳати ифодаи навъи гамбуски калони болдор сохта шудааст. Ду навъи дигар бо калимаҳои сохта дида мешавад: Калимаи **ҳасанак** дар Балҷувон (Ғк.) ба қайд гирифта шудааст, ки як хел гамбускчаи лӯнда буда, ҷуссааш ба андозаи ҷуворӣ, рангаш сурху зард ва холҳои сиёҳ дорад; **ғубак // ғувак** дар лаҳҷаҳои шимолӣ, ғарбии Кӯлоб ва лаҳҷаҳои Дарвоз ба маънии “навъи гамбуски кабудтоб” роиҷ аст.

VIII. Номи анвои шуллук. Анвои шуллук ва ё туқумшуллук ҳам чандон зиёд нест. Дар луғату фарҳангҳои мавҷуда калимаи шуллук ё туқумшуллук дида намешавад. Анвои он дар шеваҳои мавриди таҳқиқ бо калимаҳои сода, сохта ва мураккаб баён мегарданд. Ҳудуди интишори гуногун доранд: **зулък//зълък** (Вқ., Қ.) зуллук, золу: зулък тай зувуни гов-а мемака (Вд.); **шълък** (Вқ..Ҷк.) шуллук; **лесак** (Қ.) зуллук: лесак-а ай даҳа-ш хаф мереза (До.); **афтовборонак // афтовборунак** (Қ.); **мамайборунак** (Қ., Ванҷ, Дарв.)//**момаборунак** (Ог.) // **овборунак** (Ҷк.); **къробъки ов** (Вқ.) зуллук, шуллук.

IX. Номи анвои шапалак. Ин анвоъ ҳам дар ташаккули лексикаи шева аҳамияти хос дорад. Барои ифодаи ин маънӣ дар забони адабиёти классикӣ калимаи **парвона** истифода мешавад (ФЗТ 1969, 29). Ин калима дар “Фарҳанги рӯзи сухан” чунин шарҳ ёфтааст: “ҳашарае бо бадани кашида ва борику болҳои паҳни пӯшида аз пулакҳои рангоранг” (انوری ,1383, 233). Дар шеваи ҷанубӣ калимаи **парвона** бо чанд шакл меояд: Дар гурӯҳи лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб **патоник// патуник**, дар гурӯҳи лаҳҷаҳои ҷанубии Кӯлоб **партонък**, дар вахиёи-қаротегинӣ ва шеваи ҷануби шарқӣ шакли **парвона** мустаъмал аст: патоник шав мебъройа, руз мембъра (Нр.); шапалак қади патуник мерава (Нд.). Дар Балҷувон (Ғк.) ва Сарихосор (Ҷк.) шакли **парпартуник,** ки гунаи **пароник** мебошад, ба қайд гирифта шудааст. Дар Даштиҷум (Шк.) барои ин маънӣ калима **пупалак** дида мешавад, ки аз гунаҳои зиёд доштани он шаҳодат медиҳад.

Морфемаи луғавии **авроҳак//арвоҳак** барои шеваҳои ҷанубӣ, ҷанубӣ шарқӣ ва Бадахшон хусусияти умумиистеъмолӣ дошта, маънии «парвона»-ро пурра ифода мекунад[3]. Ҳамчунин, дар қолаби калимаҳои сохтаю мураккаб морфемаҳои луғавии гуногун барои ифодаи анвои шапалак мустаъмал аст, ки аз ҳамдигар бо хусусиёт ва ҳудуди интишор фарқ мекунанд. Дар гурӯҳи лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб калимаҳои **копрък // копрук** «навъи шапалаки ранга»; **ҳалоҳулък//ҳалоҳълък** «навъи ҳашарот аз ҷинси шапалак»: ҳалоҳълък қанотдор-ай, ай у заҳр тийор мекънан, кунҥуз вори?-ву андак майда (Дах.) истифода шавад дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёи-қаротегинӣ ва ванҷию дарвозӣ лексемаи **пашапарък**, ки навъи шапалаки хурд мебошад роиҷ аст: пашапарък майда мешава, теф дора, ҳаранга-ай (Лахш). Барои гурӯҳи кӯлобии ҳисорӣ намуди **гулшапалак** «шапалаки рангоранг» хос мебошад. Доир ба хусусиёти ин гурӯҳ дар шеваи ҷанубӣ ибдоли ҳуруф намуда, профессор Ғ.Ҷӯраев барҳақ ба ин хулоса меоянд, ки «аз таркиб ва семантикаи ин номҳо пайдост, ки ҳамаи онҳо айни як реалияро ифода накарда, балки навъи онро низ нишон медиҳад. Ба ин маънӣ онҳоро ҳамеша якранг тасвир кардан мумкин нест. Масалан, **арвоҳак** як навъи шапалак буда, аз шапалаки саҳроӣ фарқ мекунад. Мисли ҳамин **патонок**, **копрук** ҳам навъҳои шапалакро нишон медиҳад» (Ҷӯраев, 1980, 121). Намуди дигари шапалак «ҳаввош, муши паррон» мебошад, ки дар шеваҳо умумиистеъмол буда, чунин шакл дорад: **куршапарак//куршапарък**; **шавкурик // шавкурък**: шавкурик ранги одам вори-йай; шавкурик-а ранг-ъш созе чатр-ай, теф-ъш мъргови? вори? (Хов); асоси-ш мо-да шавкурък-ъш меган (Мӯм.); тафой ҷурувак худи куршапарак вори? (Хм.).

[3] Доир ба истифодаи он дар шеваи ҷанубӣ ва Бадахшон ниг.: Ҷӯраев, 1980, 121; Розенфелд, 1971, 80.

X. Номи анвои гуногуни ҳашарот. Як қабати гуногуннавъи ҳашарот вомехӯрад, ки онҳо ба семантикаи мухталифи ҳашара далолат мекунанд. Онҳо аз рӯйи аломату хусусиятҳои ранг, бӯй, заҳрнокӣ, обӣ, хонагию нонхӯрак будан, холдорӣ, теъдоди аъзои бадан, садои махсус, гурков будан, монандиашон ба ашёи дигар ва ғайра номгузорӣ шуда, барои такмили таркиби луғавӣ саҳм гузоштаанд.

Барои ифодаи вожаи **“**гаҳворачунбонак” гунаҳои ин калима **говорачумбонак** // **говрачумонак** // **говарачънбонък** // **говорачънбунак** // **говорачъмбунак** истифода шаванд ҳам, вожаи **сандалисоз** дар деҳаи Тавилдара (Вқ) луғати фарқкунанда мебошад. Барои ифодаи ҳашараи бисёрпой калимаҳои шуморагии **ҳазор** ва **чил** бо вожаи **по** илҳоқ мегардад. Дар ин ҷо вожаи **ҳазорпо** барои шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ муштарак, вале **чилпо** барои гурӯҳҳои кӯлобӣ ва кӯлобии Ҳисор ва **ҳазорпочак** хоси лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб аст. Анвои дигаре дар қолаби калимаҳои сохтаю мураккаб мавҷуд аст, ки онҳоро аз рӯйи амалу фаъолияташон номгузорӣ намудаанд ва аломату хусусияти онҳо дар номҳояшон акс ёфтааст. Калимаҳои мураккаби зерин дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ хусусияти умумӣ дорад. **нунхърак//нунхърък** (Вқ., Шк., Дарв.) нонхӯрак, як хел ҳашаротест, ки дар ошхонаҳо ва нондонҳо пайдо мешавад; **гурковък** (Ҷк.)// гурковак (Вқ., Дарв.) гурков; **тортанак** дига ба умеди пахта набъдем-у неки йа доруй қатол йофтем, қири тортанак-а дод (Лаг.); **гуғелунак** (Қ., Шк., Ванҷ) як навъи ҳашароти зардчатоб аз ҷинси қунғуз (гамбӯск). Барои ифодаи **нунхърак// нунхърък** дар деҳаи Яхч (Қ.) калимаи **сурак** мустаъмал аст. Калимаҳои **хъра** “навъи ҳашарот” ва **кавшдузак** “ҳашароти майдаест, ки ранги сурху холҳои сафед дорад” дар лаҳҷаҳои қаротегинӣ ва вожаи **овсофкунак** “обсофкунак, ҳашароти обӣ” дар лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб мустаъмал аст. Калимаи **овсофкунак** дар шакли **говаки ови?** (Каб.) гунаи ибора низ дорад.

Калимаи аз ҷиҳати сохт содаи **кайк** ва вожаҳои бо пасванди -ак сохтаи **сузанак** номи ҳашарот; **шакарак** ба маънии ширинча, ҳашароти зараровари дарахтони мевадору бемева ва зироати полезӣ барои ҳамаи тоҷикон маълум аст. Аммо калимаи **чербъка** дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ ва шимолии Кӯлоб истифода мешавад, ки барои ифодаи ду ҳашараи ба ҳам монанд истифода мешавад: 1.навъи ҳашароти заҳрноки сиёҳтоб, ки ба рӯшноии чароғ меояд; 2. навъе аз ҳашароти зараррасони пахта. Бояд зикр намуд, ки ин истилоҳ ҳоло минтақаи фарохтареро фаро мегирад ва дар лаҳҷаҳои вахиёи-қаротегинии муҳоҷири ноҳияҳои ҷануби Тоҷикистон ҳам роиҷ шудааст.

Инчунин, дар қолаби калимаҳои сохтаю мураккаб истилоҳоти зерин мавҷуданд, ки онҳо хоси лаҳҷаҳои шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ мебошанд, ки дар ташаккули онҳо пасванди -ак ва гунаҳои он нақши калимасозӣ дорад. Калимаҳои дар байни шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ муштарак чунинанд: **харак//харък** навъи ҳашарот: хунаҳой зак-ънда харък бъсйо мешава (Яр.); **маɛлесък//малесък** маглесак, шабушки майда; **чирчирак** чирчирак (ҳашарот): да дъри гандум чирчирак мул меша (Шу.).

Калимаҳои ба ин ё он лаҳҷа хос ҳам кам нестанд. Масалан, вожаи **кавшак** “обхокии риштамонанд” дар гурӯҳи лаҳҷаҳои ғарбии Кӯлоб; воҳидҳои луғавии **хорак** “навъи ҳашарот”, **говак** “қӯнғузи (гамбӯсаки) калони болдор”, **дъхтаргазак** “навъи ҳашарот” дар лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб; вожаҳои **бубук** “навъи ҳашароти бадбӯй”; **съфедгъндал** “ғундаи сафедчатоб” дар лаҳҷаҳои қаротегинӣ ва калимаи **кучкучак** ба маънои “ҳашароти майдае, ки ранги хокистарӣ дошта, ба канача монандӣ дорад ва одатан дар хоки хушк ва ё рег лона мегузорад” дар гурӯҳи лаҳҷаҳои ғарбии Кӯлоб, кӯлобии Ҳисор ва дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ мустаъмал аст.

XI. Номи анвои мор. Барои тақвияти таркиби луғавии шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ анвои хазандагон ва, махсусан, анвои мор маводи зиёди забонӣ додаанд. Дар сохтани ин гурӯҳи луғавӣ калимаи барои ҳамаи тоҷикон умумиистеъмолии **мор** фаъолу серистеъмол буда, қариб дар ҳамаи анвои мор чун ҷузъи асосӣ иштирок мекунад. Баъзе аз анвоъ чандин вариант дорад, ки дар минтақаҳои гуногун мустаъмаланд: **морсъндък** (Ҷк.) //**мористоник**// **мористонък**// **мористуник** (Шк., Ғк., Ҷк.)// **моруступак** (Қ.)// **моросуник//морусуник** (Вқ.) як навъ хазандаи мормонанд, ки нисбатан хурду кӯтоҳ мешавад: морусуник-ъш борикак-у майдъкак-ай (Лш.).

Анвои дигар аломат ва хусусиятҳои моронро ба таври зарурӣ ифода карда метавонанд. **курмор** кӯрмор; **офимор** (Қ.) мори афъӣ. “Агар қисме аз ин воҳидҳои луғавӣ аз ҷумлаи унсурхои умумихалқӣ бошанд (тирмор, курмор, офимор (афъимор ва ғ.), қисми дигар як навъ хоси шеваи ҷанубӣ ҳисоб меёбанд. Чуннончи: **барамор, зарчамор, тугмамор, сагмор** ва ғ. ҳамаи ин калимаҳо тақрибан дар як қолаб ба вуҷуд омада, танҳо ҷузъхои аввал (тобеъкунанда) аз нуқтаи назари лексикӣ-морфологӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд” (Ҷӯраев, 1980, 178). Дар баробари ин дар маводи дасти мо калимаҳои зерин мавҷуд аст, ки гувоҳи фикри болост ва қисме аз онҳо ҳудуди интишори васеъ, вале баъзе аз онҳо дар доираи як минтақа истифода мешаванд. Масалан, **калтамор** “мори заҳрдори калтаи ғафс” дар лаҳҷаҳои шимолӣ, лаҳҷаҳои ҷанубии Кӯлоб ва лаҳҷаи Дарвоз; **қамчинмор** (Вқ., Ванҷ) “навъи мор, ки ба тирмор шабеҳ аст” дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ ва лаҳҷаи Ванҷ истифода шавад, **каскалдърък** “хазандаест аз ҷинси мор” фақат дар минтақаи Лахш (Вқ.) роиҷ аст: каскалдърък сохти мор вори, гов алаф қати аралаш бъхъра, мемъра. Барои ифодаи анвои морон ибора-истилоҳот низ хизмат кардаанд. Навъи **офимор** муродифи ҳамном дар шакли ибора **мори офи?** (Вқ.) дошта бошад, анвои дигаре вомехуранд, ки фақат бо варианти ибора-истилоҳ дида мешаванд. Дар байни инҳо истилоҳоти **мори “**мори ало” ва **мори печун** “мори печон, мори заҳрдори рах-рах” барои шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ муштараканд, вале **мори бур** (Шк., Дарв.) “мори хокистарранг; мори афъӣ” дар лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб ва Дарвоз ба қайд гирифта шудааст. Дар байни мардум боваре (шугун) мавҷуд аст, ки мутобиқи он номи баъзе аз махлуқот (мор, ғунда, каждум, ғул ва алмастиву бало) гирифта намешавад ва ба ҷойи он калимаи **гумном** истифода мешавад. Ин аст, ки ин вожа барои баёни маънии мор низ дар ҳудуди шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ мустаъмал аст.

Хазандаҳои дигаре ҳам дида мешаванд, ки аз ҷинси калтакалос мебошанд ва аксаран, ба истиснои хусусиёти савтӣ умумиистеъмолианд: **баҳтур**[4] “боҳтур”; **калтакелас//калтакеласк** (Шк., Ҷк., Дарв.) калтакалос**; ешкамар** (Қ.)// **очкамар** (Лахш)// **ошкамар** (Шк.,Ҷк.) эчкиэмар, бузмак, калтакалоси бузургҷусса, ки ба сусмор шабоҳат дорад; **кескелдърък** (Ск., Қк.) навъ хазанда аз ҷинси калтакалос. Аммо воҳиди луғавии **лумай// лъмай** (Шк.,Қ.) “хазандаест аз ҷинси калтакалос, ки синаи гов ва бузу гӯсфандонро мемакад” дар лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб ва Қаротегин; калимаи **моркелас** ба маънои “навъи хазанда аз ҷинси калтакалос” дар лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб мустаъмал аст.

XII. Номи анвои анвои қурбоқа. Анвои қурбоқа чандон хиёд нест. Дар шеваҳо бо калимаи умумиистеъмолии **қурвақа // қурбақа // қървақа** баён мегардад. Ду навъ дорад: обӣ ва хокӣ. Барои ифодаи ин намудҳо аз калимаҳои сода, сохта ва ибора-истилоҳот истифода мешавад. Қариб ҳамаи калимаҳои ин гурӯҳ барои тоҷикон маълуму фаҳмоанд: **ғук**; **ғукак** (Вқ.) кафлесак, ғукча; **кавлезак** “бачаи қурбоққа”. Шакли **беғбуқак** дар минтақаи Ховалинг вомехӯрад, ки ба маънии “қурбоққа” мустаъмал аст ва аз луғати фарққунандаи ин гурӯҳ ба шумор менравад. Бо ибораҳо ҳам чанд намуди обию хокӣ баён мешавад: **қурбақай ови?** (Шк.) қурбоққаи обӣ; **қурбақайи лалми?** (Ғк.) қурбоққаи хокӣ, ғук; **ғуки дашти?** (Вқ., Ванҷ) ғуки саҳроӣ; **ғуки йалми?** (Шк.) ғуки хокӣ; **ғуки ови?** (Вқ.) ғуки обӣ.

XIII. Номи анвои анвои муш. Дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ анвои муш зиёд нест. Бо калимаи умумихалқии **муш//мъш** ифода меёбад: ғалай сари дашт-а то буҳор-а мушо хърдан (Ҳиҷ.). Дар қолаби калимаи сохта танҳо вожаи **съночък** дар минтақаи Обигарм (Қ.), ки ифодагари як навъи муш мебошад, дида шуд. Анвои дигар бо калимаҳои мураккби тобеъ ва ибораҳо баён мешаванд. Аз ин қабил вожаи **чиртакмуш** дар лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб “муши майда” ва **муши асйоби?// асийоби**?// **асйови?** “калламуш” дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ ва Ванҷ хусусияти шевагӣ дошта бошанд, боқӣ ба забони адабӣ ба дигар шеваҳо низ рабт доранд: **миримушон //**

[4] Барои бо хусусиятҳои ин хазанда ва ҳудуди интишори он шинос шудан ниг.: (Ҷӯраев, 1980, 178).

миримъшон “миримушон”; **каламуш** “калламуш”; **курмуш** // **кърмуш** “кӯрмуш; муши майда”.

XIV. Номи анвои анвои моҳӣ. Дар ҳаёти мардумон нақши муҳим дорад. Номи умумии ин анвоъ аз забони адабӣ маншаъ мегирад ва дар шакли **майи?** роиҷ мебошад. Навъҳои “моҳӣ” мутобиқи маводи мо чандон зиёд нест ва аз забони адабӣ ва дигар шеваҳоямон чандон фарқ намекунад. Истилоҳоте, ки истифода мешавад, асосан, калимаҳои мураккаби тобеъ мебошанд. Онҳо мутобиқи ранги бадан ва хусусияту аломати дигар аъзо номгузорӣ шудаанд. Дар байни калимаҳои ин гурӯҳ вожаҳои умумиистеъмолӣ аксариятро ташкил медиҳанд: **ширмайи?**; **заґорамайи?** // **зъґорамайи?**; **лақамайи?; гълмайи?** // **гълмойи?** // **гълмоҳи?, гълмаҳи**? // **гълмови?**; **сагмойи?** // **сагмайи**? // **сагмаҳи?**: сагмаҳи? да сангов йа арасот-ай (Ог.); сагмайи? сийа-сийаи ҳабата-ай (Ҳч.); хънък ҷонда гълмойи мул меша (Пд.); ов-ъш хънък-ай, гълмоҳи? дора (Вд.). гълмаҳи? лаҳмов-ънда места, ширмаҳи? тезов-ънда (Хум.); Камаров тираморанг рави? гълмаҳи? -ш йа арасот-ай (Шу.).

Бо вуҷуди ин баъзе аз анвоъ дар минтақаҳо номҳои маҳаллӣ низ доранд. Масалан, дар Кабудиён барои ифодаи “заґораммоҳи**?»** калимаи **зармайи?**, дар ноҳияи Кангурт ҷиҳати ифодаи “лаққамоҳӣ” **каракмойи?** истифода мешавад. Дар гурӯҳи шимолии Кӯлоб дар манотиқӣ Ховалинг, Ёхсу ва Даштиҷум баробари вожаи **сагмойи?** вожаи **сангмойи?** чун муродиф истифода мешавад. Ғайр аз ин, дар гурӯҳи кӯлобии Ҳисор анвои **руґанмайи?** ва **рафидамайи?** ба қайд гирифта шудааст, ки дар дигар гурӯҳи лаҳҷаҳо дида нашуд. Дар гурӯҳи вахиёи-қаротегинӣ барои ифодаи вожаи умумиистеъмолии “моҳича” морфемаи луґавии **шълик** мустаъмал мебошад.

Ба ҳамин тариқ, аз як тараф ин гурӯҳи истилоҳот дар ҳаёти мардумон нақши муҳим бозанд, аз тарафи дигар барои такмили таркиби луґавии шеваҳо мусоидат мекунанд, ки роҳу воситаҳои гуногуни калимасозӣ доранд.

Ихтисораҳо:

ФТР - Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ
ФЗТ- Фарҳанги забони тоҷикӣ
ҒЛ - Ғиёс-ул-луґот
ШҶЗТ - Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ

Ихтисораҳо марбут ба маҳали зисти гӯйишварон:

Вқ. - гурӯҳи вахиёӣ-қаротегинӣ
Ғк. - гурӯҳи ґарбии Кӯлоб
Дарв. - гурӯҳи дарвозӣ
До.- Дехи Охун (Қ.)
Ёз. - Ёзґанд (Вқ.)
Ёх.- Ёхсӯ (Шк.)
Кан. - Кангурт (Ғк.)
Каҳ.- Каҳдара (Қ.)
Кд. - Кӯлдара (Шк.)
Кк. - Кӯли калон (Вқ.)
Кб. - Кулумбаи Боло (Вқ.)
Кҳ. - гурӯҳи кӯлобии ҳисорӣ
Қ. - гурӯҳи қаротегинӣ
Кпн. - Кишти поён (Шк.)
Қӯш. - Қӯшаґба (Вқ.)
Лан. - Лангар (Вқ.)
Мх. - Муҷихарф (Қ.)
Мт. - Майдонтерак (Вқ.)
Мс. - Марґзори Сир (Қ.)
Нд. - Навдонак (Қ.)
Нӯш. - Нӯшор (Вқ.)
Оқ. - Оқсой (Вқ.)

Оқб. - Оқбулоқ (Ғк.)
Пд. - Пилдон (Вқ.)
Пор. - Порвор (Ҷк.)
Сам. - Самсолиқ (Қ.)
Сд. - Сангдара (Шк.)
Сғ. - Сари ғор (Ҷк.)
Уч. - Учкӯл (Ҷк.)
Хов. - Ховалинг (Шк.)
Ҳак. - Ҳакимӣ (Қ.)
Хм. - Хилмонӣ (Қ.)
Ҳиҷ. - Ҳиҷборак (Вқ.)
Ҷк. - гурӯҳи ҷанубии Кӯлоб
Чс. - Чорсада (Қ.)
Шк. - гурӯҳи шимолии Кӯлоб
Шлп. - Шулупту (Ғк.)
Шх. - Шехмизон (Шк.)

Адабиёт:

1. Маҳмудов М., Бердиев Б. Луғати мухтараси лаҳҷаҳои Бухоро.-Душанбе: Дониш,1989. -278 с.
2. Муҳаммад Ғиёсуддин. «Ғиус-ул-луғот». -Душанбе: Адаб, Ҷ.1.1987, 480с. Ҷ.2. 1988. 416 с. Ҷ.3.304с.
3. Расторгуева В.С. Очерки по таджикской диалектологии. -М.,1952-1961.Вып.I.1952; Вып.2.1952; Вып.3.1956; Вып.4.1961. Вып.5. -М.,1963
4. Розенфельд А.З. Бадахшанские говоры таджикского языка.-Л.,1971.-192 с.
5. Сироҷуддин Алихони Орзу. Чароғи Ҳидоят. Душанбе. Ирфон,1992. 288с.
6. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидори асри XX): -М.: Сов. энциклопедия,1969. Ҷ. 1. 951 с. Ҷ. 2. 1904 с.
7. Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ. (Зери таҳрири Д.Саймиддинов, С.Д.Холматова). -Душанбе, 2006. - 813с.
8. Ҷӯраев Ғ. Лексика // Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. ҷ.1.-Душанбе: Дониш, 1980, с.87-328.
9. انوری حسن. **فرهنگ** روز سخن. تهران- 1383. 1386 ص.

ЛЕКСИЧЕСКИЕ ЕДИНИЦЫ, ОБОЗНАЧАЮШИЕ ВИДЫ НАСЕКОМЫХ И ПОЛЗУНОВ В ЮЖНЫХ И ЮГО-ВОСТОЧНЫХ ГОВОРАХ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА

Хоркашев С.

В данной статье автор анализирует терминологию, обозначающую названия видов насекомых и ползунов, подразделяя их на группы с названиями этих же животных. Анализируя диалектные варианты лексических единиц этих групп, автор определяет образование этих слоёв лексики по сравнению с их эквивалентами в таджикском литературном языке.

Ключевые слова: говор, группа, анализ, словообразование, простой, производный, сложный, вид, червяк, муравей, кузнечик, муха, пчела, клеш, жук, пиявка, бабочка, насекомые, змея, лягушка, рыба, мышь.

LEXICAL UNITS DENOTING TYPES OF INSECTS AND THE NAMES OF ANIMALS IN THE SOUTHERN AND SOUTHERN AND EASTERN DIALECTS OF THE TAJIK LANGUAGE

Khorkashev S.

The author analyses terms denoting the names of insects, sliders and classifies them into groups with the names of the same animals in the article. Having analyzed dialectical and lexical unites of these groups, the author defines formation of these layers of lexis comparing with Tajik literary language.

Key words: dialect, group, analyze, word formation, simple, derivative, compound, type, worm, ants, grasshopper, fly, bee, bug, leech, butterfly, insect, snake, fog, fish, mouse.

Сведения об авторе: Хоркашев Сахидод - кандидат филологических наук, заведующей кафедрой таджикского языка Таджиского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни,тел.:(992)919-00-21-78;

Information of the author*:* Khorkashev Sakhidod- Ph. D. in philology, docent. Head of Tajik Language Chair, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. tel: (992)919-00-21-78.

АНДЕШАҲОИ СОТИМ УЛУҒЗОДА РОҶЕЪ БА НАСРИ ТАЪРИХӢ

Саидов Завқибек

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Эҳёи таърихи гузашта ва сарнавишти шахсони таърихӣ дар адабиёти муосири тоҷик аз эҷодиёти Садриддин Айнӣ оғоз ёфта, минбаъд чун ҷараёни нави адабӣ дар осори нависандаи номдор Сотим Улуғзода инкишоф ёфт. С.Улуғзода дар рушд ва таҳаввули насри таърихӣ бо офаридани роман, повест ва драмаҳои дарбаргирандаи мавзӯи таърих, саҳми арзанда гузоштааст. Дар хусуси ба насри таърихӣ рӯ овардани Сотим Улуғзода адабиётшиносон андешаҳои ҷолиб баён кардаанд. Аз ҷумла, адабиётшинос Х.Асозода дар ин маврид чунин навиштааст: «С.Улуғзода дурнамои адабиётро дар инъикоси воқеияти таърихӣ дидааст, зеро дар таърихи халқҳои иронинажод давраҳое буданд, ки баёнгари рӯҳи мардум ва ҳастии онҳост» (1, 267). Рисолаҳои илмию бадеии «Аҳмади Дониш» (1946), «Пири ҳакимони Машриқзамин» (1980), драмаҳои «Рӯдакӣ» (1958), «Алломаи Адҳам ва дигарон» (1971), «Темурмалик» (1968), кинповестҳои «Қисмати шоир» (1957), «Ибни Сино» (1956, бо ҳамқаламии В.Виткович ва коргардон Комил Ёрматов), повести «Ривояти суғдӣ» (1975), романҳои «Восеъ» (1967) ва «Фирдавсӣ» (1986) – и С.Улуғзода давраҳои мухталифи таърихи дуру дарози халқи тоҷикро фаро мегиранд. Умуман, инъикоси таърих ва тамаддуни миллати тоҷик дар тамоми эҷодиёти С.Улуғзода ба назар мерасад. Ба қавли таърихшинос Маъруф Исоматов «дар ҳама осори нависанда, ҳам дар роману повесту ҳикояҳо, ҳам дар намоишномаву филмномаҳо ва ҳам дар нақди адабӣ мо тасвири таъриху тамаддуни бегазанди хеш ва қиёмҳои озодидӯстиву истиқлолхоҳии миллати тоҷикро мебинем» (2, 10).

Сотим Улуғзода мулоҳизаҳояшро оид ба насри таърихӣ тавассути мақолаҳои илмӣ, ки доир ба масъалаҳои назариявӣ ва амалии адабиёт ва санъат баҳс мекунад, баён кардааст. Воқеаҳои таърих ба воситаи навиштаҳои муаррихон дақиқ ва маълум мешавад. Мақсади нависанда аз нигоштани асари таърихӣ ҳадафи дигар аст. Назари С. Улуғзода ба ин масъала чунин аст: «Мурод аз равшан кардани воқеоти маълум ва ҳатто дурахшон аст (сабаби таърихнигорӣ, - С.З.), ки тавассути асарҳояш ҳақиқати таърихи миллат ба хонандаи имрӯз бо ранги бадеӣ ҷилва кунад» (5, 10). Аз ин андеша бармеояд, ки мурод аз эҷоди асари адабии таърихӣ «равшан кардани воқеоти маълум» ва «ба ранги бадеӣ ҷилва» додани он будааст. Ин андешаи нависанда ду масъаларо фаро

мегирад. Яке таъсири амиқи воқеоти таърихӣ ба хонанда, ки дар ин маврид худи нависанда мегӯяд: «Далоили таърих (дар асари бадеӣ, - С.З.) дар либоси бадеият пеши чашми хонанда ҷилвагар мегардад ва хонанда баҳраи дугона мебарад: дарёфти далоили таърих, ҷараёни воқеаҳо ва лаззат аз каломи бадеъ» (4). Доир ба ин масъала адабиётшинос Худоӣ Шарифов низ қайд намудааст, ки «ҳадафи асосии таҳқиқи бадеии нависанда, барқарор кардани воқеияти таърихии ин ё он замон нест» (7, 143). Ҳодисаҳои ҳамарӯзаи ҷамъият, воқеаҳои гузашта, ки дар таърихномаҳо навишта шудаанд, ҳақиқати ҳаёт буда, дар қолаби асари бадеӣ офаридани онҳо ба хонанда таъсири амиқ мегузоранд.

Масъалаи дигар, фарқи ҳунари тахрихнигорӣ аз нависандагӣ мебошад, ки ин падида низ аз мадди назари С.Улуғзода дур намондааст. Ба андешаи ӯ: «… муаррих воқеаҳои таърихро чун санад пешкаши хонанда сохта муҳити иҷтимоиро аз назари таърих ташреҳ мекунад» (4). Дар ҳақиқат, кори муаррих бо дақиқ овардани санад ва шарҳ додани воқеаҳо ва муҳити иҷтимоии давр анҷом ёфта, аз бофтаҳои хаёлӣ канора меҷӯяд. «Нависанда бошад, - менависад С.Улуғзода, - қаҳрамони таърихро ба сӯҳбати хонанда даъват медорад, онро ҳамнишини хонанда қарор медиҳад» (4). Дар воқеъ, нависанда маҳз ба воситаи саргузашти чеҳраҳои намоёни гузаштаи халқ ҳақиқати давраи муайянеро дар асараш намудор мекунад. Адабиётшинос М.Шукуров мегӯяд: «Дар ин асарҳо (асарҳои таърихӣ, - С.З.) шахсияти барҷаста ва тақдири вай, мантиқи инкишофи характери ӯ, хусусиятҳои хоси ташаккулу таҳаввули ҷаҳонбинӣ ва идеалҳои вай, чигунагии ҷамъият ва протсесҳои таърихии онро муайян мекунад» (8, 146). Дар ҳақиқат, барои дақиқу амиқ кашф кардани сарнавишти таърихии халқи худ, нависандагон ба гузаштаи мардум тавассути олами рӯҳӣ ва ҳастии маънавии шахсони бузурги таърихӣ нигаристаанд. Андешаи С.Улуғзода роҷеъ ба ин масъала чунин аст: «Қаҳрамони таърих он хислату хусусиятҳоеро дорост, ки ниёгони ӯ доштанд. Аз рӯи сарсахтии онҳо аҷдоди онҳо мавриди тафсир қарор мегирад» (4). Пас, нависандаи асари таърихӣ дар истифодаи санадҳои таърихӣ эҳтиёткор бояд бошад ва ба ҳар як ҷузъиёти пешомадҳои таърих ва хислати шахсони намоёни таърих дақиқ ва амиқ назар андозад. Зеро ба назари С.Улуғзода: «Характер ва хусусияти қаҳрамонони таърих барои шаҷараи ӯ меъёр мегардад, он мавриди тафсиру ташреҳи ояндаҳо қарор мегирад» (4). С.Улуғзода бештар дар кушодани сатҳи тафаккур ва эҳсосоти инсони давраи муайяни таърих, ки маводи офаридаҳои ӯро таъмин намудааст, кӯшидааст. Ин яке аз омилҳои муҳимми тадқиқи бадеии таърих мебошад.

С.Улуғзода вазифаи нависандаи таърихнигорро чунин муайян кардааст: «Нависандаи осори таърихиро зарур аст, ки маънои ниҳонии воқеаҳои таърихро сарфаҳм равад, дарк кунад ва кушояд» (6). Ба назари ӯ то «кушодани маънои ниҳонии воқеаҳои таърих» бояд нависандаи таърихнигор ду марҳилаи дигар – «сарфаҳм рафтан» ва «дарк кардан»-и ҳодисаҳои гузаштаро тай кунад. Маълум мешавад, ки кори эҷодкор бо ҷамъ овардани мавод ва мутолиаи он анҷом намепазирад, балки бояд ба дарки амиқи пешомадҳо ва санадҳо бикӯшад, то асараш то ҳадди имкон ба таърих мувофиқат дошта бошад.

С.Улуғзода дар мавриди нақши тахайюли бадеӣ дар асарҳояш чунин нигоштааст: «Бофтаҳои хаёлӣ дар асарҳои ман зиёд нестанд. Мумкин, ки ин камбудии ман бошад, зеро бе тахайюли бадеӣ ҳақиқати адабиётро наметавон дарёфт. Аммо ман дар истифодаи тахайюлот эҳтиёткор ҳастам» (6). Ин ҷиҳати эҷодии нависанда аз назари мунаққидон дур намондааст. Ба қавли академик М.Шукуров: «Эҷодиёти С.Улуғзода дар насри тоҷик барои ташаккул ва тараққии ҷараёни услубии реализми сирф … роли асосӣ бозидааст» (8, 149). Ба ин мазмун адабиётшинос Муллоев А. қайд намудааст, ки «дар асарҳои Сотим Улуғзода бозофаринии бадеии таърих дар асоси ҳамоҳангии факту ҳуҷҷати таърихӣ, адабӣ ва илмӣ сурат гирифта, моҳият, арзиш ва маърифати таърих бо назардошти алоқамандии ҷанбаҳои иҷтимоиву маънавӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст» (3, 110). Дар андешаи дар боло зикршуда С.Улуғзода аввалан аз истифодаи бофтаҳои хаёлии зиёд дар осори таърихии худ дурӣ ҷустанашро аз камбудии эҷодии худ

донистааст. Дар он иқтибос, инчунин дар истифодаи хаёлоти эҷодӣ эҳтиёткор будани худро низ таъкид кардааст, ки ба ақидаи аввалӣ тазод мебошад. Аммо дар таъбири «мумкин, ки ин камбудии ман бошад», калимаи «мумкин» зиддияти байни ин ду ақидаро мешиканад ва шубҳаомез будани андешаи аввалии ӯро нишон медиҳад.

Табиист, ки маҳаки насри адабии таърихӣ тахайюли бадеӣ мебошад. Асноди таърих барои парвози хаёлоти эҷодии нависанда заминае фароҳам меорад, ки ҳангоми ҷунбиш ҷавлонгоҳи васеътареро фаро гирад ҳам, аз заминаи воқеӣ канда намешавад. Аз ин рӯ, дарки моҳияти ҳақиқати таърих ба таври эҷодӣ аз вазифаҳои асосии кори нависандаи таърихнигор мебошад.

Хулоса, таъсири амиқи асари таърихӣ ба хонанда, ҳунари нависандаи таърихнигор ва нақши тахайюли бадеӣ дар насри адабии таърихӣ аз қабили масъалаҳои асосии афкори адабӣ–танқидии С.Улуғзода доир ба насри таърихӣ мебошад. Мулоҳизаҳои С.Улуғзода, ҳамчун нависандаи таърихнигор, оид ба паҳлӯҳои гуногуни насри адабии таърихӣ дар заминаи машаққати эҷоди осори таърихӣ ба вуҷуд омадааст. Дар эҷодиёти С.Улуғзода «сабаки таърих ва санади таърихӣ танҳо ба хотири ёди таърих набуда, балки бештар баҳри андӯхтани таҷрибаи таърихӣ, тафсири ҳақиқати сарнавишти шахсони бузурги таърихӣ, шахсияти ҳунарӣ, эҳёи ҳофизаи таърихӣ, худшиносӣ ва худафрӯзии ҳамзамонон нигаронида шудааст» (3, 126). С.Улуғзода ҳамчун мунаққиди бориқбин ва нуктасанҷ, таърихнигори маърифатпарвар аснод ва далоили таърихро хуб омӯхта, ҷузъиёти воқеоти гузашта ва симоҳои барҷастаи таърихиро воқеъбинона дар осораш инъикос намудааст. Аз ин ҷиҳат, муваффақияти ӯ дар офариниши осори таърихӣ бештар ба назар мерасад. С.Улуғзода вазифаи нависандаи таърихнигорро, пеш аз ҳама дар омӯзиши дақиқу амиқи асноди таърихӣ медонад, зеро бо ин роҳ моро ба бардошти маърифати таърих ва худогоҳии иҷтимоию фарҳангӣ сарафроз мегардонад.

Пайнавишт:

1. Асозода Х. Адабиёти тоҷик дар садаи ХХ. – Душанбе: Маориф, 1999, 450 с.
2. Исоматов М. Тоҷикон дар тасвири Сотим Улуғзода. – Душанбе: Ирфон, 2002, 156 с.
3. Муллоев А. Чеҳранигории ҳунарӣ дар насри таърихӣ. – Душанбе: Ирфон, 2003, 176 саҳ.
4. Улуғзода С. Гуҳар бе ҳунар нописанд асту хор (Сӯҳбати Н.Раҳмонов бо нависандаи мумтоз С.Улуғзода) Рӯзномаи Газетаи муаллимон, 1987, 29 сентябр.
5. Улуғзода С. Пай афкандам ба заҳмат кохе баланд… (Сӯҳбати рӯзноманигор Назокат Олимова бо нависандаи маъруф, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллои Рӯдакӣ С.Улуғзода) Маҷаллаи Занони Тоҷикистон, №5, с. 10-12.
6. Улуғзода С. Сухан аз рӯзгори Фирдавсӣ (Мусоҳибаи адабиётшинос Сафар Абдулло бо нависанда ва донишманди мумтоз С.Улуғзода) //Адабиёт ва санъат, 19 феврал, с. 1987.
7. Шарифов Х. Сарахбори зиндагӣ. Маҷаллаи Садои Шарқ, 1979, №1.
8. Шукуров М. Достони дили озодипарвари халқ. Маҷаллаи Садои Шарқ, 1976, №11.

ВЗГЛЯДЫ СОТИМА УЛУГЗАДЕ НА ИСТОРИЧЕСКУЮ ПРОЗУ

Саидов Завкибек

В статье автором рассматривается роль С.Улугзаде в преобразовании таджикской исторической прозы. Также приведены взгляды литературоведа в анализе таких таджикских исследователей как М.Шукуров, Х.Асозода, М.Исоматов и М.Раджаби. Особенно отмечается его произведения, которые имеют большое научно-теоретическое значение в таджикской литературе.

Ключевые слова: историческая проза, историческая реальность, литературоведение, отражение реальности, художественное исследование, структура художественная

литература, способность летописничества, вникание, осознание, литературная фантазия.

THOUGHTS OF SOTIM ULUGHZODA REGARDING THE HISTROIC PROSE

Saidov Zavqibek

In the article of "A view of Sotim Ulugzade to the historic prose", the author reviews the role of S. Ulugzade in transformation of Tajik history prose. There are also views of philologists through analysis of Tajik researchers, like M. Shukurov, Kh. Asozoda, M. Isomatov and M. Radzhabi. Is it particularly noted his works which have great scientific and theoretic importance.

Key words: history prose, history reality, philologist, reflection to realities, artistic study, structure of the artistic literature, ability, realization, literary fantasy.

Сведения об авторе: Саидов Завкибек Махсудович - старший преподаватель кафедры таджикской литературы Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел: (+992) 918-87-87-62, zavgibek80@mail.ru

Information about the author: Saidov Zavkibek Mahsudovic - senior teacher of chair of the Tajik Literature, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, tel.: (+992) 918-87-87-62, zavgibek80@mail.ru

МУҚОИСАИ ИБОРАҲОИ РЕХТАИ РОМАНИ «ДУХТАРИ ОТАШ» - И ҶАЛОЛ ИКРОМӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ ВА ФАРОНСАВӢ

Бойматова Д.М.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Ибораҳои рехта дар илми забонишиносии забони тоҷикӣ қисми аз ҳама мӯъҷаз, рехтаву устувор ва пуробуранги воҳидҳои забониро ташкил медиҳанд. Ибора ва ифодаҳои таркибан рехтаву устувор бо номҳои воҳидҳои фразеологӣ, фразеологизмҳо, таъбироти фразеологӣ ва амсоли инҳо машҳуранд. Аз байни ин истилоҳот термини воҳидҳои фразеологӣ нисбатан бештар ба кор бурда мешаванд. Фразеология – аз калимаи юнонӣ (phrasis-ибора) ва (logos- таълимот) гирифта шуда, як қисми забоншиносист, ки маҷмӯи таркиб, ибора, ҷумлаҳои рехтаву устувор, қонуниятхои инкишоф, категорияҳои лингвистии он ва маҷмӯи воҳидҳои фразеологии ин ё он забонро меомӯзад. Воҳидҳои фразеологӣ ё ки фразеологизмҳо аз унсурҳои муҳимми забон ба шумор мераванд. Онҳо ҳамчун масолеҳи дар тӯли қарнҳо рехтаву устуворгардидаи забон дар шакли қолабҳои тайёр ва бо маъниҳои пешакӣ маълум истифода бурда мешаванд. Ҳар як забон фразеологияи худро дорад.

Шоиру нависандагон барои нишонрас, дилчасп ва таъсирбахш гардидани сухани худ аз воҳидҳои фразеологӣ истифода мебаранд. Масалан, ибораҳои «гули сари сабад», «гурги борондида», «димоғи касеро сӯхтан», «аз касе дил шустан», «нони касеро нимта кардан», «сояи касеро аз девор тарошидан», «аз касе дил кандан», «ба чашми худ нигоҳ карда роҳ рафтан» ва ба монанди инҳо.

Дар китоби «Забони адабии ҳозираи тоҷик» чунин қайд карда шудааст: «Дар сурати ибораҳои рехтаи фразеологии забони тоҷикӣ дараҷаи олии абстраксияи фразеологиро мушоҳида кардан мумкин аст. Онҳо ниҳоят пуробуранг ва таъсирбахш буда, ба дигар забонҳо тарҷима намешаванд» (2, 65).

Дар ҳақиқат тарҷума кардани ибораҳои рехта хеле мушкил аст. Ҳангоми тарҷума кардани ибораҳои рехта аз тарҷумон маҳорати басо баланд талаб карда мешавад. Пеш аз тарҷума кардани ибораҳои рехта тарҷумон бояд ба моҳияти ибора сарфаҳм равад.

Қобили қайд аст, ки аз қадим таваҷҷӯҳи хонандагони ҳориҷӣ хусусан Аврупо ба адабиёти тоҷик беандоза бузург буд. Зеро ҳам адабиёти классикӣ ва ҳам адабиёти муосири тоҷик бо ганҷинаҳои нотакрори худ дунёро ба худ ҷалб кардааст. Аз ин рӯ адабиёти тоҷикро мехонанд ва меомӯзанд. Аз ҷумла ба эҷодиёти нависандаи муосири точик Ҷ. Икромӣ низ хонандагони Аврупо аҳамияти ҷиддӣ дода, чанд асари ин адиби номдор ба забонҳои ҳориҷӣ тарҷума шудааст. Романи машҳури Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ» аз ҷониби В.Смирнов, Л.Бат, М.Явич ба забони русӣ ва аз ҷониби Антуонет Маззи ба забони фаронсавӣ тарҷума шуда, дастраси хонандагони ҳориҷӣ гардидааст.

Бинобар ин мо тасмим гирифтем, ки муқоисаи ибораҳои фразеологиро дар асоси романи «Духтари оташ»-и Ҷ. Икромӣ, ки ба забонҳои русӣ ва фаронсавӣ тарҷума шудааст, баррасӣ намоем.

Романи «Духтари оташ» аз ибораҳои рехта хеле бой аст. Аз ин рӯ кӯшиш ба ҳарҷ медиҳем, ки аз асари мазкур ибораҳоро иқтибос оварда, онҳоро ба тарҷумаҳои русию фаронсавӣ қиёс намоем то маълум гардад, ки мутарҷимон дар кадом сатҳ ибораҳои рехтаи ин асарро тарҷума кардаанд. Мисол:

«Кайвонии гузар даст ба дасташ намерасид, ба хизматгорҳо фармонҳо дода, аз болои дастурхон роҳ гашта, бо баъзеҳо шӯхию мутоибаҳо карда, ба баъзеҳо пичинг партофта, кор карда мегашт». (3,30)

Дар ин порча нависанда ибораи фразеологии «даст ба дасташ намерасид»-ро истифода бурдааст, ки маънои бисёр банд буданро дорад. Ин порча ба забонҳои русӣ ва фаронсавӣ чунин тарҷума шудааст:

«Распорядительница свадьбами принимала подносы у служанок, обносила всех, обменивалась шутками с гостями» (5, 21).

«La maitresse de cérémonie prenait les plateaux, qu'apportaient les sermantes, elle les praisantait à chaqun tout en plaisantant» (1, 37).

Дар тарҷумаи русӣ ва фаронсавӣ ибораи фразеологии забони тоҷикӣ «даст ба дасташ намерасид» умуман тарҷума нашудааст. Дар ҳар ду тарҷума танҳо бо чӣ кор машғул будани кайвонии гузар гуфта шудааст. Чӣ тавре, ки мебинем, маънои ҷумлаи тоҷикӣ ба забонҳои фаронсавӣ ва русӣ вобаста ба маъно тарҷума шудааст, вале ибораи рехтаи «даст ба дасташ намерасид» тарҷума нашудааст. Гап дар сари он меравад, ки дар ҷумлаи тоҷикӣ ин ибораро мо нахонем фасеҳиву бадеияти ҷумла хеле поён меравад. Пас, бо сарфи назар кардани ин ибора метавон гуфт, ки моҳияти асар ҳангоми тарҷума каме коста гардидааст.

Дар дигар ҳолат, ибораи рехтаи фразеологӣ тарҷумаи таҳтуллафзӣ шудааст. Аз ҷумла:

«Кампири пурдида ягон бор ҳавас карда, ба назди тирезаи хонаи калон ҳам нарафт, меҳнат мекарду араҚи ҷабин мерехт» (3, 32-33).

Дар ин ҷумла ибораҳои фразеологии "кампири пурдида" ва «арақи ҷабин рехтан»-ро дидан мумкин аст, ки бисёр пуробурангу устувор мебошанд ва маънои дуюмӣ меҳнати ҳалол ва сахт карданро дорад. Ин ҳар ду ибораи фразеологӣ ба яке аз қаҳрамони романи «Духтари оташ»-и Ҷ. Икромӣ, яъне ба Дилором кампир тааллуқ доранд. Устувории ин ибораҳои фразеологӣ дар он аст, ки аз хондани ин ибораҳои фразеологӣ мо метавонем ҳолати Дилором кампирро тасаввур кунем. Бояд гуфт, ки ибораҳои фразеологӣ метавонанд ҳарактери шахс ва дар кадом ҳолат қарор гирифтани онро ифода кунад. Дар тарҷумаҳои фаронсавӣ ва русӣ чунин омадааст:

«La vielle femme qui avait vu beaucoup de chose au cous de sa longue vie, ne s'approcha même pas de la fenêtre pour regarder ce qui se passait. Son visage était couvert de sueur» (1, 40).

«Старуха, много повидавшая на своем веку, даже не подошла к окну посмотреть на той. Пот градом лил с ее лица» (5,23).

Ибораи фразеологии «кампири пурдида» ба шахсе тааллуқ дорад, ки дар зиндагӣ бисёр мушкилиро аз сар гузарондааст, пасту баландии зиндагиро дидааст ва аз ин пасту баландиҳои зиндагӣ таҷрибаи зиёд ба даст овардааст. Дар ҳақиқат Дилором кампир як шахси доно, маслиҳатчӣ ва дорои таҷрибаи зиндагии душвор буд. Вай ба пирии худ

нигоҳ накарда меҳнат мекарду арақи ҷабин мерехт. Ибораи фразеологии мазкур, яъне «кампири пурдида» ба забони фаронсавӣ чунин тарҷума шудааст: «La vielle femme qui avait vu beaucoup de chose au cours de sa longue vie», яъне «зани пир дар зиндагии дарози худ бисёр чизҳоро дида буд». Ин тарҷумаи фаронсавӣ метавонад ибораи фразеологии забони тоҷикӣ «кампири пурдида»-ро ифода кунад. Ба тарҷумаи русии ин ибора назар кунем, чунин омадааст: «Старуха, много повидавшая на своем веку», яъне « кампир, дар умри худ бисёр чизҳоро дидааст». Аз муқоисаи тарҷумаи ин ибораи фразеологӣ бар меояд, ки ҳар ду тарҷума метавонанд ибораи фразеологии забони тоҷикиро ифода кунанд, вале дар ин тарҷумаи фаронсавӣ ва русӣ ибораи фразеологӣ ҳамчун ҷумлаи синтаксисӣ тарҷума шудааст. Аз бас, ки роман аз забони русӣ ба забони фаронсавӣ тарҷума шудааст, тарҷумаи фаронсавӣ ва русии ибораи «кампири пурдида» монандӣ доранд, вале аз асл то андозае фарқ мекунанд.

Ибораи фразеологии тоҷикии «арақи ҷабин рехтан» маънои меҳнати ҳалол ва сахт карданро дорад. Дар ибораи рехтаи мазкур калимаи «ҷабин» мавҷуд буда, ба ин калима дар фарҳанги « Ғиёс-ул-луғот» чунин таъриф дода шудааст: «Ҷабин – пешонӣ; лафзи арабист ва ба каср (ҷибин) хатост (аз «Мадор» ва «Кашф» ва «Мунтахаб») (7, 228), яъне «арақи пешонӣ рехтан». Ибораи фразеологии «арақи ҷабин рехтан» ба забони франсавӣ қариб тарҷумаи таҳтуллафзӣ шудааст, яъне «son visage était couvert de sueur» «рӯи вай бо арақ пӯшида буд». Дар тарҷумаи фаронсавӣ ба ҷои калимаи «ҷабин – пешонӣ» калимаи «рӯй» истифода бурда шудааст. Дар тарҷумаи русии ибораи дар боло овардашуда чунин омадааст: «Пот градом лил с ее лица» «аз рӯи вай арақ мерехт». Тарҷумонони ҳам забони русӣ ва ҳам забони фаронсавӣ кӯшиш кардаанд, ки моҳияти ибораи фразеологии мазкурро ба хонанда расонанд, вале ибораи фразеологии «арақи ҷабин рехтан» ба забонҳои русӣ ва фаронсавӣ тарҷумаи тахтуллафзӣ шуда, моҳияти худро гум кардааст. Шояд дар ин ҷо мутарҷим ба моҳияти ибораи рехтаи забони тоҷикии «арақи ҷабин рехтан» нарасидааст.

Мисоли дигар:

«–Оимҳо дар хона? – пурсид Дилором».

«–Дар хона, - гуфт кайвонии калон, ки зани солхӯрда ва қадбаланд буд, – навакак ҳар ду палонҷ як ҷанги дастакундал карда гирифтанду баъд ҳар дуяшон ҳам ба хонаҳояшон рафтанд» (3,19).

«–Vos maitresses sont – elles chez elles?»

«–Oui, repondit la cuisinière, une grande femme assez âgée: elles sont disputées et se sont ensuite retirées chaqune chez – elles, fort et colère» (1,21).

«—Госпожи дома?»

«—Дома,—ответила стряпуха, высокая пожилая женщина,— недавно поругались, теперь разошлись по своим комнатам и злятся» (5,12).

Дар ин ҷо ибораи рехтаи “зани солхӯрда” ва “ҷанги дастакундал” истифода бурда шудааст. Ибораи рехтаи “зани солхӯрда” дар ин ҷумла нисбат ба кайвонии калон истифода бурда шудааст, ки маънои хеле пир буданро дорад. Ибораи мазкур ба забонҳои фаронсавӣ ва русӣ чунин тарҷума шудааст, «une grande femme assez âgée» ва «пожилая женщина». Бояд қайд кард, ки тарҷумаи русии ибораи фразеологии «зани солхӯрда» айнан, яъне «пожилая женщина» тарҷума шудааст. Тарҷумаи русӣ метавонад ибораи фразеологии «зани солхӯрда»-ро ифода кунад. Тарҷумаи фаронсавии ибораи фразеологии мазкур чунин омадааст: «une grande femme assez âgée», яъне «як зани хеле пир» дар ин ҷо калимаи фаронсавии «âgée» маънои пир, солхӯрдаро дорад ва калимаи «assez» ба забони тоҷикӣ хеле, анча, як қадар тарҷума мешавад. Тарҷумаи фаронсавии «une grande femme assez âgée» низ метавонад ибораи фразеологии «зани солхӯрдаро» ифода кунад.

Ибораи фразеологии “ҷанги дастакундал” зиддияти ҷиддӣ ва ҷанги сахти тарафайнро ифода мекунад. Дар порчаи дар боло овардашуда, кайвонии калон “ҷанги дастакундал” гуфта ҷанги сахти ду зани Ғаниҷонбойро мегӯяд. Агар ба тарҷумаи фаронсавии ин ибораи фразеологӣ диққат кунем, чунин тарҷума шудааст: «elles sont

disputées», яъне «онҳо ҷанг карданд». Чӣ тавре, ки мебинем дар тарҷумаи фаронсавии ибораи мазкур вобаста ба маъно ҳамчун ҷумлаи одии синтаксисӣ тарҷума шуда, тарҷумаи ибораи фразеологӣ дида намешавад. Қайд кардан лозим аст, ки тарҷумаи фаронсавӣ ва русии ибораи фразеологии “ҷанги дастакундал” як хел тарҷума шудааст, яъне «ҷанг кардан».

Ибораи дигар:

«–Не ҳошо меҳмони ман ба хонаи ман. – гуфта, ду пояшро ба як маҳсӣ ҷо карда гирифт» (3, 19).

«–Non, dit -elle, c’est mon invitée et doit venir chez moi. Elle s’entetait comme si deux pieds peuvent entrer dans le même botte» (1, 22).

«Нет, говорит, это моя гостья, она должна идти в мою комнату! Уперлись на своем, как будто две ноги в один сапог можно всунуть!» (5, 12).

Дар ҷумлаи мазкур ибораи фразеологии “ду пояшро ба як маҳсӣ ҷо кардан” истифода бурда шудааст. Ин ибораи фразеологӣ нисбат ба шахсоне, ки дар зиндагӣ бисёр якрав ҳастанд, мехоҳанд, ҳамавақт гапи онҳо дар ҳама ҷо гузарад ва намехоҳанд, ки фикри дигаронро ба назар гиранд, тааллуқ дорад. Гуфтан мумкин аст, дар тарҷумаи фаронсавӣ ва русии ин ибораи фразеологӣ тарҷумаи таҳтуллафзӣ шудааст. Дар тарҷумаи фаронсавӣ «comme si deux pieds peuvent entrer dans la même botte» ва дар тарҷумаи русӣ «как будто две ноги в один сапог можно всунуть!», яъне «гӯё ду пой дар як мӯза ҷо шуда метавонанд» омадааст. Тарҷумон кӯшиш кардааст, ки дар вақти тарҷума кардан ба мувафаққият ноил гардад ва ба ин мувафаққият ноил гардидааст гӯем ҳам хато намекунем. Агар ба ҳар ду тарҷумаи ибораи фразеологии “ду пояшро ба як маҳсӣ ҷо кардан” диққати ҷиддӣ диҳем, тарҷумаи фаронсавӣ ва русӣ шабоҳат доранд, яъне асар аз забони русӣ ба забони фаронсавӣ тарҷума шудааст.

Чӣ тавре, ки дар боло қайд карда гузаштем шоиру нависандагон барои нишонрас, дилчасп ва таъсирбахш гардидани сухани худ аз воҳидҳои фразеологӣ истифода мебаранд. Барои ба маврид истифода бурдани ибораҳои фразеологӣ маҳорати басо баланд лозим аст. Ин маҳорат дар эҷодиёти нависандаи муосири тоҷик Ҷ. Икромӣ дида мешавад. Аз ҷумла нависанда дар романи худ «Духтари оташ» ибораҳои фразеологиро дар мавриди худ истифода бурдааст. Ибораҳои фразеологӣ метавонанд характер ва симои шахсро муайян кунад. Ибораҳои фразеологии «кампири пурдида» барои Дилором каниз, «қимматбаҳо» ва «гавҳари шабчароғ» барои Фирӯза ва монанди инҳо.

Ба ибораи дигар таваҷҷӯҳ менамоем:

«–Машкоб - гурги борондида! – гуфта сухани миршабро тасдиқ кард оқсақол. – Агар забони ӯро кушода тавонед, ба ҳамаи муаммоҳоятон ҷавоб дода метавонед» (3, 179).

« – Oui c’est un sacré renard, ce porteur d’eau. Si vous arrivez à lui delier la langue, tout deviendra clair» (1, 218).

«—Да, водонос — опытный волк! Если сможете развязать ему язык, все загадки разгадаете» (5, 135).

Қайд кардан лозим аст, ки ибораҳои фразеологӣ ҳамавақт ба маънои маҷозӣ меоянд. Чунончи, ибораи рехтаи фразеологии «гурги борондида» низ ба маънои маҷозӣ омадааст. Ин ибора нисбат ба одамоне, ки дар зиндагии худ таҷрибаи зиёд доранд, яъне шахси ботаҷриба ва боақл ҳастанд, гуфта мешавад. Ба нисбати ибораи фразеологии «гурги борондида» дар фарҳанги «Ғиёс-ул-луғот» чунин таъриф оварда шудааст: «Ба маънии озмудакор ва гарму сарди рӯзгор дида (аз «Мусталаҳот»)» (7,192).

Ба тарҷумаи фаронсавии ин ибора назар афканем, чунин тарҷума шудааст «un sacré renard», яъне «рӯбоҳи маккор» омадааст. Вале дар тарҷумаи русии ин ибораи фразеологӣ вобаста ба маъно «опытный волк», яъне «гурги таҷрибадор» тарҷума шудааст. Дар тарҷумаҳои фаронсавӣ ва русии ибораи мазкур калимаи «борондида» ба мушоҳида намерасад. Дар ин порча ибораи фразелогии «гурги борондида» нисбат ба машкоб, яъне ба Аҳмад гуфта шудааст. Дар романи «Духтари оташ»-и Ҷ. Икромӣ машкоб Аҳмад яке аз қаҳрамони меҳнаткаши ҳамон давра ба шумор меравад. Вай ҳамсояи Дилором кампир ва Фирӯза буда, аз баски вай фарзанд надошт ба Фирӯза

мисли духтари худ нигоҳубин мекард. Дар порчаи дар боло додашуда машкоб Аҳмадро дар гум шудани Фирӯза айбдор карда ӯро ҳабс мекунанд.

Баъд аз мутолиаи романи «Духтари оташ» - и Ҷ. Икромӣ ва тарҷумаи он дар забонҳои русӣ ва фаронсавӣ ба хулосае омадем, ки дар ҳақиқат дар баъзе маврид ибораҳои фразеологии забони тоҷикӣ ба забонҳои русӣ ва фаронсавӣ тарҷума нашудаанд. Вале гуфтан лозим аст, ки дар аксари ҳолатҳо ибораҳои рехтаи фразеологии забони тоҷикӣ тарҷумаи таҳтуллафзӣ шудаанд ё ин ки дар баъзе маврид дар тарҷума ибораҳои фразеологии забони тоҷикӣ айнан тарҷума нашуда, балки вобаста ба маъно тарҷума шудаанд.

Тарҷумаи романи «Духтари оташ» ба забони фаронсавӣ аз забони русӣ тарҷума шудааст, яъне тарҷума аз тарҷума сурат гирифтааст. Бисёр адабиётшиносон дар он ақидаанд, ки тарҷума ҳусну қаробати асарро каме коста мегардонад. Агар тарҷумон асари мазкурро аз забони асл, яъне аз забони тоҷикӣ ба забони фаронсавӣ тарҷума мекард, шояд бисёр ибораҳои рехтаи забони тоҷикӣ мазмуни худро гум намекард.

Пайнавишт:

1. Ikromi Djalol. La fille du feu. Copyright by Les Editions du progrèss, U.R.S.S. 1966. 361 с.
2. Забони адабии ҳозираи тоҷик (Лексикология, фонетика ва морфология) Қисми 1. Душанбе: Ирфон, 1973. 451 с.
3. Икромӣ Ҷалол. Духтари оташ. Душанбе: Адиб, 2009. 558 с.
4. Икромӣ Ҷалол. Духтари оташ. Душанбе: Адиб, май 1961. 558 с.
5. Икрами Джалол. Дочь огня. Москва: Известия, 1965. 455с.
6. Муҳаммад Ғиёсуддин. Фарҳанги Ғиёс-ул-луғот. Ҷилди 1. Алиф шин, Душанбе, 1987. 480 с.
7. Муҳаммад Ғиёсуддин. Фарҳанги Ғиёс-ул-луғот, Ҷилди 2. Сод –Ё. Душанбе: Адиб, 1988. 416 с.
8. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик (фарҳанги фразеологӣ), Душанбе: Ирфон, 1964. 804 с.

СРАВНЕНИЕ ФРАЗЕОЛОГИИ РОМАНА «ДОЧЬ ОГНЯ» ДЖАЛОЛ ИКРАМИ В ТАДЖИКСКОМ, РУССКОМ И ФРАНЦУЗКОМ ЯЗЫКАХ

Бойматова Д.М.

В данной статье рассматривается сравнительный анализ некоторых фразеологических единиц из романа «Дочь огня» Дж.Икрами в таджикском, русском и французском языках. В данной статье подвергаются анализу содержание, вид также соответствие и различия фразеологических единиц таджикского языка, качество их переводов в русском и во французском языках.

Сравнительная фразеология, которая является одной из частью науки о фразеологии, в которой сравниваются фразеологические единицы различных языков. В романе «Дочь огня» мы можем увидеть, что роман полон фразеологическими единицами. И следуя этому, мы попытались открыть фразеологические единицы из этого романа, сравнивая их с русским и с французским, нам стало известно на каком уровне стоят переводы этих фразеологических единиц, которые были переведены из одного языка на другой, переводчиками.

***Ключевые слова*:** фразеология, фразеологические единицы, сравнительная фразеология, Дочь огня, Дж.Икрами.

COMPARASION OF PHRASEOLOGIES OF NOVEL «DAUGHTER OF FIRE» OF DJALOL IKRAMI IN TADJIK, RUSSE AND FRENCH LANGUAGES

Boymatova D. M.

In this article has been learning comparison analyse of joint phraseologies of novel «Daughter of fire» of Dj. Ikromi in russian and French languages. In this article was discussed means and style, accordance and differentiation of joint phraseologies of tajik language and degree of their translations russian and french languages.

Phraseologies comparison which is one of the part of phraseology science which in compares of phraseologies unit of different languages. In roman «Daughter of fire» we can see that the roman is full of phraseologies units. And having followed to it we tried to open units of phraseologies of this roman, we compared them into ruses and french languages and became known to us in which level is the translation these unit phraseologies on translating to another languages.

***Key words*:** phraseology, phraseology, phraseologies comparison, Daughter of fire, Dj. Ikromi.

Сведения об авторе: Бойматова Дилрабо Меликмуродовна – магистр кафедры французского языка и методики его преподавания Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айни, тел.: (+992) 98-853-05-56, e- mail: charmant.2011@mail.ru.

Information about the author: Boymatova Dilrabo Melikmurodovna - master of the chair of French language and it's teaching method Tajik State Pedagogical University after named Sadridin Ayni, tel.: (+992) 988530556, e-mail:charmant.2011@mail.ru.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ПРЕДПОСЫЛКИ ФОРМИРОВАНИЯ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА В СФЕРЕ ТЕРМИНООБРАЗОВАНИЯ

Баротов Ф.К.

Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни

Первое государство современных таджиков появилось в начале IX-в, после объединения Мавераннахра и Хорасана в единое государство. Процесс политического объединения усиливается с появлением на исторической арене представителя этой династии Исмоила ибн Ахмада, а при правлении Исмоила Сомони (892-907) сложилось сильное независимое централизованное государство, территория которого простиралась на севере до реки Таласа, на юге и западе включала Хорасан, области Северного Афганистана и Восточного Ирана. Наибольшего расцвета государство Саманидов достигло при Насре II (914-947). Получили развитие экономика, сельское хозяйство, ремесла, земледелие и, особенно, горное дело.

В городах особое развитие получили металлообрабатывающее производство, ткачество, кожевенное и гончарное ремесло, а также многие виды декоративно-прикладного искусства (чеканка, резьба, гравирование, инкрустация, роспись и т.п.). В Фергане, Худжанде и Уструшане производились оружие, орудия сельского хозяйства и ремесел, металлическая посуда; в Бухаре – ювелирные изделия, стеклянные сосуды, ткани, медные фонари; в Самарканде – медные котлы, стремена, бумага, стекло; в Минке и Марсманде – высококачественное металлическое оружие; в Чаче – луки, стрелы, ножны, иглы и ножницы; в Нишапуре – иглы и ножи; в Герате – стальные мечи. В Бухаре, Самарканде, Балхе, Уструшане и во многих других городах чеканились монеты из различных металлов и сплавов, выделывались прекрасные хлопчатобумажные ткани, кожаные изделия. В ремесленном производстве наблюдался процесс классового расслоения и разделения труда (мастер, подмастерье, ученик),

произошла специализация металлообрабатывающего производства. Различали собственно кузнецов, изготовлявших всевозможные металлические орудия и в соответствии с видом изделий разделялись на ***ташгар*** *(специалист по изготовлению кетменей),* ***наългар*** *(подковщик),* ***зарод*** *(кольчужник),* ***саффор*** *(медник),* а также в некоторых других отраслях, например, в строительстве – ***банно*** *(строитель),* ***гилгар*** *(штукатур),* ***меъмор*** *(зодчий),* ***хонасоз*** *(домостроитель)* и т. п.

Это привело к появлению новых инструментов и орудий труда или к частичному изменению старых, что отразилось, естественно, и на терминологии. Например, ювелиру и меднику нет необходимости иметь такую большую наковальню, как у кузнеца. Появились новые термины: ***сандони оҳангар*** *(наковальня кузнеца);* ***сандони заргар*** *(наковальня ювелира)* и т. п.

Высокого уровня при Саманидах достигла и культура таджикского народа, развитию которой способствовало утверждение таджикского (фарсии дари) языка в качестве государственного языка. Наиболее ярко это проявилось в творчестве родоначальника персидско-таджикской литературы – Абуабдулло Рудаки, в произведениях Абулкасима Фирдавси и других поэтов, их современников. Интенсивно шло развитие математики, астрономии, географии, геодезии, медицины, истории, философии и других наук. При Саманидах жили и творили выдающиеся ученые-энциклопедисты Востока – Абунаср Фараби, Авиценна и Абурейхан Бируни, известный историк Наршахи, астроном и математик Абумахмуд Худжанди, поэты Дақиқи и Абу Шакур Балхи, просвещенные визири географ Мухаммад Джайхони и историк Мухаммад Балами. Покровительство и меценатство этих везиров во многом способствовало развитию социальной, культурной и научной жизни. Главные города Центральной Азии и Хорасана – Бухара, Самарканд, Балх, Мерв, Нишапур, Худжанд, Бунджикат – стали культурными центрами того времени.

Ученые, поэты, музыканты, художники мусульманских стран сосредотачивались в столице Саманидов – Бухаре, где складывались благоприятные условия для развития творческой мысли. В столице существовал специальный книжный базар, была собрана богатейшая библиотека, известная под названием «Савон-ал-ҳикмат» (Хранилище мудрости), в которой имелись труды по различным наукам. Бухара была одним из тех городов Ближнего Востока, где в X в. впервые появились высшие учебные заведения – мадраса. Такие же учебные заведения были основаны в Мерве и Нишапуре.

Широкое развитие получили градостроительство, архитектура и декоративное искусство. Много было построено монументальных дворцов, крытых рынков, караван-сараев, соборных мечетей. Шедеврами являются сохранившиеся до нашего времени мавзолей Саманидов в Бухаре, мавзолей Арабата в Самаркандской области. Успешно развивалась декоративная резьба по дереву и ганчу, роспись дворцов и общественных зданий, выделка художественной керамической и металлической посуды, ювелирные изделия и другие виды прикладного искусства. Известно существование школ художников и резчиков, мастеров-ювелиров и чеканщиков. Получила развитие музыкальная культура таджикского народа. Создавались произведения музыкального искусства различных жанров и форм, заложены теоретические основы этого искусства (Авиценна, Рудаки, Абулаббос Бахтиёр). В целом, IX-X века являются эпохой крупных достижений, расцвета и всеобщего признания всей многообразной, собственно таджикской цивилизации, особенно, классической поэзии, науки, ремесла, зодчества и градостроительства. Этому содействовала исторически сложившаяся обстановка, создание собственной государственности, централизация государственного управления, хозяйственные и культурные взаимосвязи. Именно в этот период завершился процесс сложения таджиков в единый народ, сформировался единый литературный таджикский (фарсии дари) язык.

Велики достижения и в области таджикского языка как в прозе, так и в поэзии. Были переведены со среднеперсидского на дари сборник рассказов «Синдбаднаме», с арабского книга «Тафсири Табари». В 963 г. Абу Али Мухаммад Балами (везир при

правлении Саманидов) завершил перевод с арабского «Истории» Табари. Кроме перечисленных, дошли до нас прозаическое произведение Абу Мансура, написанное на языке дари предисловие к «Шахнаме» Фирдавси (книга впоследствии явилась одним из источников для «Шахнаме» самого Фирдавси), небольшая часть стихотворных строк предшественников родоначальника классической таджикско-персидской поэзии Адуабдулло Рудаки, его современников, книга известного ученого Абулмуайяда Балхи «Аҷоиб ул-булдон» (Чудеса городов), неизвестного автора «Ҳудуд-ал-олам» (Пределы мира), выполнены переводы некоторых книг. На языке дари (фарси) в течение всего средневековья творили многие двуязычные писатели других народов. И после падения государства Саманидов этот язык являлся государственным во всех центральноазиатских государствах XI-XII веков, успешно развивалась таджикская классическая литература XI-XII веков, ремесло. До наших дней таджикский язык оказывает благотворное влияние на лексику многих тюркских языков, на формирование культурных ценностей их носителей.

Литература:

1. Канделаки Т.Л. Семантика и мотивированность терминов – М.: Наука, 1985. – 167 с.
1. 2. Капанадзе Л.А. Взаимодействие терминов с общелитературной лексикой – М.: Выс. шк., 1989. – 117с.
2. 3. Лотте Д.С. Вопросы заимствования и упорядочивания иноязычных терминов и терминоэлементов – М.: Наука, 1982. – 149 с.
3. 4. Мухиддинов И. Особенности традиционного земледельческого хозяйства припамирских народностей в XIX – нач. XX вв. – Душанбе: Дониш, 1984. – 194 с.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ПРЕДПОСЫЛКИ ФОРМИРОВАНИЯ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА В СФЕРЕ ТЕРМИНООБРАЗОВАНИЯ

Баротов Ф.К.

В этой статье автор рассматривает теоретические предпосылки формирования таджикского языка в сфере терминообразования. Первое государство современных таджиков появилось в начале IX-в. после объединения Мавераннахра и Хорасана в единое государство. Процесс политического объединения усиливается с появлением на исторической арене представителя этой династии Исмоила ибн Ахмада, а при правлении Исмоила Сомони сложилось сильное независимое централизованное государство, территория которого простиралась на севере до реки Таласа, на юге и западе включала Хорасан, области Северного Афганистана и Восточного Ирана. Наибольшего расцвета государство Саманидов достигло при Насре II.

Ключевые слова: экономика, сельскохозяйственный, искусство, земледелие, появление, подчинённый, увеличение, политический, территория.

THEORETICAL BACKGROUND OF FORMATION OF THE TAJIK LANGUAGE IN THE FIELD OF TERMS FORMING

Barotov F.K.

The author examines theoretical background of formation of the tajik language in the field of terms forming in this article. First State of modern Tajiks appeared at the beginning of the IX-century after the subordinated of Maverannahr and Khorasan in a single State. The process of the political subordinated is increased with the appearance on the historical scene representative of this dynasty of Ismoil ibn Ahmad, and during the reign of Ismoili Somoni, there is a strong independent centralized State, whose territory stretched North to the river of Talas, in the South and West of North Khorasan, included Afghanistan and Eastern Iran. The Samanid State reached the greatest blossoming at Nasr II.

Key words: economy, agriculture, crafts, farming, appearance, subordinate, increase, political, territory.

Сведения об автор: Баротов Файзиддин Камолиддинович – кандидат филологических наук, доцент Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айнӣ, тел.: (+992) 93-455-50-66.

Information about the author: Barotov Faiziddin Kamoliddinjvich – Ph. D. in Philology, docent, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ainy, tel: (+992) 93-455-50-66.

МЕТОДИКА РАЗВИТИЯ КОММУНИКАТИВНОЙ КОМПЕТЕНЦИИ СТУДЕНТОВ НА ПРАКТИЧЕСКИХ ЗАНЯТИЯХ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА

Б. Карабаев

Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни

Понятие «компетенция», принятое научным сообществом благодаря работам американского лингвиста Н. Хомского, используется в методике преподавания языка при определении общих и частных целей и содержания обучения. Одно из значений многозначного слова компетенция, зафиксированное в словарях, – это область вопросов, в которых кто-либо хорошо осведомлен, обладает познаниями, опытом и хорошим знанием. Коммуникативная компетенция включает умения осознанно отбирать языковые средства для осуществления общения в соответствии с речевой ситуацией; адекватно понимать устную и письменную речь и воспроизводить ее содержание в необходимом объеме, создавать собственные связные высказывания разной жанрово-стилистической и типологической принадлежности. Формирование коммуникативных умений, как подчеркивает Е. А. Быстрова, возможно лишь на базе лингвистической и языковой компетенции [2].

Выделяются следующие компоненты коммуникативной компетенции:

- грамматическая или формальная (grammatical competence) или лингвистическая (linguistics) компетенция - систематическое знание грамматических правил, словарных единиц и фонологии, которые преобразуют лексические единицы в осмысленное высказывание;
- социолингвистическая компетенция (sociolinguistic ccompetence) - способность выбирать и использовать адекватные языковые формы и средства в зависимости от цели и ситуации общения, от социальных ролей участников коммуникации, то есть от того, кто является партнером по общению;

Ведущим компонентом в коммуникативной компетенции являются речевые (коммуникативные) умения, которые формируются на основе:

- языковых знаний и навыков;
- лингвострановедческих и страноведческих знаний.

В коммуникативную компетенцию включаются следующие важнейшие умения:

- читать и понимать несложные, аутентичные тексты;
- устно общаться в стандартных ситуациях учебно-трудовой, культурной и бытовой сфере;
- в устной форме кратко рассказать о себе, окружении, пересказать, выразить мнение, оценку;
- умение письменно оформить и передать элементарную информацию.

Так определяется минимальный уровень коммуникативной компетенции в государственном образовательном стандарте по иностранным языкам.

Актуальность формирования коммуникативной компетенции обусловлена

вступлением мирового сообщества в эру информационной цивилизации, совершенствования средств связи и коммуникаций, что влечет за собой необходимость преодоления коммуникативных барьеров, которыми являются иностранные языки. Современный этап развития общества требует от преподавателя английского языка владения иностранным языком как средством коммуникации для решения проблем профессионального и социального характера, успешного международного сотрудничества. Теория и практика современного образования требуют у преподавателей развития коммуникативности. Иноязычная профессиональная коммуникативная компетентность - важнейшее качество преподавателя английского языка. Для того, чтобы эффективно взаимодействовать в науке и практике, в сфере межличностных отношений, преподавателю необходимо наличие коммуникативных качеств, которые представляют собой интегративную связь ценностных ориентации, нравственных позиций и устремлений, знаний, умений, профессиональной этики. Коммуникативные качества являются составной частью личности преподавателя, его культуры поведения и отношений. Данная проблема имеет философский, социологический, психологический, педагогический, методический и другие аспекты.

Формирование коммуникативной компетенции является основной и ведущей целью обучения английскому языку. Устное общение, роль которого в настоящее время стала особенно значительной, невозможно без хорошо развитого речевого умения.

Для успешного формирования данной компетенции необходимо:

- самоопределение в коммуникативной ситуации, когда определяются необходимость и цель участия в коммуникации;
- анализ намерений партнеров и способов коммуникации с учетом своих целей и возможностей;
- выбор соответствующего ситуации речевого жанра, поведения и коммуникативных техник;
- самооценка ценности, степени значимости, результативности прошедшей коммуникации.

Однако отдельным этапам или умениям коммуникации нельзя обучиться изолированно друг от друга, чтобы потом «сложить» их вместе и получить коммуникативную компетенцию. Поэтому все методы формирования и развития коммуникативной компетенции являются комплексными.

Методы, ориентированные на устную коммуникацию:

- все формы учебного диалога;
- доклады и сообщения;
- ролевые и деловые игры;
- учебные исследования и учебные проекты, требующие проведения опросов, бесед, интервью у разных категорий людей;
- обсуждения, дискуссии, диспуты;
- выступление в качестве ведущих на мероприятиях и вечерах.

Методы, ориентированные на письменную коммуникацию:

- учебные исследования и учебные проекты, требующие проведения анкетирования или письменного интервью с предварительной подготовкой вопросов (опросников);
- подготовка заметок и статей в СМИ с учетом целевой аудитории;
- рецензирование учебных исследовательских работ.

Планируя каждое занятие, необходимо исходить из основного методического принципа обучения иностранному языку - принципа коммуникативности, предполагающего такую организацию процесса обучения, при которой моделируются основные черты реального процесса коммуникации. В результате этого студенты овладевают необходимым минимумом речевых умений и навыков, то есть

компетенций, чтобы пользоваться иностранным языком как средством общения в рамках тематики и учебного материала, предусмотренных программой и действующими учебниками.

Практический результат облученности по английскому языку, прежде всего, достигается в процессе личностно-коммуникативного обучения, которое предусматривает также решение задач, связанных с образованием, воспитанием и развитием личности студента.

Развитие средствами иностранного языка предусматривает целенаправленное формирование интеллектуальных умений студентов, языковую и речевую наблюдательность, речемыслительную деятельность, готовность к познавательно-поисковому творчеству.

В ходе планирования занятий необходимо придерживаться всех перечисленных принципов и соблюдать условия, необходимые для формирования компетенции. Условиями, необходимыми для развития коммуникативной компетенции, являются:

- постоянная речевая практика учащихся;
- использование коммуникативного материала;
- активизация речемыслительной активности обучающихся;
- постановка сложных и актуальных ситуационных задач;
- речевой характер занятия.

В процессе обучения иностранному языку также обязательно учитывать личностные качества студентов: темперамент, способности, жизненный опыт, сферу интересов, статус личности в коллективе, наличие коммуникативной мотивации.

Ключевым моментом любой учебной деятельности является мотив, который побуждает к коммуникации и направляет ее.

Обеспечению коммуникативной мотивации способствуют следующие факторы:

- доброжелательная обстановка на занятии;
- положительный эмоциональный климат;
- доверительный характер отношений между преподавателем и студентами, а также между самими обучающимися.

Мне бы хотелось остановиться на необходимости формирования коммуникативной компетенции на занятиях английского языка. Та модель образования, которая нацелена только на получение знаний, уже давно перестала удовлетворять потребности развития общества и личности в целом, поэтому в области обучения иностранным языкам сделан акцент на развитие коммуникативных умений. Возникает закономерный вопрос: а насколько наши занятия, способствуют формированию коммуникативной компетенции, или они просто направлены на запоминание определенного количества страноведческого материала и на дальнейшее его воспроизведение?

Прежде всего, надо иметь в виду, что коммуникация на иностранном языке подразумевает совокупность выученных языковых средств и речевых приемов, и этот материал у нас есть в учебниках и для общеобразовательных школ, и для вузов. Мы работаем по учебнику «Практический курс английского языка» под ред. В.Д. Аракина и в этой статье опираемся на материале данного изданий.

При работе над формированием навыков коммуникативной компетенции мы учим ребят учитывать такие факторы, как ситуация, степень близости знакомства собеседников, их социальный статус, что подразумевает выбор определенных средств и речевых приемов: смягчение отрицания, утверждения, желания, извинения.

Например, я обращаю внимание на тот факт, что повелительное наклонение в чистом виде является просто оскорбительным для англоговорящих людей. В этом плане показателен пример: *Give me the toy, please.* Данная фраза допустима только между очень близкими людьми, членами семьи и абсолютно недопустима в других ситуациях, где лучше подойдет фраза *Could I have…?* Это же относится к просьбе *Pass me the salt,*

please. Трудно представить ситуацию, чтобы за общим столом в англоговорящей семье обращались к членам семьи подобным образом, скорее следует сказать *Could you pass me the salt, please*.

Специфику ответа на вопрос *How are you?* мы разбираем, объясняя студентам первого курса, что ответ подразумевает стандартный вариант вежливого ответа, а не реальное положение вещей.

Следующая ситуация, на которую я обращаю внимание студентов – это снижение категоричности высказывания в диалогах при отказе от приглашений и обязательное объяснение, почему он или она не могут что-либо. Например:

I'm afraid, I can't. или I'd love to, but I'm afraid, I can't или I wish I could, but I'm afraid.

Особое место в диалогических высказываний занимает слово *Sorry,* которое англоговорящие люди активно используют в общении. Приуменьшение значимости высказывания, сглаживание наблюдается при обмене мнениями, при выражении своего отношения к предмету, когда стараются уменьшить негативный эффект:

A little, a bit, just, I think it's a bit different.

Это не характерно для нас, которые привыкли к эмоционально насыщенной речи.

Также разбираем особенности формального и неформального стилей общения, я обращаю внимание на выбор лексики. Официальный стиль диктует потребность в полных предложениях:

I'd like to invite you to our dinner. Can you join us?

Лексика разговорного стиля включает *for free, in no time, end up, it's up to you, to ruin our appetites.*

Обратите внимание на адекватность перевода английских речевых формул при переводе на русский язык:

Here you are, here it is (рус.: Вот возьмите), that's sounds great, (рус.: Звучит заманчиво), it depends, (рус.: Как сказать), I mean this, I really means this (рус.: Я говорю серьезно, я не шучу).

На втором семестре студенты готовы к составлению своих собственных диалогических высказываний, решая коммуникативные задачи логично, связано. При необходимости они аргументируют свои позиции, выбирая адекватный стиль и средства речевого этикета. Учащиеся учатся различать инициативу и активность с одной стороны и уважения точки зрения собеседника с другой стороны.

В нашу задачу входит умение создавать диалоги двух типов: диалог с целью обмена фактической информацией и диалог с целью обмена оценочной информацией. На данном этапе приходится уделять внимание особенностям англоязычной коммуникации в сопоставлении с русскоязычной. Для таджиков характерен откровенный и глубокий разговор с высокой степенью вовлеченности. С другой стороны собеседник наоборот заинтересован в сглаживании углов при обмене мнениями, он использует смягчение отрицания, утверждения, чтобы высказывания собственного мнения или критического замечания не прозвучали слишком категорично или резко, что недопустимо для англоязычного собеседника.

Желания, личного мнения, своего предложения четко видно в следующих фразах:

I'd rather.., it'll be much better…, we would/could/might…., I feel like….

На слово *want* накладывается табу, его заменяет лексическая единица *I'd like*.

В противоположность этой коммуникативной особенности мы со студентами отмечаем некоторое преувеличение хвалебных отзывов в формулах благодарности, извинения:

Thank you so much, that's very kind of you, awfully kind, terribly sorry.

Отмечаем также наличие начального и финального этапов беседы:

– Hello

– Excuse me, I wonder if I…

– Could you tell me…

– Could I help you?

– That's fine. Thanks for help. Bye.

Обязательным для составления диалога является наличие фраз, выражающих эмоции.

Учитывая, что в реальной жизни мы чаще вступаем в диалог, нам крайне необходимо формировать у студентов коммуникативные навыки.

Таким образом, опыт работы показывает, что принципиально важным является последовательное формирование коммуникативных компетенций у студентов. Данная компетенция жизненно необходима для будущих учителей, для их успешного профессионального функционирования и карьерного роста. При этом, развитие коммуникативных умений в устной и письменной речи следует рассматривать не просто как цель, но и как средство успешного овладения иностранным языком.

Литература:

1. М. Р. Львов Словар-справочник по методике преподавания русского языка. 1988г. – 240 стр.
2. Е. А. Быстрова Учебный фразеологический словарь. 1984. – 272 стр.
3. В.Д. Аракин Практический курс английского языка. Часть 1. 1988. – 380 стр.

МЕТОДИКА РАЗВИТИЯ КОММУНИКАТИВНОЙ КОМПЕТЕНЦИИ СТУДЕНТОВ НА ПРАКТИЧЕСКИХ ЗАНЯТИЯХ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА

Б. Карабаев

Данная статья рассматривает актуальность формирования коммуникативной компетенции будущих учителей английского языка на занятиях по практике устной письменной речи английского языка, формирование коммуникативной компетенции, как основную и ведущую цель обучения английскому языку.

Ключевые слова: коммуникативная компетенция, устная речь, речевые ситуации, диалогические высказывания.

METHOD OF DEVELOPMENT OF THE STUDENT COMMUNICATIVE COMPETENCE IN THE PROCESS OF TEACHING ENGLISH

B Karabaev

The author of this article expresses an urgency of formation of the communicative competence of the future teachers of English language on practice of oral written speech of English language's lessons, formation of the communicative competence, as the basic and main purpose of training English language.

Key words: the communicative competence, oral speech, speech situations, dialogical statements.

Сведения об авторе: Карабаев Бахтовар Бахтиёрович – ассистент кафедры методики преподавания английского языка, факультета английского языка Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни; тел: (+992) 918 -93-51-97; e-mail: bahtik87@list.ru;

Information about the author: Karabaev Bakhtovar – assistant of the chair of English teaching methodology, faculty of English language, TSPU named after S. Ainy; tel: (+992) 918- 93-51-97; e-mail: bahtik87@list.ru;

ВОҚЕЪБАЁНӢ ВА ТАҶАССУМИ ҲАВОДИС ДАР НОМАҲОИ БОСТОН

Каримова Саодатхон
Донишгоҳи давлатии Хӯҷанд ба номи академик Б.Ғафуров

Манбаи фарҳанги Ховар, ки заминаҳои таърихӣ ва воқеии он дар сарзамини мардумони эронитабор ё ба истилоҳ дар қаламрави ориёно арзи ҳастӣ намудааст, минбаъд барои равнақи фарҳанги китобии мардумони аҳвоми дигар, аз ҷумла арабҳо нақши муассир гузоштааст, зеро мардумони соҳибтамаддуни Аҷам дар рушду нумӯи фарҳанги хаттии халқҳои ҳамҷавор мақоми бунёдӣ доранд. Аз сарчашмаҳои кӯҳани таърихӣ пайдост, ки ҳанӯз аз даврони бостон дар қаламрави машриқзамин унсурҳои хат дар сурати тасвиру рамзҳои мухталиф ба вуҷуд омадааст ва ҳастии таърихии навъҳои мухталифи пиктографҳо ба заминаҳои таърихии пайдоиши хат дар ин минтақаҳо башорат медиҳад. Аммо пайдо шудани дастнавиштаҳои кӯҳи муғ бо забон ва хати суғдӣ дар деҳаи Хайрободи ноҳияи Айнӣ, деворнигораҳои тахти Ҷамшед бо хати мехӣ ва амсоли ин боз ҳам шукӯҳи таърихии хатро дар фарҳанги миллии мардумони эронитабор ба субут мерасонад. Ҳамин гуна, тоҷикон низ ҳамчун бахше аз меросбарони тамаддуни ориёӣ ҳанӯз зиёда аз 3000 сол қабл суннатҳои нигориши хатро ба вучуд оварданд, ки ҳастии таърихии китоби муқаддаси «Авасто» яке аз намунаҳои волои ин суннат маҳсуб мешавад. Ёдовар бояд шуд, ки дар китоби мазкур метавон ба кулли масъалаҳои зиндагӣ аз дину фалсафа то ба шинохти набототу ҳайвонот мутаваҷҷеҳ шуд. Беҳуда нест, ки китоби қадимаи ниёкони моро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «нахустқомуми миллат» унвон гузошаанд. Аллома Б.Ғафуров дар китоби «Тоҷикон» аз мавҷудияти матни хаттии «Авасто» хабар дода менависад ки «…дар кисмати шарқи давлати Порт дар асри 1 пеш аз милод матни хаттии «Авасто» мавҷуд буд. Матнҳои парокандаи он дар аҳди Ардашери 1 ва Шопури 1 дар як ҷо ҷамъ карда шудааанд» (8,242-272).

Аз ин ҷо пайдост, ки мавҷудияти намунаҳои хати авастоӣ дар сурати матнҳои ин китоби муқаддаси ниёгони мо мояи баҳрабардорӣ қарор гирифта, тавонист дар пайванди наслҳо ва интиқоли мероси бузурги бостонии мардумони ориёнажод нақши муассире гузорад. Аз сӯи дигар, матни хаттии авастоӣ таҷассумгари он буд, ки акнун имконияти рӯи қоғаз овардани розу ниёз ва дархосту ақоид, тафаккур ва андешаи мардум ба зуҳур расидааст. Барои ҳамин аст, ки ихтирои хат аз зумраи кашфиётҳои бузурги инсоният буда, онро зодаи хирад ва маҳсули ақлҳои инсонӣ унвон кардаанд.

Чунон ки тазаккур ёфт, нахуст хати аксӣ ё ба истилоҳ иэроглифҳо ба вуҷуд омаданд, ки дар ин навъи хат матлаби гӯянда дар тасвирҳо таҷассум меёфт. Одамон бо кашидани тасвирҳои мухталиф метавонистанд, ки гуфтугӯ ё сӯҳбатҳое миёни худ анҷом диҳанд. Аз сӯи дигар, пайдоиши ин навъи хат ба зуҳури таърихии санъати тасвирӣ рабти муҳкам дорад ва бо ташаккули таърихии инсоният ва ба миён омадани анвоъи дигари хат унсурҳои хати пиктографӣ ба унвони намунаҳои беҳтарини санъати тасвирӣ боқӣ мондаанд. Аз ин ҷиҳат низ хат тавонистааст, ки дар рушди фарҳанги миллии халқиятҳо, бахусус тоҷикон таъсири равшане боқӣ гузорад.

Марҳилаи дигари ташаккули хат ба зуҳури иэроглифҳо марбут аст, ки дар ин давра низ аллакай ба вуҷуд омадани унсурҳои асосии хат дар сурати рамзҳои муайян ба мушоҳида мерасад. Катибаи машҳури кӯҳи Бесутун, ки бо хатти мехӣ бо забони қадимаи ориёӣ (порсии қадим) навишта шудааст, аз зуҳури марҳилаи асосии пайдоиши анвоъи хат дарак медиҳад. Хати мехӣ дар асрҳои Х11-1Х пеш аз милод дар замони ҳукмронии Хахоманишиён арзи ҳастӣ намуда, хислати ҳиҷоӣ дошта, дорои 36 аломат будааст. Хати мехии форсӣ дар асоси хати мехии оромӣ ба вуҷуд омада, дар замони хахоманишиҳо забони оромӣ ҳамчун забони расмӣ қабул гардида буд. Ин хат аз чап ба рост навишта мешуд,ки аз рӯи он заминаҳои асосии ба вуҷуд омадани хати форси қадимро метавон муқаррар намуд. Ҳамин гуна, таҳаввулоти таърихии хат дар аҳди қадим барои ба вуҷуд омадани навъҳои мухталифи хат боис шудааст, ки ҳамагӣ дар

ташаккули забони форси нав хидмат кардааанд. Аз ҷумла, Хати авестоӣ дорои 49 аломат, хати форсии оромӣ дар асри У1 пеш аз милод то асри Х11 милодӣ дорои 14 ҳарф будааст. Хати суғдӣ тахминан дар асрҳои 1-Х111 аз 23 аломат иборат буда то истилои арабҳо дар Осиёи Марказӣ мавриди истифода қарор дошт. Хати хоразмӣ дар асрҳои 111-Х111 ва хати монавӣ дар асрҳои 111-Х111 ҷорӣ буданд. Аз замони вуруди тамаддуни исломӣ ба сарзамини мардумони форсӣ, яъне дақиқан аз асри Х111 то соли 1930 хати арабӣ ё ба истилоҳи дигар алифбои арабиасоси форсӣ, ки аз 32 ҳарф иборат буда, 64 шакли навишт дошт, марвиди истифода қарор дошт. Аз ин матолиб равшан мегардад, ки дар ҳама давру замонҳо хат ҳамчун унсури тамаддундар пайванди наслҳо ва идомаи мероси фарҳанги халқиятҳо таъсири бузурге гузоштааст.

Хат ва забон аз замонҳои қадим воситаи иртиботи байнидавлатӣ буд. Дар яке аз маъхазҳои мӯътамад «Таърихи Табарӣ» чунин зикр шудааст: «Чун Яздигурд ба мулк биншаст (соли 399-430), молики араб Нӯъмон ибни Имрулқайс буд. Яздиҷирд…кас фиристод ва молики арабро бихонд аз ҳира. Ва ин Нӯъмон Имрулқайс биёмад. Ва Яздиҷирд ӯро киромӣ кард… ва гуфт, ин фарзанди маро бипарвар бад-он ҳавои бодия ва ҳира, то магар бизияд. Нӯмон Баҳромро ба ҷои хеш бурд».(7,25-37) Аз ин таърихнома бармеояд, ки Баҳром писари Яздигурди 1, ки дар таърих бо номҳои Баҳроми Гӯр ва Баҳроми Чӯбина машҳур аст, дар дарбори Нуъмон ба камол расида будааст. Санади дигаре ҳам дар ин маъхаз сабт шудааст, ки аз равобити мадуми Аҷам ва Араб шаҳодат медиҳад. «…Бар дари Хусрави Парвиз аз вақти Нӯшервон боз ва пеш аз Парвиз бар дари маликони Аҷам ҳамеша тарҷумоне будӣ…ва дар Араб марде буд, ки ҳам забони тозӣ донист ва ҳам оне порсӣ…ва чун аз малики араб расуле омадӣ бо номаи ӯ, сухани он расул бишнидӣ ва ба порсӣ магар малики Аҷамро тарҷума кардӣ ва номаро ба порсӣ бихондӣ ва ҷавоб кардӣ».(7,32-37)

Аз ин мулоҳизоти таърихӣ пайдост, ки боз ҳам хату забон, ки дарпайванди муҳкам ва маншаи ягонаи таърихӣ доштан рушд кардааанд, барои ривоҷи тамаддуни халқиятҳо нақши муҳим доранд. Ховаршиносони ҷаҳонӣ низ дар нисбати хати форсӣ ва забони он ин рисолати таърихиро бо далоил собит намудааанд. Аз ҷумла, олими англис Х.Гибб ақидаи худро дар хусуси нуфузи фарҳанг ва тамаддуни Аҷам чунин баён мекунад: «Таъсири фарҳанги ҳиндӣ тавассути Бохтару Суғд вориди ҷаҳони исломӣ гашт». Аз ин матлаб он нукта рӯшан мешавад, ки танҳо тамаддуни ҳиндӣ бар асоси тарҷумаи падидаҳои адабиву бадеии он ба забони паҳлавӣ ва аз он ба арабӣ ба маданияти исломӣ пайданд ёфт. Далели рӯшани он тарҷумаи китоби «Калила ва Димна» аст, ки нахуст ба забони паҳлавӣ дар аҳди Сосониён тарҷума гардид ва пасон дар асрҳои нахустини исломӣ ба забони арабӣ тарҷума шуда, аносири фарҳанги қадимаи ҳиндиро ба қаламрави ислом ворид сохт. Сарнавишти дигар аз осори ҳиндиасле чун «Тӯтинома», «Синдбоднома» ва монанди ин низ ҳамингуна ҷараён гирифтааст.

Академик Нӯъмон Неъматов оид ба ташаккули хат ва забон дар давраи Сосониён ҳарф зада зикр месозад, ки дар давраи сосониён асоси ташаккули забони адабии имрӯзаи тоҷик гузошта шуд». Ин нукта боз ҳам аз он башорат медиҳад, ки ҳамон шаклгирии хати паҳлавӣ ё форсии миёна заминаҳои муҳимеро дар ташаккули хат ва забон дар давраи нави таърихӣ шурӯъ аз замони Сомониён гузошт. Ҳамин далел кофист, ки устод Рӯдакӣ ҳамон маснавии маъруфи «Калила ва димна»-ро аз забони паҳлавӣ мустақиман ба забони форсӣ даровардааст. Ба ибораи дигар, хат ва забони паҳлавӣ барои шаклгирии забони форсии нав дар аҳди Сомониён, ки ҳанӯз унсурҳои он побарҷо будааанд, хидмати шоистае ба сомон расонидааст.

Нақши хат ва забони форсӣ барои ривоҷи на танҳо фарҳанги мардуми Араб, балки ҳинду Чин, Мисру Рим ва Юнони қадим низ ба саросари ҷаҳон муассир аст. Далели таърихӣ барои ин матолиб нигоштаи солномановиси Византия Менандр мебошад, ки муҳаққиқи рус Нина Викторовна Пигулевская онро аз сарчашмаҳои юнонӣ дарёфт кардааст. Матни он чунин аст: «ҳанӯз соли 561 байни Эрон ва Византия Шартномаи сулҳ ба имзо расид ки ба он Шоҳаншоҳ ҳусайн Парвиз ва Қайсар Юстиниан имзо гузоштаанд. Менандр навиштааст,ки Шартномаи Сулҳ, ки соли 561 ба

имзо расид, бо ду забон - юнонӣ ва форсӣ китобат шудааст. Матни ҳарду забон калима, ба калима муродифи ҳамдигар мебошанд»(6,9).

Хидмати таърихии хат дар ҳифозати аносири фарҳанги миллӣ, аз ҷумла таҷассуми фарҳанги хонаводагии мардуми тоҷик аз кадим то кунун ҳамчун мероси пурғановати таърихӣ муассир мебошад. Ба ибораи дигар, маҳз ҳамин унсурҳои хат ва забон ҳастанд, ки фарҳанги бостоншиносии моро сурат бахшида, маҷмӯан таърихи абадан зинда медоранд. Далели бориз барои ин андеша кашфибозёфтҳои пурқиммате, ки аз харобаҳои мустаҳкамаи Абаргарӣ- қалъаи кӯҳи Муғ, ноҳияи Фалғар мебошад, ки он хати никоҳи духтари суғдӣ Дуғдонча ва Уттегин ном ҷавон мебошад. Тарҷумаи он чунин аст: «…Подшоҳии Тархунро 10 сол шуд. Моҳи Масович рӯзи Осмонроч Уттегин, ки ба худ номи Ниданро гирифтааст, аз васояти ҳокими Навкат духтареро ба ҳамсарӣ мегирад. Дуғдонча духтари Вюс мебошад. Ҷор медиҳад, ки ба парастории худ Дуғдончаро ба занӣ дар асоси қонуни мавҷуд буда бигирад бо чунин шарт: Бигузор Уттегин дӯстдоштаи худ Дуғдончаро ба занӣ гирад, ҳурмату эҳтиром кунад, хӯронад, пӯшонад, бо зебу зиннат таъмин намояд ва хонаю зиндагӣ вайро қадрдонӣ кунад, ба монанди як ҷавонмарди некахлоқ зани некахлоқро. Агар Уттегин дар оянда каси дигарро дӯст дорад ва бо Дуғдонча зиндагони кардан нахоҳад, бигузор вайро бо сару либос, хӯрок ва зебу зиннаташ бо хубӣ оварда, дар хонаи хешонаш монад. Баъд аз ин вай метавонад ба зани дӯстдоштааш хонадор шавад. Ва агар баръакс, Дуғдонча марди дигареро дӯст дорад ва бо шавҳарии худ зиндагонӣ кардан нахоҳад, бигузор аз хонаи ӯ баромада равад. Сару либос ва зебу зиннате, ки Уттегин додаст, баргардонда диҳад, он чизҳое, ки аз Дуғдонча аст ва ё бо меҳнати ӯ харида шудаанд, ҳамроҳи худ гирад. Баъд аз он Дуғдонча метавонад ба шахси дӯстдоштааш ба шавҳар барояд. Дар давоми зиндагони агар Уттегин ягон ҷиноят содир намояд, барои кори кардааш танҳо худаш ҷавоб медиҳад. Дуғдонча ва кӯдаконаш ба гуноҳи вай шарик нестанд. Агар гуноҳ аз тарафи Дуғдонча содир шавад, Уттегин ҷавобгар нахоҳад шуд.

Ин маросим дар никоҳхона дар назди сардори никоҳкунандагон Вахтокан писари Вархуман гузаронида шуд. Дар вақти никоҳ иштирок доштанд: писари Шашча- Чахран, писари Рамч- Шав, писари Маҳак Андро ҳуҷҷатро навишт».(4,3.)

Шаҳодатномаи никоҳ ду нусха навишта шуда якеро мард ва дигарро зан бо худ нигоҳ медошт. Аз рӯи ин нома хеле аз суннатҳои фарҳанги хонаводагӣ ва маросимҳои қадимаи арӯсии тоҷикон ҷилвагар шудаанд. Аз рӯи нома пайдост, ки Домод ҳангоми никоҳ дар назди духтар ва хешонаш қасами тантанавӣ ёд мекард ва онро навишта бо мӯҳру имзо ба дасти арӯс медод. Дар байни хуҷҷатҳои дарёфтшуда ваъдаи шавҳари Дуғдонча низ боқӣ мондааст, ки тарҷумааш ба тоҷикӣ чунин аст: - «Ман, Дуғдонча духтари Вюсро ба хамсарӣ гирифта дар пеши Худои Меҳрих ва парастории он чор қасам мехӯрам ва бо тантана ваъда медиҳам, ки аз имрӯз иборатан то абад ӯ ҳамсари ман хоҳад буд, ман ӯро ҳеҷ намеранҷонам ва ҳамеша ҳурмат мекунам.

Агар Дуғдонча дар оянда тарки муҳаббат кунад ва бо ман зиндагонӣ кардан нахоҳад, вайро сиҳату саломат ба хонаи хешонаш бармегардонам»(1,3).

Аз ин ҳуҷҷати нодир бармеояд, ки суғдиҳо оид ба никоҳ қонуни махсуси давлатӣ доштаанд, ки дар вақти бастани аҳди никоҳ мутобиқи он амал карда, онро ҳамчун аслу моҳияти зиндагонии минбаъда эътироф менамудаанд.

Нуктаи дигаре, ки ба рисолати таърихии хат ва забон дар фарҳанги башарӣ ишорат мекунад, ин аст, ки онҳо барои танзими коргузориву давлатдорӣ ва тарғиби сиёсати давлат фаровон истифода шудаанд.

Солҳои 20-30 садаи панҷуми милодӣ авзои иҷтимоӣ ва иқтисодии давлати Сосониен дучори бӯҳрони шадид гардида, ихтилофоту рақобат миёни асилзодагону рӯҳониёни низоми давлатро рӯ ба завол овард. Вазъият дар эътиқодоти мардум низ пурихтилоф гардида, боиси заминаҳои аз миён рафтани давлати Сосониёнро фароҳам овард. Муҳаққиқи Рус Василев бо таваҷҷӯҳ ба авзои мазкур бар ин назар аст, ки «Садаи V бӯҳрони шадиди иҷтимоиву иқтисодии диниву халқӣ дар империяи Сосониен ривоҷи бештар ёфта, ҷангҳо на танҳо ба заволи ин сулола, инчунин ба исломро пазируфтани

мардуми Эрон оварда расонд».(8,142)

Дар соли шашуми ҳиҷрати Ҳазрати паёбари ислом аввалин маротиба ба подшоҳон ва фармонравоёни мамолики нимҷазираи араб ҳашт расул фиристод ва эшонро ба даъвати яккахудоӣ худои хонд, бино ба гуфтаи Табари «ҳаштумин нафари онхо Абдуллоҳ ибни Кузофа ас- Саҳми буд, ки ба назди малики Аҷам –Парвиз фиристода шуда буд. Нома чунин мазмун дошт; «Ба номи худои бахшандаи мехрубон! Аз номи Муҳаммад пайғамбари худо ба Хусрав- бузурги порсиён. Дуруд бар он ки пайрави ҳидоят шавад ва ба худо ва пайғамбари вай имон оварад ва шаҳодат дихад, ки худое ҷуз Худои ягона нест. Ман пайғамбари худо ба суйи ҳама касонам то ҳама зиндагонро бим диҳам. Ислом биёр то солим бимонӣ ва агар дареғ куни гуноҳи маҷусиен бар гардани туст». Хусрав номаи пайғамбар бидарид.(10,171-172).

Дар айёми вуруди тамаддуни исломӣ ба қаламрави манотиқи Хуросон, Мовароуннаҳр ва Систон осори хаттии қадим - алифбои паҳлавӣ, суғдӣ, хоразмӣ, бохтарӣ маҳв ва ҷойгоҳи онҳоро алифбои араби соҳиб гардид. «Асарҳое, ки бо алифбои ғайри арабӣ навишта мешуданд бо як худи шакли зоҳирашон дар шуури мусулмонон ба ақидаҳои динии хилофи ислом алоқа пайдо намуда, … нобуд карда мешуданд».(12,.502.) Танҳо дар асрҳои Х111-1Х фурсате фаро расид, ки дар самти танзими қонуниятҳои забони форсии дарӣ аз ҷониби амирони сомонӣ эҳтимом ба зуҳур расад. ҳунари сухангустарӣ бо ибтикори нахустин суханварони форсигӯйи ҳамасари Рӯдакӣ мустаъмал гардида, сабки нави забони форсӣ ба зуҳур расид. Ташкил ёфтани давлати азими Сомониён, тарғиби озодандешиву мустақилият дар ин давлати фарҳангпарвар пас аз дусад соли футӯҳи арабҳо дар сарнавишти мардуми тоҷик воқеаи муҳим ва тақдирсозе ба шумор меомад, зеро таҳкими ин давлат равнақи иқтисодӣ ва фарҳанги ниёкони миллати мо ба шумор мерафт. Давлатмандони сомони хидматгузорони фарҳанги воло гардида, барои афзудани эътибори давлати худ Сомониён пайваста мекӯшиданд, Мардумро дар рӯҳияи худогоҳии миллӣ тарбия карда, садоқат ба ватан, ифтихор аз арзишҳои фарҳангӣ, бахусус забони модарӣ ва дар ин замина парваридани ғурури миллӣ аз вазифаҳои муқаддас ба шумор меоварданд. Барои тарғиб ва ташвиқи аҳдофи хеш Оли Сомон ба дарбор фозилон, шоирон, адибон ва ноқилону ровиёни забардастро фароҳам оварданд, то ки муҳити фарҳангӣ ва адабии замони Сомониён рӯ ба таҳаввул ниҳода, заминаҳои аслии ташаккули забони форсӣ пайрезӣ гардад. Маҳз дар давраи ҳукмронии Сомониён шаҳрҳои Бухорову Самарқанд, Хуҷанду Марв ва ҳирот ба дараҷаи баланди ташаккули иқтисодиву фарҳангӣ расида, бо талошу кӯшишҳои аҳли илму адаб дар асри Х иқтидори забони форсӣ- дарӣ устувор гардид. Ин забон аз таъсири забони арабӣ раҳои пайдо намуда, пояҳои назму наср то дараҷае таҳким ёфтанд. Далели рӯшани ин дар тамомии ҳамосаи миллии Эрониён «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ба теъдоди камтар аз ҳазор калимаи арабӣ истифода шудан маҳсуб меёбад. Сомониёни маърифатпарвар бо дарки ҳамаҷонибаи аҳамияти забони модари дар рушди давлатдорӣ, барои густаришу вусъати ҳаматарафаи он кӯшиданд ва мақоми забони форсӣ- дариро таҳким бахшиданд. Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ бо фаъолияти адабии худ миёни ҳамасрони хеш нуфузи шоистаиеро соҳиб гардида, иқтидори қалами хешро барои татбиқи ғояҳои олӣ ва хирадмандонаи Сомониён ба кор мебурд. Қофиласолори назми форсу тоҷик бо кохи баланду бегазанди ашъораш ба рушди минбаъдаи забони тоҷикӣ саҳми муносиб гузошта, ҳамчун поягузори аслии шеър дар забони форси тоҷикӣ муаррифӣ намуд. Ба назм овардани китобе мисли «Калила ва Димна»- менависад, С. Айнӣ дар ибтидои пайдоиш ва нашъунамои шеъри тоҷикӣ ба камоли қудрати Рӯдакӣ далолат мекунад. Чунонки гуфта омад, маҳорати шоён ва мақоми баланди устод Рӯдакӣ дар он тазоҳур меёбад, ки ӯ китоби мазкурро аз нусхаи паҳлавии он ба форсии нав тарҷума кард.

Маҳз дар замони Сомониён роҳи минбаъдаи рушди забони тоҷикӣ муайян гардида, дар матни осори манзум ва мансур корбурди калимаҳои арабӣ коҳиш ёфт, забони равону ноб ва софи форсӣ нуфузи бештаре касб намуд. Таваҷҷӯҳи устоди бузурги ин аср Рӯдакӣ,Фирдавсӣ, Ибни Сино, Носири Хусрав ба ин вижагии забонӣ

пеш аз ҳама кӯшиш дар ҳифзи асолати забон ва нишон додани авлавияти забони форсии дарӣ дар таҷассуми муҳимтарин вижагиҳои мероси илмиву адабӣ ба шумор меравад. Аз сӯи дигар, яке аз далоили собити фарҳанги бузурги миллӣ дар аҳди Сомониён ва зуҳури Эҳёи Аҷам дар ин айём ҳамин забони ноби форсӣ ва мӯъҷизаҳои нодири он ба шумор меравад. Устод Айнӣ гуфтаи шарқшиноси маҷор Герман Вамбериро, ки дар асри Х1Х Осийи Марказӣ ва Эронро саёҳат намуда дар ёддоштҳояш нигоҳ дошта шудани унсурҳои зиёди забони адабиёти классикиро дар забони тоҷикӣ қайд кардааст, дуруст мешуморад. Осори хаттӣ - китобҳои асрҳои мухталиф, ки аксаран ба сурати дастнавис боқӣ мондаанд, муҳимтарин унсури тамаддуни миллии мо ба шумор мераванд. Китобро аҷдоди мо ҳамчун муқаддасот эътироф намуда, онҳо бӯсида ва ба чашм молида, баъд қироат мекарданд. Ин яке аз суннатҳои аҳолии Машриқзамин буд, ки ба арҷу эътиқоди онҳо нисбат ба китобу китобдорӣ ишорат мекунад. Ҳамин таҳаддуси китоб дар фарҳанги миллии мо буд, ки бузургтарин китобхонаҳо дар Мовароуннаҳру Хуросон таъсис ёфта, дар Марв дар давраи Яздигурди 111, 12 ҳазор ҷилд китоб дар 12 китобхона вуҷуд доштааст. Нақл кардаанд, ки як Фақеҳи Исфаҳонӣ (соли ваф.885). ба 300 ҳазор дирҳам китоб ҷамъ карда будааст.

Дар шаҳри Рай вазир Абулфазл китобхонае доштааст, ки арабҳо ҳангоми забт молу мулкашро рабурдааанду китобҳояшро боқӣ мондаанд. Ба гуфтаи муаррих Мискавайх он китобҳоро ба сад уштур бор кардан мумкин будааст. Ас- Соҳиб ном донишманд,(соли ваф.994) китобхонаи бузурге доштааст, ки онро 400 уштур кашидааст. Феҳрести китобхонаи Ас- Соҳиб 10 ҷилдро дар бар мегирифтааст, мутааассифона Маҳмуди Ғазнавӣ китобхонаро бо як ишорат ба доми оташ додааст.

Дастхати беназири «ҳудуд-ул-олам», ки дар соҳили чапи дарёи Ҷайҳун дар вилояти Ҷузҷон дарёфт шудааст, бо забони форсӣ- тоҷикӣ навишта шудааст.Муаллифи китоб маълум нест.Вай асари ҷуғрофист. Мувофиқи маълумоти Б.Аҳмадов Абдулфазли Гулпойгонӣ ном муллои зӯфунуни бухороӣ аз растаи китобфурӯшон боре маҷмӯаеро харид, ки вай миёни худ чаҳор китоб дошт. Кутубмиёни солҳои 1258-1265 нусхабардорӣ шуда, яке аз онҳо «ҳудуд –ул-олам мин ал-машриқ ило ал-мағриб» ном дошт. Абдулфазли Гулпойгонӣ ба хотири интишори он 5-уми октябри соли 1892 ба ховаршиносони Санкт- Петербург нома навишт ва аз дарёфти дастхат иттилоъ дод. Тавассути ҳамин нома баҳори соли 1893 ховаршинос А.Г.Туманский ба Бухоро омад.Абдулфайзи Гулпойгонӣ дастхатро ба ӯ тӯҳфа намуд. Дастхат ба ховаршиносони рус хуш омад, пеш аз инқилоби Октябр академик В. Бартольд ва А. Туманский доир ба ин дастхат якчанд мақола дарҷ намуданд. Соли 1920 Туманский фавтид ва тақдири дастхат ниҳон монд. ҳамсари Туманский тавассути рӯзномаҳо ба ховаршинос Владимир Минорский хабар дод, ки «ҳудуд-ул-олам» дар сандуқи ӯст. Азбаски Минорский дар Париж буд, дастхат ба Фаронса интиқол дода шуд. Сипас онро Минорский онро ба Санкт-Петербург оварда, тасҳеҳу таҳқиқ намуд Соли 1935 дар Теҳрон, соли 1937 бо забони англисӣ дар Лондон ва соли 1962 аз рӯи нусхаи соли 1258 бо ташаббуси Манучеҳри Ситуда дар Теҳрон бори дуввум мунташир гардид. Ин далоил ва матолиб гувоҳ бар онанд, ки тавассути маҳфуз мондан ва сайри таърихии як нусхаи хатии китоби маъруф донишҳои ҷуғрофии як асри таърихии мо ҳамингуна то замони мо расиданд, ки ин амр ҳам ба нуфузи хат ва забони форсӣ дар густариши улуми мухталиф ишорат мекунад.

Саҳифаҳои таърих шаҳодат бар он медиҳанд, ки дар замони ҳукмронии шоҳони туркаслу муғулнажод низ хат ва забони форсӣ- тоҷикӣ дар маснади давлатию коргузорӣ қарор доштааст. Омилҳои муҳиме чун таровату шевоӣ ин каломро ҳамчун эъҷози ҳунарӣ дар мақоми давлатӣ нигоҳ медошт. Дар канори ин, дастнависи зиёде дар ҷаҳон вуҷуд доранд, ки онҳо самараи хиради аҳли Аҷам дар даврони мухталифи таърихӣ ба шумор мераванд. «Хиради худро ба хизмати аҳли инсон ҳадя кардан мояи зиндагии алломаҳои абадзиндаи Ховарзамин аст».(6,9)

Маҷмӯан, аз баррасии ҷойгоҳи хат ва мероси хаттӣ пайдост, ки воқеан сарнавишти хат ва забони тоҷикӣ бо тамоми рамзу розҳои хеш дар масири таърих

ташаккул ва таҳаввулоти зиёдеро аз сар гузаронидааст. Дастовардҳои куллии илмиву маърифатии тоҷикон аз оғоз то кунун новобаста ба тағироти мухталифи он дар анвоъи хатҳои он ҷилваргар шудаанд, ки дар ин миён хати арабиасоси форсӣ имтиёзи бештаре касб мекунад. Зеро бузургтарин ва бонуфзтарин мероси маънавӣ, адабиву илмӣ ва фарҳангии мо дар ҳамин хат таҷассум пайдо кардаву миллати моро дар ақсои олам шӯҳрати беназир ато намудааст.

Манбаъҳои илмӣ:

1. Афсаҳов А. Каҳҳоров Х. Хат ва пайдоиши он.-Душанбе.: Маориф.1994.-47саҳ.
2. Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик. М.: Адабиёти халқҳои шарқ, 1926.- 626 саҳ.
3. Аҳмадов Б. Таърихи дастхати беназир -Илм ва ҳаёт.- 1992.№ 9-10.
4. Бардӣ Т. Фарҳангӣ хатии Ховар - Илм ва ҳаёт.- 1990, №9.
5. Бердиева Т. Вожагони порсӣ дар шеъри порсии пеш аз ислом.-Корнома.-1996.№2-3,С.25-37
6. ВасилевЛ.С.ИсторияВостока.Т.1.Москва,»История»1998,с.142
7. Раҳмонов Э.Ш.»Тоҷикон дар оинаи таърих.Китоби сеюм.Аз Ориён то Сомониён.Душанбе,Ирфон. 2006,с.171-172.
8. Тилабов Б.Сайри такомули хат. «Садои Шарқ».- 1981,№11.С.128-135.
9. Ғафуров Б. Тоҷикон. Душанбе, 1984. ҷ.1.
10. Яъқубов.Н Бозёфте аз таърихи никоҳ.-Маориф ва маданият.8.03.1973.

ОБЪЕКТИВНОСТЬ И ВОПЛОЩЕНИЕ ЯВЛЕНИЙ В ДРЕВНИХ ПОВЕСТВОВАНИЯХ

Каримова С.

В статье рассматривается отражение реальности и реальные случаи в древнейших писем, которые остались в некоторых древнейших языках персидской литературы. Автор, ссылаясь на содержание древнейших писем и других видов пехлевийской прозы подчеркивает, что отражения реальности во первых встречается в содержании древних писем. Поэтому можно исследовать данные литературные наследия древнего Ирана как источника появления современной публицистики.

Ключевые слова: древние письма, каллиграфия, пехлевийская проза, «Авеста», рукописи.

OBJECTIVITY AND EMBODIMENT PHENOMENON IN ANCIENT NARRAION

Karimov S

The article is considered byy author the reflection of reality and real-life case in ancient letters, which were left in some ancient languages of Persian literature. The author referring to the ancient letters and others Vidi Pahlavi literature emphasizes that reflect reality at first said the ancient letters. So you can explore the heritage of ancient Iran liteturnye data as the source of modern journalism.

***Key words*:** ancient letters, kolligrafia, Pahlavi literature, «Avesto», manuscript.

Сведения об авторе: Каримова С. кандидат филологических наук, доцент кафедры журналистики и теория перевода Худжандского государственного университета имени академика Б.Гафурова, тел.: (+992) 92-740-54-00;

Information about the author: Karimov S. candidate of philological sciences, associate professor of journalism and translation theory under Khujand State University named after academician B. Ghafurov. tel.:(+992) 92-740-54-00.

ФОРМИРОВАНИЯ КУЛЬТУРНЫХ ОТНОШЕНИЙ ТУРЕЦКОЙ РЕСПУБЛИКИ С РЕСПУБЛИКОЙ ТАДЖИКИСТАН.

Сабахаттин Гунай
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни.

Взаимодействие Республики Таджикистан и Турецкой Республики было предопределено всем ходом их исторического развития. Особого же внимания заслуживает тот факт, что Турция является «первым светским государством мусульманской культуры, давно провозгласившим свой путь в Европу через модернизацию, основами идеологии которой стали идеи светской, независимой от института религии (ислама), власти»[1]

Основные направления таджикско-турецких экономических связей, сотрудничество в социально-культурной сфере, взаимодействие в вопросах безопасности, борьбы с терроризмом и незаконным оборотом наркотиков определялись особой значимостью и важностью сотрудничества двух государств в вопросах региональной безопасности, а также его взаимовыгодностью во всех других вышеперечисленных сферах.

Имеющаяся на сегодня солидная договорно-правовая база, на которой основываются отношения Таджикистана и Турции по всем ключевым направлениям взаимодействия, вполне отвечает складывающейся в современном мире ситуации в политике, экономике и культуры.

С 1996г. в Душанбе начало действовать Турецкое агентство по международному сотрудничеству. В августе этого же года Правительство Республики Таджикистан утвердило Программу культурного обмена с Турцией на 1996–1998гг.

В рамках межкультурных связей в октябре 1998г. Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон совершил дружественный визит в Турецкую Республику. В ходе своего визита он участвовал в праздновании 75-летия государственной независимости Турецкой Республики.

9-25 сентября 2000г. делегация Турецкой Республики во главе с государственным заместителем Турецкой Республики по экономическим вопросам Абдулхалуком Чаем совершила визит в Таджикистан для участия в первом заседании Совместной комиссии Таджикистана и Турции в г. Душанбе. К этому времени число правовых и согласительных документов по сотрудничеству между двумя странами достигло 22 единиц. Официальный визит Президента Турции Ахмета Неджета Сезара в г. Душанбе 6-8 ноября 2001г. был продуктивным в том смысле, что основное внимание было акцентировано на экономическое сотрудничество.

Анализируя двусторонние связи Республики Таджикистан с Турцией, необходимо отметить, что их налаживанию и развитию во многом способствовали неоднократные встречи и официальные визиты, состоявшиеся на уровне глав государств. Так, за период с 1992 по 2011г. состоялось более 15 встреч Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона с Президентами Турецкой Республики.

Первый государственный визит Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона в Турцию в январе 2007 года стал важной вехой в истории двусторонних отношений с Турецкой Республикой. В ходе, этого визита состоялись переговоры на высшем уровне. Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон отмечал, что таджикская сторона придает особое значение этому визиту и выражает надежду, что он положит начало качественно новому этапу в развитии дружественных связей и взаимовыгодного сотрудничества между двумя странами. По результатам переговоров стороны подписали 6 совместных документов, в том числе политическую декларацию, соглашения по партнерству и сотрудничеству в области туризма, стандартизации, по

[1] Шарофов Э.У. Автореферат. История Таджико-Турецких отнщений. Душанбе 2012. С. 7

развитию связей с Турецким управлением по координации и развитию (ТИКА), а также программу долгосрочного торгово-экономического сотрудничества.

29 мая 2008 г. в Душанбе прошла официальная встреча Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона и Президента Турецкой Республики Абдуллы Гюля в формате «один на один». Обсуждение вопросов укрепления и дальнейшего развития двусторонних сотрудничества таджикско-турецких отношений было продолжено на переговорах в расширенном составе, с участием официальных делегаций сторон. В числе приоритетных направлений дальнейшего развития взаимовыгодных отношений было названо сфере укрепления культурных связей, сотрудничество в областях экономики и торговли, энергетики, создания совместных промышленных предприятий и туристических фирм, а также обменов студентами и учёными.

Состоялось подписание трёх документов о сотрудничестве. Совместную декларацию Республики Таджикистан и Турецкой Республики о дальнейшем укреплении двусторонних отношений своими подписями скрепили Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон и Президент Турецкой Республики Абдулла Гюль. Были также подписаны Соглашение между Правительством Республики Таджикистан и Правительством Турецкой Республики о взаимной отмене виз для владельцев служебных и специальных паспортов и Протокол о сотрудничестве между Министерством иностранных дел Республики Таджикистан и Министерством иностранных дел Турецкой Республики на 2009-2010 г.

Взаимодействие двух государств, налаживание и всестороннее развитие сотрудничества между Таджикистаном и Турцией во многом зависели от дипломатических контактов, отношений между внешнеполитическими ведомствами. Визит Президента Турецкой Республики Абдулла Гюлья в Республику Таджикистан 28-30 мая 2009 г. в Таджикистан стал, несомненно, новой страницей в истории сотрудничества между двумя странами. В ходе визита руководители обоих государств рассмотрели вопросы развития политического и двустороннего сотрудничества в дружественной атмосфере и взаимопонимания. В ходе своего визита в Таджикистан, Абдулла Гюль вместе с Эмомали Рахмоном посещали Таджико-Турецкий лицей им. Ходжи Камола г. Душанбе. В ходе визита, Генеральный директор совместных таджико-турецких лицеев М.Месут Ата кратко объяснил о деятельности этих лицеев.

На данный момент ученики таджикско-турецкого лицея были в 30 странах, где получили более 130 медалей на международных олимпиадах. В общем учащиеся лицея удостоились более 300 медалей, как республиканских, так и международных значений. Месут Ата убежден в том, что глубокие знания, владение несколькими языками, дисциплина, активная жизненная позиция, воспитанность отличает выпускников этих лицеев.

Причиной таких достижений ученики лицея считают сильную базу лицея, наличие квалифицированных преподавателей и хорошие условия для учебы. Так, в общежитии лицея предоставлена полная возможность жить и учиться. Есть постоянная возможность практиковать иностранные языки. После уроков в вечернее время здесь проводятся этюды (подготовка к домашним заданиям). Учителя также присутствуют при выполнении домашних заданий и помогают при возникших вопросах.

Таджикско-турецкий лицей им. Ходжи Камола был основан в 1994 году. Уроки в лицее проводятся на английском и русском языках, целью преподавания на английском языке точных наук - это изучение и исследование новых технологий на международном уровне. Так, основной упор делается на точные науки. В минувшем учебном году в лицее обучались 460 учащихся. В общем, с начала основания лицей выпустил 739 человек. Отличается от других шести таджикско-турецких лицеев тем, что каждый год подготавливает группу из 70-100 учеников для международных олимпиад и ежегодно направляет их в разные страны[2].

[2] http://www.toptj.com/News/2012/08/17/tadzhikskiy_shkol_nik_zavoeval_zoloto_na_mezhdunarodnoy_olimpiade

24 февраля 2010г. во время телефонных переговоров между Президентом Республики Таджикистан Эмомали Рахмоном с Президентом Турецкой Республики Абдулла Гюлем были обсуждены состояние и перспективы отношений между двумя странами, в том числе в области экономики, состоялся обмен мнениями по некоторым региональным и международным вопросам. Широкий спектр вопросов двустороннего сотрудничества был рассмотрен в ходе беседы Главы государства Таджикистана с Президентом Турецкой Республики Абдуллой Гюлем в рамках заседания глав государств-членов ОИС в г. Стамбул 22-23 декабря 2010 г. В ходе данного визита с участием президентов состоялся Бизнес–форум бизнесменов и инвесторов Таджикистана и Турции, целью которого было развитие торгового сотрудничества между двумя странами. Стороны выразили удовлетворение уровнем двустороннего сотрудничества, отметив, что объем товарооборота между странами за 10 месяцев 2010 г. по сравнению с аналогичным периодом 2009 г. увеличился в два раза.

Более того, в области культуры Турция и Таджикистан очень близки друг другу. Доказательством этому может служит книга «Маснавии Маънави» великого поэта, суфийя и философа Мевляна Джелаледдина Руми.

В декабре 2012 года Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон посещая Турецкую Республику участвовал в церемонии посвящённой памяти великого мыслителя и гуманиста Мевланы Руми. Мевлана, ставший известен во всём мире благодаря своему человеколюбию и терпимости, на протяжении сотен лет был источником вдохновения для человечества.

Этот праздник которое приобрело международный характер и продлиться на протяжении 10 дней, в ней примут участие около 45 тысяч человек, представляющих различные культуры и верования. В рамках мероприятий состоятся церемонии вращающихся дервишей, посвящённые исследованию учения и творчества Мевланы. Мевлана, день своей смерти рассматривал, как воссоединение с любимым Аллахом и, поэтому, назвал его «Шеби Арус», что в переводе означает «Свадебная ночь».[3]

В 2007 году, по решению ЮНЕСКО, в мире широко отмечается 800-летие Мавлоно Джалолиддина Руми. В связи с этим в Таджикистане, Афганистане и Турции проходят содержательные культурные мероприятия, в том числе международные симпозиумы, на которых присутствуют известные учёные и видные общественные деятели зарубежных стран.

Таким образом, с 1991 г. Турция активно поддерживает отношения дружбы и сотрудничества с Таджикистаном. Более 30 договоров и протоколов, которые были подписаны между двумя странами, создают солидную правовую основу для дальнейшего развития турецко-таджикских отношений.

Литература:

1. Султанов Ш.М. Республика Таджикистан: политическое и экономическое взаимодействие с Турцией и центрально-азиатскими странами (на стыке XX и XXI веков). - М.: Изд-во РАГС, 2006. С.18.
2. Шарофов Э.У. Развитие культурных взаимосвязей Республики Таджикистан с Турецкой Республикой //Актуальные проблемы взаимоотношений Таджикистана с соседними странами /Материалы республиканской научной конференции. - Душанбе, 2012. - С. 63-71.
3. Туркия ва Точикистон дар замони чахонишави (Турция и Таджикистан в век глобализации) //Фонус. – 2009. - № 10. - С. 6.
4. Текущий архив Управления международных связей Министерства культуры Таджикистана. Док. №10/1-354.
5. Интернет порталы: www.mfa.tj, www.mfa.gov.tr.

[3] http://turkey.legal.az/index.php?option=com_content&task=view&id=1146

ФОРМИРОВАНИЯ КУЛЬТУРНЫХ ОТНОШЕНИЙ ТУРЕЦКОЙ РЕСПУБЛИКИ С РЕСПУБЛИКОЙ ТАДЖИКИСТАН

Сабахаттин Гунай

Взаимодействие двух государств, налаживание и всестороннее развитие сотрудничества между Таджикистаном и Турцией во многом зависело от дипломатических контактов, отношений между внешнеполитическими ведомствами. Визит Президента Турецкой Республики Абдулла Гюлья в Республику Таджикистан 28-30 мая 2009 г. стал, несомненно, новой страницей в истории сотрудничества между двумя странами. В ходе визита руководители обоих государств рассмотрели вопросы развития политического и двустороннего сотрудничества в дружественной атмосфере и взаимопонимания.

Ключевые слова: история, опыт, формирования, отношения, Турция, Таджикистан, условия, информационное общества, глобализация, фактор, развития, дипломатия.

FORMATION OF THE CULTURAL RELATIONS BETWEEN TURKISH REPUBLIC WITH THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Sabahittin Gunay

The article is focused on the basis of opening in 1992, the Embassy of the Republic of Turkey in Tajikistan which was a concrete step in establishing cooperation between the two countries. The author is states that Interaction between the two states , and the establishment of comprehensive cooperation between Tajikistan and Turkey largely depended on diplomatic contacts , relations between the foreign ministries . The visit of Turkish President Abdullah Gyulya the Republic of Tajikistan on 28-30 May 2009, Tajikistan became undoubtedly a new page in the history of cooperation between the two countries During the visit, leaders of both countries discussed issues of political and bilateral cooperation in a friendly atmosphere and mutual understanding.

***Key words*:** history, experience, language, method, formation, bilateral, relations, theoretical, basis, Turkey, Tajikistan, diplomacy, technologies, embassy.

Сведения об авторе: Гунай Сабахаттин – соискатель кафедры истории Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел.: (+99237) 228-01-84 (р), e- mail: sbhttngunay@hotmail.com

Information about the author: Gunay Sabahittin - research student in the Department of History of Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, tel.: (+99237)228-01-84 (v), e-mail: sbhttngunay@yahoo.com.

КӮЛБОРИ ПУРБОРИ АДИБ
(Сухане чанд дар ҳошиаи китоби «Оҳанги хаёл»- и Меҳмон Бахтӣ)

Нуров Садриддин
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Адабиёти тоҷик дорои бунёди қавист ва ҳам аз лиҳози мазмуну мундариҷа, ҳам аз ҷиҳати фарогирии жанрҳову мавзуъҳо рушдёфтаасту щухрати дерин дар паҳнои адаб дорад. Ин мазмун борҳо аз ҷониби муҳаққиқону адабиётшиносон таъкид гардидааст. Ва ин ҷо бори дигар таъкид ба мазмун кардани моро ҳадаф ишора бар он аст, ки дар чунин адабиёти ғановатманду пурвусъат ва рушдёфта роҳ ёфтану мавқеи шоиста пайдо намудан саҳлу сода коре нест ва на ҳар қаламкашро даст медиҳад.

Хушбахтон, адиби номвар Меҳмон Бахтӣ аз зумраи он эҷодкоронест, ки ба арсаи адабиёт бо азму иродаи қавӣ, бо қадамҳои устувор аҳдофи ҳамида ворид гардиданду

тадриҷан роҳу равви шва мавқеи худро дарёфтаанд. Нахуст нигоштаҳои ӯ гувоҳи он буданд, ба майдони адаб на аз рӯи ҳавову ҳавас азми ворид гаштан дорад, балки кӯлбори сафараш ба қаламрави сухан пурбор асту метавонад баҳри рушди адабиёти тоҷик хидмате шоиста бинамояд. Меҳмон Бахтӣ ба майдони адабиёт қадамҳои аввалинашро асосан ҳамчун драматург гузоштааст ва хушо , ки аз оғоз ба комёбиҳо мушарраф гардидааст ва ин дар ваъзе, ки дар Тоҷикистон он солҳо (солҳои 60-уми асри ХХ) драматургия бахши рушднаёфтаи адабиёти тоҷик дониста мешуд. Аввалин китоби песаҳои Меҳмон Бахтӣ, ки аз силсилаи «Навниҳолони боғи адабиёт» ба нашр расид (соли 1972), ду песаи адиби ҷавон « Лаҳзаи ҷовид», ва «Бародарон» - ро дар бар мегирифт. Ин песаҳо қабл аз китобшуданашон дар маҷаллаи «Садои Шарқ» чоп шудаву писанди ҳаводорони каломи бадеъ гардида буданд ва ҳатто ба саҳнаи театрҳои маъруфи замон роҳ ёфта буданд. Китоби « Лаҳзаи ҷовид» хонандагони зиёде пайдо кард ва перомуни он гуфткгузори фарогире байни аҳли адаб ва муҳаққиқону адабиётшиносон ба миён омад. Ҳамагон дар маҷмӯъ аз он изҳори хушнудию қаноатмандӣ мекарданд, ки минбаъд барои рушди драматургияи тоҷик боз як қаламкаши ҷавону соҳибистеъдоде ба таври шоиста хидмат хоҳад кард. Ва умедвориҳои ҳаводорони адабиёти бадеӣ нарафтанд. Минбаъд Меҳмон Бахтӣ ҳарчанд ба жанрҳои дигар (ҳикояву повест, таронаву суруд…) низ рӯй оварду асарҳои шоиста офарид, аз драматургия қатъи назар накард ва дар ин бахши ба эътирофи умум хеле мушкили адабиёт давра ба давра асарҳои шоист вар ангину муҳтаво манде эҷод намуд. Пас аз ҳамон соли барои Меҳмон Бахтӣ(ва ҳаводорони эҷодиёташ) таърихии 1972(дар ин сол ҳам китоби песаҳояш ба табъ расиду ҳам ӯ ба узвияти Иттифоқи нависандагон пазируфта шуд) китобҳои зиёди адиб ба нашр расиданду доираи хонандагону мухлисонаш густариш ёфт. Шоистаи тазаккур аст, ки ҳар як китоби нави Меҳмон Бахтӣ азҷониби ҳаводорони каломи бадеъ чун як ҳодисаи нави адабӣ пазируфта мешуд, боиси гуфтугӯву баҳсу муҳокимаҳо мегарди. Дар бораи китобҳои ин нависандаи номвар такризҳои зиёде навишта шудаанд ва умуман эҷодиёти Меҳмон Бахтӣ диққати теъдоди зиёди муҳаққиқону адабиётшиносонро ҷалб намудааст. Дар ин миён устодони донишманд М. Шакурӣ, А. Сайфуллоев , Х. Шарифов, Н. Нурҷонов ба навиштаҳои адиб бештар ҳусни таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Рислоаи илмӣ ва адабию тадқиқотии адабиётшиноси маъруфи тоҷик Атахон Сайфуллоев бо номи «Ҳусни нигарондагӣ», ки соли 2003 дар шакли китоби алоҳида ба нашр расидааст, асари нисмбатан мукаммалест дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти Меҳмон Бахтӣ . ин асар бо сабку услуби хос ва рангину ҷолибнавишта шудааст.

Маълум, ки қаблан муҳаққиқону адабиётшиносон бо мақсади мақолае ё такризе навиштан ба асарҳои Меҳмон Бахтӣ китобҳои зиёди ӯро дастрас намудаву рӯи мизи кориашон мениҳанд. Инак барои онҳо имконе фароҳам омада, ки ба ҷои аксари он китобҳо як китоби бузургҳаҷму фарогиреро пеши худ дошта бошанд. Нашриёти «Адиб» соли 2011 бо номи «Оҳанги хаёл» дар ҳаҷми беш аз 30 ҷузъи чопӣ китоби намунаҳои осори Меҳмон Бахтӣро ба ифтихори 70 солагиаш дастраси хонандагон намуд, ки қариб тамоми навиштаҳои арзишманди адибро ба ҳам овардааст. Чунон ки дар шиносномаи китоб омадааст, асарҳои дар он ҷойгирифтаро адиб дар солҳои гуногун навиштааст ва ин асарҳо соҳаҳои мухталифи зиндагӣ мавриди таҳқиқу бозгӯӣ қарор гирифтаанд. Китоби «Оҳанги хаёл» то ҷое як навъ оинаи тамомнамои фаъолияти адабии нависанда, шои ва драматург Меҳмон Бахтист. Басо бамаврид ва айни муддаост, ки ба китоб адиб ва донишманди варзида Мирзо Шукурзода ба гунаи сарсухан,балки ба ҷои сарсухан мақолаи пурмазмун ва бавусъате бо номи « Дардошнои ишқу андуҳи ориёно» навиштааст. Дар ин мақолаи пурғунҷоиш махсусиятҳои эҷодии М. Бахтӣ, маҳорати адабӣ, навоварию тозакорӣ сабку услуб ва моҳияту аҳамияти осори ӯ борикбинона ва бо далелҳои ҷолибу муътамад таҳлилу арзёбӣ шудааст. Тавассути ин мақола хонандагон бо чеҳраи адабии нависанда амиқтару рӯшантар ва бештар ошно мешаванд, аз воқеияту бадеияти осори ӯ огоҳии дақиқтар пайдо мекунанд.

Китоби « Оҳанги хаёл» аз се қисм иборат мебошад:

«Қиссааҳо», « Намоишномаҳо», ва « ҳикояҳо». Қисми авал қиссаҳои «Хубон», «Пирамард», ва « Се соати маргбор»- ро дар бар мегирад. Эҷоди ҳар яке аз ин қиссаҳо як марҳилаи муҳими фаъолияти адабии нависанда маҳсуб меёбад. Махсусан, қиссааи « Хубон» на танҳо дар эҷодиёти М. Бахтӣ, балки дар адабиёти солҳои 70- 80-и асри ХХ- и тоҷик воқеан муҳиму муассире эътироф шудааст. Нақди адабӣ онро яке азбеҳтарин асарҳои насри муосир тавсиф бахшидаас. Ин қиссаи дилангезу ҷолибва пуртаъсир ба мавзӯи меҳнат ва азму талошҳои халқи тоҷик дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва солҳои нахустини барқарорсозии оқибатҳои ҷанг бахшида шудааст ва аз рӯйдодҳои пуртазоди як гӯшаи куҳистони тоҷик нақл мекунад. Адабиётшиноси маъруф А. Сайфуллоев бар он назар аст, ки «дар повести Хубон » қалами нигорандагии Меҳмон Бахтӣ хеле моҳирона ба ҷилва омадааст». Беҳуда нест, ки зери таъсири ин қиссаи навоварона дар адабиёти тоҷик аз ҷониби якчанд адиб қиссаҳои дигаре арзи ҳастӣ кардаанд. Қиссаҳои « Хубон» ба забони русӣ ва боз ба чандзабони хориҷӣ тарҷума шуда, хонандагони зиёде пайдо кардааст.

Қиссаҳои «Пирамард», ва « Се соати маргбор» низ аз офаридаҳои устодонаву нақшгузори Меҳмон Бахтӣ буда, ба ғановатмандии бештари адабиёти тоҷик мусоидат кардаанд.

Қисмати намоишномаҳои «Фирдавсӣ», «Шоҳ Исмоили Сомонӣ», «Тилисми Сайҳун», «Эҳ ҷавонӣ, ҷавонӣ» ва «Роҳзан ва кӯзагар» мебошад. Хушбахтона, дар бораи асарҳои саҳнавии Меҳмон Бахтӣ низ қаламкашони зиёде ибрози назар кардаанд. Намоишномаи «Фирдавсӣ» боз як дастоварди муҳиму тозаи адиб буда, ҳам аз лиҳози шаклу услуб ва ҳам аз ҷиҳати бандубасту воқенигорӣ дорои навгониҳост. Манзараҳои гуногуни ҳаёту фаъолияти Фирдавси бузург дар ин намоишнома дар заминаи манзараву лаҳзаҳои мухталифу муассир тавсиф ёфтаанд ва диққати хонандагонро зуд ба худ ҷалб менамоянд. Метавон гуфт, ки намоишномаи « Фирдавсӣ» дар драматургияи тоҷик он нақшеро пайло кард, ки романи « Фирдавсӣ» - и устод С. Улуғзода умуман дар адабиёти тоҷик пайдо намудааст.

Намоишномаи « Шоҳ Исмоили Сомонӣ» мундариҷаи осори драмавии Меҳмон Бахтиро такмил бахшидааст ва дар радифи беҳтарин асарҳои саҳнавии насри муосири тоҷик мавқеъ дорад.

Умуман, аксар асарҳои саҳнавии адиб ҷанбаи таърихӣ дошта, дар заминаи ҳаводиси таърихӣ дар бораи шахсиятҳои маъруфи халқи тоҷик навишта шудаанд. Ин асарҳо ва умуман, кули эҷодиёти Меҳмон Бахтӣ ба ташаккулу такомули ҳисси худогоҳию хештаншиносӣ, ватанпарстию ифтихори миллӣ ва истиқлолпарастии хонандагон мусоидат мекунанд.

Чаҳор ҳикояе, ки дар қисмати «Ҳикояҳо»-и китоб омадааст, низ басо таваҷҷуҳбарангез буда, далолат бар он мекунанд, ки адиби маҳбуби мо дар ин жанр низ мумтозу тавонманд мебошанд.

Бояд таъкид кард, ки Меҳмон Бахтӣ дар эҷоди шеър, махсусан суруд дасти гиро дорад, комёб аст. Аз ин рӯ агар дар китоби « Оҳанги хаёл» қисмати дигаре бо номи « Шеърҳо» илова мешуд, чеҳраи адабии нависанда бештар ва мукаммалтар инъикос меёфт.

11) субъектные: *Government support*; рус. *поддержка правительства* (сущ. + сущ. род. п.); тадж. *дастгирии ҳукумат*. (сущ. + сущ.);
12) специфирующие: *the cherry orchard, a guilty feeling*; рус. *вишневый сад* (прил. + сущ.), *чувство вины* (сущ. + сущ. род. п.); тадж. *боги олуболу, ҳиссиёти гунаҳкорӣ* (сущ. + сущ.); (сущ. + прил.);
13) идентифицирующие: *a wise man*; рус. *человек большого ума* (сущ. + сущ. род. п.). тадж. *шахси босавод*. [2;17]

На следующем этапе исследования были рассмотрены усложненные адъективных словосочетания. Особенность, отличающая таджикский и английский язык от русского и других индоевропейских языков, состоит в индивидуальной легкости, с которой имя существительное или несколько существительных, образующих цепочку или даже целое предложение, способно вступить в сочетание с последующим опорным

существительным и выполнять по отношению к нему функцию препозитивного определения.

Включение более чем одного адъектива реализуется в структуре путем «нанизывания» этих адъективов, стоящих в одну цепочку в препозиции к определяемому слову. В таких словосочетаниях обнаруживаются только адъективные отношения. Например: *the first morning, spring warm sunrise, everyday morning examination.* В русском языке им соответствуют адъективные словосочетания типа: *первые утренние, по-весеннему теплые солнечные лучи; ежедневный утренний осмотр.* А в таджикском языке им соответствуют адъективные словосочетания типа: *аввалин шӯълаҳои гарми офтоби баҳорӣ; тафтиши ҳаррӯзаи пагоҳирӯзӣ.*

В установлении семантики любой языковой единицы наблюдается взаимодействие разнообразных факторов. В этом аспекте адъективные словосочетания по своей синтаксической семантике в сопоставляемых языках неоднородны: смысловые отношение между компонентами таких словосочетаний могут быть адъективными – *картина в доме, утренняя прогулка, дом на против, the picture in the house, morning walk, the house opposite; расм дар хона, сайругашти пагоҳӣ, хонаи рӯ ба рӯ;* объектными – *трата времени, воля к победе, a waste of time*, *a will for Victory; сарфаи вақт; ирода барои галаба,* обстоятельственными – *дом на горе, гость из Москвы, the house on the hill, the guest from Moscow; хона дар кӯҳ, меҳмон аз Москва.*

Интересно проследить проявление различных соотношений формы и содержания в языке, когда одна и та же форма выражает различное содержание. Подобную ассиметрию можно наблюдать, например, в словосочетаниях, обозначенных структурой сущ. + сущ. с прил. (N pr N), (И пеш. И).

Неоднозначность этой конструкции заключается в том, что она может иметь различное содержание. В таджикском, английском и русском языках она может быть:

1) адъективной – *на столе лежало <u>письмо</u> моего <u>друга</u>. – There was <u>a letter of</u> my <u>friend</u> on the table; <u>мактуби</u> <u>рафиқи</u> ман дар болои миз буд;*
2) объектной – *Вчера я получил <u>письмо от друга</u>. – I received <u>a letter</u> <u>from</u> my <u>friend</u> yesterday*; *ман дирӯз <u>аз рафиқам</u> <u>мактуб</u> гирифтам*
3) обстоятельственной – *На прошлой неделе я получил <u>письмо из</u> <u>Москвы.</u> – I received <u>a letter from Moscow</u> last week. Ҳафтаи гузашта ман <u>аз Москва мактуб</u> гирифтам*

Известно, что значение словосочетания возникает на основе сложного взаимодействия лексико-семантических характеристик, грамматических свойств сочетающихся словоформ и способа связи между ними. На уровне предложения компоненты словосочетания теряют свою однонаправленную связь, вступая в более сложные связи и отношения. Поэтому бывает, нелегко однозначно решить вопрос о синтаксической функции словоформы в структуре предложения. Совмещение в словоформе признаков разных второстепенных членов в русской грамматике получило название переходности и синкретизма. Данные явление чаще всего наблюдаются у неморфологизированнных членов предложения и компонентов словосочетания. Наиболее ярко выраженный синкретизм проявляется у несогласованного определения. Например, в словосочетаниях типа *дом у дороги, приезд начальника, город ночью, площадка для детей* главные компоненты имеют значение предметности. Поэтому в отношениях между главными и зависимыми компонентами присутствует ярко выраженный элемент адъективного значения. Наряду с адъективным значением данные словосочетания выражают объектные (*приезд начальника – кого? и чей? площадка для детей – для кого? и какая)* и обстоятельственные (*дом у дороги – где? и какой?; город ночью – когда? и какой?)* отношения, которые связаны с семантикой сочетающихся компонентов и проявляются в более развернутом контексте. (М.Х. Шхапацева). [3;326]

Так же, как и в русском, в английском и таджикском языках существуют предложения, в которых сочетание компонентов словосочетания может быть интерпретировано двояко. Так, например, в предложении*: I studied the atlas in our school library. Я изучал атлас в нашей школьной библиотеке. Ман атласро дар китобхонаи*

мактабамон омӯхтам, словосочетание *the atlas in our school library (атлас в нашей школьной библиотеке, атлас дар китобхонаи мактабамон*) является адъективным, если к нему задать вопрос: What atlas did you study? Какой атлас ты изучал? Кадом атласро ту омӯхти? или обстоятельственным, если вопрос задать следующим образом: Where did you study the atlas? Где ты изучал атлас? Ту дар кучо атласро омӯхти?

Литература:

1. Чемякина, Л.И. Семантика атрибутивной связи (на материале словосочетаний и сложноподчиненного предложения с придаточным определительным): Дис. канд. филол. наук: 10.02.04. / Л,И. Чемякина. Л., 1987, -181с.
2. Свердлова, Г.И. Структурно-семантические типы атрибутивных словосочетаний и их синонимическая соотносительность в современном английском языке: Автореф. дис. канд. филол. наук: 10663 / МГПИИЯ им. В.И. Ленина / Г.И. Свердлова. М., 1971, - 17 с.
3. Шхапацева, М.Х. Сопоставительная грамматика русского и адыгейского языков / М.Х. Шхапацева. Майкоп: Адыг. респ. книж. изд-во, 2005.-326 с.
4. A. Chekhov. Uncle – Vanya, p. 145, 1966, - 128 p. - TR.
5. Высшая школа, 1986,- 145 с.

АДЪЕКТИВНЫЕ СЛОВОСОЧЕТАНИЯ В СИСТЕМЕ СТРУКТУРНО-СЕМАНТИЧЕСКИХ ТИПОВ СЛОВОСОЧЕТАНИЙ В ТАДЖИКСКОМ, АНГЛИЙСКОМ И РУССКОМ ЯЗЫКАХ

Махмадалиева Х. П.

Статья посвящена сопоставительному анализу адъективных словосочетаний в русском, таджикском и английском языках. На большом фонетическом материале выявлены структурно-семантические типы адъективных словосочетаний анализирующих языков.

Ключевые слова: синтаксис, словосочетание, русский, английский, таджикский, сопоставление, структура, семантика

ADJECTIVAL PHRASES IN THE SYSTEM OF THE STRUCTURAL-SEMANTICALLY TYPES OF PHRASES IN TAJIK, RUSSIAN AND ENGLISH LANGUAGES

Mahmadalieva H. P.

The article is devoted to analyzing in comparison of adjectival word combination in Russian, Tajik and English languages. In a wide phonetic material is showed structural-semantic types of adjectival word combination in analyzing languages.

Key words: syntax, word-combination, Russian, English, Tajik, comparison, structure, semantic

Сведение об авторе*:* Махмадалиева Халима Пирмуродовна - аспирант 3-го года обучения кафедры сопоставительной типологии Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел.:(+992) 93-857-11-14, e-mail: halima_mahmadalieva@ mail.ru

Information about the author*:* Mahmadalieva Halima Pirmurodovna - is a post graduated- student of the third course at the department of comparison-typology of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, phone: (992) 93-857-11-14, e-mail: Halima_mahmadalieva@ mail.ru

МУТОБИҚАТИ СИФАТҲО ВА ҶОИ ОНҲО ДАР ҶУМЛА

Маликов А.Р., Ҳалимова Р.А.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Сифат дар забони франсавӣ дар ҷинс ва шумора бо исми додашуда мутобиқат мекунад. Дар забони тоҷикӣ бошад сифат бетағир мемонад:

C'est ***une grande terrasse****. Ин* ***пешайвони калон*** *аст.*

Je cueille des ***fleurs blanches****. Ман* ***гулҳои сафед*** *мечинам.*

Cette ***fenêtre*** *est trop* ***étroite****. Ин* ***тиреза*** *ниҳоят* ***танг*** *аст.*

тоҷикӣ: *Истад умуман* ***ҷавони бомулоҳиза, вазнин*** *ва* ***боодоб*** *буд, лекин агар касе ба иззати нафси ӯ расад, зуд* ***оташин*** *мешуд ва худро гум карда мемонд.*[1]

франсавӣ: *Istad était un* ***jeune homme raisonnable****,* ***sérieux*** *et* ***poli,*** *mais il ne pouvait supporter les offences qui le mettait hors de lui.*[2]

Гарчанде, ки сифатҳои ***«jeune»*** ва ***«raisonable»*** аз сабаби бо ҳарфи **e**-и талаффузнашаванда ба охир расиданашон, ҳам дар ҷинси мардона ва ҳам дар ҷинси занона як шаклро дороянд, аммо мо аз сифати ***«sérieux»*** ва ***«poli»*** дарк карда метавонем, ки ин сифатҳо барои ҷинси мардонаи шумораи танҳо истифода шудаанд. Чизи дигаре қобили қайд аст, тарҷумон дар забони франсавӣ калимаи ***«jeune»*** ва ***«homme»*** тарҷума кардааст, ки ин ду калима маънои ***«ҷавонмард»***-ро медиҳанд. Аммо бо вуҷуди ба калимаҳо маънои дигар додану истифода нашудани баъзе калимаҳо, тарҷумон ҷумлаҳои забони тоҷикиро ба забони франсавӣ бисёр хуб тарҷума кардааст.

Агар дар ҷумла ду ё зиёда аз ду исми гуногунҷинс (ҳам ҷинси мардона ва ҳам ҷинси занона) мавҷуд бошад, дар ин вақт сифат дар ҷинси мардонаи шумораи ҷамъ гузошта мешавад, ки ин аз сабаби мавҷуд набудани ҷинсият дар забони тоҷикӣ, хоси ин забон нест:

Ahmad *et* ***Fatima*** *sont* ***gentils****.* ***Аҳмад*** *ва* ***Фотима меҳрубон*** *ҳастанд.*

Fatima *et* ***Zuhra*** *sont* ***gentilles.*** ***Фотима*** *ва* ***Зуҳро меҳрубон*** *ҳастанд.*

Агар ҷумлаи додашударо таҳтуллафз тарҷума кунем: «Фотима ва Зуҳро меҳрубонҳо ҳастанд» мешавад.

тоҷикӣ: *Пас аз як сол ба қадам фарзанд шуд. Аз ин кор* ***ману Иброҳим*** *ҳам* ***хурсанд*** *будем, ҳам* ***гамгин****.*[3]

франсавӣ: *Au bout d'un an, je fus enceinte.* ***Ibrahim*** *et* ***moi*** *étions tout* ***heureux*** *à la pensée de notre futur enfant, mais nous étions aussi* ***inquiets*** *pour lui.*[4]

франсавӣ: ***Les femmes*** *étaient* ***belles*** *et j'ai demandé à Marie si elle le remarquait.*[5]

тоҷикӣ: *Баъзан аз пешамон* ***занҳои соҳибҷамол*** *мебаромаданд ва ман аз Мари пурсидам, ки оё ӯ инро пайхас мекунад?*[6]

Дар ҷумлаҳои додашуда дигаргуниҳои зиёде ба чашм мерасад. Чихеле, ки дар боло дар бораи исмҳои гуногунҷинс гуфта гузаштем, дар ҷумлаи забони франсавӣ сухан дар бораи Иброҳиму ҳамсараш рафта ду исми гуногунҷинс *(**мардонаю занона**)*-ро дар бар мегирад. Бинобар ин сифатҳои ***«heureux»*** ва ***«inquiet»*** барои ҷинси мардонаи шумораи ҷамъ истифода шудаанд. Дар ҷумлаи дигари овардашуда сифати ***«belle»*** дар шакли ҷинси занонаи шумораи ҷамъ овардашудааст, зеро исм гарчанде, ки дар шакли ҷамъ омадааст, ба ҷинси занона таалуқ дорад. Дар ин ҷумла дигаргунии дигаре дар тарҷума дида мешавад. Масалан, агар ба қисмати аввали ҷумлаи забони франсавӣ нигарем ***«les femmes étaient belles»*** оварда шудааст, ки маъноясш ***«занҳо зебо буданд»*** буда,

---

[1] Ҷалол Икромӣ. Духтари Оташ. Душанбе: Адиб, 2009. с.53
[2] Djalol Ikrami. La Fille du Feu. Moscou, 1966. p.66
[3] Ҷалол Икромӣ. Духтари Оташ. Душанбе: Адиб, 2009. с.71
[4] Djalol Ikrami. La Fille du Feu. Moscou, 1966. p.90
[5] Albert Camus. L'Etranger.- France: Gallimard, 1942. p.65, 66
[6] Албер Камю. Бегона. – Душанбе: Деваштич, 2007. с.61

тарҷумон ин қисмати ҷумларо дар забони тоҷикӣ чунин тарҷума кардааст: ***«баъзан аз пешамон занҳои соҳибҷамол мебаромаданд»,*** ки дар ҷумлаи забони франсавӣ калимаи ***«баъзан»*** ва ***«пешамон»*** истифода нашудааст.

Агар сифат аз исм пайдо шуда, маънои рангро дошта бошад, дар ин ҳолат бетаъғир мемонад:

un ***chapeau marron****-des* ***chapeaux marron-кӯлоҳи*** *(кӯлоҳҳои)* ***ҷигарӣ*** *(дорчинранг).*

un ***ruban cerise****-des* ***rubans cerise-лентаи*** *(лентаҳои)* ***олуболуранг****.*

франсавӣ: *Derrière eux, une mère énorme, en* ***robe de soie marron****, et le père, un petit homme assez frêle que je connais de vue.*[7]

тоҷикӣ*: Аз паси онҳо модари фарбеҳу калонҷуссаашон, ки* ***куртаи зарди шоҳӣ*** *дошт ва падари логари онҳо, ки ман ӯро аз наздик мешиносам, равон буданд.*[8]

Чи гунае, ки дар боло қайд кардем сифати ***«marron»*** ба исми ***«robe»*** мутобиқат накардааст, зеро ин сифат маънои рангро дошта маъноияш ***«ҷигарӣ ва дорчинранг»*** буда, дар забони тоҷикӣ тарҷумон ин сифатро ***«зард»*** тарҷума кардааст. Ҳамчунин тарҷумон барои образнок шудани тарҷума дар ҷумлаи забони тоҷикӣ сифати ***«фарбеҳ»***-ро дохил кардааст, ки ин дар ҷумлаи забони франсавӣ вуҷуд надорад.

Мисолҳои дигар:

тоҷикӣ: *Ҳоло дар рӯ ба рӯи ӯ, дар поёни хона Фирӯза менишаст ва рӯймоли* ***фаранги сурхранге****, ки ҳадяи Асо буд, сари ӯро зинат медод, дигар куртаи* ***чити гуланори базеб****, камзӯлчаи* ***сатини сиёҳ,*** *ки аз* ***махмали сурх*** *лаблӯла дошт, ороиши тани ӯ буд.*[9]

франсавӣ: *En face d'elle, au bout de la pièce, se trouvait Firouza. Vêtue d'une robe de* ***couleur grenat****, elle portait une* ***camisole en satin noir*** *décorée de* ***velours rouge****, sa tête était couverte du foulard en* ***soie rouge*** *offert par Asso.*[10]

Дар ҷумлаи забони франсавӣ сифати ***«grenat»,*** ки ифодакунандаи ранг аст ба исми ҷинси зононаи ***«la couleur»*** мутобиқат накардааст. Зеро агар мутобиқат мекард ***«grenate»*** мешуд. Ҳарчанде, ки сифати ***«rouge»*** дар ҷинси мардонаю занона як шаклро дорост, аммо аз рӯи қоида бояд донем, ки дар ҷумлаи додашуда мутобиқат накарда ин сифат ҳамчун дар шакли ҷинси мардона омада аст.

Истисно иборат аз сифатҳои зерин буда, ин сифатҳо бои см мутобиқат мекунанд:

écarlate- сурх, сурхи баланд, суп-сурх, гулгун

fauve-рангпарида, офтобзада, зардшуда, зард

mauve-бунафш, бунафшаранг, нофармон

pourpre-аргувон(ӣ), қирмизӣ, сурхи баланд

rose - гулобӣ, гулгун;

un ***ruban rose****- des* ***rubans roses –лентаи*** *(тасмаи)* ***гулобӣ-лентаҳои гулобӣ***

Сифатҳои ***«demi (нисф, ним)»*** ва ***«nu (бараҳна, луч, урён)»*** дар ҳолати пеш аз исм буданашон дар забони франсавӣ тавассути нимтире навишта шуда, дар ҷинс ва шумора бо исм мутобиқат намекунанд, аммо агар ин сифатҳо баъд аз исм оянд ***«demi»*** танҳо дар ҷинс ва сифати ***«nu»*** бошад, ҳам дар ҷинс ва ҳам дар шумора бо исм мутобиқат мекунад. Муқоиса кунед:

une **demi - heure**-une **heure** et **demie** - нимсоат-якуним соат

nu-tête - tête nue - сари луч (бо сари луч)

франсавӣ: *Vers* ***sept heures et demie*** *Catherine sert le petit déjeuner*[111]

тоҷикӣ: *Тақрибан соати 7:30 дақиқа Катрин хурокро ба рӯи миз мегузорад. (тарҷума аз худам).*

Чи гунае, ки дар қоида гуфта гузаштем, дар ҷумлаи забони франсавӣ сифати ***«demi»*** танҳо дар ҷинс бо исми додашуда мутобиқат карда, дар шумора бошад бетағир

---

7 Albert Camus. L'Etranger.- France: Gallimard, 1942. p.35

8 Албер Камю. Бегона. – Душанбе: Деваштич, 2007. с.33

9 Ҷалол Икромӣ. Духтари Оташ. Душанбе: Адиб, 2009. с.136

10 Djalol Ikrami. La Fille du Feu. Moscou, 1966. p.164

11 Попова И.Н., Казакова Ж.А., Ковальчук Г.М. Manuel de français.- Нестор Академик, 2006. с.54

мондааст.

Мисолҳои дигар:

франсавӣ: *Quelques –unes enfouies avec leurs vérandas sous les tamaris, quelques autres* ***nues*** *au milieu des pierres.*[12]

тоҷикӣ: *Баъзе хоначаҳо бо айвонҳояшон дар байни буттаҳои газ панаҳ шуда буданд, дигарашон дар байни сангҳо* ***урён*** *меистоданд.*[13]

Ҳарчанд дар ҷумлаи забони франсавӣ исми ***«хона»*** (ки ба ҷинси занона дохил мешавад) оварда нашудааст, аммо сифати ***«nues»*** ба қисми калимаҳои ***«quelques autres»***, ки ба маънои ***«баъзе хоначаҳои дигар»*** омадааст, мутобиқат карда, дар ҷинси зананаи шумораи ҷамъ гузошта шудааст.

Агар сифат нақши зарфро бозида дар якҷоягӣ бо феъл бошад, дар ҷинс ва шумора бетағир мемонад:

Ces autos ***coûtent cher****. Ин мошинҳо* ***қиммат ҳастанд****.*

Cette chemise ne coûte pas ***cher.***[214]*-Ин курта* ***қиммат*** *нест. (тарҷумаи шахсӣ)*

Истисно иборат аз сифатҳои зерин мебошад:

une porte ***grande ouverte*** *— des portes* ***grandes ouvertes****. Дари (дарҳои)* ***васеъ кушодагӣ.***

une fleur ***fraîche éclose*** *— des fleurs* ***fraîches écloses****. Гули (гулҳои)* ***нав шукӯфтагӣ****.*

Сифатҳое, ки чун зарф дар истисно оварда шудаанд, на танҳо бо исм мутобиқат мекунанд, балки дар ин ҳолат пеш аз феъл низ гузошта мешаванд.

Сифатҳои мураккаб

Агар дар ҷумла ду сифат пайи ҳам омада бошад, ҳардуи онҳо дар ҷинс ва шумора бо исм мутобиқат мекунанд:

un enfant ***sourd-muet****-des enfants* ***sourds-muets*** *- кӯдаки (кӯдакони)* ***кару гунг***

Агар онҳо аз сифат ва шакли кӯтоҳшудаи бо **i** ва **o** бошанд, дар ин вақт танҳо сифат ба исм мутобиқат мекунад:

une histoire ***tragi-comique*** *– des histoires* ***tragi-comiques****-таърихи (таърихҳои)* ***мазҳакаи фоҷиаомез;***

un dictionnaire ***franco-italien*** *— des dictionnaires* ***franco-italiens****-лугати (лугатҳои)* ***франсавӣ-итолиёвӣ;***

Агар онҳо аз сифату зарф ё ин, ки сифату пешоянд иборат бошанд, танҳо сифат бо исм мутобиқат мекунад:

un veau ***nouveau-né*** *— des veaux* ***nouveau-nés*** *гусолаи (гусолаҳои)****навзод*** *(нав зоидашуда, таваллудшуда);*

*l'****avant-dernière*** *page — les* ***avant-dernières*** *pages -саҳифаи (саҳифаҳои)* ***пеш аз охир*** *(охирин, охирон).*

Агар онҳо ифодакунандаи ранг бошанд, дар ин вақт бетағир мемонанд:

une jupe ***bleu foncé*** *— des jupes* ***bleu foncé*** *–юбкаи (юбкаҳои) кабути баланд.*

Ҷой ва вазифаи сифатҳо

Дар забони франсавӣ ва тоҷикӣ ҷои сифат вобаста ба вазифаи он дар ҷумла муайян карда мешавад. Сифат метавонад қисми таркибии хабар, муайянкунанда ва ҳоли тарзи амал бошад:[15]

Институти мо дар бинои ***калон*** *ҷойгир шудааст.-Notre institut se trouve dans un* ***grand*** *bâtiment (тарҷума аз худам).*

Бинои институти мо ***калон*** *аст.-Le bâtiment de notre institut est* ***grand****.*

Онҳо ҳам ***нагзтар*** *зиндагӣ кардан мехостанд.*[15]*-Il voudraient vivre* ***mieux*** *aussi.*

---

[12] Albert Camus. L'Etranger.- France: Gallimard, 1942. p.74

[13] Албер Камю. Бегона. – Душанбе: Деваштич, 2007. с.70

[14]Попова И.Н., Казакова Ж.А. Грамматика французского языка.-Нестор Академик Паблишерз, 2003. с. 47

[15] Арзуманов С., Сангинов А. Забони тоҷикӣ. с. 150

[15] Арзуманов С., Сангинов А. Забони тоҷикӣ. с. 150

Агар сифат дар забони франсавӣ ба вазифаи қисми таркибии хабар омада бошад, дар ин ҳолат вай пас аз бандаки феълӣ гузошта мешавад, ки ин хоси забони тоҷикӣ нест. Дар забони тоҷикӣ бошад баръакси забони франсавӣ сифат пеш аз бандаки феълӣ гузошта мешавад:

Sa ferme ***était grande****. Фермаи вай* ***калон буд.***

Zaynura ***n'est pas paresseuse****. Зайнура* ***танбал нест****.*

франсавӣ: *Le ciel était* ***vert****, je me sentais* ***content****.*[14]

тоҷикӣ: *Осмон* ***сабзчатоб*** *гашта буд, ман худро* ***хушҳолу ором*** *ҳис мекардам.*[16]

Дар ҷумлаи забони франсавӣ сифати ***«vert»*** баъд аз феъли ***«être (дар шахси сеюми шумораи танҳои замони гузаштаи давомдор)»*** ва сифати ***«content»*** бошад баъд аз феъли ***«se sentir (дар шахси якуми шумораи танҳои замони гузаштаи давомдор)»*** гузошта шудаанд. Дар ҷумлаи забони тоҷикӣ бошад ҳардуи сифатҳо, ҳам сифати ***«сабзчатоб»*** ва ҳам сифатҳои ***«хушҳолу ором»*** пеш аз феъл гузошта шудаанд.

Сифат дар нақши муайянкунанда дар забони франсавӣ метавонад пас ё пеш аз исм гузошта шавад, аммо дар забони тоҷикӣ бошад ҳамеша сифат баъд аз исм гузошта мешавад.

Сифат пас аз исм ҳамеша нақши муайянкунандаро иҷро мекунад.

Сифати нисбӣ:

la ***poésie chinoise*** *–* ***назми*** *(шеъри)* ***хитоӣ***

une ***usine métallurgique*** *—* ***заводи металлургӣ***

франсавӣ: *Je suis entré dans* ***une très grande salle*** *éclairée par* ***une vaste baie****.*[17]

тоҷикӣ: *Ба толори васее даромадам, ки дар як тарафаш тирезаҳои* ***калон*** *дошт.*[18]

Чихеле, ки қайд кардем сифат метавонад пеш ё пас аз исм гузошта шавад, дар ҷумлаи забони франсавӣ сифати ***«grande»*** пеш аз исми ***«sale»*** ва сифати ***«vaste»*** пеш аз исми ***«baie»*** гузошта шудааст. Аммо дар ҷумлаи забони тоҷикӣ бошад сифати ***«васеъ»*** пас аз исми ***«толор»*** ва сифати ***«калон»*** пас аз исми ***«тиреза»*** гузошта шудааст. Ин ҷумла метавонад далели он бошад, ки дар ҳақиқат дар забони тоҷикӣ сифат баъд аз исм меояд.

Сифатҳои ба маънои ранг ё ин, ки шакли предмет:

des tulipes ***jaunes*** *et* ***rouges*** *-лолаҳои (лолаҳои кӯҳӣ, шақоиқи нӯъмон)* ***зарду сурх***

un ***lac profond*** *—* ***кӯли чуқур***

франсавӣ: *Il avait un costume* ***sombre****, un col* ***cassé*** *et une cravate* ***bizarre*** *à* ***grosses*** *raies* ***noires*** *et* ***blanches****.*[19]

тоҷикӣ: *Дар танаш костюми* ***сиёҳ****, гиребончаи* ***оҳарӣ*** *ва ким-чӣ хел галстуки* ***гайриоддии*** *раҳҳояш* ***паҳни*** ***сиёҳу сафед*** *дошт.*[20]

Сифатҳои феълие, ки бо пасванди **–ant** ба охир мерасанд ва дар шакли сифати феълии замони гузашта:

une ***remarque insignifiante*** *—* ***мулоҳизаи бемаънӣ*** *(беаҳамият)*

des ***feuilles mortes*** *–* ***баргҳои хазон***

тоҷикӣ: ***Чои гармро****, ки хӯрдам, насиб бошад, арақ мебиёрад, арақ ки омад,* ***хеле сабук*** *мешавам.*[2120]

франсавӣ: *Je vais boire un peu* ***de thé brûlant****, si Dieu le veut, je transpirerai et me sentirai* ***mieux****.*[2222]

---

[14] Albert Camus. L'Etranger.- France: Gallimard, 1942. p.42
[16] Албер Камю. Бегона. – Душанбе: Деваштич, 2007. с.39
[17] Albert Camus. L'Etranger.- France: Gallimard, 1942. p.105
[18] Албер Камю. Бегона. – Душанбе: Деваштич, 2007. с.97
[19] Albert Camus. L'Etranger.- France: Gallimard, 1942. p.93
[20] Албер Камю. Бегона. – Душанбе: Деваштич, 2007. с.85
[21] Ҷалол Икромӣ. Духтари Оташ. Душанбе: Адиб, 2009. с.12

[22] Djalol Ikrami. La Fille du Feu. Moscou, 1966. p.15

Вақте, ки ба тарҷума менигарем, ҳолатҳоеро во мехӯрем, ки диққати моро ҷалб менамояд. Масалан аз сабаби кам ё умуман истифода нашудани калимаи ***«насиб»*** дар забони франсавӣ, тарҷумон ба ҷои ин калима ***«si Dieu le veut»*** тарҷума кардааст, ки маъноаш ***«агар Худо хоҳад»*** мебошад. Боз метавон гуфт, ки тарҷумон дар забони франсавӣ тарҷумаи ҷумларо нисбати тарҷумаи аслаш дурусттар баргардонида аст. Зеро дар ҷумлаи забони тоҷикӣ ***«чой хӯрдан»*** ва дар ҷумлаи забони франсавӣ бошад ***«чой нӯшидан»*** оварда шудааст, ки барои калимаи ***«чой»*** феъли ***«нӯшидан»*** нисбат ба феъли ***«хӯрдан»*** дурусттар аст.

Мисоли дигар:

франсавӣ: *J'ai aperçu Marie en face de moi avec sa robe à* ***raies*** *et son visage* ***bruni.***[23]

тоҷикӣ: *Дар рӯ ба рӯи ман Мари бо куртаи* ***рах-рахи*** *рӯи* ***офтобхӯрдааш*** *рост меистод.*[24]

Пеш аз исм одатан сифатҳои якҳиҷоя ва дуҳиҷояи муайянӣ гузошта мешаванд:

grand — калон, бузург

gros — калон-калон, калон, дурушт

petit — 1.хурд, хурдакак, хурдтарак, майда, майдаяк 2. қадпаст, пастқад, пастак, пакана

bon — нагз, хуб, нек, муносиб, шоиста

mauvais — бад, ганда, бадсифат, расво, вайрон, палид, бадахлоқ

beau — хушрӯ, зебо, соҳибҷамол, хуб, болатофат, пурмазмун

joli — нагзакак, хушруякак, дустрӯякак, ситорагарм

jeune — ҷавон, ...и ҷавонӣ

vieux — пир, куҳансол, мӯйсафед, кӯҳна, кӯҳнашуда

long — дароз, дур, чунг; баланд, калон

haut — баланд; қаддароз, қадбаланд

large — васеъ, фарох, сербар, паҳн, паҳновар

un vieux chêne — дарахти булути қадима (пир)

une petite créature — эҷодкунӣ (офариниш, ба вуҷуд овардан(и), барпокунӣ, муҳайёкунӣ, тайёркунӣ, ташкилкунӣ, сохтан(и))-и хурд

тоҷикӣ: *Асо аз хиҷолат сурх шуду ба замин нигоҳ кард. Вай ҷавоне буд* ***қадбаланд, чорпаҳлӯ,*** *бо дасту поҳои* ***баҳодурона, кулчарӯй, шаҳлочашм ва гандумгун****, ба гирди лабаш акнун сиёҳча зада мӯйлаб мебаромад, лекин ҷасади* ***паҳлавононаи*** *ӯ дар назари аввал вайро ба чашм аз синну солаш* ***калонтар*** *карда нишон медод.*[25]

франсавӣ: *Asso rougit et baissa les yeux. C'était un* ***jeune homme*** *de haute taille aux* ***épaules larges****, aux* ***mains fortes****, il avait le teint bronzé, de* ***grands yeux brillants****, sa lèvre supérieure était à peine couverte d'un fin duvet, mais il paraissait cependant plus* ***vieux*** *que son âge.*[26]

Дар ҷумлаи забони франсавӣ сифатҳои якҳиҷояи ***«jeune»*** пеш аз исми ***«homme»*** ва ***«grand»*** пеш аз исми ***«yeux»*** гузошта шудаанд. Бо вуҷуди ин гарчанде, ки сифатҳои ***«large»*** ва ***«forte»*** сифатҳои якҳиҷоя бошанд ҳам дар ин ҷумла баъд аз исм яъне сифати ***«large»*** баъд аз исми ***«épaule»*** ва ***«forte»*** бошад баъд аз исми ***«main»*** гузошта шудаанд. Дар ҷумлаи забони тоҷикӣ бошад сифатҳои ***«ҷавон, чорпаҳлӯ»,*** сифати ***«баҳодурона»,*** ки дар забони франсавӣ тавассути калимаи ***«forte»*** ифода шудааст ва сифати ***«шаҳлочашм»*** ва дигар сифатҳо пас аз исм гузошта шудаанд.

---

[23] Albert Camus. L'Etranger.- France: Gallimard, 1942. p.105

[24] Албер Камю. Бегона. – Душанбе: Деваштич, 2007. с.97

[25] Ҷалол Икромӣ. Духтари Оташ. Душанбе: Адиб, 2009. с.106

[26] Djalol Ikrami. La Fille du Feu. Moscou, 1966. p.128

Дар забони франсавӣ мавқеи баъзе сифатҳо вобаста ба маъноянашон тағир меёбанд, ки ин хоси забони тоҷикӣ нест. Яъне дар забони франсавӣ сифатҳое мавҷуданд, ки пеш аз исм маънои аслӣ дошта баъзан ҳангоми пас аз исм омаданашон маънои аслии худро гум мекунанд. Муқоиса кунед:

un homme brave — одами нотарс (ҷасур, далер, диловар, бошуҷоат)

un brave homme — одами хуб (пуршараф, номдор, машҳур, шаҳир)
un homme grand — одами баланд (қаддароз, қадбаланд)
un grand homme — одами бузург (кабир, аъзам, муаззам)
un homme pauvre — одами камбағал (қашшоқ, бенаво, бечора, мискин, фақир)
un pauvre homme — одами бадбахт (бетолеъ, мусибатзада, аламзада)

un homme maigre — одами лоғар (хароб, камгӯшт, қоқина)

un maigre repas — хӯроки бемаза

un ami ancien — дӯсти дерина

un ancien ami — дӯсти собиқ
un cahier propre — дафтари тоза (пок, покиза, соф, бегубор)
mon propre cahier — дафтари шахсии, (...и худӣ) ман
le mois dernier — моҳи гузашта (пеш, пешина)
le dernier mois — моҳи охирин

Дар забони франсавӣ боз сифатҳое, ки мафҳуми баҳогузорӣ доранд метавонанд пеш ё пас аз исм гузошта шаванд, ки ин ҳам хоси забони тоҷикӣ набуда, дар ин забон ҳамеша баъд аз исм меоянд. Аммо дар забони франсавӣ дар ин ҳолат (дар ҳолати пеш ё пас аз исм будани сифатҳо), маънои аслии худро нигоҳ медоранд:

un ***jeu excellent****- un* ***excellent jeu*** *–бозии* ***бошукӯҳ*** *(боҳашамат, бисёр хуб (нагз), аъло, башаъан)*

une ***situation magnifique*** *- une* ***magnifique situation****- аҳволи (ҳолати)* ***бисёр нагз*** *(бисьёр хуб, олиҷанобона).*

Хулоса масъалаи сифат ва мутобиқати он дар илми забоншиносии муосир яке аз масъалаҳои муҳиму мураккаби доманадор башумор рафта дар таърихи илми забоншиносӣ олимону донишмандони зиёди тоҷику франсузро ба худ ҷалб намудааст. Масъалаи мутобиқати сифат дар забонҳои тоҷикию франсавӣ, ки ҳарду шомили оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ ҳастанд аз ҳар ҷиҳат ҷолиби диққат аст ва дар илми забоншиносии тоҷик тамоман мавзӯи нав ва толиби таҳқиқот аст. Дар мақолаи мазкур мо кӯшиш намудем, ки оид ба мутобиқат ва ҷои сифат дар ҷумлаҳои забони тоҷикӣ ва франсавӣ тариқи муқоиса каме равшанӣ андозем. Фикр мекунем, ки ин мавод барои донишҷӯён ва омӯзгорони ҷавоне, ки ба омӯзишу тадриси забони франсавӣ сарукор доранд муҳим, зарур ва аҳамиятнок хоҳад буд.

Пайнавишт:

1. Албер Камю. Бегона / А. Камю, И. Раҳимӣ, Т. Ҷумъаев. - Душанбе: Деваштич, 2007. 150 с.
2. Albert Camus. L'Etranger / A. Camus. - France: Gallimard, 1942.- 145 с.
3. Икромӣ Ҷалол. Духтари Оташ / Ҷ. Икромӣ. - Душанбе: Адиб, 2009. - 557 с.
4. Ikrami Djalol. La Fille du Feu / D. Ikrami, A. Mazzi. - Moscou, 1966. - 610 с.
5. Попова И. Н. Грамматика французского языка / И. Н. Попова, Ж. А. Казакова, Г. М. - Нестор Академик Паблишерз, 2003. - 475 с.
6. Попова И. Н. Французский язык: Учебник для 1 курса вузов и факультетов иностранных языков / И. Н. Попова, Ж. А. Казакова, Г. М. Ковальчук. - Издание 21-е, исправленное.- Нестор Академик, Паблишерз, 2006. -574 с.
7. Рустамов Ш. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди 1 / Ш. Рустамов, Р. Ғаффоров.- Душанбе: Дониш, 1985.- 353 с.

СОГЛАСОВАНИЕ ПРИЛАГАТЕЛЬНЫХ И ИХ МЕСТО В ПРЕДЛОЖЕНИИ
(на французском и таджикском языках)

А.Маликов, Р. Халимова

В данной статье авторы конкретно определяют согласование прилагательных с существительными и их место в предложениях французского и таджикского языков. Авторы определяют, что кроме того во французском языке существуют прилагательные, которые в положении перед или те после существительных теряют своё основное значение.

***Ключевые слова*:** прилагательное, согласование, исключение, род, определение, предложение, форма.

AGREEMENT OF ADJECTIVES AND THEIR PLACE IN SENTENCE
(in French and Tajik languages)

Malikov A.,. Halimova R.

In this above-mentioned article definitely cleared up by authors the agreement of adjectives and their place in French and Tajik sentences. The authors would definite that there are more adjectives in French language. The posture of formerly or after nouns become puzzled the qualitative meaning.

Key words: adjective, agreement, exclusion, gender, attribute, sentence, form.

Сведения об авторах: Маликов Абдулвохид Расулджонович - ассистент кафедры французского языка и методики преподавания Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел.:(+992) 938- 74- 91- 49, e-mail: : vohid_1983@yahoo.fr

Халимова Рухшона Абдукахоровна- ассистент кафедры французского языка и методики преподавания Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни.

Information about authors: Malikov Abdulvohid Rasuljonovich - Assistant of French department and it's teaching method, tel:(992) 93-874- 91- 49, E-mail: vohid_1983@yahoo.fr

Khalimova Rukhshona Abdukakhorovna. Assistant - of French department and it's teaching method, tel: (+992)93-874- 91- 49.

СОТИМ УЛУҒЗОДА – АДАБИЁТШИНОС

Саидов Завқибек

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Сотим Улуғзода ба ҷодаи адабиёт бо мақолаҳои публитсистӣ ва адабиётшиносӣ ворид шудааст ва дар баробари дигар паҳлуҳои адабиёт дар соҳаи танқид ва адабиётшиносии тоҷик низ хизмат кардааст. Ҳанӯз солҳои таҳсилаш дар Дорулмуаллимини Тошканд (солҳои 1925-1929) мақолаҳо менавиштааст ва онҳо дар рӯзномаҳои «Овози тоҷик» ва «Роҳбари дониш» нашр шуда, ба хонандагони ин рӯзномаҳо писанд будаанд. Чанд номгӯи мақолаҳои дар ин солҳо нашршудаи С.Улуғзодро муҳаққиқони осори ӯ, аз ҷумла адабиётшиносон Х.Асозода (1), М.Рачабӣ (7;8) ва таърихшинос М.Исоматов (6) қайд кардаанд: «Харитаи деворӣ чӣ шуд?» (Овози тоҷик, 1926, 5 июн), «Моро ҳам бояд огоҳ кард» (Овози тоҷик, 1926, 28 май), «Аҳволи Дорулмуаллимини Тошканд» (Овози тоҷик, 1926, 25 июн), «Корҳои пешоҳангон тараққӣ мекунад» (Овози тоҷик, 1926, 14 октябр). Мақолаҳои навиштаи С.Улуғзода дар тӯли солҳои дар Дорулмуаллимини Тошканд таҳсил кардан, шогирдона мебошанд. Ба назари М.Исоматов: «… тайи солҳои таҳсил ӯ (С.Улуғзода – С.З.) ҳамчун донишҷӯи

пуртаҷриба ва ҷамоатчии матин дар саҳифаҳои матбуоти тозабунёди тоҷик бо мақолаҳои проблемавӣ баромад мекард» (6,6). Ба назари мо, мақолаҳои индавраинаи ӯ дар солҳои баъдӣ барои навиштани мақолаҳои адабиётшиносии С.Улуғзода замина гардидааст.

С.Улуғзода асосан аз соли 1930 ба навиштани мақолаҳои танқидӣ-адабӣ шурӯъ намудааст. Маълум аст, ки то ин муддат дар ҷараёни таҳсил ошноии бештар ба илми адабиётшиносӣ пайдо мекунад. Ба ақидаи муҳаққиқ М.Рачабӣ: «С.Улуғзода дар давоми солҳои 1929-1939 дар соҳаи нақди адабӣ қариб сӣ мақола навиштааст. Он мақолаҳо чӣ мақолаҳои рӯзномавӣ ва чӣ мақолаҳои дар маҷаллаҳо ба табърасидаи ӯ ҳаҷман калон ва мазмунан ғанианд…» (7, 69). Тайи ин солҳо С.Улуғзода ба эҷодиёти ягон адиб гоҳ дар шакли тақриз ва гоҳ дар шакли мақола диққат ҷалб кардааст. Дар мақолаҳо ӯ кӯшидааст, ки бурду бохти эҷодиёти адиби мавриди тадқиқ қарор гирифтаро дар ҷараёни инкишофи адабиёти тоҷик ба мулоҳиза гирад.

Ҳарчанд С.Улуғзода дар муддати солҳои сиюм бо тарҷумаи асарҳои бадеӣ ва ба навиштани мақолаҳои публитсистӣ низ машғулӣ дошт, аммо то солҳои эҷод шудани драмаҳои «Шодмон» (1939) ва «Калтакдорони сурх» (1940) ӯро дар Тоҷикистон асосан чун мунаққид мешинохтанд. Ба назари адабиётшинос М.Шукуров: «Худи ӯ (С.Улуғзода-С.З.) ҳам гӯё асосан дар ҳамин соҳа (мунаққидӣ-С.З.) кор карданӣ буд, ки ҳатто ба аспирантураи Институти адабиёти ҷаҳон дохил шуда буд, вале ҷанг сар шуду аспирантураро тамом накарда, ба майдони муҳориба рафт» (11, 69).

Маъруф Исоматов бар он ақида аст, ки С.Улуғзода аз соли 1930 ҷиддӣ ба ҷодаи илми адабиётшиносӣ қадам ниҳодааст (6, 6). Ба назари ӯ аз ҳамин сол ба баъд шурӯъ карда дар саҳифаҳои маҷаллаю рӯзномаҳои даврӣ бо мақолаҳои танқидӣ баромад кардааст. Дар ин маврид, профессор Х.Асозода чунин қайд мекунад: «Пас аз хатми Дорулмуаллимини Тошканд ба таҳқиқи осори намояндагони шинохтаи адабиёти форсӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, мақолоте дар мавриди осори Рӯдакӣ, Ҳаким Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Носири Хисрав ва амсоли онон навишт» (1, 262). Дуруст аст, ки аз солҳои сиюм сар карда, мақолаҳо бо номҳои «Як нигоҳ ба насри тоҷик» (1930), «Маҷмӯаи шеърҳои Азизӣ» (1932), «Лоҳутии мо» (1933), «Суҳайлӣ ва эҷодиёти ӯ» (1933), «Дар бораи шоирони Помир» (1935), «Дар бораи адабиёти бачагона» (1935), «Туфулият ва балоғати Деҳотӣ» (1937) ва ғайра дар рӯзномаву маҷаллаҳои адабии давр ба табъ расонидааст. Аз ин рӯ, мо низ бар он ақида ҳастем, ки ҷиддӣ ба арсаи адабиёт ворид гардидани С.Улуғзода аз соли 1930 шурӯъ мешавад.

Дар солҳои сиюми қарни ХХ мақолаҳои танқидии адибони «насли комсомол» барои пешрафти адабиёти муосири тоҷик хеле нақши муҳим бозидаанд. Мақолаҳои танқидӣ барои нависандагон ва мунаққидони ҷавони он солҳо дар майдони муборизаҳои идеологӣ ба яке аз аслиҳаҳои буррое табдил ёфта буд. Аксарияти ин мақолаҳо хеле тезу тунд навишта шуда, дар атрофи муҳимтарин масъалаҳои эҷодӣ баҳс мекарданд. Адибони ҷавон дар ин мубоҳисаҳои пурҷӯшу хурӯш гоҳо хато ҳам мекарданд, вале дастури асосии ғоявию бадеии онҳо ба марксизм-ленинизм такя менамуд ва аз ҳар як мақолаи онҳо ғамхори ҳақиқӣ будан дар ҳаққи адабиёти муосири тоҷик намоён аст.

Сотим Улуғзодаро яке аз саромадони танқиди адабии тоҷик шумурдан хато нест. Мақолаҳои ӯ дар солҳои сиюм аз он ҷиҳат ҷолиби диққатанд, ки муаллиф на фақат дар роҳи дарки ҳодисаҳои нави адабиёти тоҷик, таҷрибаи дӯстони навқаламони худ ва бозовардҳои онҳо ҷидду ҷаҳд дорад, балки инчунин тамоюли асосии инкишофи ҷараёни адабиро муайян кардан мехоҳад. Он солҳо, ки адабиёти бачагона тавлид меёфт ва драматургияи миллӣ нахустин қадамҳо мегузошт, С.Улуғзода дар мақолаҳои муҳими худ аз ҷумла, «Ба ҷамъбасти пленуми якум» (1933) ва «Дар бораи адабиёти бачагона» (1936) бо таҳлили танқидии тезу тунде вазъияти ин навъҳои нави адабиёти тоҷикро равшан карда, дар баланд бурдани савияи ғоявию бадеии асарҳои бачагона ва драмавӣ мубориза бурдааст.

Хусусиятҳои нақди адабии солҳои сиюми садаи ХХ-ро М.Рачабӣ муайян карда чунин қайд менамояд: «Як хусусияти нақди адабии солҳои сиюми тоҷикӣ аз он иборат буд, ки дар як асар дар бисёр маврид назм, наср баъдтар драматургияву адабиёти бачаҳо қариб баробар ба мулоҳиза меомад. Чунон ки як адиб дар соҳаҳои гуногуни адабиёт – насру назму драматургия даст мезад, соҳаҳои гуногуни танқид низ дар он солҳо бештар дар махлутӣ инкишоф меёфт» (7, 17). Аз пажӯҳиши мо маълум гашт, ки аксар мақолаҳои С.Улуғзода дар солҳои сиюм низ ҳамин гуна хусусият доранд. Ӯ гоҳ дар шакли такриз ва гоҳ дар шакли мақола ба эҷодиёти ягон адиб диққат ҷалб карда, кӯшидааст, ки бурду бохти ӯро дар ҷараёни инкишофи адабиёти тоҷикӣ ва гоҳ умуман адабиёти шӯравӣ ба мулоҳиза гирад.

Аввалин мақолаи калони С.Улуғзода, ки соли 1933 дар маҷаллаи «Барои адабиёти сотсиалистӣ» чоп шудааст, дар бораи эҷодиёти Суҳайлӣ мебошад. Дар ин мақола, пеш аз ҳама, ҳамин чиз ҷолиби диққат аст, ки С.Улуғзода хеле бо ҷасорат Суҳайлиро аз ҳуҷуми як гурӯҳ «мунаққидон», ки ба бисёр шоирони тоҷик бӯҳтон мезаданд, мудофиа кардааст. Мунаққидони нодидагир, Суҳайлиро шоири «символист» меномидаанд, ки гӯё «фикрҳои зидди шӯроии худро ошкор гуфта натавониста, бинобар ҳамин, символизмро кор мефармудааст» (9, 31). С.Улуғзода дар асоси таҳлили мазмуни ғоявии асарҳои шоир ин тӯҳмати маҳзро қатъиян рад карда, ба эҷодиёти ӯ асосан баҳои дуруст додааст.

Дар баробари муайян намудани бартариҳои ашъори шоир, С.Улуғзода ҳамчун мунаққиди баркамол баъзе нуқсонҳои ашъори ӯро баррасӣ менамояд. Масалан дар мавриди он ки Суҳайлӣ дар як байташ шоирии худро фитрӣ ва модарзодӣ гуфтааст:

Сухан дар гавҳарам мавҷест, васфи лозими зотӣ,
Ки назмизодаам, маънинажодам, фитратэҷодам (9, 25).

Ба ин андешаи шоир С.Улуғзода ҳамчун материализм баҳо дода, андешаи ӯро инкор мекунад ва қайд мекунад, ки ин ақида моро аз материализм ба идеализм мекашад. Ба назари муҳаққиқ истеъдод дар ҳама одамон гуногун аст ва вобаста ба нақши тарбия, нақши зеҳн сайқал меёбад.

Аҳамияти асосии ин мақолаи С.Улуғзода иборат аз ин аст, ки ӯ тасвирҳои кӯҳнаи тақлидӣ ва қолабиро сахт ба зери танқид гирифта, монанди дигар шарикони худ барои таъмин намудани ғалабаи вуқӯъниғорӣ дар назми тоҷик хеле ҷидду ҷаҳд кардааст. Вай аз ташбеҳу истиорахои ғайривоқеӣ, тасвирҳои сунъӣ ва мавҳуму рамзӣ, ки натиҷаи тақлиди кӯр-кӯрона ба адабиёти гузашта буд, мисоли бисёре меорад. Аз ҷумла, мунаққид манзумаи «Гулшани афрӯхта»-и шоирро мисол оварда, нишон додааст, ки дар ин манзума бештар аз 20 адад калимаҳои арабӣ, муғлақ корбаст шудаанд. Монанди дай-зимистон, андалеб-булбул, машшот-шонакаш, тарф-рангоранг, саҳӣ-сарви рост ва ғайра. С.Улуғзода дар мақола ба адибоне, ки дар эҷодиёташон таъсири арабпарастиҳои пешазинқилобӣ ва кор фармудани калимаҳои муғлақ ва ғайриоммафаҳм дида мешавад, чунин таъкид кардааст: «… барои оммафаҳм шудани забони эҷодиёташон кӯшиш кунанд, забони зиндаро хуб омӯхта имкониятҳои васеи онро, ки бешубҳа ҳаст ва дар сурати майл доштани нависанда ҳар гуна назмеро ороиш дода метавонад, кашф намоянд, истифода кунанд, паҳн кунанд» (9, 30). Дар ин мақола С.Улуғзода аз тасвири ҳаёти нави халқи тоҷик то чӣ андоза оҷиз омадани ин гуна вожаҳо ва дар замони мо хандаовар будани онҳоро хеле хуб нишон додааст. Мақола, ки аз ҳашт қисм иборат аст, панҷ қисми он ба масъалаҳои шакли бадеӣ ва тарзи тасвир бахшида шудааст ва диққати шоиронро гаштаву баргашта ба вуқӯъниғорӣ ва дастурҳои асосии он ҷалб менамояд.

Аз ин ҷиҳат, мақолаи дигари ӯ, ки «Туфулият ва балоғати Деҳотӣ» ном дорад ва соли 1937 дар маҷаллаи «Барои адабиёти сотсиалистӣ» нашр шудааст, низ хеле муҳим аст. Мунаққид «Манзараҳои сегона»-и А.Деҳотиро муҳимтарин лаҳза дар инкишофи шоирии ӯ шумурда, аз тамом шудани туфуллияти эҷодии вай, ки дар маҷмӯаи «Таронаҳои меҳнат» дида мешуд ва аз фаро расидани балоғати шеъри ӯ хурсандӣ ва мамнуният изҳор мекунад. Дар мақола С.Улуғзода якумин достони Деҳотиро таҳлили муфассал мекунад. Дар мақола мунаққид чи дар бораи муваффақиятҳои достон ва чи аз

хусуси камбудиҳои он бо ҳаяҷон ва хеле гарму ҷӯшон сухан рондааст. Ҷолиби диққат аст, ки дар ин мақола чун мақолаи дигар, ки дар боло мавриди зикр қарор гирифт, мунаққиди ҷавон шоири ҷавонро аз ҳуҷумҳои ноҳақ муҳофизат намуда, ба «баъзе адабиётшиносон ва дӯстдорони танқид», ки «бо камоли майл камбудиҳои мавзӯъ ва баёнро дар асарҳои нависандагони ҷавони камтаҷриба дарҳол «ба формализм оид намуда ва ба ҳамин тариқ ба ҷои маслиҳати дуруст ба нависандагони ҷавон онҳоро ба ярлиқи формалистӣ «сарфароз» мегардонанд» (11, 69), бо хашму ғазаб ҷавобҳои босавоб гуфтааст.

Тайи солҳои сиюм мунаққидон ва нависандагони ҷавон на танҳо дар муборизаҳои мафкуравӣ ва мубориза дар роҳи таъмин кардани ғалабаи комили вуқӯъниги орӣ фаъолият нишон доданд, балки барои исботи ҳуқуқи халқи тоҷик ба мероси адабие, ки адабиёти форс номида мешуд, низ бо роҳбарии устод С.Айнӣ хеле кӯшиш карданд. Аз ин рӯ, Сотим Улуғзода то андозае ба омӯзиши махсуси адабиёти классикӣ машғул шудааст.

Натиҷаи аз ҳама муҳими ин мубориза аз чоп баромадани китоби «Намунаҳои адабиёти тоҷик» (1940) буд, ки ба адабиёти классикии аз Рӯдакӣ то Ҷомӣ баробари халқи Эрон ҳуқуқ доштани тоҷиконро ва ин ду қавм дорои адабиёт ва фарҳанги муштарак ва ҳарду халқ соҳиби ин ганҷинаи бузурги адабӣ эълон намуд ва истилоҳи «адабиёти форс-тоҷик»-ро ба таври расмӣ ҷорӣ кард. Ин истилоҳ ҳанӯз дар ҳамон мақолаи С.Улуғзода, ки дар бораи Суҳайлӣ дар соли 1933 чоп карда буд, дида мешавад.

Яке аз аъзоёни фаъоли ҳайати таълифия ва таҳририяи ин маҷмӯа С.Улуғзода буд. Чанд мақола, монанди мақолаҳои мухтасари ҳаёт ва фаъолияти Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Носири Хисрав, Саъдӣ ва Аҳмади Дониш дар ин китоб ба қалами С.Улуғзода тааллуқ дорад. Ин мақолаҳо дорои тадқиқоти комили илмӣ нестанд, балки ба андозаи маълумотномаҳои қомусҳо фишурда шудаанд. Лекин ҳанӯз аз ҳамин асарҳо аён мегардад, ки муаллиф дар баробари аз ягон ҷиҳат равшан кардани ҳаёту аҳамияти эҷодиёти адибе дар таърихи адабиёт, мехоҳад, ки нишонаҳои махсуси эҷодиёти ӯро дар муҳити иҷтимоӣ-мадании замон равшан созад, сатҳиву кӯтоҳ ҳам бошад, атрофиёни ӯро низ баррасӣ кунад. Аксари ин қайдҳои кӯтоҳ баъдтар дар очеркҳои илмии оммафаҳм ва асарҳои бадеии нависанда амиқтар, пурвусъаттар дарк шудаанд.

С.Улуғзода дар солҳои Ҷанги Ватанӣ ва панҷсолаи баъд аз ҷанг нақди адабиро тарк накард, аммо ба таври ҷиддӣ ба насру драматургия рӯ овард, дар ҳамин жанрҳо асарҳои муҳим офарид. Ӯ сараввал дар ҷодаи публитсистика қувваозмоӣ кард ва дар ҷанг, ки ба сифати роҳбари сиёсӣ хидмат мекард, барои баланд бардоштани рӯҳи размандагон чанд мақола ва варақаи ҳарбӣ нашр кард. Варақаҳои С.Улуғзода «Снайпер Низомов» (1942), «Семён ва Самад» (1942), «Ҷанговарони Армияи Сурх» (1943), «Вай шаҳри Ленинро мудофиа мекунад» (1944) дар байни размандагони шӯравӣ шуҳрат доштанд, вале мутаассифона, на ҳамаи ин осор имрӯз дастрас аст.

Дар панҷсола ва даҳсолаҳои минбаъда фаъолияти адабиётшиносии С.Улуғзода муроҷиат ба замонҳои дуру наздик ва адибони гуногун дар осори адабиётшиносиву танқидии ӯ сурат гирифт. Дар ин солҳо ӯ дар ҳама жанру навъҳо ба адибони замонҳову маконҳои гуногун муроҷиат кард ва хусусан фаъолияти адабиётшиносии хешро вусъат дод. Масалан, дар бораи Рӯдакӣ («Дар бораи Рӯдакӣ», 1958), Абӯалӣ Сино («Абӯалӣ ибни Сино», 1952), Алишер Навоӣ («Навоӣ – шоири бузурги миллии халқи ӯзбек», 1948), Аҳмади Дониш («Ба хотираи Аҳмади Дониш», 1957), Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ («Дӯсти бооқибат», 1961), Л.Н.Толстой («Чашмаи хушкнашавандаи маҳорати бадеӣ», 1960), А.М.Горкий («Устод, рафиқ, роҳбар», 1946), С.Айнӣ («Асосгузори адабиёти советии тоҷик», 1953) мақолаҳо навишт. С.Улуғзода бо соҳаҳои гуногуни эҷодӣ тоҷиконро бо адабиёти бузурги ҷаҳон боз ҳам аз наздик мешиносонид ва аз эҷодиёти онҳо сабақ мегирифт. Инчунин тайи солҳои 40-60 ва 80-ум асарҳои бадеии вай дар бораи Рӯдакӣ ва Ибни Сино, романи «Фирдавсӣ» ва ғайра, дар асоси тадқиқи бисёр сарчашмаҳои таърихию адабӣ таълиф ёфта, дар эзоҳи баъзе масъалаҳои ҳаёту эҷодиёти ин бузургон фикрҳои шахсии ӯ баръало ба назар мерасад.

Дар ҳар сурат, гуфтан мумкин аст, ки дар танқиди адабии тоҷик С.Улуғзода то охири умр фаъолият намуд ва баръакси дигар адибони солҳои сиюм дар ин ҷода фаъолияти назаррасе кардааст. Ҳарчанд ки то охири умраш мақолаҳои махсуси танқидӣ наменавишт, фикрҳои худро дар бораи адабиёти имрӯза гоҳ ба шакли маърӯза, ки дар ягон маҷлиси муҳокима хонда шудааст ва гоҳ чун қайдҳои нависанда чоп кардааст. Нависанда дар маърӯзаву қайдҳо, ки чун мақола чоп шудаанд, мулоҳизаҳои худро дар хусуси асарҳои нави шарикони худ, дар бобати вазъияти адабиёти муосири тоҷик ва вазифаҳои он дар даврахои гуногун баён намудааст. Махсусан, доир ба драматургия ва танқиди адабӣ, оид ба устод С.Айнӣ ва баъзе намояндагони дигари адабиёти имрӯза фикру мулоҳизаҳои муҳиме дорад, то кунун мавқеашонро аз даст надодаанд. Омӯхтани ин қайдҳои ӯ барои равшан кардани баъзе масъалаҳои таърихи адабиёти муосири тоҷик манфиати зиёд дорад.

Дар солҳои сиюм танқиди адабӣ яке аз соҳаҳои нав инкишоф ёфтаистодаи адабиёти тоҷик ба шумор мерафт. Қисми зиёди мақолаҳои танқидӣ аз ҷиҳати назариявӣ ҳанӯз суст буданд, ба ҳодисаҳои адабӣ ҳартарафа баҳо дода намешуд. Мақолаҳои С.Улуғзода дар ин давр барои пешравии ин жанри адабӣ саҳме гузоштааст. Андешаҳои ӯ доир ба масъалаҳои гуногуни адабиёт бевосита дар мақолаҳои танқидӣ, мусоҳибаҳо ва асарҳои бадеияш хеле хуб ба назар мерасад. Ӯ тайи ин солҳо монографияе низ (1946) дар бораи Аҳмади Дониш нашр намуд ва ин ҷиҳати фаъолият боис шуд, ки соли 1951 ба унвони узви вобастаи академияи улуми Тоҷикистон мушарраф гардад.

Хулоса, андешаҳои С.Улуғзода доир ба масъалаҳои гуногуни адабиёт бевосита дар мақолаҳои танқидӣ, мусоҳибаҳо ва асарҳои бадеияш хеле хуб ба назар мерасад. Дар асарҳои саҳнавии ӯ «Рӯдакӣ» ва «Қисмати шоир» ва романи «Фирдавсӣ» низ масоили гуногуни адабиётшносӣ дарҷ гардидааст. Аз ҷумла, дар ин асарҳо С.Улуғзода аз забони Рӯдакӣ доир ба моҳияти шеър ва ҳунари шоирӣ андеша баён кардааст, ки хеле ҷолиби диққат аст. Аз ин рӯ, мо метавонем С.Улуғзодаро дар баробари нависандаи мумтоз буданаш ҳамчун адбиётшиноси соҳибқалам эътироф намоем.

Адабиёт:

1. Асозода Х. Адабиёти тоҷик дар садаи ХХ.–Душанбе: Маориф, 1999, 447 с.
2. Асозода Х. Абулқосим Фирдавсӣ дар шинохти С.Улуғзода. –Душабе: Адиб, 2000, 80 с.
3. 3.Асозода Х. Устод Айнӣ дар шинохти С.Улуғзода.–Душанбе: Деваштич, 2001, 114с.
4. Асозода Х. Сотим Улуғзода ва фоҷиаи ӯ. –Душанбе: Деваштич, 2005, 86 с.
5. Бобоев Ю. Эстетика ва қадамҳои назму насри тоҷик. –Душанбе, 1988, с. 388-457.
6. Исоматов М. Тоҷикон дар тасвири Сотим Улуғзода. –Душанбе: Ирфон, 2002, 156 с.
7. Рачабӣ М. С.Улуғзода-абармарди набард ва андеша.–Душанбе: Деваштич, 2004, 214 с.
8. Рачабӣ М. Таърихи танқид ва адабиётшиносӣ. –Душанбе, 1997, 216 с.
9. Улуғзода С. Суҳайлӣ ва эҷодиёти ӯ // Барои адабиёти сотсиалистӣ, 1933, №3.
10. Шарифов Х. Таҳаввули мазмун ва шаклҳои ифода дар эҷодиёти С.Улуғзода. Дар кит. «Услуб ва камолоти сухан» –Душанбе: Ирфон, 1985, 257 с.
11. Шукуров М. Сотим Улуғзода. – Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1961, 67 с.

САТИМ УЛУГЗАДЕ - ЛИТЕРАТУРОВЕД

Саидов Завкибек

В статье автор старается раскрывать первые шаги С.Улугзаде в литературоведение, которое начинается с времён его обучения в Ташкентском педагогическом институте. Автор анализировал и обосновал на реальных исторических, научных, художественных фактах и выделил таджикскую литературу и форси. .

Ключевые слова: публицистика, проблема, литературоведение, художественное направление, история литературы, детская литература, драматургия, талант.

SATIM ULUGHZADE AS A PHILOLOGIST

Saidov Zavkibek

The author tries to disclosure the first steps "Sotim Ulugzade as philologist which begins with the period of his study in Tashkent pedagogical institute. The author analyzed and based on the basis of real historical, scientific, artistic facts and marked out Tajik and Persian literature.

***Key words*:** hyperthyroid journalism, problem, philologist, artistic direction, history of the literature, nursery literature, dramaturgy, talent.

Сведения об авторе: Саидов Завкибек Махсудович - старший преподаватель кафедры таджикской литературы Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел: (+992) 918-87-87-62, zavgibek80@mail.ru

Information about the author: Saidov Zavkibek Mahsudovic - senior teacher of chair of the Tajik Literature, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, tel.: (+992) 918-87-87-62, zavgibek80@mail.ru

ИСТИФОДАИ МАСДАРҲОИ АРАБӢ ДАР «ЁДДОШТҲО»-И САДРИДДИН АЙНӢ[1]

Сатторов Н.С.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Аз таърихи таҳқиқ ва баррасӣ, пайдоишу ташаккули таркиби луғавии ин ё он забон маълум мегардад, лексикаи он ба калимаҳои аслӣ ва иқтибосӣ чудо мешавад. Иқтибосгирӣ аз забонҳои дигар яке аз роҳҳои бой гардидани таркиби луғавии забон ба шумор меравад. Маълум аст, ки аксарияти халқҳо дар давраи тараққиёти худ бо халқҳои дигар муносибатҳои иқтисодию фарангӣ пайдо мекунанд, ки дар натиҷаи он додугирифти вожаҳо байни забонҳо сурат мегирад(4,66-67).

Дар ҷаҳон забонеро пайдо кардан душвор аст, ки аз забони дигар вожае ва ё таъбире иқтибос нанамуда бошад. Шояд «забони мардуме, ки ҳаргиз бо мардуми дигар омезиш накунанд, аз раванди иқтибоснамоӣ канора монад, дар ҳоле ки ин ҳам муҳол аст, зеро ба василаи тиҷорат ва сафару муошират ва ҳатто ба василаи шунидани афсонаҳо ва ривоёти милали дигар луғоте аз он мардум дар ин мардум нуфуз мекунад ва ҳамаи забонҳои олам аз ин рӯ дорои луғатҳои дахил аст»(9,279).

Ба қавли забоншиносон “иқтибосгирӣ- як раванди қонунии пешрафти ҳар як забон буда, ҳеҷ як халқ, хоҳ он соҳиби забон бошад, хоҳ офарандаи ин ё он забон, ҳаргиз дар ҳолати алоҳида ва дурафтода аз забонҳои дигар зиндагӣ карда наметавонад(8,109).

Маҳз ҳамин додугирифти забонҳост, ки забон метавонад аз як тараф иқтибосгиранда ва аз тарафи дигар сарчашмаи иқтибосот барои забони дигар бошад. Метавон дар ин ҷо таъсирнамоӣ ва таъсирпазирии дуҷонибаи забонҳои форсӣ ва арабиро мисол овард. Масалан, «*дар замони Сосониён ва қарнҳои аввали исломӣ иқтибоси фаровоне аз забонҳои форсии миёна ва форсии дарӣ дар забони арабӣ мутобиқи савтиёт ва қоидаҳои сарфи арабӣ ворид гардидаанд. Ҳамаи вожаҳои муарраб аз забони форсии миёна ва форсии нав дар осори шоирону нависандагони араб истифода ва ин лугот дар кӯҳнатарин намунаҳои ашъори арабӣ дар савтиёт ва имлои арабӣ ворид шудааанд*»(5,96).

[1] Тадқиқот аз рӯйи ҷилди сеюм сурат мегирад.

Бояд зикр намуд, ки дар мавриди иқтибосоти арабӣ дар забони тоҷикӣ дар дохили кишвар пажӯҳишҳои монографӣ ва мақолаҳои зиёде ба нашр расидаанд, вале то ҳол ба таври вижа ба масъалаи масдари арабӣ дар забони тоҷикӣ бахшида нашудаанд. Аммо ахиран Солеҳов Наҷмиддин рисолаи номзадии худро дар мавзӯи «Таҳлили лингвистии масдарҳои арабиасоси забони тоҷикӣ (дар асоси "Кимиёи саодат"-и Имом Ғаззолӣ)» ҳимоя намуд, ки дар он масдарҳои арабӣ ва чигунагии таҳаввулоти маъноӣ ва грамматикии онҳо дар забони тоҷикӣ мавриди таҳқиқ қарор ёфтаанд.

Ҳангоми таҳлил ва баррасии иқтибосоти арабӣ дар ҷилди 3-и “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ ба ин натиҷа расидем, ки дар он масдарҳои арабӣ нисбат ба исм ва дигар ҳиссаҳои номии нутқ мавриди истифодаи бештар қарор гирифтаанд. Шояд ин гуна иқтибосшавии сершумори масдарҳо, пеш аз ҳама, ба хусусиятҳои лексикӣ ва морфологии он марбут бошад. Чи тавре маълум аст, масдарҳо бо хусусиятҳои номии худ ба исмҳо наздик буда, категорияҳои грамматикии онҳоро қабул мекунанд (2,240-241).

Таҳлил ва баррасии масдарҳои иқтибосии арабии «Ёддоштҳо» нишон медиҳад, ки дар ин асар масдарҳои арабӣ аз ҷиҳати миқдор ва дараҷаи истеъмол нисбат ба дигар иқтибосоти арабӣ маъмултаранд.

Масдарҳои арабӣ аз феълҳо дар вазнҳои махсус сохта шуда, навъҳои гуногун доранд.

Ҳарчанд масдар дар забони арабӣ ду хусусияти грамматикӣ: феълӣ ва исмӣ дорад, вале бо воридшавӣ дар забони тоҷикӣ бе феълҳои ёридиҳандаи *кардан, шудан, будан, намудан* ва ғайра маънои феълӣ дода наметавонад. Ба тарзи дигар, масдар дар шакли "*сирф*" арабии худ хусусияти феълиро аз даст медиҳад ва бе феълҳои ёридиҳанда вазифаи феъли таркибии тоҷикиро иҷро карда наметавонад. Зеро бо гузашти замон калимаҳои иқтибосӣ ба тавре ҷавобгӯ ба меъёрҳои забонии забони иқтибоскарда ва дар байни мардум забонзада мегардаданд, ки дар назари аввал кас иқтибосӣ будани онҳоро дарк наменамояд ва танҳо донишмандон дар шинохти онҳо таҳқиқе намуда, ҳақиқати онҳоро муайян месозанд. Ба таъбири дигар, «*калимаҳои иқтибосии аз забонҳои гуногуни бегона ба забонамон воридшуда рафта-рафта ба воҳидҳои таркибӣ ва унсурҳои ҷудонашавандаи он табдил меёбанд. Бо мурури вақт чунин калимаҳо ба тағйиротҳои ҷиддии шакливу маъноӣ дучор мешаванд, ки дар натиҷа бисёре аз онҳоро аз вожаҳои худӣ фарқ кардан душвор аст”*(3,130).

Ҳангоми пажӯҳиши масдарҳои арабӣ дар ҷилди 3-и “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ ба ин натиҷа мерасем, ки дар асари мазкур аз нигоҳи оморӣ, пеш аз ҳама масдарҳои навъи якуми феъли арабӣ, ки асаси навъҳои афъоли дигари арабӣ ба шумор меравад ва ба вазнҳои “фаъула”, “фаъила” ва “фаъала” меояд, бештар истифода шудааст. Масалан, вожаҳои асар (1, 277), аҷаб (1, 275), амон (1,273), арақ (1,275), айш (1,273), байт (1,277), бадал (1,273), бино (1,269), лақаб (1,271), лозим (1,271), фан (1,271), фикр (1,271), фахр (1,275), шарик (1,272), шак (1, 275), шакл (1,272), шубҳа (1,275) ва ғайра ҳамагӣ дар асл масдарҳои арабӣ мебошанд, ки ба забони тоҷикӣ дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ ворид шудаанд, вале дар бештари маврид хусусиятҳои масдарии худро аз даст дода, ҳамчун исм мавриди истифода қарор мегиранд. Ба ин маъно ки масдарҳои афъоли навъи якуми арабӣ ба забони тоҷикӣ на бо хусусиятҳои масдарии худ, балки бо вижагиҳои исмии худ ворид шудаанд. Масалан, калимаи “арақ” дар забони арабӣ пеш аз он ки араки баданро ифода намояд, ҳамчун масдари феъли “ариқа” аст, ки баёнкунандаи “танбалӣ кардан” ва “дар зери арақ мондан” мебошад.

Шакли масдарии арабие, ки пас аз масдарҳои афъоли навъи аввали арабӣ дар байни иқтибосоти забони тоҷикӣ, ба вижа иқтибосоти арабии дар ҷилди 3-и “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ ҷойгоҳи назаррасеро ташкил медиҳанд, масдарҳои афъоли навъи дувуми арабӣ мебошанд, ки дар сарфи арабӣ аз он бо “боб-ут-тафъил” ёд менамоянд ва бо вазни “фаъъала”аз навъи якуми феъл гирифта мешавад. Аз ҷумла калимаҳои **тағйир** (1,274), **таҳсин** (1,271), **таҳсил** (1,269), **тақдим** (1,276), **таслим** (1,273), **тартиб** (1,272), **таъзим** (1,273), **таъзир** (1,276), **таърих** (1,277), **таътил** (1,271), **таъсир** (1,269), **танбеҳ** (1,272), **танқид** (1,271), **ташвиқ** (1,277), **тасбеҳ** (1,272), **тарбия** (1,269) ва

ғайра ҳамагӣ масдарҳои афъоли навъи дувуми арабӣ мебошанд. Бархе аз масдарҳои мазкур, аз қабили **таърих**, **тасбеҳ**, **танқид** ва **таҳсин** аз маонии масдарии худ дур гашта, имрӯз дар забони тоҷикӣ ҳамчун исм истифода мешаванд. Масалан, маъноҳои калимаи “таърих” дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” ба таври зайл оварда шудааст: **Таърих** *а.* 1. *илм дар бораи инкишофи ҷамъият ва табиат; шарҳу баёни силсилаи воқеа ва ҳодисаҳо бо тартиби санаи вуқуи онҳо. 2. китобе, ки дар он воқеаҳо бо тартиби вуқуъ зикр ёфтаанд; Таърихи Бухоро, Таърихи Табарӣ. 3. санаи вуқӯи ҳодисае; таърихи фармон; таърихи навишта шудани асар. 4. мҷ. саргузашт* (7,334). Дар ҳоле ки маъноҳои вожаи мазкур дар фарҳангномаҳои арабӣ чунин мебошад: - تَارِيخٌ، تَأْرِيخٌ 1) *масд. аз أَرَّخَ; ҷ. تَوَارِيخُ 2) таърих, рӯзмоҳ, таърихгузорӣ; ~ بلا бидуни таърих; حدوثها ~ بحسب ба тартиби замонӣ; قومه ~ فلان фалон таърих (шараф)-и қавми хеш мебошад; 3) рӯйдодҳои гузашта, замон, рӯзгор; 4) поён, гоят; الشيء ~ фарҷом (охир)-и чизе ё коре; 5) давр, аҳд, таърих; 6) воқеанигорӣ, таърихнависӣ, ёди рухдодҳо ва замони онҳо; الحياة ~ зиндагинома, таърихи зиндагӣ, тарҷумаи ҳол* (6,98).

Бо муқоисаи маонии вожаи “таърих” дар фарҳангномаи тоҷикӣ ва арабӣ-тоҷикӣ ба ин натиҷа мерасем, ки калимаи мазкур дар забони тоҷикӣ танҳо ҳамон маониеро таҷассум менамояд, ки ифодагари исмият ва истилоҳӣ будани он аст. Ё худ калимаи тасбеҳ дар забони арабӣ пеш аз ҳама, ба маънои: *تَسْبِيحٌ 1) масд. аз سَبَّحَ; 2) гуфтани "субҳоналлоҳ"; 3) дуруд, салот 4) инкори чизе, ки ба Худованд лоиқ набошад 5) бузургдошт, ситоиш, таърифи зиёд; 6) тасбеҳ, сибҳа* (6,770), дар ҳоле ки дар забони тоҷикӣ масдарияти худро аз даст дода, танҳо ба маънои: **تسبيح** *д. донаҳои ба ришта кашидашуда, ки диндорон вақти зикру аврод як-як мегардонанд* (7,319).

Гузашта аз ин, масдарҳои навъи дувуми арабӣ дар забони тоҷикӣ гоҳе дар шумораи танҳо ба маънои масдарии худ, вале дар шумораи ҷамъ ҳамчун истилоҳ истифода мешавад. Барои мисол метавон аз калимаи “таҳқиқ” ёдовар шуд, ки масдари феъли “ҳаққаҳ” буда, дар забони тоҷикӣ ифодагари маонии “*тафтиш намудан; ҳақиқат ва воқеияти чизеро муайян кардан; тафтиш ва пажӯҳиш*” (7,326) мебошад, дар ҳоле ки дар шумораи ҷамъ-таҳқиқот танҳо ишора ба «*тафтишот*» ва “*пажӯҳишҳо*” (7,326) менамояду бас.

Дар баробари масдарҳои афъоли навъҳои I-II-и арабӣ боз масдарҳои навъҳои III, IV, V, VIII, ва X истифода шудаанд: III. муносибат (1,277), муошара (1,274); IV. иқрор (1,273), исбот (1,273), иҳота (1,272), ишора (1,276); V.таҳаккум (1,267), тамаллуқ (1,273); VIII. ибтидо (1,271), иртиқоб (1,276), ихтиёр (1,273), ифтихор (1,277), иштирок (1,272); X. исиқомат (1,269), истифода (1,271). Аммо чи тавре дар боло қайд намуда будем, дар ҷилди 3-и “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ аз ҳама бештар масдарҳои навъҳои I-II-и арабӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд ва ин пеш аз он манша мегирад, ки иқтибосоти масдарии арабӣ дар забони тоҷикӣ беш аз ҳама ба ҳамин ду навъ марбутанд.

Дар охир метавон чунин хулосагирӣ намуд:

1. иқтибосгирӣ яке аз роҳҳои бойшавии забон ба шумор рафта, забони тоҷикӣ аз он баҳраи назаррасе бурдааст;
2. аз забони арабӣ ба забони тоҷикӣ аз ҳама бештар масдарҳо иқтибос шудаанд;
3. масдарҳои арабӣ дар забони тоҷикӣ ҳам аз нигоҳи овоӣ тағйир ёфта, ҳам хусусиятҳои масдарӣ ва грамматикии худро аз даст додаанд;
4. дар ҷилди 3-и “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ аз ҳама бештар масдарҳои навъи I-II-и арабӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Адабиёт:

1. Айнӣ С. Ёддоштҳо. Душанбе 2009. 680 с.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик.-Душанбе: Дониш, 1985.- Ҷ.1.-356 с.
3. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. – Ҷилди 1. Луғатшиносӣ. –Душанбе, 2007.
4. Норматов М. Муқаддимаи забоншиносӣ. –Душанбе, «Матбуот», 2007. Саҳ.66-67.

5. Саймиддинов Д. Пажӯҳишҳои забоншиносӣ. Душанбе, «Шарқи озод», 2013. Саҳ.96
6. Сулаймонӣ С. Фарҳанги арабӣ – тоҷикӣ. – Душанбе, 2005. –Ҷ. 1.
7. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 2.-–Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, 2008. 945 с.
8. Шанский Н. М. Современный русский язык. – М., 1972. Саҳ.109.
9. بهار محمد تقي. سبكشناسي، يا، تاريخ تطور نثر فارسي.ج.1. تهران، 1381.ص.279

УПОТРЕБЛЕНИЕ АРАБСКИХ ИНФИНИТИВОВ В «ВОСПОМИНАНИЕ» («ЁДДОШТҲО») С. АЙНИ

Сатторов Н.С.

В данной статье рассматриваются, использование арабских инфинитивных заимствований в третьей части «Воспоминание» («Ёддоштхо») С. Айни. Автор статьи, опираясь отечественным и зарубежным источникам, пришёл к выводу, что в произведении больше всего встречаются инфинитивы первого и второго вида.

Ключевые слова: «Воспоминание» («Ёддоштхо»), инфинитив, арабский язык, таджикский язык, заимствование, виды глагола.

THE USE OF ARABIC INFINITIVE IN (Yoddoshtho) "MEMORIES" OF SADRIDDIN AINI

Sattorov N.S.

In given article are considered, using of the Arabian infinitive loans in the third part "Memories" ("Yoddoshtho") of S.Aini. The author of article, leaning to domestic and foreign sources, has came to a conclusion, that the in product most of all there are infinitives of the first and second kind.

Key words: "Memories" ("Yoddoshtho"), an infinitive, the Arabian language, the Tajik language, loan, borrowing types of verb.

Сведения об авторе: Сатторов Нуралӣ Сайдалиевич - соискатель кафедры таджикского языка Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел: (+992) 93-594- 93- 23, e-mail: nuralijon.82@mail.ru.

Information about the author: Sattorov Nurali - researcher, Chair of Tajik language, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, tel**: (+992)**93-594- 93-23, e-mail: nuralijon.82@mail.ru.

ҶОЙГОҲИ МУХАММАС ДАР ЭҶОДИЁТИ ШИФОҲИИ ФОРСИИ ТОҶИКӢ

Дилшод Ҳакимов
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Дар адабиёти форсии тоҷикӣ аз тарафи шуарои зиёд мусаммати мухаммас ташаккулу эҷод гардида, боиси ривоҷи анвои жанри адабӣ гардид. Аксар адабиётшиносон, ба монанди А. Мирзоев, С. Имронов, Ш. Раҳмонов, Ҷ. Ҳикматов пайдоиши мухаммасро аз тарафи шоирони махсус, яъне Сузанӣ, Азҳарӣ ва Хоҷуи Кирмонӣ медонанд. Чунки онҳо танҳо ин навъи жанри адабиро дар осори шоирон тадқиқ бурдааанду мувофиқи сарчашмаҳои дастрас мулоҳиза рондаанд. Мебояд тазакур дод, ки мухаммас на танҳо дар осори хаттӣ, балки дар эҷодиёти шифоҳии форсии тоҷикӣ дида мешавад. Эҷодиёти мардумӣ, ки манбаи асосии адабиёти хаттӣ ба шумор меравад, ба он диққати аввалиндараҷа додан зарур аст. Мухаммас, ки аз решаи «хамс», яъне «панҷ» гирифта шудааст, аз ин рӯ, тасмими мо дар ин мақола ручӯъ намудан ба

анвои шеъру сурудаҳои панҷмисрагии фолклорӣ мебошад. Дар эҷодиёти шифоҳии мардуми Эрон, Афғонистон ва Тоҷикистон шеъру сурудҳое дида мешавад, ки дар қолаби панҷмисраӣ эҷод гардида, қофиябандии ягона ва гуногун доранд. Дар баробари ин, аз лаҳҷаҳо фаровон истифода шудаанд, ки бисёр сода ва мавзунанд. Аз мазмун ва таркиби онҳо пай бурдан мумкин аст, ки мардум тавассути ин шакли ифодаи мавзун вобаста ба вазъияти замон эҳсоси ботинии худро баён медоштанд. Ҳатто ҷашну маросимҳои мардумии хешро бо замзамаи сурудаҳои ба ин анвои адабӣ эҷодгардида мегузарониданд. Масалан, дар Бадахшон дар иди «Бат-айём», ки он ба ҷашнгирии «Наврӯз» ва «Ҷуфтбаророн» рост меомад, духтарону писарбачаҳо рӯи ҳавлиҳо баромада, баробари дигар бозиҳои шавқовар бо оҳанги марғуби кӯдакона ин сурудро низ мехонданд:

Як рӯз пеш аз Наврӯзӣ,
Баъд аз кӯҳ паридани заргарӣ,
Мебинем ҳам ризқу ҳам рӯзӣ,
Шугун баҳор муборак!
Шогун баҳор муборак!...

Бобо Одам шудгоргар,
Момо Ҳаво пухтагар,
Аз зан то мард дар ҳашар,
Шогун баҳор муборак!
Ба рӯи шумо муборак!

Мулкро аз нон таъмин кунем,
Барои худ намак пайдо кунем,
То ки бошем ҳама яктан,
Шогун баҳор муборак!
Ба рӯи шумо муборак! **(1, 89)**

Аз матни суруд пайдост, ки онро шахси калонсоли табъи шоирӣ дошта барои кӯдакон гуфтааст. Дар суруд баробари ба таъкид гирифта шудани пайвастагии Наврӯз ба оғози корҳои кишоварзӣ ва ишора ба фолбинии «ризқу рӯзӣ», ки ҳангоми «боҷ»-пазӣ сурат мегирад, дар он матлаб, нияту орзуҳои ширини одамон, ки хусусияти умумиинсонӣ доранд, бо рӯҳияи беғаши кӯдакона равон ва барҷаста баён ёфтааст. Дар баробари ин, мисоли овардашуда чун мусаммати дар шакли қофиябандӣ ва устухонбандии мухаммаси тарҷеъбанд эҷод гардидааст, ки ба воситаи ду мисраъ:

Шогун баҳор муборак!
Ба рӯи шумо муборак!
бандҳо бо ҳам васл шудаанд.

Сабку усули офариниши шеъру сурудҳои панҷмисраӣ дар эҷодиёти шифоҳии халқ бо содабаёнӣ ва оммафаҳмӣ аз мухаммасҳои аз тарафи шуаро эҷодгардида фарқ мекунад. Дар баробари ин, калимаҳои шевагӣ дар мухаммасҳои фолклорӣ ба таври фаровон ба кор бурда мешавад. Мисоли ин гуфтаҳоро дар суруди «Баҳор омад» дидан мумкин аст, ки шакли қофиябандиаш аз шакли қофиябандии мухаммаси анъанавӣ фарқ мекунад:

Баҳор омад, баҳор омад,
Баҳори лолазор омад.
Баҳор омад ба сад алвон,
Як ҳис барфу як ҳис борон,
Баҳори нав муборак бод!

Банди дигари ин суруд дар шакли мусаммати мухаммаси анъанавӣ (бббб) эҷод гадидааст:

Бойчечаке, бойчечак,
Даста-даста гулчечак.

Миёнборику химчак,
Тамошо кун келинчак,
Баҳори нав муборак бод!**(2,138)**

Агар ба таркиби қофияи банди якуми ин суруд нигарем, ду мисраи аввал дар як қофия (аа), мисраъҳои сеюму чорум дар дигар қофия (бб) ва мисраи панҷум дар қофияи алоҳида (в) эҷод шудааст. Дар банди дуюм бошад, чор мисраи аввал бар як қофия (гггг), мисраи панҷум бо мисраи охири банди аввал ҳамқофия (в) мебошад. Яъне маълум мегардад, ки ин суруд дар қолаби қофиябандӣ устухонбандии мухаммас офарида шудааст.

Инчунин, дар мухаммаси дигари фолклорӣ, ки доир ба ҷашнгирии Ҳут ва номусоид омадани вазъи он эҷод гардидааст, дар мисраи охири он ифодаҳои шеваӣ ба таври комил истифода шудааст, ки метавонад мисоли болоро таҳвият бахшад:

Ҳут гузашт, фасли зимистон ба мақоми дили мо,
Лек, дар ҳут шудак шӯришу ғавғо барпо,
Сардиву гармии ин буд ба фармони Худо,
Нест касро сухане гуфта дар ин чуну чаро,
Ҳут агар ҳуттӣ кунад, кампира дар қуттӣ кунад!

Мухаммасҳое дар эҷодиёти шифоҳӣ дида мешавад, ки дар қофиябандии рубоӣ, яъне ба шакли ааба ва қофияи васл эҷод гардидааст. Чунин қофиябандиро дар банди дуюми мухаммаси боло дидан мумкин аст, бинобар ин банди дуюми онро овардан зарур шуморидем:

Баъзеро хоҳиши дил завқи тамошо боша,
Баъзе сокин шуда, дар хона муҳайё боша.
Баъзе дар хонақову мадраса шаб то ба саҳар,
Ҳамди тасбиҳи Худо гуфта, мусаффо боша,
Ҳут агар ҳуттӣ кунад, кампира дар қуттӣ кунад!

Банди сеюми ин мухаммас боз дар шакли қофиябандӣ ва устухонбандии анъанавӣ гуфта шудааст (аааб):

Ғами булбул ҳама ай бахши фироқи ёрай,
Дар баҳорон ҳама шав то ба саҳар бедорай.
Ҳамчу Охун ҳама дар фикри тавофи ёрай,
Гули навғунча ба булбул ҳама шаб даркорай,
Ҳут агар ҳуттӣ кунад, кампира дар қуттӣ кунад!**(2.119)**

Ин мухаммасро сокинони Нурунҷ, ки дар поёноби дарёи Хингоб ҷойгир шудааст, ҳангоми ҷашнгирии Ҳут бегоҳӣ ҳар се рӯз дар масҷид гулхани ғайримуқаррарӣ меафрӯхтанд ва дар канорахои он чойчӯшро гузошта, чой нӯшидаю рақсу бозикунон месуруданд. Сипас, хурсандиҳо шурӯъ мешуд. Гӯё ин суруд аз тарафи Охуни Мулло Наим таълиф шуда бошад, ки он аз 6 банд иборат аст. Дар қофиябандии ин мухаммас ба таври равшан дигагунӣ дида мешавад. Масалан, ба банди дуввум нигарем мисраи сеюм озод аст. Инчунин, ҳамаи бандҳоро мисраи панҷуми банди аввал бо ҳам васл намуда, фикрро ҷамъбаст мекунад.

Роҷеъ ба ҷашни ҳут ҳаминро низ зикр кардан лозим аст, ки дар деҳаҳои Дубистун, Қарағоч, Мулловалад, Личак, Қаҳқаҳа, Сарисанг ва ғайраи водии Ғарм ин ойинро ҳути имомӣ меномиданд. Зеро мардуми деҳаҳои мазкур худро ба шаҷараи имомҳо пайваст мекарданд **(3.214).**

Баъд аз пайдо шудани равияҳои дини Ислом анъана ва ҷашну маросимҳои зиёди ирфонӣ дар миёни мардум паҳн гардиданд, ки дар натиҷа аз тарафи намояндагони он доир ба васфи онҳо мисраъҳои шеърӣ эҷод карда мешуд. Аксари назми офарида дар ситоиши Худованд ва наъти Пайғамбари(с) ӯ мебошад, ки онро мардум то имрӯз дар гузаронидани расму оинҳои динӣ ба монанди «Мушкилкушо» ва «Бибисешанбе» истифода мебаранд:

Дар ҳар ния́т, ки кардаст, ҳосил бикун, Худоё,
Ин хонадони эшон маъмур бикун, Худоё.
Аз ранҷҳо танашро маъмур бикун, Худоё,
Рӯи гули чу моҳаш пурнур бикун, Худоё,
Ин хатми бибиёнро мақбул бикун, Худоё!

Имрӯз шод оянд арвоҳи поки пирон,
Имрӯз хуш ғанимат ин сӯҳбати бибиён,
Поянда дор, ё Рабб доим иззати эшон,
Дарёи файз бикшой, ё Рабб ба рӯи онон,
Ин хатми бибиёнро мақбул бикун, Худоё!...

Имрӯз, ки хатм кардед аз он мурод ёбед,
Эй мӯъминон, биёед дасти дуъо бардоред,
Аз нори пур зи оташ шояд начот ёбед,
Ҳамроҳи ҳуру ғилмон дар ҷаннаташ дароед,
Ин хатми бибиёнро мақбул бикун, Худоё!

Аз матни ин суруд маълум мегардад, ки он ҳамчун дуо аз тарафи зан эҷод шудааст. Муаллиф мисраи панҷум- «Ин хатми бибиёнро мақбул бикун, Худоё!»-ро ҳамчун қофияи асл ба кор бурдааст. Яъне, дар вақти офариниш қолаби мухаммасро аз рӯи қоидаи анъанавияш ба таври комил риоя намуда, қофиябандии ҳар як бандро моҳирона эҷод намудааст. Доир ба ин маросим ривоят аст, ки асосгузори анъанаи «Бибимушкилкушо» холаи Баҳоуддини Нақшбанд (Муҳаммади Бухорӣ 1309-1389) **(4.91)** мебошад, ки агар ба зиндагиномаи ин шайх назар андозем, мувофиқи он даврони зиндагиии холааш ба асрҳои XIII-XIV рост меояд. Аз ин бармеояд, ки мухаммас дар асри XIII ва ҳатто аз ин ҳам пештар дар фолклор авҷ гирифта, мавзӯъҳои динӣ-мазҳабӣ, анъана ва ҷашну маросимҳои мардумӣ, тавсифи табиат ва ғайраро фаро мегирифт. Вобаста ба ин мардум байни худ ҳунарнамоӣ дар эҷоди назм мекарданд. То ки санъати суханварии хешро нишон диҳанд. Бинобар ин, ҳар шакли ифодаи мавзунро интихоб карда, ба вазн медаровардaнд. Дар баробари ин, шаклҳои омехтаеро ихтироъ карда, шеъру суруд мегуфтанд. Ба ҳамин минвол дар фолклор шаклҳои омехтаи назм содда, мавзун ва бо ҳусни балоғӣ ба миён оварда мешуданд. Ҳамин аст, ки мухаммасгунаҳо дар эҷодиёти даҳонакии мардум пайдо гаштаанд. Ба монанди суруди «Дар васфи Панҷшер», ки аз 21 иборат буда, 9 банди он чормисрагӣ ва 12 банди дигар панҷмисрагиро фарогир мебошад. Яъне бандҳои он ба таври омехта эҷод гардидаанд, ки барои мисол ду банди панҷмисрагии онро нишон мидиҳем:

Чи гуна шарҳ месозам фазояш,
Биҳиштосо асту дилкаш боғҳояш,
Шифо ёбанд маризон аз ҳавояш,
Зи чашми бад нигаҳ дорад Худояш.
Назири боғи Ризвон аст Панҷшер.

В-азон аз ҳар тараф боди баҳорӣ,
Дили ошиқ чу шерони шикорчӣ,
Ба маъшуқони худ дар узру зорӣ,
Гаҳе хандон гаҳе гирёну зорӣ,
Ки базми майгусорон аст Панҷшер. **(5,152)**

Сурудаҳое дар эҷодиёти мардумӣ вомехӯранд, ки шакли офаринишашон ба монанди мухаммаси тарҷеъбанд мебошад. Баъди се мисраи ҳар як банд ба як байт руҷӯъ карда, ҳамчун қофияи асл ба кор бурда мешавад, ки дар маҷмӯъ панҷ мисрагиро дар бар мегирад. Ба ин гуна шакли офариниш сурудҳои «Шогун баҳор муборак» ва «Муғул духтар» мислол шуда метавонад:

Муғул духтар **таи** боғаст,
Сари зулфаш пари зоғаст,
Араббача ба ӯ доғ аст,
Биё нозак муғули ман,
Биё, **хирман** гули ман!.

Дута аспу дута тозӣ,
Да майдон мекуна бозӣ,
Араб ҳам хушу ҳам розӣ,
Биё, нозак муғули ман,
Биё, хирман гули ман! **(5,135)**

Ин суруд аз сиву як банд иборат буда, сездаҳ банди он панҷмисраӣ, чор банди он чормисраӣ ва чор банди дигар бошад шашмисраиро дар бар мегирад, ки ҳамаи бандҳо ба воситаи байти «Биё, нозак муғули ман, Биё, хирвор гули ман!» бо ҳам васл шудаанд. Яъне, агар ба таркиби суруд нигарем, ба таври омехта эҷод шудааст, ки мураббаъ, мухаммас ва масаддасгуна мебошад. Дар китоби «Фолклори Бухоро» нуҳ банди суруди «Муғулдухтар» оварда шудааст, ки мисраъҳо аз ҳам тафовут доранд. Масалан:

Муғул духтар **дар ин** боғ аст,
Сари зулфаш пари зоғ аст,
Миёни духтаро доғ аст,
Биё нозак муғули ман,
Биё, **хирвор** гули ман!... **(6,59)**

Тафовути мисраъҳои як суруд дар ду китоб «Овои дилҳо» ва «Фолклори Бухоро» ба маҳал вобаста мебошад. Суруди дар китоби «Овои дилҳо» овардашуда ба шеваи мардуми афғон гуфта шудааст, ки ҳангоми замзамаи суруд ба пуррагӣ аз тарзи баёнаш пай бурдан мумкин аст. Масалан, дар мисраи аввали банд «Муғул духтар **таи** боғаст» калимаи «таи», дар мисраи сеюм ифодаи «**ба ӯ доғ аст**» оварда шудааст, ки бештар миёни мардуми афғон серистеъмол мебошад. Аз ин рӯ, тарзи гуногун ифодаёбии сурудро аз таъсири шеваи гӯиш донистан зарур аст.

Сурудҳои «Пишаки ала», «Гули санҷид» (5, 81;182) ба монанди суруди «Муғулдухтар» аз бандҳои панҷмисраӣ иборат буда, дар ҳар як банд байти руҷуӣ дорад, ки фикри дар ҳар як банд ифода ёфтаро ҷамъбаст менамояд. Ин гуна сурудаҳо ба монанди мухаммас панҷмисраӣ буда, дорои қофиябандии аслӣ мебошанд. Чунин шакли қофиябандӣ баъдтар дар асри XX аз тарафи шоирони навҷӯ дар мухаммас ворид гардид. Яъне шакли қофиябандии мухаммас дар ин давра таҳаввул ёфт, ки сарчашмаи онро аз эҷодиёти мардумӣ донистан равост. Аслан дар эҷодиёти шифоҳии халқ сабки эҷоди мухаммас ва мухаммасгунаҳо аз адабиёти хаттӣ фарқ дорад. Дар онҳо аз лаҳҷаҳои маҳаллӣ фаровон истифода шудаанд. Бештарашон ҳангоми ҷашнгирӣ иду чорабиниҳо, анъана, шодию сурур, наъти Худою расул(с), бузургон, номусоидатии замон, ғаму андӯҳ, ишқу муҳаббат ва маишати рӯзгор гуфта шудаанд.

Мувофиқи сарчашмаҳо гуфтан мумкин аст, ки шеърҳои панҷмисраӣ ҳарчанд дар эҷодиёти мардумӣ мавқеи намоён надошта бошад ҳам, лек таърихи тулонӣ дошта,

аввалан аз фолклор сарчашма гирифта, баъдан дар адабиёти хаттӣ ташаккулу таҳаввул ёфтааст. Тафовут миёни мухаммасҳои халқӣ ва адабӣ танҳо дар мавзӯъ ва тарзи баён, яъне истифодаи лаҳҷа ва шевою бисёр содагии он дида мешавад. Масалан, аз ҷиҳати мавзӯъ онҳоро ба мавзӯоти динӣ, ишқию маишӣ, ҷашну маросимӣ, марсиявӣ ва ғайра гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст. Рӯй овардани мардум ба ин шакли шеърӣ дар он мушоҳида мегардад, ки ин навъи жанрӣ дорои композитсияи мувофиқ буда, барои ифодаи афкор имконияти пайвастагии хуб дорад. Яъне гӯяндаи шеър ба воситаи қофияи асл пайвастагии фикрро дар миёни бандҳо метавонад нигоҳ дорад.

Дар эҷодиёти мардумӣ бисёр шеърҳое дида мешавад, ки аксари онҳоро мухаммас гуфтан мумкин аст, чунки аз бандҳои панҷмисраӣ иборат мебошанд. Як зумраи онҳо дар шаклҳои гуногуни қофиябандӣ офарида шудаанд, ки аз ҷиҳати вазни арузияшон камбудиҳои ҷиддии ба назар намоён надоранд. Сода ва мавзун эҷод гардида, аз санъатҳои бадеӣ ба таври фаровон истифода шудаанд.

Адабиёт

1. Нисормуҳаммад Шакармамадов. Оинҳои Наврӯзӣ дар Бадахшон.—Хоруғ, 2012, саҳ.89.
2. Рӯзӣ Аҳмадов. Фолклори маросимҳои мавсимии тоҷикони Осиёи Марказӣ.—Душанбе; 2007. саҳ. 138. 119.
3. Д. Раҳимов. Фолклори тоҷик. - Душанбе; «Эҷод», 2009. саҳ. 214
4. Амон Нуров. Фарҳанги осори Ҷомӣ, ҷилди 1. –Душанбе: 1983. саҳ.91.
5. Овои дилҳо. Бо кӯшиши Д. Обидов ва Шамсулҳақи Орёнфар.---Душанбе; 1999. саҳ. 152
6. Фолклори Бухоро. Нашриёти фарғон. 1989.саҳ. 59.

МЕСТА МУХАММАСА В УСТНОМ ТАДЖИКСКО-ПЕРСИДСКОМ ТВОРЧЕСТВЕ

Дилшод Ҳакимов

В народном творчестве существуют ряд пятистрочных стихотворных песен, которые построены в форме рифма «мухаммас». Следовательно, объектом исследования этой статьи явились изучения пятистрочных песен и стихотворений, как жанр мухаммас в народном творчестве. Исходя из этого, посчитали необходимым исследовать данную проблему в указанной статье.

***Ключевые слова*:** мухаммас, литературный жанр, фольклор, творчество, раздел, художественные творчество.

THE PLACE OF MUKHAMMAS IN TAJIK-PERSIAN VERBAL CREATIVE WORK

Hakimov Dilshod

There are many fivelines poems in the creative work of society, which formuled in rythms “mukhammas”. However, the subject of survey of this article is the learning of fivelines poems, as genre mukhammas in the creative work. It is necessary to consider the subject of investigation of this problem in this article.

***Key word*:** mukhammas, literature genre, folklore, creative, division.

Сведения об авторе: Хакимов Дилшод Раҳматуллоевич—аспирант кафедры таджикской литературы Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддин Айни, тел.: (+992) 985-82-25-35, e-mail: dilshod_hakimov1988@mail.ru

Information about the author: Hakimov Dilshod Rahmatulloevich – post graduate of the faculty of Tajik philology, Tajik governmental pedagogical university after S. Aini, tel. (+992) 985-82-25-35, e-mail: dilshod_hakimov1988@mail.ru

М У Н Д А Р И Ҷ А

ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ (ФИЛОСОФИЯ, ПОЛИТОЛОГИЯ)			
1.	*Ҳуриннисо Ализода*	Воситаҳои ахбори омма чун ниҳоди иҷтимоию сиёсӣ	3
2.	*Усмонов С.Х.*	Оборонное сознание молодежи в годы независимости Таджикистана	9
3.	*Солиев Б.Х.*	Равандҳои глобализатсионӣ ва самтҳои асосии инкишофи давлатҳои миллӣ	16
4.	*Ҳакимов Раҷаб Муродович*	Ҷаҳонишавӣ ҳамчун омили камбизоатии ҷомеа	22
5.	*Маҳмудова Ф., Самиев Б., Мирганова Н., Додоҷонов А.*	Масъалаи оила ва низоми таълиму тарбия дар таълимоти Абдурауфи Фитрат	17
6.	*Азамов Х.С.*	О взаимодействии гражданского общества и государства при демократическом политическом режиме	36
ТАЪРИХ ВА ҲУҚУҚ (ИСТОРИЯ И ПРАВО)			
7.	*Абдуфаттоҳ Шарифзода*	Оғози фатҳи қуллаҳо	43
8.	*Шарофова Мунаввара*	Положение профессионально-технического образования Республики Таджикистан в 1991-2005 гг. XXI века	58
9.	*Солтанова Н.Б.*	Насиреддин Туси – шах мира науки	64
10.	*Табаров Н.Д.*	Сферы подсудности и полномочия военного судьи	68
11.	*Тагаева С.Н.*	Мораль как характерная черта семейно-правовой ответственности	72
12.	*Табаров Фаридун Давлаталиевич*	К вопросу о понятиях и признаках государственных предприятий	78
13.	*Наврузов Голибшо*	Участие населения Гармской области в Великой отечественной войне и восстановление народного хозяйства страны	85
14.	*Х.Х. Оралбаев*	Особенности проявления бандитизма как вида организованной преступности	91
15.	*Саидқубод М.Ф.*	Вазъи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии занон дар Эрон аз давраи Қоҷор то ба имрӯз	97
16.	*Х. Курбонзода*	Развитие культурно-просветительных учреждений в колхозах Республики Таджикистан	103
17.	*Алимов Д. Х. Наботов Ф. С.*	Из истории строительства Шурабской оросительной системы	115
18.	*Класс А. А.*	Эволюция конституционных прав женщин Таджикистана	119
19.	*Холинова М.М.*	Опека и попечительство в тексте историко - правовых документов	125
ИҚТИСОДИЁТ (ЭКОНОМИКА)			
20.	*Зиёев Б.С.*	Рыночный механизм в системе управления землепользования	129
21.	*Ҳасанов Ш.Қ. Нуров Ш. С.*	Зарурати усулҳои муосири зиддикоррупсионии Канада дар пешбурди иқтисодиёт	133
22.	*Куганов Н. К. Ашуров У.*	Масштабы общественного сектора в переходной экономики Республики Таджикистан	138
23.	*Маҷиди Коргушо*	Баррасии таъсири системаи иттилоотии мудирият (mis) дар тасмимгирии мудирони созмони таъмини иҷтимоии Эрон	142

24.	*Ходжаев П.Д.*	Оценка уровня инновационного развития транспортных предприятий на современном этапе	149
ПЕДАГОГИКА ВА МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМ (ПЕДАГОГИКА И МЕТОДИКА ПРЕПОДАВАНИЯ)			
25.	*Маҷидова Б., Ибронова Ҷ.*	Таъсири маводҳои намоишӣ ба рафтори кӯдакон дар хона	154
26.	*Обидова М.И.*	Социально–экономическкая необходимость подготовки женских кадров в Таджикистане (период 30-50 гг.)	159
27.	*Пиров С. А.*	Назаре ба «Тафсири кабир»-и Фахруддини Розӣ	165
28.	*Рофиева Фотима*	Нақши ҳунар дар тарбияи кӯдакон	170
29.	*Амиров С. Сабзаалии Р.*	Хусусиятҳои хоси дарси муосири забони хориҷӣ	177
30.	*Рафиева Фотима, Абдуллоева Розия*	Роҳҳои ба амал баровардани тарбия дар осорхона	181
31.	*Гулямхуссейнзаде Умехкулсум*	Возможности курса «Введение в педагогическую специальность» в формировании УИРС у будущих учителей в педвузе	187
32.	*Саидов М.В. Фозилов С.М.*	Кредитная технология образования и повышение качества подготовки бакалавров	194
33.	*Бобоева Г. Сидикова З.*	Основные формы и методы подготовки будущих учителей в кредитной системе обучения в вузе	197
34.	*Ҷӯраев Б. Мирзоева Б.*	Роҷеъ ба ҳунарҳои халқӣ	202
35.	*Гадоев М. А., Шамсиддинов Ҳ. М.*	Таблиғи тарбияи ҷисмонӣ талаби замон	205
36.	*Алиев С.Н.*	Дидактические возможности урока в формировании профессиональной компетенции будущего учителя	208
37.	*Сафаров Д.*	Особенности образования и необходимость его модернизации	213
38.	*Давлатшоев И.*	Зарурияти низоми консепсуалии гузариш ба таҳсилоти миёнаи умумӣ ва заминаҳои он	220
39.	*Мухаббат Иззатова*	Особенности реформы системы дошкольных учреждений в Республике Таджикистан (90г. XX и начало XXI вв.)	224
40.	*Намозов Т.Б. Бачабеков М.*	Физическая зарядка и занятия физической культурой	229
41.	*Пекташ Зеки*	Роль педагогического анализа в управлении образованием	233
42.	*Сияҳаков С. М., Маҷидов Ҳ.*	Омӯзиши курси махсуси «физикаи гармо» дар низоми кредитии таҳсилот	238
43.	*Маҳмуд Каримӣ*	Шеваҳои навини ёдгирӣ дар таълиму тарбият	240
44.	*Гулмадов Ф.*	Мутафаккирони форсу тоҷик дар бораи тарбияи арзишҳои маънавӣ-ахлоқии насли наврас	245
45.	*Собиров М.С. Гуруков Т.М.*	Эстетическое воспитание на уроках географии	252
46.	*А. Ходжаназаров*	Роль и место методов поощрения и наказания в педагогической системе А.С.Макаренко	255
47.	*Захро Покниход*	Педагогическое состояние и тенденции развития школ в Иране	260

48.	*Мухаббат Иззатова*	Проблемы и перспективы развития дошкольных образовательных учреждений в Республике Таджикистан	266
49.	*Рамазанова Руниза Равильевна*	Интегрированный урок как педагогическое и методическое явление	271
ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИКӢ, РУСӢ ВА АНГЛИСӢ (ТАДЖИКСКИЙ, РУССКИЙ, АНГЛИЙСКИЙ ЯЗЫКИ И ЛИТЕРАТУРА)			
50.	*Тагоймуродов Р.Ҳ.*	Амир Хусрав дар бораи шеър ва анвои донишҳои он	275
51.	*Муҳиддинов Тоҷиддин*	Шӯҳрати ҷаҳонии «Калила ва Димна»	278
52.	*Муҳаммадориф Қодирӣ*	Арабизмҳо дар забонҳои аҳолии Осиёи Марказӣ ва шаклу омилҳои он	282
53.	*Ҳоким Қаландаров*	Баҳсе перомуни тамоюли ақидатии Фирдавсӣ	286
54.	*Хиромон Сафарова*	Хоҷа Самандари Тирмизӣ ва «Дастур-ул-мулук»-и ӯ	294
55.	*Сахидод Хоркашев*	Воҳидҳои луғавии марбут ба анвои ҳашарот ва хазанда дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқии забони тоҷикӣ	297
56.	*Саидов Завқибек*	Андешаҳои Сотим Улуғзода роҷеъ ба насри таърихӣ	307
57.	*Бойматова Д.М.*	Муқоисаи ибораҳои рехтаи романи «Духтари оташ» - и Ҷалол Икромӣ дар забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва фаронсавӣ	310
58.	*Баротов Ф.К.*	Теоретические предпосылки формирования таджикского языка в сфере терминообразования	315
59.	*Б. Карабаев*	Методика развития коммуникативной компетенции студентов на практических занятиях английского языка	318
60.	*Каримова Саодатхон*	Воқеъбаёнӣ ва таҷассуми ҳаводис дар номаҳои бостон	323
61.	*Сабахаттин Гунай*	Формирования культурных отношений Турецкой Республики с Республикой Таджикистан.	329
62.	*Нуров Садриддин*	Кӯлбори пурбори адиб (сухане чанд дар ҳошиаи китоби «Оҳанги хаёл»- и Меҳмон Бахтӣ)	332
63.	*Шарифова Г.А.*	Услуби тарҷума дар як ҳикоя	335
64.	*Умурзакова З.А.*	Причины и следствия девиантного (отклоняющегося) поведения младших школьников	341
65.	*Махмадалиева Х. П.*	Адъективные словосочетания в системе структурно-семантических типов словосочетаний в таджикском, английском и русском языках	345
66.	*Маликов А.Р. Ҳалимова Р.А.*	Мутобиқати сифатҳо ва ҷои онҳо дар ҷумла	350
67.	*Саидов Завқибек*	Сотим Улуғзода – адабиётшинос	356
68.	*Сатторов Н.С.*	Истифодаи масдарҳои арабӣ дар «Ёддоштҳо»- и Садриддин Айнӣ	361
69.	*Дилшод Ҳакимов*	Ҷойгоҳи мухаммас дар эҷодиёти шифоҳии форсии тоҷикӣ	364

ТАРТИБИ ҚАБУЛ ВА НАШРИ МАҚОЛА

Маҷаллаи «Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ» нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» интишор мешавад.

Дар маҷалла натиҷаи корҳои илмӣ тадқиқотии профессорону омӯзгорони Донишгоҳ ва олимони ватанаиву хориҷӣ нашр карда мешавад.

Ҳайати таҳририя, ки ба мутахассисони соҳаҳои мухталифи илм шомил мегарданд, бо фармони Ректори Донишгоҳ тасдиқ карда мешавад.

Маҷалла мақолаҳои илмиро тибқи қарори кафедра ва Шӯрои олимони факултет қабул менамояд.Мақолаҳое, ки ба сӯроғаи маҷаллаи «Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» ирсол мешаванд бояд ба талаботҳои зерин ҷавобгӯ бошанд:

1. Дар мақолаҳои илмӣ ҳалли масъалаҳои аниқ ва равшан ифода гарданд.
2. Ҳаҷми мақола якҷоя бо расм, ҷадвал, диаграмма, графика ва матни аннотатсия (0,5 саҳ) аз 10 саҳифаи чопӣ зиёд набошад.
3. Дар ҳар як мақолаи илмӣ тибқи тартиб зикри мафҳумҳои калидӣ ва аннотатсия бо ду забон: русӣ ва англисӣ риоя шавад.
4. Мақолаҳо бояд дар компютер тибқи барномаи Winword дар дискета ё флешкарт бо шрифти Times New Roman Tj., ҳурифи 14 пешниҳод карда мешавад. Фосилаи байни сатрҳо 1 см., ҳошия аз тарафи чап 3 см., аз тарафи рост 2 см., аз боло 3 см., ва аз поён 2, 5 см. - ро ташкил менамояд, матни мақола аз тарафи рост саҳифабандӣ карда мешавад.
5. Дар саҳифаи аввали мақола ному насаби муаллиф, ном ва муассисаи корӣ дарҷ гардад.
6. Дар мақолаҳои илмӣ истифодаи адабиёт, тарзи гузоштани иқтибос тибқи тартиби муайянкардаи стандарти давлатӣ риоя шавад.
7. Дар охири мақола маълумот оид ба ҷойи кор, вазифаю унвони илмӣ, суроғa, рақами телефон ва имзои муаллиф ҷой дода шавад. Ба муаллифоне, ки масъули асосии ҳифзи сирри давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд нишон додани маълумотҳои мушаххас зарур намебошанд.
8. Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки мақолаи илмиро ихтисор ва ислоҳ намояд
9. Дастхати мақолаҳо баргардонида намешавад.

Ҳайати таҳририя

ПОРЯДОК ПРИЁМА И ИЗДАНИЯ СТАТЬИ

Вестник Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни издается в соответствии Законом Республики Таджикистан «О печати и других средств массовой информации».

В журнале публикуется основные научные результаты диссертаций на соискание учёной степени кандидата и доктора наук отечественных и зарубежных исследователей.

Редакционная коллегия утверждена по приказу Ректора университета.

Статьи принимаются с протоколом кафедр, научного Совета факультетов и с отзывами научных руководителей.

Статьи, которые отправляются в адрес университета, должны соответствовать следующим требованиям:

1. Основное содержание издания должно представлять собой оригинальные научные статьи.
2. Представленные статьи совместно с рисунками, диаграммами, графиками, аннотациями должны быть не менее десяти страниц.
3. Каждая научная статья в обязательном порядке принимается с ключевыми словами и с аннотациям на русском и английском языках.

4. Статьи принимаются в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman (Times New Roman Tj.), размер шрифта 14. Все поля обязательны для заполнения независимо от формы (бумажной или электронной) научного издания. Интервал между строками с левой стороны 2 см., с правой стороны 2см, сверху 2 см, снизу 2 см., текст статьи номеруется с правой стороны.
5. На первой странице статьи указывается фамилия имя отчество и место работы автора.
6. У всех публикуемых научных статьях должны быть пристатейные библиографические списки, оформленные в соответствии с правилами издания, на основании требований, предусмотренных действующими ГОСТами.
7. В публикуемых материалах указывается информация об авторах, их месте работы и необходимые контактные данные. Авторы, имеющие допуск к государственной тайне Республики Таджикистан имеют право не указывать место работы и контактные данные.
8. Редакционная коллегия имеет право сократить и исправит научную статью.
9. Представленные научные статьи автору не возвращаются.

Редакционная коллегия

THE PROCEDURE OF AN ARTICLE ACCEPTANCE AND PUBLICATION

The journal of “Herald of the Pedagogical University” as the publication of Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini is published on the basis of the Law on “Press and Mass Media”.

The results of the research works of University professors and teachers as well as internal and external scientists is published in the journal.

The editorial staff that includes the scientists who work in different fields of science is approved by order of Rector of the University.

The research papers (articles) will be accepted in compliance with the decree of Chair and Faculty Academic Council.

The articles sent to the journal “Herald of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini” should meet the following requirements:

1. The content of the article should clearly and deeply express the results of research work.
2. The volume of the article should be no more than 10 printer’s sheets including picture, table, diagram, graphic and annotation (0,5 page).
3. The articles should be submitted in disc or memory card in Times New Roman Tj font, 14 prin, and according to WinWord Program.
4. The space between the lines - 1 cm, left margin – 3 cm, right margin – 2 cm, upper margin – 3 cm, bottom margin – 2,5 cm and the text composition should be from the right side.
5. The author’s name and the name of working place will be written in the first page of the article.
6. The place of employment, position, academic title, address, phone number and signature of the author will be written at the end of article.
7. The references in accordance with standards should be mentioned at the end of article.
8. The editorial staff has right to shorten and correct the article.
9. The pen script of the article will not be returned.

Editorial staff

Ба нашр 03.07.2014 иҷозат дода шуд.
Андозаи 60×84 1/8 Қоҳази офсетӣ 70 гр.
Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 47,8. Теъдоди нашр 80.
Супориши № 12

Матбааи «Сабрина-К»

ш. Душанбе, к.М.Турсунзода х.91